Ҳакимов Н.

# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК




10




МУБОРИЗА БАРОИ БАРПО ВА МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ ДАР ҲУДУДҲОИ ТОҶИКИСТОН




ҲУДУДҲОИ МАЪМУРИИ ҶМШС ТОҶИКИСТОН (СОЛИ 1929)

Ҳакимов Нозим

# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Китоби дарсӣ барои синфи 10

«СОБИРИЁН»
с. 2005

ББК 74.26.Я72
М 80

*Хонандагони азиз!*

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро эҳтиёт намоед. Кўшиш намоед, ки соли хониши оянда ҳам ин китоб бо намуди аслиаш дастраси додару хоҳарчаҳоятон гардад ва ба онҳо ҳам хизмат кунад.

ISBN 9965-05-032-5
М 4306020600 - 114
418 (05) - 2000 ф. письмо - 99

ББК 74.26 Я72

ISBN 9965-05-032-5

Ҳакимов Н.
© «Собириён»,2005 с.

## Истифодаи ичоравии китоб:

| № | Номи насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли хониш | Охири соли хониш |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

**Ҳакимов Нозим**

**ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК**

***Китоби дарсӣ барои синфи 10***

Рассом: *Ғаниев Иброҳим*
Муҳаррир: *Ҳомидов Асрор*
Тарроҳ: *Ҷаҳонова Фирӯза*
Дизайн: *Камалов Руслан*

Ба матбаа 03.04.2005 сол супорида шуд. Ба чопаш 15.06.2005 сол имзо шуд. Формати $60x90^1/_{16}$ Қоғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 11,5. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 12. Адади нашр 65000 нусха. Супориши № 486.

Ҷамъияти Дорои Масъулияташ Маҳдуди «СОБИРИЁН»
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Ҷамъияти саҳҳомии «Матбуот»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

## САРСУХАН

Таърих ин як қисми ёди халқ аст. Бо ҳама пастию баландиҳояш, бо ҳама хубу бадҳояш, бо ҳама фардҳои чохилу оқилаш дар ёди ҳамзамонону дар сабти қаламкашонаш боқӣ мемонад. Ҳар давру замони таърихӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Бо ҳамон хусусиятҳояшон ин давлатҳою халқҳо, ҳокимону қаҳрамонҳо ва аҳли заҳматаш ба таърих ворид мешаванд. Точик давлатҳои абарқудрату императорӣ (Ҳахоманишию Сомониён), мустақилу дар иҳотаи давлатҳои абарқудрат (Тахористон, Суғд, Ғуриҳою Точикистони Шӯравӣ) ва хурду тобеъ (Тоҳириён, Саффориён. Куртҳо, Сарбадорон)-ро дошт. Точик шоҳони одилу (Анушервони Одил, Исмоил), чаллод (Темуру Насрулло) ва қаҳрамонони беҳамто (Рустам, Исфандиёр, Спетамен, Муқаннаъ, Восеъ), шаҳрҳои номӣ ( Балх, Ҳирот, Нишопур, Бухоро, Самарқанд, Гурганч, Кӯқанд)-ро дошт. Ҳамаи ин номҳо саҳифаҳои дурахшону ҳузнангези халқи точик буданд ва дониста мешаванд. Ба ҳамаи ин хонандаи мо шинос аст. Акнун дар ин китоб хонанда боз ба як саҳифаи гардондашудаи ба таърих рафтаи халқи точик -Точикистони Шӯравӣ, ки пур аз таззодҳои сиёсӣ, ичтимоӣ, маданӣ ва инсонист шиносоӣ пайдо мекунад. Китоб, ки дар сана солҳои 1918-1945-ро дар бар мегирад, давраи бениҳоят пурмочаро, ҳассос, печидаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва тамаддунии халқи точикро фаро гирифтааст, ки сотсиализми шӯравӣ ва ҳатто чаҳонӣ маҳсуб мешуд. Хусусиятҳои хоси ин давраи таърихи халқи точикро - ин амалии назарияи авомии (пролетарии) имконияти сохтмони сотсиализм дар мамлакати аз чиҳати иқтисодӣ, маданӣ ва сиёсӣ қафомонда ташкил медод. Яъне талабагон дар синфҳои 8 ва 9 хонда ва фаҳмида буданд, ки аввалан, точикон аз асри XIII сар карда сохибдавлат набуданд ва баъдан аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва сиёсӣ ба қатори садумин давлатҳои чаҳон дохил мешуданд. Дар ҳолате, ки бисёр халқҳои чаҳон дар Аврупою Осиё давлатҳои мутамаддин таъсис дода иқтисодиёту маданияти онҳо аз точикон ба садсолаҳо пеш рафта буд. То соли 1918 точик дар ҳайати давлатҳои бегонапарасту ғосиб (Бухоро, Афғонистон, Россия) буданд. Ин китоб хонандаро ба раванди таъсисёбии давлати миллии точикон -Точикистон, ба ҳаёти иқтисодию сиёсӣ ва маданни давлати тозабунёди меҳнатдӯсташ дар ҳайати шӯроҳо ва аз аҳволи боз чунин точикони берунмарзиаш ошно месозад.

Китоби дарсӣ 34 мавзӯъ: 30 мавзӯи дарсӣ ва 4 дарси мустаҳкамкунию ҷамъбастиро дар бар мегирад. Матни 30 дарси алоҳида ва мавзӯи масъалаҳое, ки метавонанд боз мавзӯи 4 дарси дигар шуда тавонанд, дода шудааст. Ин чор дарс ба синфҳо, мактабҳо, муаллимҳо вобастаанд. Агар муаллим ҳисоб кунад, ки мавзӯҳои гузашта ҳоҷат ба такрорӣ надоранд, нақшаи тахминии дарси навбатӣ дода шудааст. Яъне китоб муаллимро аз даву този ҷустуҷӯи мавзӯи дарсӣ ва "кашф" кардани он озод карда, мавзӯи ҳар як дарс мушаххас дода шудааст. Ҳар як дарс бо мавзӯчаҳо ва саволҳои пурсишу мустаҳкамкунӣ таъминанд. Матни китобро муаллиф худ дар мактаби миёнаи таълими ҳамагонӣ таҷриба кардааст ва матну маводи додааш барои ҳама мактабҳои таълими ҳамагонӣ ва литсею гимназияҳо ва ҳам барои муаллиму ҳам барои талабагони ҳозира дастрас ва басандааст.

Муаллиф ин китобро ҳамчун китоби алтернативӣ пешниҳод карда бошад ҳам, камбудиҳои зиёди усулӣ, матнӣ ва пайдарҳамию ниҳонии онро медонад ва роҳҳои ислоҳи онро ҳам дар назар дорад. Яъне ин матни пешниҳодкардан як фард - муаллиф аст. Дар Тоҷикистон имконияти навиштани чунин китобро ҳазорҳо одамон доштанд, вале ҷуръат накарданд. Фикру дархости ҳамаи онҳоро мо бо мамнуният қабул мекунем ва интизорем.

*Муаллиф.*

Мавзӯи I.

# ҲАРАКАТИ ЗИДДИШӮРАВӢ ДАР ҚАЛАМРАВИ ИМРӮЗАИ ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ ВА БАДАХШОН.

## § 1. Чорабиниҳои аввалини Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистони шимолӣ ва Бадахшон.

**а) Барҳам додани органҳои идораи давлатии ҳукумати сарнагунгашта.**

Ҳукумати Шӯравӣ баъди ба даст даровардани ҳокимияти марказӣ фаъолияти худро аз барҳам додани Ҳокимияти марказӣ ва органҳои қудратии ҳукумати сарнагунгашта сар кард. 28 октябри соли 1917 вазифаи Комиссари Комитети Туркистонии Ҳукумати Муваққатӣ ва Комиссариатҳои алоҳидаи он барҳам дода шуда, моҳи ноябри соли 1917 ба ҷои он Шӯрои Комиссарони Халқ ва Комиссариатҳои соҳавии Туркистон таъсис дода шуд.

Шӯрои Комиссарони Халқ ҳамчун органи олии давлатӣ дар бораи барҳам додани Комитетҳои Иҷроияи Ҳукумати Муваққатӣ дар вилоятҳо ва уездҳо қарор қабул кард. Дар асоси ҳамин қарор декабри соли 1917 ва январи соли 1918 Комиҷроияи вилоятӣ ва судҳои вилоятҳои Самарқанду Фарғона ва Комиҷроияҳои уездҳои Хуҷанд, Қӯқанд, Намангон ва Комиҷроияи қитъаи Панҷакенти вилояти Самарқанд барҳам дода шуданд. Вазифаи ин органҳои идорӣ ба зиммаи Шӯроҳои уезди Хуҷанд, Қӯқанд, Ӯротеппа ва Шӯрои қитъаи Панҷакент вогузор карда шуда буд.

Раванди ба тариқи радикалӣ барҳам додани сохтори идории кишвар ба баъзе ташкилоту ҳизбҳо (аз ҷумла, ба "Шӯрои исломиён" ва эсерҳо) маъқул наомад. Онҳо роҳи генералии пеш гирифтаи Ҳукумати Шӯравиро дар масъалаҳои ташкили давлат дар шакли шӯроҳои намояндагони халқ ва "Декларатсияи ҳуқуқи халқҳои меҳнаткаш ва истисморшаванда"-и қабул кардаи анҷумани II Шӯроҳои Умумироссиягиро қабул накарданд. Инро ба назар гирифта, 5 декабри соли 1917 ташкилоти "Шӯрои исломия"-и уезди Хуҷанд ва январи соли 1918 ҳизби эсерҳо дар тамоми Россия ва аз ҷумла дар Туркистон бекор карда шуданд. 10 декабр Шӯрои Комитети Иҷроияи кишвари Туркистон дар асоси "Низомнома дар бораи шӯроҳои намояндагони коргарон, аскарҳо ва деҳқонон" ба таъсиси шӯроҳои ягонаи на-

мояндагони коргару деҳқону аскарҳо сар кард. Мувофиқи "Низомнома" аз ҳар сад интихобкунанда як намояндагӣ ба шӯроҳо интихоб мешуд. Шӯрои муттаҳидаи Хуҷанд декабри соли 1917 ва январи соли 1918 дар бораи пароканда карда шудани Комиҷроияи Ҳукумати Муваққатии Хуҷанд, Ӯротеппа ва Урсатьевск ва "комитети ҷамъиятӣ"-и Драгомирово қарор қабул кард.

Дар Тоҷикистони шимолӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа думаҳои шаҳрӣ амал мекарданд ва фаъолияти онҳо бо корҳои маорифу маданият ба охир мерасид. Ин орган ҳам 5 марти соли 1918 пароканда шуда, фаъолияти он ба зиммаи Шӯроҳои шаҳрӣ тобеъ карда шуд. Аз 5 марти соли 1918 сар карда фаъолияти Комиҷроияи шаҳрӣ-уездии шаҳри Хуҷанд сар мешавад.

30 марти соли 1918 вазифаи Комиссари уезди Хуҷанд, комиссариатҳои почта, хазинадорӣ, идораи хӯрокворӣ барҳам дода шуда, комитетҳои озуқаворие, ки аз баҳори соли 1917 амал мекарданд, тағйир дода шуданд. Ба ҷои онҳо 18 апрели соли 1918 дар назди шӯрои уездӣ шӯъбаҳои хоҷагии халқ, молия, почта, тандурустӣ ва ғайраҳо таъсис дода шуданд.

**б) Таъсиси органҳои қудратии Ҳокимияти Шӯравӣ.**

Таърих исбот кардааст, ки ба даст гирифтани ҳокимияти сиёсӣ нисбат ба нигоҳ доштани он осонтар аст. Аз ин рӯ, дар ҳама давру замон сулолае, гурӯхе, ҳизбе ва ё шахсе ба сари қудрат меомад, пеш аз ҳама такягоҳи худ-хукумати нав ва ба худ содиқ, органҳои қудратии давлатӣ - артиш, милиса, суд, прокуратураи ба худ содиқро таъсис ва ё мустаҳкам мекард. Инқилоби октябрии соли 1917 ҳам истисно нест. Инқилоб ҳокимияти сиёсиро ба даст гирифта, дастгоҳи давлатии пештараро асосан барҳам дода, дастгоҳи давлатии навро таъсис дод.

**Таъсиси Артиши Сурх.** Қадами минбаъдаи диктатураи пролетариат ин ҳимояи худ ба воситаи артиш буд. Дар рафти тайёрӣ ба инқилоб Гордҳои Сурхи коргару деҳқонон ташкил ёфта буданд. Баъди гирифтани ҳокимияти сиёсӣ ин гордҳо аз сабаби низомӣ набуданаш давлатро муҳофизат карда наметавонистанд. Аз декабри соли 1917 Ҳукумати Шӯравӣ ба таъсиси Артиши Сурх сар кард ва то баҳори соли 1918 Артиши Сурхи коргару деҳқон бо тамоми сохтораш ташкил ёфт.

Дар уезди Хуҷанд аввалин отрядҳои коргарӣ дар байни аҳли деҳа, шаҳрак ва шаҳрҳои руснишину истгоҳҳои роҳи оҳани Хуҷанд, (Ғафуров),Урсатьевск, Драгомирово (Пролетар) ва Приди-

ново (Қайроққум) ноябри соли 1917 таъсис ёфта буданд. Вале ин Гордҳои Сурхи ташкилёфта қудрати нигоҳ доштани Ҳукумати Шӯравиро надоштанд. Аз ин рӯ, зарурати ташкили қӯшуни доимӣ пеш омад. 23 марти соли 1918 Шӯрои Комиссариати Халқи Туркистон дар бораи таъсиси Артиши Сурхи доимии коргару деҳқон қарор карда буд. Дар асоси ҳамин қарор 18 апрели соли 1918 дар уезди Хуҷанд ислоҳоти ҳарбӣ гузаронида шуд. Аввал дар назди шӯроҳои шаҳрӣ сексияҳои ҳарбӣ бо сардории Комиссари Ҳарбӣ таъсис ёфт. Сентябри ҳамон сол Комиссариатҳои Ҳарбии истгоҳи Шаҳристон, Далён ва Ғончӣ таъсис ёфтанд. Баробари таъсис ёфтани Комиссариати Ҳарбии уездӣ, Раёсати маҷбуриятҳои ҳарбии Хуҷанд пароканда шуданд. Қисмҳои ҳарбии Хуҷанд ба ҳайати Артиши Сурхи Шӯравӣ ҳамчун қӯшуни иттиҳодӣ дохил гардид. Иттиҳодияи аввалини ҷум-ҳуриҳои собиқ шӯравӣ, иттиҳоди ҳарбӣ буд.

**Барҳам додани судҳои кӯҳна ва таъсис додани судҳои нав.** Яке аз органҳои низомёфтаи давлатӣ судҳо буданд. Дар Туркистон ин органро судҳои округӣ, палатаҳои судӣ ва судҳои ҳарбӣ ташкил медоданд. Баъди инқилоб қувваҳои аксулинқилобӣ ба ташкил додани сӯиқасд-ҳои зиддишӯравӣ, ба тайёр кардани исёнҳо, игво, ва ғоратгарӣ даст заданд. Барои ҳимояи тартиботу қонуниятҳои инқилобӣ судҳои кӯҳна қодир набуданд. Аз ин рӯ, ҳоло 22 ноябри соли 1917 мувофиқи нишондоди "Декрет дар бораи судҳо" сохтори кӯҳнаи судӣ ва прокурорӣ бекор эълон шуда, вазифаи онҳо ба зиммаи Комиссариати халқии адлия вогузошта шуда буд. Инчунин Комиссариати халқии адлия вазифадор карда шуда буд, ки системаи судии нави шӯравиро то январи соли 1918 таъсис диҳад. Дар асоси ин нишондод 12 декабри соли 1917 ШКХ кишвари Туркистон қарори барҳам додани судҳои ҳавзагӣ (округӣ), палатаҳои судӣ ва судҳои ҳарбиро баровард, вале аз сабаби паст будани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, ки ба судҳои шариатӣ (қозигӣ) эътиқоди калон доштанд ва пурзӯр будани аксулинқилобчигӣ, дар давраи муқарраршуда гузаронидани интихобот ба судҳои нав муяссар нагардид. Аз ин рӯ, мӯҳлати фаъолияти судҳои кӯҳна аз 17 феврали соли 1918 баъди ба ҳайати судҳо дохил кардани намояндагони шӯроҳо дароз карда шуда буд. Вале аз сабаби муносибати душманона нисбати Ҳокимияти Шӯравӣ доштанашон, фаъолияти судҳои кӯҳнаро шӯроҳо ба дасти худ гирифтанд. Ин ҳолат соли 1917 дар Шӯроҳои Тошканд, Чорҷӯ ва Кушка ва аввали соли 1918 дар аксарияти шӯроҳои кишвари Туркистон ба амал омада буд. Аз ҷумла, дар уезди Хуҷанд ҳам чунин шуд. Судҳои кӯҳнаи волостҳои Нов, Ғула-

қандоз, Уральск, Унчӣ ва Шаҳри Кӯҳнаи шаҳри Хуҷанд масъулияти худро ба судҳои нав интихобшудаи шӯравӣ супориданд. Декабри соли 1917 суди оштидиҳандаи шаҳри Ӯротеппа ҳам барҳам дода шуда, ба ҷои он суди халқӣ таъсис дода шуда машваратчиёни судӣ интихоб шуда буданд. Вале аксарияти судҳои кӯҳна боқӣ монда буданд. Ин ҳамзистии муваққатӣ дер давом накард. Аз марти соли 1918 сар карда дар назди шӯроҳо трибуналҳои инқилобӣ таъсис ёфтанд, ки мақсадашон мубориза зидди душманони сохти шӯравӣ буд.

Аз тобистони соли 1918 сар карда муассисаҳои судии кӯҳна ба барҳамхӯрӣ сар карданд. Аввал судҳои ҳарбӣ-округӣ (июли соли 1918) ва баъд палатаи судии Тошканд (охири соли 1918) ва аввали соли 1920 тамоми сохтори судҳои кӯҳнаи қозигӣ ва подшоҳӣ барҳам дода шуда буданд.

Баробари судҳои халқии шӯравӣ ҳамчун органи ҳифзи инқилоб сентябри соли 1918 - Комиссияи Фавқулодда (КФ) дар ҳайати Комиссияи Фавқулоддаи Умумиттифоқ (КФУ) таъсис ёфта буд. Вазифаи ин орган - мубориза зидди аксулинқилобчигӣ, қаллобӣ ва ғоратгарӣ муқаррар карда шуда буд. Яъне то ибтидои баҳори 1918 раванди шикасти дастгоҳи кӯҳна ва барпо шудани сохтори нав анҷоми худро ёфта буд. Ҳамаи идораҳои ҳокимият аз як шакли сохтор ба шакли дигар гузаронида шуданд. Сохтори шӯравӣ ташаккул ёфт ва муносибати нави давлатдорӣ ба худ роҳ кушоданро сар кард.

**Таъсиси милисаи шӯравӣ.** Дар уезди Хуҷанд марти соли 1917 политсия ба милиса табдил ёфта, вазифаи нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятиро дар асоси оинномаи нави милисаи халқӣ ба ӯҳда дошт. Агарчи милисаи халқӣ ном дошт, вай пурра органи қудратии Ҳукумати Муваққатӣ буд. Дар рафти инқилоби октябрӣ дар Туркистон ҳам дружинаҳои коргарӣ таъсис ёфта, вазифаи ҳимояи коргаронро аз зӯроварӣ ва фишори милисаи давлатӣ ва юнкерҳо ба зимма гирифта буд. Маҳз ҳамин дружинаҳо қувваи асосии нигоҳ доштани тартиботи инқилобӣ гардида, 10 ноябри соли 1917 ба органи расмии давлатӣ табдил ёфта, номи милисаи коргару деҳқонро гирифт. Милисаи тоҷик низ ноябри соли 1917 ҳамчун шӯъбаи милисаи Россия дар назди Шӯрои Комиссариати Халқи уезди Хуҷанд таъсис ёфта, вазифаи ҳимояи тартиботи инқилобӣ ва сарҳади шӯравиро ба ӯҳда дошт. Дар Тоҷикистони шимолӣ ва Помир раванди ташаккулёбии милисаи шӯравӣ то охири соли 1918 давом ёфт.

**в) Аввалин чорабиниҳои иқтисодии Шӯравӣ дар Тоҷикистони шимолӣ.**

**Ҷорӣ гардидани назорати коргарӣ ва моҳияти он.** Дар асоси қарорҳои анҷумани II Шӯроҳои Умумироссиягӣ ва анҷумани III Шӯроҳои кишварӣ дар бораи миллӣ кардани корхонаҳои саноатӣ ва мусодираи замин, ҳукумати Туркистон ба гузаронидани чорабиниҳои иқтисодӣ аз ҷорӣ кардани назорати коргарӣ сар кард.

14 ноябри соли 1917 Комитети Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ "Лоиҳаи қоидаҳо дар бораи назорати коргарӣ"-ро қабул карда буд. Ин қоидаҳо талаб мекард, ки назоратро аз болои истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва тақсими маҳсулот ташкил ва пурзӯр карда шавад. Сабаби асосии ҷорӣ карда шудани назорати коргариро Ҳокимияти Шӯравӣ дар он медид, ки диктатураи пролетариат якӯ якбора саноат ва муносибатҳои истеҳсолии сотсиалистиро ба вуҷуд оварда наметавонад. Барои ин лозим буд, ки аввалан, коргарон ҳунари ташкил ва идора кардани истеҳсолотро ёд гиранд. Ёд гирифтан ба воситаи назорати коргарӣ осонтар буд. Ҳокимияти Шӯравӣ дар назар дошт, ки бо ҷорӣ карда шудани назорати коргарӣ душманони синфӣ муассисаҳои истеҳсолиро аз кор мононда ё вайрон карда наметавонанд. Инчунин, назорати коргарӣ доираи фаъолияти корхонаҳои хусусӣ ва соҳибкоронро танг намуда, кори ташкил намудани истеҳсолоти ҷамъиятиро осон гардонд. Яъне мақсади назорати коргарӣ он буд, ки синфи коргарро ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ наздик ва ба идда кардан тайёр намояд. Баъди қабули қоидаҳо 14 ноябри соли 1917 Ҳокимияти Шӯравӣ декретро дар бораи ҷорӣ намудани назорати умумии коргарӣ қабул кард. Амалӣ гардидани ин декрет дар Туркистон аз нимаи дуюми соли 1918 сар шуд. Аввалин шуда назорати коргарӣ дар корхонаҳои коркарди пахта ва равғанкашӣ ҷорӣ карда шуд. Ин чорабинӣ дар давоми моҳҳои апрел-июни соли 1918 гузаронида шуд. Ва ин амал натиҷаи хуб ҳам дод. То охири баҳори соли 1918 дар тамоми корхонаҳои саноатии Туркистон назорати коргарӣ ҷорӣ гардид. Дар ҳама ҷо комитетҳо ва ташкилотҳои фабрикӣ-заводӣ ва конии назорати коргарӣ таъсис ёфтанд. Ташаббускори ин назорат бештар ҳизби болшевикӣ буд.

Дар рафти ҷорӣ шудани назорати коргарӣ Ҳокимияти Шӯравӣ баъзе нозукиҳои истеҳсолотро, ба мисли таъмини корхона бо ашёи хом, таҷҳизот ва ташкили кори мураттаби корхонаро, ёд гирифт. Ин таҷриба психологияи коргаронро тағйир дод. Синфи коргар бештар худро соҳиби корхона ҳис мекардагӣ шуда, муносибаташро ба меҳнат, корхона, ба интизоми меҳнат ва баланд бардоштани ҳосил-

нокии меҳнат дигар кард. Ин боиси осон гардидани милликунонии саноат гардид.

**Ибтидои ҷамъиятигардонии истеҳсолот.** Милликунонии саноат ин маънои барҳам задани сармоядории калон-буржуазияро ҳамчун синф, барҳам задани базиси иқтисодии сармоядорӣ ва таъсис додани заминаи иқтисодӣ ва саноатии ҷамъияти навро дошт.

Милликунонии саноат дар Тоҷикистон аз корхонаҳои пахтатозакунӣ ва равғанкашӣ сар шуда, нисбат ба марказ дар муддати хеле кӯтоҳ гузаронида шуд.

Дар асоси қарори Шӯрои уездии Хуҷанд аз 24 марти соли 1918 7 заводи пахтатозакунии уезди Хуҷанд ва заводҳои собунпазии Хуҷанду Ӯротеппа, 2 заводи пахтатозакунии Конибодом миллӣ эълон шуданд. Умуман, дар соли 1918 ҳамаи заводҳои пахтатозакунӣ ва равғанкашии бародарон Алибоевҳо, Пинхасов, Маҳкамбоев, Потеляхов, Ашӯрбоев, Турсунов, Мирмӯминов, Имонхонов, ширкати истеҳсоли нефти "Санто", конҳои ангиштсанги Шӯроб, заводи чарми шӯъбаи Хуҷандии рафоқатгарии саноатӣ-савдоии Емелянов ва Сорокин, шӯъбаи Хуҷандии ҷамъияти "Кавказ", "Меркурий" ва "Шарқӣ", дорухонаҳо, ҷамъиятҳои суғурта, нақлиёт, муассисаҳои пиллахушккунӣ ва захираи пахта миллӣ карда шуданд. Идора ва роҳбарӣ кардани корхонаҳои миллишуда ба зиммаи Шӯрои Олии Хоҷагии Халқ ва идораҳои он дар маҳалҳо, шӯъбаи хоҷагии халқи назди Шӯроҳои уездӣ гузошта шуда буд.

Дар Помир ва Бухорои Шарқӣ ягон корхонаи саноатӣ вуҷуд надошт ва ҳоҷат ба милликунонии саноат набуд.

**Ибтидои ислоҳоту обу замин.** Тоҷикистон кишвари деҳқонӣ буд. Инқилоб мебоист масъалаи заминро ҳал мекард.Яке аз қонунҳои аввалини Ҳокимияти Шӯравӣ ин Декрет дар бораи замин буд, ки дар анҷумани II Шӯроҳои Умумироссиягӣ қабул шуда буд. Барои амалии фаврии ин Декрет дар Туркистони миллӣ на шароит ва на имконият набуд. Аввалан, деҳқонони тоҷик ҳоло ташкилоти сиёсии худро надоштанд, сониян роҳҳо ва усули тақсими заминро ҳам намедонистанд ва баъдан чӣ миқдор замин ва ба кӣ тақсим кардани он ҳам маълум набуд. Аз ин рӯ, Ҳокимияти Шӯравӣ Декрет дар бораи заминро дар шароити Туркистон дар якчанд давра гузаронид. Давраи аввалро, ки то ибтидои ҷанги гражданӣ давом ёфт, давраи қонунэҷодкунии Ҳокимияти Шӯравӣ доир ба ҳалли масъалаи замин номидан мумкин аст. Дар ин марҳила қонуну идораҳое ба вуҷуд омаданд, ки метавонистанд милликунонии замин ва тақ-

сими онро ба ҷо оваранд. Декабри соли 1917 ШКХ Туркистон "Декрет дар бораи замин"-ро ва дар асоси ҳамин Декрет бо қарори Шӯрои Комиссариати Халқии зироат қарорро "Дар бораи тартиби гузаронидани ислоҳоти замин дар кишвар" қабул намуд ва аз 27 январи соли 1918 дар Туркистон ба гузаронидани ислоҳоти замин сар карда шуд, ки он аз ҳудудҳои имрӯзаи Тоҷикистон фақат уезди Хуҷандро фаро гирифта буд.

Барои гузаронидани ислоҳоти замин Ҳокимияти Шӯравӣ бояд характери моликият ба замин, соҳиби бевоситаи он ва баъд миқдори заминро ба назар мегирифт. Чунин нишонаҳо барои деҳаҳои руснишин кайҳо боз маълум буданд. Дар деҳаҳои руснишин замин аз они давлат буда, вале истифодабари он деҳқонон буданд. Миқдори замини онҳо маълум буд. Дар деҳаҳои миллӣ заминҳои давлатӣ, мулкҳои шахсии феодалӣ ва вақфҳо (замини масҷидҳо) ҳам буданд. Гарчи шаклу миқдори онҳо ба ҳисоб гирифта шуда буданд, вале ҳуҷҷати расмии ҳолатҳои истифодабарии онҳо ҳанӯз ҳам мавҷуд набуданд. Аз ин рӯ, дар деҳаҳои руснишин гузаронидани ислоҳот фақат ба қонун мӯҳтоҷ буду халос. Худи деҳқонон ба гузаронидани ислоҳот тайёр буданд. Барои ҳамин ҳам дар маҳаллаҳои руснишин барои гузаронидани ислоҳоти замин ташкилоти махсус - комитетҳои камбағалон таъсис ёфтанд. Деҳа ва деҳқони тоҷик ба ин кор ҳоло тайёр набуд. Ба ҳалли масъалаи замин дар чунин вазъият фақат ҳокимият мебоист фаъолият мекард. Ва чунин ҳам шуд. Ҳокимияти Шӯравӣ қонун ва қоидаҳои мусодиракунии заминҳои помещикиро қабул карда, ба таъсиси органҳои амалии ин қонунҳо ҳам сар кард. Дар Хуҷанд, Ӯротеппа, Конибодом Комиссияҳои махсуси ба ҳисоб гирифтани заминҳо ба кор сар карданд. Ин Комиссияҳо кори зиёдеро анҷом доданд. Аз сабабе ки ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфт, худи ислоҳотро гузаронида натавонистанд. Дар сиёсати Давлати Шӯравӣ ҷанг, яъне ҳимояи давлат ба ҷои аввал баромад. Ба ҳар ҳол, дар баҳор ва тобистони соли 1918 инқилоб ба деҳоти тоҷик ҳам сар дароварда буд. Чизе ки ба чашму дили деҳқон таъсир карда буд, ин қатъият дар амалӣ кардани нақшаҳо ва қонун-ҳои қабулкардаи шӯроҳо буд.

Январи соли 1918 Шӯрои кишварӣ дар бораи таъсис додани комитетҳои обу замин қарор қабул кард. Феврали соли 1918 Комиссариати зироати Туркистон ба деҳқонон мурочиат намуда, даъват намуд, ки комитетҳои обу заминро таъсис диҳанд. Ин мурочиатро ба ҳисоб гирифта, дар тамоми волостҳои уезди Хуҷанд комитетҳои обу замини таъсис ёфта буданд. 2 апрели соли 1918 комитети обу замини Хуҷанд қарор кард, ки заминҳои киштнашудаи уездро ба




Харитаи сиёсии Осиёи Миёна дар соли 1918

деҳқонони безамину камзамин дода шавад. Сабаби асосии аз кишт мондани ин заминҳо манъ карда шудани истифодаи қувваи кории дигарон буд. Ҳокимияти Шӯравӣ истифодаи қувваи кории дигаронро дар замини бою феодалҳо манъ карда буд. Инчунин дар аввали соли 1918 Ҳокимияти Шӯравӣ кашида гирифтани заминҳои зиёдатии феодалонро сар карда буд. Ҳамон апрели соли 1918 Шӯрои Хуҷанд қитъаҳои заминҳои дар Саритӯқай, Чумчуқарал ва Дашти Амин будаи заминдорони калонро кашида гирифта ба деҳқонон тақсим карда дод. Меъёри замини тақсимшуда ҳамон қадаре буд, ки деҳқонон бе истифодаи қувваи кории одамони дигар аз ӯҳдаи кишту кори он баромада тавонад.

Дар шароити Осиёи Миёна кишоварзӣ бе ҳалли масъалаи об инкишоф ёфта наметавонист. Аз ин рӯ, Ҳокимияти Шӯравӣ масъалаи обро яку якбора ҳал карда буд. Тамоми иншоотҳои обӣ, каналҳо давлатӣ ва истифодабарии онҳо ба ихтиёри халқ дода шуда буд. Вале барои дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани системаҳои обёрӣ вазифаҳои миробӣ барҳам дода нашуданд. Фақат вазифаи онҳо тағйир ёфт. Миробҳо аз болои дуруст истифода бурдани об ва дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани системаҳои обёрӣ назорат мекарданд.

Ҳокимияти Шӯравӣ дар Шимоли Тоҷикистон дар соли 1918 рафоқатгариҳои кооперативии обёрӣ бо номҳои "Санҷак Арал" ва

"Парчаюз"-ро таъсис дод. Ба ғайр аз ин ба тоза кардани каналу ҷӯйборҳо сар карданд. Аз ҷумла, барои тоза кардани канали Янги-арик деҳқонони деҳаи Басманда ба боёни сармоядори худ 10 ҳазор сӯм ҷарима муқаррар карда ва онро ситонда ба тоза кардани канали номбурда сарф намуда буданд. Вале барои гузаронидани ислоҳоти обу замин дар Помир ҳоло шароит набуд.

## Луғати истилоҳот

1. Давлати Шӯравӣ-аввалин давлати коргару деҳқон, ки бунёдаш аз 25 октябри (7 ноябри) соли 1917 то соли 1991 вуҷуд дошт.
2. Демократияи дохилиҳизбӣ-мафҳуми ҳизбӣ буда дар фаъолияти ҲКИШ ва ҲК Тоҷикистон истифода мешуд. Мақсадаш тоза ва мустаҳкам нигоҳ доштани ҳизб буд.
3. Диктатураи пролетарӣ-мафҳуми сиёсӣ буда, ҳокимияти номаҳдуди синфи коргарро дар назар дорад, ки дар натиҷаи инқилоби сотсиалистӣ дар Россия аз 25 октябри соли 1917 ва баъд дар Тоҷикистон аз ноябри соли 1917 барпо гардида, мақсадаш сохтмони сотсиализм ва гузариш ба коммунизм буд.

Диктатураи пролетариат ногузир бояд давлати ба тарзи нав демократӣ (вале ҳатман барои пролетарҳо ва умумаи нодорон) ва ба тарзи нав диктаторӣ (бар муқобили буржуазия) мебуд ва буд.

Моҳият ва принсипи олии диктатураи пролетариат-ин иттифоқи синфии байни пролетариату деҳқон ва табақаҳои сершумори ғайрипролетарии меҳнаткашон, иттифоқ зидди сармоядорӣ буд.

Шаклҳои таърихии диктатураи пролетариат ин Комунаи Париж, Давлати Шӯравӣ ва демократияи халқӣ буданд.

4. Ислоҳоти обу замин-яке аз чорабиниҳои аграрии Ҳокимияти Шӯравӣ дар солҳои 1918-1928 буда се давраро: 1918-1920, 1921-1923, 1925-1927-ро дарбар мегирад. Мақсад аз онҳо бо замин таъмин кардани деҳқонони безамину камзамин буд.
5. Назорати коргарӣ-чорабиниест, ки онро ноябри соли 1917 Ҳокимияти Шӯравӣ ҷорӣ карда буд. Вазифааш назорат кардан аз болои истеҳсолот, харид ва фурӯши маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ буд, то ки Давлати Шӯравӣ аз саботажи иқтисодӣ дур бошад.

## САВОЛҲО:

1. Органҳои идории кишвари Туркистонро номбар кунед?
2. Зарурияти барҳам задани органҳои пештараи давлатиро фаҳмонед?
3. Дар Тоҷикистони шимолӣ ва Бадахшон кадом органҳои давлатӣ амал мекарданд ва кай барҳам дода шуданд?
4. Вазифаи Комиссари уезди Хуҷанд кай барҳам дода шуда буд?
5. Комитети Иҷроияи Ҳукумати Муваққатии уезди Хуҷанд кай барҳам дода шуда буд?
6. Вазифаҳои Думаи шаҳрии Хуҷанд ва Ӯротеппа кай барҳам дода шуда буданд?
7. Судҳои кӯҳна кай барҳам дода шуда буданд?
8. Раванди таъсисёбии Артиши Сурхи Шӯравиро шарҳ диҳед?
9. Раванди таъсиси судҳои халқии шӯравиро шарҳ диҳед?
10. Милисаи шӯравӣ кай ва чӣ хел таъсис ёфтааст, нақл кунед?

## § 2.3. Ҳаракати зиддишӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони шимолӣ дар солҳои 1918-1920

### а) Ҷанги шаҳрвандӣ чӣ гуна ҷанг аст?

Ҷангҳо аз рӯи моҳияташон ба ҷангҳои забткорона, миллӣ-озодхоҳӣ ва шаҳрвандӣ (граждани) ҷудо мешаванд. Ҷангҳои забткорона (горатгарона, таҷовузкорона) моҳиятан ин ғасби сарзамини давлати бегона ва тороҷу истисмори халқи он аст. Ҷангҳои миллӣ-озодхоҳӣ ин озод кардани кишвару халқи худ аз истисмору ғасби бегонагон (аҷнабиён) аст. Ҷанги шаҳрвандӣ ҷангест, ки дар дохили як давлат як халқ рӯй дода, аҳолӣ ба ду гурӯҳи дар ақида бо ҳам зид ҷудо шуда, барои ҳокимияти сиёсӣ меҷанганд. Намунаи онҳо ҳоло аз ибтидои ҷамъияти синфӣ маълум аст. Ҷанг байни қабилаҳо барои мавзеи шикор, ҷанг байни ғуломону ғуломдорон, ҷанг байни деҳқонон ва феодалон, ҷанг байни сохти феодалӣ ва капиталистӣ, ҷанги байни коргарон ва буржуазия. Ҳамаи ин шаклҳо ва намунаҳои ҷанги шаҳрвандӣ мебошанд. Яъне, ҷанги шаҳрвандӣ шаклҳои гуногунро гирифта метавонад. Ба ёд оред ҷангҳои гражданӣ дар Рими Қадим, дар асрҳои миёна - дар Германия, дар даврааи нав - дар Америка, дар асрҳои XIX ва ибтидои асри XX дар Хитой, Ҳиндустон ва Россияро.

### б) Сабабҳои ба вуҷуд омадани ҳаракати зиддишӯравӣ дар Тоҷикистони шимолӣ.

Дар Тоҷикистон ҳам ҷанги шаҳрвандӣ шудааст. Ин ҷанг солҳои 1918-1923 шуда гузаштааст. Ин ҷанг байни сохти кӯҳна-маъмурияти Россияи подшоҳӣ ва тарафдорони ӯ - феодалони маҳаллӣ аз як тараф, ва сохти нави шӯравӣ ва тарафдоронаш аз тарафи дигар шудааст. Як гурӯҳ тарафдорони сохтори буржуазӣ ва дигаре тарафдори сохтори сотсиалистӣ шуданд. Табақаи ҳукмрони пештара имтиёзҳои худро аз даст додан намехоҳад, табақаи поёнӣ бошад, имтиёзҳои барои ӯ эълон кардаи шӯравиро маъқул ёфтааст ва барои ҳимояи он бархостааст. Дар Тоҷикистон тарафдорони ҳокимияти нав ба қарорҳою дигаргуниҳои иҷтимоӣ, ки баҳри некуаҳволии меҳнаткашон нигаронида шуда буд, такя карду, муқобилони ҳокимияти нав ба диндории омма. Ҳокимияти Шӯравӣ бо роҳи гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ - ҷорӣ кардани назорати коргарӣ, миллӣ кардани корхонаҳои саноатӣ ва муассисаҳои давлатӣ, мусодираи замин ва тақсим кардани он дар байни деҳқонон, ҷорӣ кардани рӯзи кори 8-соата, манъ кардани истифодаи қувваи корӣ дар замини боён оммаи меҳнаткашро ба худ ҷалб кард.

Дар шароити Туркистон гурӯҳи зиддишӯравӣ тарафдори бештар пайдо карданд. Онҳо декрету қонунҳои Ҳокимияти Шӯравиро ба таври худ фаҳмонда тавонистанд. Масалан, шиорҳои шӯравии озодии дин ва баробариро чунин шарҳ доданд: озодии болшевикӣ ин озодии куфрист. Яъне, нашинохтани худост. Баробарии зану мард ин умумӣ гардидани занҳо, ҳатто фарзандон аст.

Дар ташвиқоти зиддишӯравӣ рӯҳониён саҳми асосӣ доштанд. Онҳо мегуфтанд, ки агар ба ҳимояи имон ва дини худ нахезед, кофир мешавед. Ғазавотро фатво медоданд. Ин кор бештар ба онҳо дар деҳаҳои дурдаст даст медод. Бештар ҳамин ақида гурӯҳи дигар - ҳимояттарони имону динро ба миён овард. Ҳокимиятхоҳон бошанд, онҳоро барои мақсади асосии худ-яъне ба даст овардани ҳокимият истифода карданд. Дар аввали тобистони соли 1918 дастаҳои ба ном "муҷоҳиддин" ва ё "босмачиҳо" пайдо шуда, кишварро ба ҷанги граждани кашиданд.

Сабаби асосии дар Тоҷикистони шимолӣ ба вуҷуд омадани ҳаракати зиддишӯравӣ ин аввалан, қисми таркибии империяи Россия будани ин минтақа ва ғалабаи инқилоби Октябри соли 1917 рус буд, ки он бо қадамҳои музаффарона дар тамоми ҳудуди империяи Россия ва аз он ҷумла, дар Туркистон ҳам паҳн гардида буд. Ва баъдан, сабаби ин ҳаракат эъломияҳо, қонунҳо ва чорабиниҳои аввалини Ҳокимияти Шӯравӣ шуданд, ки манфиати оммаи меҳнаткашро ҳимоя ва раванди амалӣ гардондани назарияи инқилобии марксизм-ленинизм бунёди ҷомеаи сотсиалистиро оғоз карда буданд. Асоси сиёсии ин чорабиниҳоро таъмини ҳукмронии диктатураи коргарону деҳқонон ва асоси иқтисодии онро ташкили моликияти умумихалқӣ-давлатӣ ва кооперативӣ-колхозӣ ва асоси маданиии онро бунёди маданияти авомии меҳнаткашон ташкил медоданд. Яъне, инқилоби сотсиалистии октябри соли 1917, собиқ ҳокимонро аз тахт ва мулкдоронро аз моликият маҳрум месохту коргарону деҳқононро соҳиби мулк мегардонд ва ба сари ҳукумат мебаровард, маъқул набуд. Аз ин рӯ, ҳокимони аз сари ҳокимият рафтаву мулкдорони бемулкгардида ҳама воситаро истифода бурда раванди инқилоби сарзадаро ба маҷрои дигар ба манфиати худ ва ё ақалан тарафдорони худ равона кардани буданд. Ин равандро бо роҳи осоишта ҳал карда натавониста, роҳи муқовимати яроқнокро пеш гирифтанд.

**в) Оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони шимолӣ ва рафти он дар солҳои 1918 -1920.**

Яке аз сабабҳои сар шудани ҷанги шаҳрвандӣ дар Туркистон ин фаъолияти зиддишӯравии "Ташкилоти Ҳарбии Туркистон" буд, ки

дар тамоми мавзеъҳои кишвар шўъбаҳои худро дошт. Таъсисгарон ва идеологҳои ин ташкилот асосан мансабдорони дарачаҳои гуногуни ҳукумати ЧМШС Туркистон буданд. Масалан, Е. Т. Чунковский, ки Комиссари олии ин ташкилот буд, вазифаи мушовирии граждании дарачаи 5-умро, К.О. Осипов чонишини Комиссари олии "Ташкилоти Ҳарбии Туркистон" вазифаи Комиссари ҳарбии ЧМШС Туркистонро дошт. Стерлигов, Урядов, Корнилов, Зайтсев, рутбаҳои баланди Ҳарбии ЧМШС Туркистонро доштанд.

Дар ташкилоти номбурда генерал Л.Л. Кондратович, полковникҳо Карнилов, Зайтсев ва аз маҳаллиён собиқ намояндаи думаи давлатӣ Абдуққаҳоров ва аъзои ҳизби чадидони Туркистон Маҳмудхочаи Беҳбудӣ (1913-1919) мавқеи калон доштанд. Чосусони амрикоӣ Галлефон Шуломан ва Студен, дипломати Дания капитан Брун, консули Белгия де Старк, немисҳо Циммерман ва Вальбрюон дар Туркистон амалиётҳои чосусии худро ба манфиати империалистони хоричӣ сар карда буданд. Ҳамаи номбурдагон бештар бо Тредуэлл ба манфиати ИМА кор мекарданд.

Хуллас, Англия, ИМА, Туркия, Афғонистон бештар дар зери шиори ташкил додани давлати ягонаи мусулмонӣ ва ё пантуркии, Осиёи Миёна, сиёсати ба мустамликаи худ табдил додани ин кишварро рўпуш карданӣ мешуданд.

Бо дастгирии чосусон "Ташкилоти Ҳарбии Туркистон" бо генерал Дутов, ки роҳи оҳани Оренбург-Туркистонро дар наздикии Оренбург ишғол карда буд, бо хони Хева Чунайдхон, бо амири Бухоро Олимхон ва сардорони ҳаракати зиддишўравии Фарғона Эргаш ва Эшмат алоқа барқарор намуда ба кори ташкилотҳои зиддиинқилобии "Уламо" ва "Шўрои исломия" роҳбарӣ мекарданд.

Барои муттаҳид намудани қувваҳои аксулинқилобии Туркистон аввали соли 1918 ба Тошканд полковник Бейли капитан Блэккер ва консули дар Қошғар будаи англисҳо Макартней бо миссияи махсус -- барқарор намудани алоқа бо ҳукумати навташкилёфтаи шўравӣ омада буданд. Вале мақсади асосии онҳо ёрӣ додан ба оғози чанги зиддишўравӣ буд.

Дар саросари Туркистон аксулинқилоб тайёр мешуд. Байни Дутов ва босмачиёни Фарғона барои ташкил намудани иттифоқи Чанубӣ-Шарқӣ розигӣ ба вучуд омад. Барои осонтар ба даст даровардани ярок ва дигар лавозимоти чангӣ, қувваҳои зиддишўравӣ Ўшу Андичонро ишғол намуданд, то ки ба сарҳади Ҳиндустон бароянд.

Июли соли 1918 бошад, дар Туркистон интервенсияи англисҳо сар зад.Онҳо бо ёрии феодалони туркман Ҳокимияти Шўравиро дар

Закаспий барҳам заданд. Барои тайёр кардани мавқеи хуби ҷангии зидди Туркистони Шӯравӣ империализми байналхалқӣ амири Бухороро ҳам тайёр карданд. Дар шимол роҳи алоқаро ба Россияи Шӯравӣ атаман Дутов, дар Закаспий англисҳо бастанд. Дар ҷануб ва ҷанубӣ-ғарбӣ аморати Бухоро ба сохтани истеҳкомҳои ҳарбӣ ва ҷамъ овардани қӯшун сар кард. Дар шарқ ва ҷанубӣ- шарқӣ босмачиёни Фарғона Ҳокимияти Шӯравиро барҳам заданд. Охири соли 1918 бошад, Туркистон пурра дар ҳалқаи муқовиматҳо монд.

Ҳамаи ин ба пурзӯршавии босмачигарӣ ва исёнҳои зиддишӯравӣ оварда расонд. Ситоди "Ташкилоти Ҳарбии Туркистон" дар Тошканд фош карда шуда буд. Вале ташкилотҳои он амал мекард. Бо сардории К. Осипов дар Тошканд ва Стерлигов дар Хуҷанд исён тайёр карда мешуд. Вале исёни Хуҷандро тавонистанд пешгирӣ намоянд. Баъди тасодуфан дар хонаи яке аз аъзоёни ин ташкилот таркидани бомба сир фош гардид. Ва бештарини аъзоёни онро ба ҳабс гирифтанд. Ба ҳайати ташкилоти исёнгарони Хуҷанд бештар эсерон ва ҳарбиёни австровенгерии дар Хуҷанд буда, дохил буданд. Стерлигов австро-венгерҳои дар қалъа ҳабс бударо яроқнок карда зидди Шӯрои депутатҳои Хуҷанд исён хезонданӣ буд. Вале аскарони дар қалъа буда, дар бораи тайёрӣ ба шӯриш ба комитети ҳизбии Хуҷанд хабар доданд. Комитети ҳизбӣ сафарбарии умумии коммунистонро гузаронида дар шаҳр ҳолати ҳарбӣ эълон намуд. Дар тамоми кӯчаҳои шаҳр дидбонҳо гузошта, сардори шӯриш эсери чап Урядов ва тарафдорони ӯ ҳабс карда шуданд. Вале гурӯҳ пурра пароканда нашуда буд. Ин ба даврае рост омада буд, ки дар саросари мамлакат шиорҳои шӯравии "Ватан дар хатар аст" ва "Ҳама чиз барои фронт" паҳн гардида буд. Инро ба назар гирифта, 28 сентябри соли 1918 дар Хуҷанд митинги серодаме баргузор гардида, меҳнаткашон ҳамрайъии худро ба шиорҳои ба миён гузоштаи ҳизб баён карданд ва барои барҳам додани аксулинқилобиён ба Ашқободу Оренбург ва ба Ҳафтруд қувваҳои ҷангии худро фиристоданд.

Октябри соли 1918 анҷумани Шӯроҳои уезди Хуҷанд шуда гузашт, ки ба қӯшунҳои дар фронтҳои номбурда буда мактуб навишта, дар он аз ҷумла гуфта мешуд, ки "Шумо отряди пешқадами муборизон барои камбағалонед.... Вазифаи шумо душвор аст, вале мо шиори "ба пеш"-и шуморо мефаҳмем. Ин шиор ғалабаро таъмин мекунад. Мо намояндагони аҳолии 80-ҳазораи уезд ба Шумо роҳи васеи "ба пеш"-ро орзу карда дар навбати худ маълум мекунем, ки шумо танҳо нестед. Дар қафои шумо кадрҳои пролетарӣ истодаанд ва мо ба ёрии шумо ва

баҳри ҳифзи инқилоби пролетарӣ барои дар зери байрақи сурх истодан доимо тайёрем". Дар муддати кӯтоҳ меҳнаткашони уезд ба фронти Ашқобод 115 кас ва ба Оренбург 250 нафар ҷанговар фиристод.

Коммунистони уезд ҳис мекарданд, ки онҳо ҳам метавонанд дар ҳарчи зудтар барҳам додани аксулинқилоби дохилӣ ва таҷовузкорони хориҷ саҳми худро гузоранд. Охири соли 1918 вазъияти ҳарбӣ нафақат дар фронтҳо, балки дар Тоҷикистони шимолӣ ҳам вазнин шуда буд.

Декабри соли 1918 дар Хуҷанд боқимондагони гурӯҳи Стерлигов исёни аксулинқилобӣ тайёр карданд. Вале болшевикон онро фош намуда, Стерлигов ва шариконашро ҳабс намуданд, то ки саршавии амалиёти исёнгаронро дар Драгомиров ва дигар шаҳрҳои Тоҷикистони шимолӣ боз доранд.

Яке аз вазифаҳои душвортарини Ҳокимияти Шӯравӣ дар охири соли 1918 мубориза зидди қувваҳои зиддишӯравӣ ба ҳисоб мерафт. Дар Фарғона сарварии "Армияи сафеди Туркистон"-ро Мадаминбек, ки дар гузашта милисаи Шӯравӣ буд, қабул кард. Дар Тоҷикистони шимолӣ дастаҳои Эргаш амалиётҳои худро давом медод. Январи соли 1919 ба он гурӯҳи К. Юсипов, ки дар гузаштаи наздик Комиссари муваққатии ҳарбии ҶМШС Туркистон буду январи соли 1919 дар Тошканд бо роҳбарии ӯ исён сар зада буд, ҳамроҳ шуд. Дастаи Эргаш, ки 3-5 ҳазор нафарро ташкил медод, 14 январи соли 1919 қишлоқи Самғорро тороҷ кард. Моҳи марти ҳамон сол қишлоқҳои Исфона, Замбура, Деҳмой, Сунбулоқ ва Чимғонро тороҷ намуд. Ҳамон моҳи март Эргаш ба шаҳраки Сулукта ҳуҷум кард, вале бо мадади аскарони ба ёрӣ омада, шаҳрак муҳофизат карда шуд. Дар волости Уралск дастаҳои Мамадсоли ва Раҳмон Қурбошӣ амал ва тороҷгарӣ мекарданд.

Амалиётҳои босмачиёнро ба назар гирифта, комитети вилоятии ҳизб ба ташкилотҳои ҳизбии уезди Хуҷанд таклиф намуд, ки даъвати умумии коммунистони уездро ба ҷанг ташкил ва ҳамаи аъзоёни худро мусаллаҳ намояд.

Дар мактуби комитети вилоятии ҳизб гуфта мешуд, ки барои мубориза зидди босмачиён коммунистон Горди Сурх ташкил дода, фавран ба омӯзондани онҳо сар кунад.

Комитети Иҷроияи шӯрои Хуҷанд барои барҳам додани дастаҳои Эргаш якчанд тадбирҳои таҳҷилӣ дид. Дар ҷойҳои муҳими уезд дидбонгоҳҳои низомӣ гузошта, дар тамоми гузаргоҳҳо иншооти мудофиавӣ сохтанд. 7 марти соли 1919 меҳнаткашони шаҳри Ӯротеппа қарор

доданд, ки барои мубориза зидди Эргаш ҳамаи аҳолии шаҳрро сафарбар намоянд. Дар шаҳр комитети ҳарбии инқилобӣ ташкил ёфт. Дар Ӯротеппа, Шӯроб барои мубориза зидди қувваҳои зиддишӯравӣ ситодҳо ташкил намуда, дар ҳама ҷо дастаҳои нави ярокнок ба вуҷуд меомаданд.

Сардорони қувваҳои зиддишӯравӣ тарафдорони Ҳокимияти Шӯравиро азобу шиканҷаи зиёд медоданд. Инро дида дар тамоми шаҳрҳо ва марказҳои волостҳои уезди Хуҷанд даъвати умумии ҳарбиёни ба истеъфо баромада гузаронида шуда, ситодҳои Горди Сурх, ситодҳо ва кумитаҳои ҳарбӣ-инқилобии зидди босмачигарӣ таъсис мегардид. Коргарони шаҳракҳо дружинаҳои коргариро ташкил дода, дар ҳама ҷо: роҳҳо, гузаргоҳҳои обӣ, кӯҳӣ, роҳҳою чорраҳаҳои байни минтақавӣ дидбонгоҳҳо ташкил дода, ҳамаи муассисаҳо ва корхонаҳоро зери ҳимоя қарор доданд. Вале Эргаш бедодгариҳои худро дар Мастчоҳу Панҷакенту Ӯротеппа давом медод. Моҳи майи соли 1919 Эргаш ба Фалғар ҳуҷум кард. Вале ба ёрии Фалғар дастаи Артиши Сурхи Панҷакент омаданд.

Дар тамоми Тоҷикистони шимолӣ марти соли 1919 ҳолати ҳарбӣ эълон гардида буд. Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистони шимолӣ зидди




Харитаи амалиётҳои ҷанги ҷабҳаҳои Туркистон
(солҳои 1918-1920)

қувваҳои зиддишӯравӣ дар якҷоягӣ бо ситоди ҷангии Фарғона амал мекард.

Масчоҳ, ки ба маркази зиддишӯравӣ табдил ёфта буд, зимистони соли 1918-1919 нисбатан ором буд. Баҳори соли 1919 баъди кушода шудани роҳҳои ағба хавфи ба воситаи Панҷакент ба аморати Бухоро рафтани босмачиён афзуд. Шӯрои Ӯротеппа ҳамроҳии шӯроҳои Хуҷанд ва Панҷакент сари роҳи босмачиёни Масчоҳро бастанд. Вале дастаҳои Эргаш ва Осипов қувваҳои гвардиячиёнро рахна карда, боз аз сари нав Масчоҳро ишғол намуданд. Осипов ба Бухоро рафта, яке аз машваратчиёни амир гардид.

Апрели соли 1919 Дутов боз роҳи оҳани Акмолинск-Оренбургро ишғол намуд. Боз хати фронтҳо тамоми сарҳади Туркистонро печонда гирифтанд. Дар ин ҳолат мувофиқи таклифи КИМ барои ҳарчи хубтар ташкил додани мубориза зидди аксулинқилобчиёну босмачиҳо, 7 апрели соли 1919 Шӯрои Ҳарбӣ таъсис ёфт. Меҳнаткашони Тоҷикистони шимолӣ аз ҳисоби аҳолии шаҳрҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа боз 138 ҳизбиёнро ба фронт фиристод.

Баъди дар Намангон шикаст хӯрдани Мадаминбек ба Тоҷикистони шимолӣ омадани қувваҳои зиддишӯравӣ афзуда, дастаҳои нави босмачиёни маҳаллӣ ташкил ёфт. Бойҳо онҳоро на фақат бо яроқу аслиҳа ва пул таъмин мекарданд, балки ба онҳо барои аз сарҳад гузаштан ёрӣ мерасониданд.

Қувваҳои зиддишӯравӣ тамоми намудҳои яроқҳои хориҷиро доштанд. Милтиқҳои системаи "Лиметфорд", "РосРифм" (Канада), Лебель (Франсия), "Слит Васон", "Колт" (ШМА)" ва ғайраҳо.

Ҳаракати зиддишӯравӣ дар Тоҷикистони шимолӣ бештар характери торочгарӣ дошта, ба сарнагун сохтани ҳокимият, ба ғайр аз Масчоҳ, дар дигар ҷойҳо ҷуръат накарданд. Аз тарафи дигар, онҳо заминаи дастгирии худро аз тарафи омма тамоман гум карданд. Барои ҳамин ҳам қишлоқҳои гирду атрофи шаҳрҳоро ғорат карда ба шаҳрҳо ва шаҳракҳои коргарнишин ҳуҷум намекарданд.

Баъд аз барҳам хӯрдани ҷабҳаҳои Туркистону Закаспий ва махсусан, баъди ғалабаи инқилоби Бухоро Ҳукумати Туркистон ёрии бештари иқтисодӣ ва ҳарбиро гирифт, ки барои ҳарчи тезтар нест кардани дастаҳои босмачиён омили асосӣ гардидаанд.

Яке аз дастаҳои калони қувваҳои зиддишӯравӣ ин дастаи Раҳмонкул-қӯрбошӣ буд, ки дар ноҳияи Ашт торочгарӣ мекард. Ӯ тобистони соли 1920 гӯё таслим мешуда бошад, намояндагони уезди Хуҷандро ба қишлоқи Ошоба барои гуфтушунид таклиф намуд.

Ба ончо сардори КФ (комиссияи фавқуллода)-и Хуҷанд Мавлонбеков Бобобек ҷонишини ӯ Худяков ва раиси кумитаи инқилобии волости Уралск А.Ҳасанов рафта буданд. Онҳоро Раҳмонқул ҳабс карда, ба таҳхона партофта як ҳафта хӯроқ надоданд. Баъди ин воқеа бо супориши ташкилоти ҳизбии Хуҷанд тақрибан 100 нафар бойҳо ва эшонҳои калон ва бонуфуз ба ҳабс гирифта шуданд. Ба онҳо фаҳмонда шуд, ки агар намояндагони шӯравӣ дар зарфи 2 рӯз аз дасти Раҳмонқул озод карда нашаванд, ҳамаи маҳбусон ба қатл расонида хоҳад шуд. Маҳбусон дар ҳайати Ҳамидхонтӯра (Хуҷандӣ), Ҳоҷӣ Абдуллохон Домулло ва Қозӣ Сайидаҳмадхон вакил интихоб карда ба назди Раҳмонқул фиристонанд. Раҳмонқул муриди Ҳамидхонтӯра буд, Мавлонбеков, Худяков ва Ҳасановро озод кард ва онҳо ба Хуҷанд омаданд.

Соли 1920 дастаи 3500 нафараи Ислом нақшаи аз Фарғона омада роҳи оҳани байни Хуҷанду Драгомировро тарконда, аҳолии онро тороҷ намуданро кашид. Вале аз дастаҳои ихтиёрии Ҷ. Зокиров, А. Раҳимбоев, Х. Усмонов шикаст хӯрда ақиб нишаст.

Соли 1920 дар қишлоқи Ӯртақурғони Ӯротеппа дастаи Амонқул Тӯябоев амал мекард. Дастаҳои ихтиёрии Бобо Содиқов, Ота Раҳимҷонов бо ҳамроҳии взводи пулемётчиёни Ткачаев М.М. ӯро ба муҳосира гирифта 80 нафарашонро ҳалок дигаронашонро асир гирифтанд.

Сершумортарин дастаҳои зиддишӯравии Ӯротеппа-дастаҳои Холбӯта, Қозӣ Тӯра, Абдулқодирхон ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо бо қувваҳои зиддишӯравии Фарғона, Масчоҳ ва Ҷизах алоқа доштанд. Аз ҷумла, Қозӣ Тӯра барои қӯрбошӣ шуданаш аз Ислом-қӯрбошии калони Фарғона фотиҳа гирифта буд. Онҳо инро истифода бурда, дар Ӯротеппа ва Нов даст ба тороҷгарӣ зада, баъзан дар атрофи Хуҷанд пайдо мегаштанд. Хавфи инро дида, Ҳокимияти Шӯравӣ декабри соли 1920 ва аввали соли 1921 бо сардории И.В. Куц ва дастаҳои ихтиёрии Мулло Ҳайдар Аҳмадбоев, Р. Давлатов ва дигарон амалиётҳои ҷангии якҷояро зидди қӯрбошиёни номбурда сар карданд. Дар натиҷа қувваҳои зиддишӯравӣ дар ноҳияи Ӯротеппаю Шаҳристон шикаст хӯрда, Холбӯта ва Абдулқодирхон ба Масчоҳ гурехтанд. Онҳо муқовимати худро боз 3 соли дигар давом доданд. Ҳамитавр, соли 1920 дар Тоҷикистони шимолӣ ба ғайр аз Масчоҳ, ба муқовимати зиддишӯравӣ хотима дода шуд ва ҷанги шаҳрвандӣ дар ин ҷо ба охир расида, аҳолӣ ва органҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ва меҳнати осоишта сар карданд.

## Луғати истилоҳот

1. Автономистҳо-мафҳумест, ки онро Ҳокимияти Шӯравӣ нисбати ҷонибдорони мухторриятхоҳони Туркистони Шӯравӣ истифода мебурданд.
2. Автономия-мафҳумест, ки онро русҳои Туркистони Шӯравӣ нисбати сохтори маъмурӣ ва давлатии ҶМШС Туркистон дар солҳои 1917-1924 истифода мебурданд.
3. Автономияи Қӯқанд-Ҳукумат, давлати буржуазии худэълонеро гӯянд, ки баъд аз он, ки моҳҳои ноябр ва декабри соли 1917 Ҳокимияти Шӯравӣ ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсии "Уламо" ва "Шӯрои исломиён"-ро пароканда карданду онҳоро бо Шӯроҳои намояндагони халқ табдил доданӣ шуданд, намояндагони "Уламо" ва "Шӯрои исломиён" дар Қӯқанд ҷамъ омада, 9-12 декабри соли 1917 анҷумани 4 Фавқулоддаи мусулмонони Туркистонро гузаронида Қӯқандро давлати соҳибихтиёр-Қӯқанди Мухтор эълон карданд, ки то 22 феврали соли 1918 вуҷуд дошт.
4. Антанта-Иттифоқи сегонаи ҳарбии Россия, Франция ва Англияро гӯянд, ки маънои луғавиаш "Ризоият аз дил" аст.
5. Артиши Сурх-Қӯшуни Шӯравӣ (Красная Армия), ки рӯзи таълидёбиаш ба 23 феврали соли 1918 рост меояд.
6. Аскари Сурх-Аскари Сурх тарҷумаи таҳтулафзи Красноармеец русӣ буда, Афсари Сурхи Шӯравиро дар радифи Аскари Сафед (Белоармеец) меномиданд.
7. Бекигарии Масчоҳ-ҳокимияти Султонбек ва Саид Аҳмадхоҷаро дар солҳои 1920-1923 дар Масчоҳ гӯянд, ки аз тарафи Ҳокимияти Шӯравӣ ҳам шинохта шуда буд. Ҳатто баҳори соли 1920 байни Саид Аҳмадхоҷа ва КИМ Туркистон аз 3 банд иборат шартнома ҳам баста шуда буд.
8. Бозсозӣ-мафҳуми сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ буда, бештар ҳамчун сиёсати махсус дар давраҳои гуногуни инкишофи ҷамъият истифода мешуд. Солҳои 20-30 асри XX ба маънии аз ҷамъияти капиталистӣ ба сотсиализм гузаштанро ифода мекард.
9. Босмачӣ-аъзои дастаи зиддишӯравиро гӯянд. Босмачиён худро муҷоҳид размандаи дар роҳи ҳақ меномиданд.
10. Босмачигарӣ-ҳаракати халқӣ ва зиддишӯравии солҳои 1918-1935-ро гӯянд.
11. Дастаҳои босмачигарӣ-дастаҳои муташаккил ва ғайримуташаккил, ки солҳои 1918-1935 дар Тоҷикистон зидди Ҳокимияти Шӯравӣ мубориза мусаллаҳона ва ё вайронкуниҳою горатгариҳо мебурданд.
12. Мухторият-калимаи арабӣ буда маънои луғавиаш ихтиёркардашуда, соҳибихтиёрист. Ҳамчун мафҳуми сиёсӣ дар солҳои 20 асри XX-ҳуқуқи худидоракунӣ, ҳалли мустақилонаи масъалаҳои давлатӣ дар доираи ҳуқуқҳои худ буд.
13. Мухторияти Шӯравӣ-мафҳуми сиёсии давраи шӯравист. Халқҳое, ки номи онҳо дар доираи конуни асосии шӯравӣ дорои мухторият буданд ва ин мухторият ба онҳо ҳуқуқ медод, ки мустақилона ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии васеи дохилӣ, ташкили органҳои ҳокимияти судӣ, маъмурӣ, мактабҳо, муассисаҳои ҷамъиятию сиёсӣ, маърифатӣ ва забонро амалӣ созад.
14. Мухторияти Қӯқанд-ҳукумати буржуазии миллатчиёни худтаъсиси Туркистонро дар декабри соли 1917 дар Қӯқанд гӯянд, ки то 22 феврали соли 1918 вуҷуд дошт.
15. Отряд-отряд гуфта дар солҳои 20-ум қисмҳои ҳарбии Аскарони Сурхро дар назар доштанд. Отряди Аскарони Сурх, отряди ихтиёриён ва баъдтар умуман отряд-ҳамчун ҳарбиёни шӯравӣ маълум буд.
16. Отряди ҳарбӣ-экспедитсионии Ҳисор. Ин номи отрядест, ки октябри 1920 бо пешниҳодоти ҳукумат ва қисмҳои ҳарбии дар Туркистон будаи Шӯравӣ аз тарафи ҳукумати ҶХШБ таъсис дода шуда буд. Сардори ин отряд Марсов буд. Дар ҷангҳои декабрии соли 1920 Марсов захмӣ гардида, ӯро М. Роганов иваз кард. Командирони қисмҳои алоҳидаи ин отряд А. Мелькумов, Лисовский, Мартиновский буданд.
17. Ташкилоти ҳарбии Туркистон (ТВО-Туркистанская военная организация)-ташки-

доти табаддулотхоҳи ҳарбии Туркистони Шӯравиро гӯянд, ки соли 1918 дар Тошканд таъсис ёфта, дар тамоми шаҳрхои ҶМШС Туркистон шӯъбаҳои худро дошт. Асосгузорони ин ташкилот генералхо Л.Л. Кондратович, И.В. Савицкий, мушовири дараҷаи 5-уми давлатӣ Ҷунковский, комиссари халқӣ оид ба корхои ҳарбии ҶМШС Туркистон К. Осипов ва комиссари ҳарбии шаҳри Тошканд буданд. Мақсадашон барҳам додани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Туркистон буд. Онҳо нақша доштанд, ки марту апрели 1919 дар тамоми Туркистон исён бардоранд. Вале сири онҳо дар Ҳафтруд фош гардида, қисман ҳабс шуданд. Аммо дар Тошканд бо сардории К. Осипов боқимондаи ин ташкилот "Комитети муваққатӣ"-и исёнгаронро ташкил дода, 19 январи соли 1919 исён бардошта, сараввал 14 комиссарони ҳарбии Туркистонро қатл намуданд. Вале бо дастгирии омма ин исён пахш гардид. К. Осипов гурехта ба босмачиёни Фарғона ҳамроҳ шуд. Аз ин ҷо ба Масчоҳ омада, яке аз мушовирони бекигарии Масчоҳ ҳам гардид. Баъдтар ба Бухоро рафта ба мушовири ҳарбии амир Олимхон ва хизматгори корпуси ҷосусии Англия гардид.

### САВОЛҲО:

1. Намуди ҷангҳоро номбар кунед?
2. Ҷанги шаҳрвандиро шарҳ диҳед?
3. Сабабҳои ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистонро номбар кунед?
4. "Ташкилоти Ҳарбии Туркистон" чӣ гуна ташкилот буд, шарҳ диҳед?
5. Хусусияти ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистонро номбар кунед?
6. Сардорони аввалини дастаҳои зиддишӯравиро номбар кунед?
7. Сардорони аввалини дастаҳои ихтиёрии муҳофизони шӯравиро номбар кунед?
8. Сабабҳои асосии тарафдории Шӯроҳоро гирифтани аҳолиро шарҳ диҳед?

## §4. Ҳаракати зиддишӯравӣ дар Бадахшони Кӯҳӣ. Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ. Бекигарии Масчоҳ ва ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони шимолӣ?

### а) Ҷанги шаҳрвандӣ дар Помир.

Дар Помир ба сар задани ҳаракати босмачигарӣ, пеш аз ҳама, пурзӯр гардидани қувваҳои иртиҷоии минтақа, ҳаракати босмачигарӣ дар водии Фарғона, муваффақиятҳои ҷангии аксулинқилобиёни Закаспий ва атаман Дутов, фаъолияти ҷосусони хориҷӣ сабаб шуда буд. Босмачиёни Фарғона роҳи алоқаи Помирро бо Туркистони Шӯравӣ баста буданд. Ҳол он ки барои меҳнаткашони ин ҷо ёрии иқтисодӣ ва ҳарбии РАСС Туркистон лозим буд. Аз тарафи дигар, Эсертон-консули дар Қошғар будаи Англия бо бойҳои маҳаллӣ ва рӯҳониёни Помири Ғарбӣ ва Шарқӣ во хӯрда онҳоро зидди Ҳокимияти Шӯравӣ хезонда буд.

Бо дастгирии номбаршудагон дар Помир тохту този босмачиёни Фарғона ва Бухоро меафзуд. Аксулинқилобиён бошанд барои ба даст даровардани ҳокимият роҳи нест кардани Комиссияи ҳарбӣ-

сиёсиро, ки охири соли 1918 бо сардории А. Холмаков ташкил ёфта буд, пеш гирифтанд. Ҳокимияти Шӯравӣ бо ташаббуси А. Холмаков сафи милитсияи халқиро аз ҳисоби маҳаллиён зиёд карда шахсони шубҳанок аз он дур карда шуданд. Инчунин дидбонгоҳҳои сарҳадӣ низ мустаҳкам карда шуданд. Вале набудани алоқа бо Туркистони Шӯравӣ вазъияти ҳарбии Помирро душвор менамуд.

Июли соли 1919 бо дастури ҳукуматдорони Англия ба Хоруғ чор нафар фирориёни ҳарбии румин, ки аз Тирмиз гурехта буданд, пайдо шуданд. Аз дудилагии аъзоёни ҳукумати маҳаллӣ истифода бурда, онҳо А. Холмаков ва боз ду нафари дигарро кушта, бо ин роҳ дар Хоруғ исён бардоштанӣ буданд. Аз тарафи дигар, сентябри соли 1919 сафедгвардиячиёни рус бо сардории Монстров ва босмачиён шаҳри Ӯшро забт карданд. Ин боиси дудилагии баъзе афсаронро пурзӯр карда, дар охир онҳо ба Афғонистон ва Ҳиндустон гузашта рафтанд.

14 октябри соли 1919 Монстров ва Мадаминбек ташкил ёфтани "Ҳукумати муваққатии Туркистон"-ро эълон карданд, ки ин ба Помир сар даровардани қувваҳои зиддишӯравӣ, амири Бухоро ва Афғонистонро тезонид. Ба Помир дастаи полковник Тимофеев баргашт ва октябри соли 1919 ба Хоруғ дохил гардид. Бо ин Ҳокимияти Шӯравӣ дар Помир муваққатан барҳам хӯрд. Тамоми рӯҳониёни Помир ва ҳокимони пештараи он ба тарафи Тимофеев гузаштанд. Аскарони инқилобӣ дар қишлоқҳои дурдаст ва кӯҳҳо пинҳон шуданд, то ки аз сари нав муборизаи зидди аксулинқилобчиёнро сар кунанд.

Дар Помир сохти кӯҳнаи амирӣ барқарор гардид. Ҳабскунӣ ва азобу шиканҷаи коркунони дастгоҳи шӯравӣ ва хайрхоҳони Ҳокимияти Шӯравӣ сар шуд. Аз ҷумла, муборизи фаъоли барпо намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Помир А. Наврӯзбеков марти соли 1920 ба ҳабс афтида буд. Ба азобу шиканҷа нигоҳ накарда, ӯ рафиқони худро фош накард. Аз қатл дар натиҷаи ҳуҷуми Артиши Сурх раҳоӣ ёфт.

Моҳи майи соли 1920, дар Хоруғ, бо ёри милитсияи халқӣ Ҳокимияти Шӯравӣ аз нав барқарор карда шуд.

Рӯҳониёни деҳаҳои Шохдара ва Поршнев Саидмаҳмуду Юсуф-алишо ва Абдулғиёсхон ба номи беки Дарвоз нома фиристода хоҳиш карданд, ки ҳокимияти худро дар Помири Ғарбӣ ҳам паҳн намояд, вагарна онҳо афғонҳоро таклиф мекунанд.

Ба Хоруғ намояндаи амири Бухоро омада, барои омадани аскарони бухороӣ замина тайёр мекард. Ӯ талаб кард, ки милитсияи халқӣ қалъаи Хоруғро тарк кунад. Ҷавонони инқилобии қалъа хоҳиши муқобилият доштанд, вале сардори онҳо Ақназар тарафдори

супоридани қалъа буд. Ҷавонон Ақназар ва тарафдорони ӯро аз вазифа гирифта, худашон калъаро тарк карданд. Чунки муқобилият фоидае надошт. Дар муддати қариб се моҳи мавҷудияти сохти амирӣ зулму истибдод ба дараҷае расонида шуд, ки аҳолии Помири Ғарбӣ барои барҳам додани сохти амирӣ тайёриро сар карданд. Дар тайёрии шӯриши яроқнок ҷавонони рӯҳияи инқилобӣ доштаи Хоруғ ва дигар маҳалҳои Шуғнон фаъолона иштирок доштанд.

Қувваҳои асосии аксулинқилоб дар қалъа буданд ва онро ишғол кардан зарур буд. Барои иҷрои ин мақсад 26 июни соли 1920 бо иштироки 26 нафар Гордчиёни Сурх, милитсияи халқӣ ва ҷавонони рӯҳияи инқилобӣ доштаи Поршнев маҷлис барпо гардид. Дар маҷлис лоиҳаи ишғол намудани қалъаи Хоруғ ва ба даст даровардани анбори яроқ кашида шуд. 27 июн ҳуҷум ба қалъа сар шуд, ки барои он отряди 20 нафара сафарбар карда шуда буд. Аксарияти он маҳаллиён буданд. Аз ҷумла, Азизбек Наврӯзбеков, Мирзобек Бодуров, Таваккал Худойбердиев, Ҳазратшо Хиромоншоев, Мубоșракшо Карамов, Карамхудо Элчибеков ва чанде дигарон бо сардории Хубоншо Наримоншоев иштирок доштанд. Бо ин дар Шуғнон аз сари нав Ҳокимияти Шӯравӣ барқарор карда шуд. Тамоми сардорони табаддулоти зидди шӯравии Помири Ғарбӣ ҳабс карда шуданд. Ба Хоруғ иштирокчиёни фаъоли барпо намудани Ҳокимияти Шӯравӣ Мадамир Абдуллоев, Руднев ва Вичич баргаштанд. Бо ёрии онҳо сафҳои милитсия аз сари нав пурра гардиданд. Онҳо асосан аз маҳаллиён буданд. Ба милитсияи халқӣ Вичич ва ба корҳои барқарор намудани хоҷагӣ Руднев роҳбарӣ мекарданд.

Барои барқарор намудани алоқа бо Туркистон, милитсияи халқӣ намояндагони худро ба Тошканд фиристод. Вазъияти ба вуҷуд омадаро ба ҳисоб гирифта, Ҳукумати Туркистон ба босмачиёни Фарғона зарбаи ҳалокатвор зада, алоқаро бо Помир барқарор намуд.

Октябри соли 1920, барои ҳимояи сарҳади Помири Шӯравӣ, бо сардории Семыкин отряди 350 нафара ва сентябри соли 1921 бошад, отряди 200 нафара бо сардории Дьяков махсус барои ҳимояи Помири Шарқӣ омаданд.

Бояд қайд кард, ки дар Помир босмачигарии маҳаллӣ набуд. Вале дар Помир дастаҳои босмачиёни Фарғона бо сардории Мадаминбек, Кӯри Шермат ва дигарон торочгарӣ мекарданд. Аз ин рӯ, муборизаи аҳолии Помир бештар зидди аксулинқилоби дохилӣ дар шахсияти сафедгордчиёни рус ва рӯҳониёну ашрофони маҳаллӣ равона карда шуда буд.

**б) Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ ва фаъолияти ӯ.**

Аз нав барпокунии органҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар Помир то миёнаи соли 1921 давом кард. Барои ҳарчи тезтар ҷорӣ кардани ин ҳокимият ва нигоҳ доштани он аз ҳуҷуми душманон ва барои роҳбарии умумӣ ба органҳои ҳизбию шӯравии Помир, сентябри соли 1921, Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ (дар ҳайати Шириншо Шотемур - намояндаи Помири Ғарбӣ, А. Ҳусейнбоев - Помири Шарқӣ ва Т.М. Дьяков-фармондеҳи отряди сарҳадӣ) ташкил ёфт. Бо фаъолияти ин Сегонаи ҳарбисиёсӣ дар Помир органҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар шакли ревкомҳо (кумитаи инқилобӣ) барқарор карда шуданд, ки то соли 1922 дар тамоми Помир вуҷуд доштанд. Дар Помири Шарқӣ боқимондаи дастаҳои босмачиён (дастаҳои ҷосуси англис Мамадҷумъа ва Зинченко) муқобилият мекарданд. Дар Помир ҷанги шаҳрвандӣ дар миёнаи дуюми соли 1921 ба охир расида буд. Мамлакати дар гузашта мустамлика акнун ба сохтмони сотсиализм қадам ниҳод. Помир ба давраи аз нав барқарор кардани хоҷагии халқи худ сар кард, ки ин раванд низ аз соли 1921 ва ба таври умумӣ аз соли 1922 сар шуда буд.

**в) Барҳам дода шудани бекигарии Масчоҳ ва ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ дар вилояти Суғд.**

Яке аз сабабҳои дер давом ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони шимолӣ ин ташкил ёфтани "бекигарии Масчоҳ" буд, ки дар натиҷаи қавӣ гаштани қувваҳои аксулинқилобӣ ва босмачиён ва хиёнати баъзе роҳбарони Ҳокимияти Шӯравии маҳаллӣ, дар охири соли 1919 ба вуҷуд омада буд.

Масчоҳ яке аз минтақаҳои сарҳадие буд, ки аз душвории роҳҳои он истифода бурда, чӣ қувваҳои аксулинқилобии русу маҳаллӣ ва чӣ босмачиён он ҷо паноҳ мeёфтанд. Онҳо бо роҳи фишороварӣ аҳолиро зидди Ҳокимияти Шӯравӣ бархезонданӣ мешуданд. Коркунони дастгоҳи шӯравиро нест мекарданд ва ё одамони рӯҳияи зидди шӯравидоштаро ба корҳои роҳбарикунандаи шӯроҳо интихоб ва ё таъин менамуданд. Чунин одамон дар кори ташкили иқтисоди сиёсӣ роҳи нодурустро пеш гирифта, қонуниятҳои шӯравиро поймол карда, бо ин роҳ душманони инқилобро ба мубориза бармехезонданд. Аммо на дар ҳама ҷо ба мақсади худ расиданд. Вале дар Масчоҳ, ин кор ба онҳо муяссар гардид.

Ташкилёбии бекигарии Масчоҳ ба номи Саид Аҳмадхӯҷа сахт пайванд аст, ки ӯ дар байни рӯҳониёни Масчоҳу Хуҷанд, Фарғонаю Тошканд обрӯю эътибори калон дошт. Падараш Эшон Авлиёхӯҷа рӯҳонии калон буда, дар Хуҷанд ҳаёт ба сар мебурд. Баъди дар Хуҷанд

барпо шудани Ҳокимияти Шӯравӣ Саид Ахмадхӯҷа бо роҳи фиреб раисии булуси Исфонаро ишғол намуда, дар маҳалҳо тартиботи кӯҳнаи амалдоронро ҷорӣ намуд. Деҳқонон ба Самарқанд аризаи шикоятӣ навиштанд. Аз Самарқанд комиссияи тафтишотӣ фиристода шуд. Омадани комиссияро шунида, ӯ гурехта дар Обурдон маскан гирифт, ки маркази Масчоҳ буд. Обрӯи дар байни рӯҳониён доштааш ва дастгирии босмачиёни фирорӣ буд, ки ӯ худро беки Масчоҳ эълон мекунад ва дар Масчоҳ, ки тақрибан 25 ҳазор нафар аҳолӣ дошт, тартиботи хониро ҷорӣ кардан гирифт ва бо босмачиёни Фарғонаю Бухорои Шарқӣ алоқа барқарор намуд. Дар зери шиори "ғазавот" ба ташкил намудани дастаҳои босмачигарӣ сар кард.

Бо супориши Ҳукумати ҶМШС Туркистон ҳамаи фармондеҳони Артиши Сурх бо органҳои ҳизбию шӯравии уезди Хуҷанд барои нест кардани бекии Масчоҳ тадбирҳо андешиданд. Моҳи марти соли 1920 қуваҳоро дар қишлоқи Ёрӣ, Дар-Дар ва Урметан ҷамъ намуданд, ки аз дастаҳои ихтиёриён ва эскадрони 2-уми полки махсуси саворан сарҳадии Самарқанд иборат буданд. Ба онҳо И.Ф. Куц фармондеҳӣ мекард. Дар озод намудани Фалғар Аскарони Сурх ва ихтиёриён талафоти калоне дода, онро озод намуданд. Рарз ҳам ишғол карда шуд. Аз сабабе, ки охири соли 1920 дар Фарғона зидди Мадаминбек ва Монстров зарба тайёр карда мешуду сарҳад бо аморати Бухоро нотинҷ буд, қувваҳои Артиши Сурх ба ин ҷо сафарбар шуда буданд, мубориза зидди бекии Масчоҳ қатъ гардид.

Ба Масчоҳ омадани Холбӯта, собиқ афсари армияи подшоҳӣ Венедиктов, духтур Прохоров, инчунин боқимондаҳои дастаи босмачиёни Эргашу, Мадаминбек ва зиёд шудани дастаи бек Саид Аҳмадхӯҷа Масчоҳро ба яке аз ноҳияҳои асосии ҷунбиши босмачиён табдил дод. Холбӯта дастаи калони босмачиёнро ташкил дод. Венедиктов бошад, нозири ҳарбии мири Масчоҳ шуд. Ҳамин тавр, бо омадани унсурони зиддишӯравӣ босмачигарӣ дар Масчоҳ авҷ гирифт.

Ҳукумати ҶМШС Туркистон бо умеди пешгирӣ кардани ҳамлаҳои босмачиёни Масчоҳ ва барқарор намудани сулҳ, бо роҳбарии Тоҷибой Ҳоҷимуродов ҳайати вакилони худро барои бастани шартномаи тарафайн ба Масчоҳ фиристод. Баъди музокироти дуҳафтаинаи байни намояндагони ҶМШС Туркистон ва Саид Аҳмадхӯҷа дар Кишлоқи Овчиуғук шартномае имзо карда шуд, ки мувофиқи он мебоист байни ҶМШС Туркистон ва бекии Масчоҳ пайвандҳои иқтисодию сиёсӣ барқарор карда мешуд ва якдигарро эътироф мекар-

данд. Дар навбати худ, бояд бек дар қаламрави худ ба намояндагони зидди шӯравӣ паноҳгоҳ намедод ва дар торумори онҳо ёрӣ мерасонд. Гарчи бек Саид Аҳмадхӯҷа борҳо Ҳукумати ҶМШС Туркистонро бовар кунонда буд, ки ӯ нисбат ба Туркистон осоиштагӣ ва оромиро вазифаи асосии худ мешуморад, вале ба ваъдааш вафо накард. Ба қишлоқҳои атрофи сарҳадии худ ҳамла ва тороҷгарии худро сар кард. Дар ин амалиётҳо дастаи Холбӯта, ки дар ихтиёри он тақрибан 1200 нафар босмачӣ буд, иштирок дошт. Фалғар аз тарафи онҳо ишғол гардид ва Аҳмадхӯҷа бародараш Аҳрорхӯҷаро ҳокими Фалғар эълон намуд. Дастгирии бекро ба назар гирифта, Холбӯта деҳаҳои атрофи Ӯротеппаю Хуҷандро тороҷ кардан гирифт. Ин ба даврае рост омада буд, ки дар Бухорои Шарқӣ амалиёти Анварпошшо сар шуда буд. Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро ва ҶМШС Туркистон бо дастгирии Бюрои Осиёи Миёнагии КМ ҲК (б) Р зидди босмачигарӣ (дар Бухорои Шарқӣ торумор кардани моҷарои Анварпошшо ва дастаҳои босмачиёни Масчоҳ) тамоми қувваҳои мусаллаҳи худро омода сохта буданд. Қувваҳои сафарбаршуда ба қаноти чап ва рост тақсим карда шуда буданд. Қаноти чапи ин қӯшун ба воситаи сарҳади ҷанубии бекии Масчоҳ мегузашт ва ба Қаротегин мебаромад. Мақсади он тоза кардани ин ноҳияҳо аз босмачиён буд. Ба ин қӯшунҳо аскарони дар уезди Хуҷанд буда ва дастаҳои ихтиёрии Ӯротеппа, Нов ва дигар ноҳияҳо ёрӣ медоданд, то ки дастаҳои босмачиёни Масчоҳ ба ин амалиёт халал нарасонанд. Ба ин зарба ташкилотҳои ҳизбии вилояти Самарқанд, милитсия, комсомол, қисмҳои ҳарбии махсус (ҚҲМ) сафарбар карда шуданд. Аз тарафи дигар, зулму истибдоди бек ва тороҷгарии қӯрбошиёни ӯ аҳолии Масчоҳро ба дод оварда буд.

Охири соли 1921 дастаҳои қӯрбошиён Аҳрорхӯҷа, Қобил-қӯрбошӣ ва Холбӯта шикаст дода шуданд. Холбӯта дар Масчоҳ паноҳ ёфт. Аҳрорхӯҷа бо ин рафтораш шартҳои аҳдномаи соли 1920 бастаро вайрон кард. Августи соли 1922 Артиши Сурх бо ёрии милитсия ва қӯшунҳои таиноти махсус (ҚТМ) ба барҳам додани босмачиёни Масчоҳ сар карданд. Ба онҳо Аҳмадбоев, А. Раҳимбоев, А. Ҳусейнов, Х. Усмонов ва сафармондеҳи ҳарбии вилояти Самарқанд Лисовский сардорӣ мекарданд. Гарчи ҳодисаҳои ба органҳои шӯравӣ таслим шудани босмачиён зиёд шуда бошад ҳам, дастаи Холбӯта соли 1922 аз 2 ҳазор зиёд буд. Артиши Сурх баъди ҷанги пуршиддате барои Обурдон Холбӯтаро шикаст дода, апрели соли 1923 Масчоҳро озод кард. Холбӯта ба Қаротегин гурехт. Беки Масчоҳ Саид Аҳмад-

хӯҷа таслим шуд. Бекигарии Масчоҳ ба охир расид ва бо ин ҷанги шаҳрвандӣ низ дар саргаҳи Зарафшону тамоми ноҳияҳои Тоҷикистони шимолӣ ба охир расид.

## Луғати истилоҳот

Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ-(СҲС)-ташкилот, органи ҳокимиятиро дар Помир гӯянд, ки охири соли 1921 дар ҳайати 3 нафар: Ш. Шотемур-намояндаи Помири Ғарбӣ, Ҳусенбоев-намояндаи Помири Шарқӣ ва Дьяков-намояндаи дастаи сарҳадии Помир ва КИМ Туркистон таъсис ёфта буд. Мақсад ва вазифаи СҲС мустаҳкам кардани Ҳокимияти Шӯравӣ буд.

## САВОЛҲО:

1. Дар ҳаракати зиддишӯравии Бадахшон киҳо роли асосиро мебозиданд?
2. Воқеаи марбут ба А. Холмаков ва Тимофеевро нақл ва шарҳ диҳед?
3. Сегонаи ҳарбӣ-сиёсиро барои чӣ сегона меномиданд шарҳ диҳед?
4. Таъсисёбӣ ва барҳамхӯрии бекигарии Масчоҳро нақл кунед?
5. Давраҳои асосии ҷанги шаҳрвандиро номбар кунед?
6. Фаъолияти тарафҳои мухолифро нақл кунед?

## Мавзӯъи II.

# ҲАРАКАТИ ЗИДДИ ШӮРАВӢ ДАР БУХОРОИ ШАРҚӢ

## § 5. Маъракаи якуми зарбазанӣ зидди босмачигарӣ.

**а) Сабабҳои ба амал омадани ҳаракати зиддишӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ.**

Баъди ташкилёбии ҶХШБ ҳукумати ҷумҳурӣ ба душвориии сахти иқтисодию сиёсӣ рӯ ба рӯ гардид. Ин душвориро душманони синфӣ барои нест кардани ҷумҳурӣ истифода кардани шуданд.

ҶХШБ бе ёрии ҷумҳуриҳои бародарӣ, аз он ҷумла, пролетариати рус, аз ӯҳдаи ин вазифа намебаромад. 4 марти соли 1921 дар Маскав байни ҶШФСР ва ҶХШБ аҳднома баста шуд, ки мувофиқи он ҶШФСР аз ҳамаи он корхонаҳое, ки Россия дар Бухоро дошт, бебозгашт даст кашид. Ҳамчунин Россия ӯҳдадор шуд, ки ба ҶХШБ мутахассисони соҳаҳои гуногунро мефиристад.

21 марти соли 1921 байни Бухоро ва Россия аҳдномаи ҳарбӣ-сиёсӣ баста шуд, ки он яке аз қисмҳои асосии мустаҳкам намудани музаффариятҳои инқилоби Бухоро буд.

Ёрии иқтисодӣ-ҳарбии Россияро ба назар гирифта, КМИ (Кумитаи марказии инқилобии) Бухоро 2 феврали соли 1921 дар бораи милликунонии замин, об, ҷангал, қарор қабул намуд.

Дигаргуниҳои асосии сотсиалистӣ бо ёрии омма ва барои худи омма гузаронида мешуд. Барои ин боварии оммаро низ ба даст даровардан лозим шуд. Барои ин мақсад соли 1921 ба Душанбе гурӯҳи коркунони ҳизбӣ ва шӯравӣ омаданд. Дар ҷумҳурӣ саросар дигаргуниҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ оғоз ёфтанд. Аммо синфҳои сарнагуншуда ҷанги шаҳрвандиро сар карданд. Дар Бухорои Шарқӣ қувваи асосии аксулинқилобӣ босмачигарӣ буд. Сардорони дастаҳои зиддишӯравӣ эътиқоди халқҳои маҳаллиро ба ислом истифода бурда, дар байни онҳо тарғиботи динии худро паҳн намуданд. Ҳар шахсе, ки барои Ҳокимияти Шӯравӣ мубориза мебурд ё тарафдори Ҳокимияти Шӯравӣ буд,- кофир эълон мешуд. Қисми зиёди қувваҳои зиддишӯравӣ, ки аз деҳқонони оддӣ буданд, аз сабаби паст будани дараҷаи фаҳмиши сиёсиашон ва суст будани иқтисодиёти кишвар то ҳол ба бойҳою муллоён побанд ва ба тарғиботи онҳо бовар мекарданд.

Ин вазъиятро империализми хориҷӣ ҳам ба инобат гирифта, қувваҳои зиддишӯравиро бо яроқ таъмин менамуд.

Сабаби дигари дар Бухорои Шаркӣ пурзӯршавии қувваҳои зиддишӯравӣ дар он буд, ки баъди рондани амир Олимхон бо хиёнати сардорони ЧХШБ ба сари ҳокимияти маҳаллӣ душманони ашадии инкилоб амалдорони амир Давлатмандбий, Эшони Султон-беки Дарвоз, Авлиёкулбек-собиқ беки Ҳисор сардорони комитетҳои инкилобӣ интихоб шуда буданд. То ҳатто Давлатмандбий ва Эшони Султон коркунони бехтарини ЧХШБ шинохта шуда, бо ордену нишонҳои хукуматӣ сазовор гардида буданд. Инро истифода бурда, комитетҳои инкилобӣ одамони дар сиёсат хомбударо барои ҳабс кардан ва тороч намудани бегуноҳон равона мекарданд. Инро дида, халқ ба органҳои Ҳукумати Шӯравӣ адоват пайдо мекарданд ва аксаран ба дастаҳои босмачиён дохил мешуданд.

**б) Оғози чанги шаҳрвандӣ дар Бухорои Шаркӣ. Иброҳимбек.**

Аввалин ташкилкунандаи дастаҳои зиддишӯравӣ дар Балчувон - Давлатмандбий, дар Кӯлоб-Ашӯртӯқсабо, дар Қизилмазор (ноҳияи Восеъ) - Туғайсари, дар Лакай - Иброҳимбек, дар Дарвоз -Эшони Султон ва дар Қаротегин - Фузайл Махсум буданд. Шиори асосии қувваҳои зиддишӯравӣ ғазовот буд. Рӯҳониён бошанд, ташфиқот мебурданд, ки халқ барои онҳо озуқаю лавозимот тайёр намояд.

Қисми зиёди сардорони дастаҳои зиддишӯравӣ одамони бой, амалдор ва чинояткорон буданд. Яке аз онҳо Иброҳим Чақабой буд, ки лақаби "галу"-яъне дуздро дошт. Ӯ соли 1889 дар оилаи сардори авлоди эсанхочаиён дар Кӯктош таваллуд ёфтааст. Иброҳим барои хизматаш аз беки Ҳисор хуқуқи ба фоидаи худ гирифтани музди осиёбу обчувозҳо ва закоти 12 хочагиро гирифта буд.

Дар Душанбе ӯ дар хузури амир Олимхон иштирок дошт. Амирро то Чубак гуселонида, худ ба хонаи падарарӯсаш Абдуқаюм ба қишлоқи Қаросуви Данғара рафт.

Воқеаҳои сиёсии соли 1921 баромадҳои зиддишӯравиро тайёр намуд.

Бойҳо мустаҳкамшавии ҳокимияти халқиро дида, шӯришро сар карданд. Июли соли 1921 тамоми Бухорои Шаркиро шӯришҳо фаро гирифтанд. Сараввал дастаҳои зиддишӯравӣ амалиётҳои алоҳидаалоҳида мегузарониданд. Вале баъдтар ба фишори Артиши Сурх тоб наоварда ба саркардаҳои номдор Иброҳим (Лақай), Султон (Дарвоз), Фузайл Махсум (Қаротегин), Хуррамбек (вил. Сурхон) муттаҳид шуданд.

Иброҳим аввалан яке аз аъзоёни дастаи Қаюм Парвоначӣ буд. Дар торочгарӣ тез ном бароварда, сардори даста шуд. Бо сардории ӯ охи-

ри моҳи август босмачиён хостанд, ки қалъаи шаҳри Кӯлобро гиранд, вале ҳимояттарони қалъа хабардор шуда, муҳорибаро ташкил доданд. Рӯзи 11-ум барои ёрӣ командири қалъа аскарон Умарқул Саидов ва Абдураҳмон Ғузакро ба Чубак фиристод. Аз Чубак ёрӣ омад. Босмачиён гурехтанд. Рӯзи дигараш бошад, 120 савораи шамшердор ба Мӯминобод равон шуда, дар роҳ бо 600 босмачӣ вохӯрданд. 80 кас кушта шуд. Босмачиён боз гурехтанд. Ин якумин шикасти калони босмачиён буд. Ин гурӯҳи ҳарбӣ ба Файзобод омад. Иброҳим бошад, Кӯлобро гирифта, аъзоёни комитети инқилобии вилоятро қатл намуд. Иброҳим худро дар ҷамъомади намояндагони амир бек ва сардори тамоми босмачиён эълон намуда, номи Иброҳимбекро гирифт. Ӯ Давлатмандбий (тоҷикон) ва Туғайсариро (ӯзбекон) дар Кӯлоб монда, худ ба Лақай рафт. Дар Қаротегин ва Дарвоз Фузайлу Эшони Султон ҳам сохти амиратро барқарор карданд.

Сентябри соли 1921 дар Султонобод ҷамъомади сардорони босмачиён шуд. Иброҳимбек эълон намуд, ки Ҳокимияти Шӯравӣ дар Ғарму Кӯлоб сарнагун карда шудааст. Намояндаи амир Аҳмадбек гуфт, ки Англия бо Ҳокимияти Шӯравӣ ҷангро сар карданист. Амир ҳам бо қувваҳои калон ба Бухоро омаданист. Аҳмадбек тӯҳфаи амиро - чойнамозеро, ки дар он "Ба мӯҳтарам Муҳаммад Иброҳимбек тӯқсабо" сабт шуда буд, ба Иброҳим дод ва минбаъд ӯ унвони "бек"-ро гирифт.

Иброҳимбек бо мақсади муайяне пойтахти худро қишлоқи Мазори Мавлоно интихоб карда, аз ин ҷо ба қишлоқҳои дуру наздик номаҳо дар бораи сар кардани "ғазовот" ва барҳам додани гарнизонҳои Артиши Сурх мефиристод. То нимаи августи соли 1921 дар Бухорои Шарқӣ Ҳокимияти Шӯравӣ фақат дар қишлоқҳое боқӣ монда буд, ки гарнизони Артиши Сурх мавҷуд буд. Ба ғайр аз ин ба ташкилёбии босмачигарӣ дар Бухорои Шарқӣ раиси КИМ ҶХШБ Усмонхӯҷа Пӯлодхӯҷаев ва бародараш Атоуллохӯҷа, ки намояндаи ҶХШБ дар Бухорои Шарқӣ буд, ёрии калон расониданд. Онҳо ба вазифаҳои масъули ҳукуматӣ душманони сохти шӯравиро таъин мекарданд, ва халқро зидди сохти шӯравӣ бармехезонданд.

Пӯлодхӯҷаев сардорони босмачиёнро ба дастгоҳи идоракунӣ таъин мекард. Бо онҳо созишнома ҳам баст. Атоуллохӯҷа ва Давлатмандбий 12 августи соли 1921 дар Балҷувон бо намояндагони босмачиёни Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз, Ҳисор ва Вахш шартнома баст, ки аз 8 модда иборат буд. Мувофиқи ин шартнома мебоист Артиши Сурх аз Бухорои Шарқӣ бароварда мешуданду ин вилоят ба ихтиёри бос-

мачиён вогузошта мешуд. Инчунин дар созишнома дар боран нест намудани коркунони фаъоли кумитаҳои инқилобӣ сухан мерафт.

Аз ҷумла, бо фармони онҳо душманони Ҳокимияти Шӯравӣ аз маҳбасҳо озод ва дигароне ба мансабҳои гуногуни шӯравӣ таъин ва пешбарӣ шуданд. Дар асл ин шартнома барҳам додани Ҳокимияти Шӯравиро дар Бухорои Шарқӣ дар назар дошт. Чунон ки дар шартнома гуфта мешуд, "тамоми қӯшунҳои русии гарнизонҳои Бухорои



Анвар пошшо

Шарқӣ бо аскарони Сурхи Бухорой иваз карда шаванд. Тамоми Бухорои Шарқӣ аз қӯшунҳои русӣ тоза карда шуда, ба ҳайати ҳукумати марказӣ ва маҳаллии Бухоро бештар одамони бонуфузи аҳли дин дохил карда шавад. 12 нафар фаъолони Шӯравӣ, ки исму насабашон дар шартнома зикр карда шудаанд, ҷазо дода шаванд. Вагарна шартнома эътибор пайдо карда наметавонад.

Баъди вохӯрӣ Атоуллохӯҷа ба Бухоро баргашта ба ҷои худ Шохзодаро таъин кард, ва ӯ дастаҳои нави босмачиёнро дар водии Вахш ташкил намуд.

Дар ҳақиқат, баъди ин созиш мубориза зидди баромадҳои зиддишӯравӣ суст гардид. Қисмҳои "Экспедитсияи Ҳисор" ба Самарқанд бурда шуданд. Он қисмҳои ҳарбие, ки ба Бухорои Шарқӣ оварда шуда буданд, отряди Ҳисорро иваз карда наметавонистанд. Хулоса, қувваҳои зиддишӯравӣ ҳамаҷониба тайёрӣ дида, ҳуҷумро ба Душанбе сар намуданд. Ҳуҷум 21 сентябри соли 1921 оғоз шуд. Иброҳимбек Душанберо ба муҳосира гирифта, талаб кард, ки гарнизон ароқашро гузорад. Командири гарнизон Т. Морозенко, ҷонишини ӯ Мухин ва консули генералии ҶШФСР дар Душанбе Нагорный шаҳрро ба муҳосира омода намуда, қосиди худро барои ёрӣ талабидан ба гарнизони Файзобод фиристоданд. Сарбозони гарнизон дар муддати 22 рӯз ҳуҷуми пайдарҳами Иброҳимбекро зада гардонданд. 14 октябр 100 нафар Аскарони Сурх аз гарнизони Файзобод ба ёрӣ расиданд ва Душанберо аз муҳосира озод намуданд.

Ҳамон рӯзи 14 октябр 100 нафар Аскарони Сурх бо ду пулемёт ба қишлоқи Мазори Мавлоно ҳамла оварданд. Инро дида Иброҳимбек боз ба Душанбе ҳуҷум намуд, вале шикаст хӯрда, Мазори Мавлоноро тарк кард.

**в) Ба Бухорои Шарқӣ омадани Анвар ва фаъолгардии ҳаракати зиддишӯравӣ.**

Ёрии империализми байналхалқӣ ҳам яке аз омили асосии амалиётҳои зиддишӯравӣ буд. Сентябри соли 1921 ба Бухорои Шарқӣ собиқ вазири мудофиаи Туркия Анварпошшо омад. Анвар ҳуқуқи ба Бухоро омаданро бо ёрии Ҳукумати ҶХШБ гирифта буд. Сентябри соли 1921 дар Боку анҷумани мусулмонони Шарқ барои дастгирии Коминтерн шуда гузашт ва Анвар дар он ғайрирасмӣ иштирок дошт. Намояндагони ҶХШБ ӯро ба Бухоро даъват намуданд. Аз Бухоро ӯ ногаҳон ғайб зад ва ба воситаи Шӯробод, Тирмиз, Қубодиён то ба Кӯктош ба назди Иброҳимбек омад. Дар ин ҷо ӯ ҳамчун сардори босмачиёни Бухоро ва Туркистон эътироф карда шуд. Дар ҳамин ҷо нақшаи амалиётҳои минбаъда кашида шуданд.

Дар тамоми Бухорои Шарқӣ то декабри соли 1921 Ҳокимияти Шӯравӣ фақат дар Душанбе боқӣ монда буду халос. Амир 9 декабр ба Иброҳимбек фармон дод, ки Душанберо забт намояд. Ҳамон рӯз дар Душанбе хиёнат ҳам шуд. Мутасадди фавқулоддаи ҶХШБ дар Бухорои Шарқӣ Усмонхӯҷа Пӯлодхӯҷаев ба муносибати командири гарнизон Т. Морозенко, ҷонишини ӯ Мухин ва консули ҳарбии ҶШФСР дар Душанбе Нагорный базм орост. Зимни сӯҳбат намояндагони ҳукумати ҶХШБ Пӯлодхӯҷаев, Алӣ Ризо, Фаррух Халил ва Дониёр хостанд Морозенко, Мухин ва Нагорныйро маҷбур кунанд, ки ба фармони беяроқкунии гарнизон имзо гузоранд.Вале онҳо ба ин фармон имзо нагузоштанд. Бо фармони У. Пӯлодхӯҷаев ин се нафар ҳабс карда шуданд. Баъди ин аз ваколатҳои худ истифода бурда ба беяроқсозии горнизони Душанбе сар карданд. Усмонхӯҷа Пӯлодхӯчаев ва Алӣ Ризо дар беяроқкунии баталёни сеюми полки 7-ум иштирок карданд. Аз амали Пӯлодхӯҷаев ва Алӣ Ризо шахси номаълуме аз аҳолии шаҳр ба баталёни 2-ум хабар додааст. Аз ин рӯ, баталёни 2-ум бонги хатар зада ба ҷанг омода гардида, аскарони беяроқшударо яроқнок намуданд. Дар ҳамин ҳолат Иброҳимбек аз қишлоқи Шоҳмансур ба Душанбе ҳамла овард. Ҷанг се рӯз давом ёфт. Гарнизони 550-600 нафара, ки аз 4 тараф муҳосира шуда буданд, беамон ҷангид. Иброҳимбек маҷбур шуд, ки ақиб нишинад. Дар қатори онҳо аъзоёни комисияи фавқулоддаи ҶХШБ дар Бухорои Шарқӣ ҳам ба Афғонистон фирор карданд. Вале вазъияти Душанбе беҳ нагардид. Қувваҳои зиддишӯравӣ тамоми атрофи Душанберо ба назорат гирифтанд. Нагорный бо Анвар ва Иброҳимбек мукотибаро сар кард. Дар охир босмачиён ба

гарнизон ваъда доданд, ки кучое, ки гарнизон рафтан хоҳад роҳашро мекушоянд, ба шарте, ки Душанберо тарк кунанд. То ҳатто ваъда доданд, ки ему хошок ҳам барои аспҳояшон медиҳанд. Ин воқеа 20 декабр ба вуқӯъ омад ва гарнизон ин талабро рад кард. Гарнизони Душанбе фақат баъди гирифтани фармон шаби 14-15 феврали соли 1922 шаҳрро тарк намуданд ва 22 феврал ба Бойсун расид. Дар тамоми Бухорои Шарқӣ Ҳокимияти Шӯравӣ барҳам дода шуд. Анвар даҳҳо табрикномаҳои мамлакатҳои хориҷӣ ва шахсони алоҳидаро қабул кард. Феврали соли 1922 бошад, ӯ ба Ҳукумати Шӯравӣ ултиматумро, дар бораи аз ҳудуди ҶХШБ ва ҶМШС Туркистон баровардани қӯшунҳои Артиши Сурх, инчунин ба расмият шинохтани давлати ташкилмедодаи худро пешниҳод кард.

Анвар ба Сурхондарё рафт. Дар он ҷо дастаҳои зиддишӯравии Мулло Абдулқаҳҳор амал мекард. Аз омадани Анвар хабардор шуда, қувваҳои зиддишӯравӣ боз рӯҳбаланд гардида Бухороро зери хатар гузоштанд. Дар тамоми Осиёи Миёна ҳаракати зидди шӯравӣ авҷ гирифт.

### Луғати истилоҳот

1. Экспедитсияи Ҳисор-гуфта отряди ҳарбӣ-экспедитсионии Ҳисорро меноманд, ки октябри соли 1920 барои сарнагун кардани амир Олимхон дар водии Ҳисор ва барпо намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ аз тарафи ҳукумати ҶХШБ аз ҳисоби қӯшунҳои худ ва Россияи Шӯравӣ таъсис дода шуда буд.

### САВОЛҲО:

1. Сабабҳои асосии ҳаракатҳои зиддишӯравиро дар Бухорои Шарқӣ шарҳ диҳед?
2. Сардорони муқовимати зиддишӯравии Бухорои Шарқиро номбар кунед?
3. Аз кадом воқеа оғоз ёфтани ҷанги шаҳрвандии Бухорои Шарқиро ба хотир оред?
4. Қӯрбошиҳо киҳо буданд ва чӣ мехостанд?
5. Анвар кист ва чӣ хел ба Бухорои Шарқӣ омад?
6. Фаъолияти Анварро дар Бухорои Шарқӣ нақл кунед?

## § 6. Моҷарои Анварпошшо ва Салим.

### а) Таъсис дода шудани Комиссияи Фавқулоддаи Диктаторӣ (КФД) оид ба корҳои Бухорои Шарқӣ.

Баъд аз сар задани моҷарои Анварпошшо вазъияти сиёсии Бухорои Шарқӣ душвор гардид. Барои ҳалли ин масъала ҳукумати Бухоро ва Россияи Шӯравӣ тадбирҳои фавқулодда диданд. Аз ҷумла, 2 январи соли 1922 Комиссияи Фавқулоддаи Диктатории КИМ ҶХШБ-

ро оид ба корхои Бухорои Шарқӣ таъсис дода, ба он ваколатҳои фавқулодда дар бобати муайян кардан ва ба ҳаёт татбиқ намудани тадбирҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва ҳуқуқиро доданд. Мувофиқи дастурамали додаи КИМ Умумибухорой, КФД ҳуқуқ дошт, ки дар асоси конститутсияи ҶХШ Бухоро дар ҳудудҳои қаламрави Бухорои Шарқӣ тартиботи инқилобиро ҷорӣ намояд, ҳокимияти номаҳдуди ҳарбӣ, гражданӣ ва вазифаи суди олиро ба амал барорад. Агар лозим бошад, қарорҳои КИМ-ро дар қаламрави худ бекор ва қарору фармонҳои навро ҷорӣ ва қабул, шахсан мансабдоронро сабукдӯш ва навро таъин намояд. Раиси КФД Н. Ҳакимов ва аъзоёнаш А. Акчурин, А, Камолов буданд. КФД ҳамроҳи штаби корпуси 13 тирандоз ҳаракат менамуд ва бо штаби корпус робитаи зич дошт.

**б) Ташкили маъракаи мубориза зидди Анвар.**

Бюрои Сиёсии КМ ҲК(б)Р 22 феврали соли 1922 масъала "Дар бораи вазъияти Бухоро"-ро муҳокима намуда қарор дод, ки барои ҳарҷи тезтар барҳам додани муқовимати зиддишӯравии аҳолии Бухоро, Шӯрои Ҳарбии Инқилобии Россия маблағ ҷудо намояд. Бюрои сиёсӣ 1 март "Дар бораи пурзӯр кардани қӯшуну воситаҳо дар Бухорои Шарқӣ" ва 13 март масъаларо "Дар бораи Бухоро" муҳокима намуд. Мақсад аз ин чорабиниҳо харҷониба ёрӣ додан буд. 20 апрел Бюрои Сиёсӣ масъала "Дар бораи фронти Туркистон"-ро муҳокима намуда, барои аниқ кардани ин масъала ба Тошканд С. Орҷоникидзеро фиристод. Баъдтар ӯ ба Бухоро омад. Инчунин чорабиниҳои ба ҳайати ҲК(б)Р қабул шудани ҲКБ (феврали соли 1922), табдил ёфтани Бюрои сиёсии Туркистонии ҲК(б)Р ба Бюрои Осиёи Миёнагии ҲК(б)Р (майи 1922), Комиссияи Фавқулоддаи Диктаторӣ оид ба корҳои Бухорои Шарқӣ (январи соли 1922 ва ташкил ёфтани корпуси 13 тирандоз аз ҳайати қисмҳои ҳарбии беҳтарини Россияи Шӯравӣ (аз ҷумла, армияи 1 савораи Будёный ва дивизияи 25 Чапаевӣ) чорабиниҳое буданд, ки дар микёси Осиёи Миёна то он рӯз ҳамто надошт. Ин чорабиниҳо маъракаи аввалини мубориза зидди босмачигарӣ номида шуда буд, ки дар амал мубориза зидди Анварпошшо буд.

Қувваҳои зиддишӯравӣ ҳам бекор нанишастанд. Ба Анвар муяссар гардид, ки қӯшуни 20 ҳазораи босмачигариро ташкил диҳад ва онро ба тариқи аврупой созмон диҳад. Қӯшунҳои зиддишӯравӣ ситод, хизмати интендантӣ ва госпиталию ақибгоҳро дошт. Ба ин шӯъбаҳо Орипов, Али Ризо, Сурайё, Махсуми Фузайл, Ҳасан, Дониёр, Эшони Султон дохил ва сардорӣ мекарданд. Ситоди Анвар дар




Харитаи амалиёт зидди дастаҳои Анвар Пошшо (июн-августи с. 1922)

байни шаҳракҳои Бойсуну Юрчӣ ҷойгир буд. Бо ташаббуси ӯ, дар қишлоқӣ Қарасу анҷумани муллою эшонҳо ва сардорони дастаҳои зиддишӯравӣ даъват шуда буд ва анҷуман "Ғазовот"-ҷанги зидди шӯравиро эълон карда буд. Ташаббуси ҷангиро Артиши Сурх ба дасти худ гирифт. Аввали июли соли 1922 ба дастаҳои зиддишӯравии атрофи шаҳри Бухоро, ки ба онҳо Абдукаҳҳору Дониёр сардорӣ мекарданд, зарба зада шуд. Дониёр шикаст хӯрда ба Анвар ҳамроҳ шуд. Қӯшунҳои корпуси 13-ум ба ду қанот "чап" ва "рост" тақсим шуда буданд. Қаноти рост мебоист бо сардории Никитин ба воситаи Шеробод-Кокайтӣ-Тирмиз-Қубодиён-Қӯрғонтеппа-Кӯлоб то ба Балҷувон ва қаноти "чап" аз Бойсун бо сардории Я.М. Мелкумов ба Деҳнав-Ҳисор-Душанбе-Кофарниҳон-Файзобод ва то ба Балҷувон мебаромаданд. Дар ҳайати қаноти "чап" гурӯҳи ҳарбие аз Самарканд ба сӯи Панҷакент ва Масчоҳ ҳаракат намуда, саргаҳи Зарафшонро аз босмачиён озод мекард. Мақсад он буд, ки босмачиёнро нагузоранд, ки пароканда шаванд ва ё ба хориҷа гурезанд.

15 июл қанотҳои росту чапи қӯшунҳои шӯравӣ ба ҳаракат даромаданд. Анвар дар атрофи Бойсуну Кафрюн муқобилияти сахт нишон дод. Вале истодагарӣ карда натавонист. Қӯшунҳои шӯравӣ 16 июн Миршодӣ ва 17 июн Деҳнаву Юрчиро ишғол намуданд. Анвар бошад бо воситаи гузаргоҳи дараи Тангимуш ба водии Сурхон ақиб нишаст ва аз ин ҷо аз вазири ҳарбии Афғонистон ёрии иловагӣ пурсид. Сабаби асосии мурочиати Анвар ба вазири ҳарбии Афғонистон Нодирхон

найрангҳои Иброҳимбек буд. Дар асоси ин талаб ҳукумати Афғонистон дар муддати моҳҳои июн ва июл ба Анвар 800 нафар афғонрӧ фиристода буд. 18-19 ва 20 июн дар атрофи қишлоқҳои Сариосиё ва соҳили дарёи Тупаланг ҷангҳои сахт шуданд ва ба Анвар талафотҳои зиёде расонида 30 июни соли 1922 Ҳукумати ҶХШБ ба ҳукумати Афғонистон нотаи эътирозӣ фиристода дар он қайд шуда буд, ки ёриро ба Анвар қатъ намояд. Аз муваффақиятҳои ибтидоии амалиётҳои худ истифода карда, қаноти рости қӯшунҳои корпуси 13-ум. 1 июл сарҳадро бо Афғонистон дар водии Вахш то Сарои Камар баст, то ки қӯшунҳои Анвар ба Афғонистон нараванд ва қӯшунҳои Афғонистон ба Бухорои Шарқӣ наоянд. Қаноти чапи корпус бошад, 1 июл Регар, Ҳисор ва Қӯрғонтеппаро ишғол намуд. Ҷанги сахт дар қишлоқи Арғамчини Қаратоғ шуд, Анвар кӯшиш кард, ки Душанберо ҳимоя намояд ва ба ин тайёрӣ дид.

14 июли соли 1922 қӯшунҳои шӯравӣ баъди задухӯрди начандон калон Душанберо ишғол карданд. Қӯшуни Анвар пароканда шуд. Дастаҳои зиддишӯравии Масчоҳ бо сардории Раҳмон додхоҳ ба қаторкӯҳҳои Ҳисор, босмачиёни Қаротегину Дарвоз бо сардории Махсуми Фузайл ва Эшони Султон ба тарафи Янгибозор ва боқимонда бо сардории Анвар ба тарафи Кӯктош ва водии Лақай парешон шуданд. Иброҳимбек Анварро дар Кӯктош гузошта худ ба кӯҳҳои Рангон баромада рафт. Анвар ба воситаи ағбаи Фахробод ба водии Вахш баромада, хост Қӯрғонтеппаро ишғол намояд, вале аз тарафи қӯшунҳои савораи полки 15 зарбаи сахт хӯрда, роҳи Сангтӯдаро пеш гирифт. Аз тактикаи ҷангии ӯ пай бурда, полки савораи 16 пеш аз ӯ ба Сангтӯда расиданд. Анвар бо 5 ҳазор сарбоз ба Сангтӯда шитофт. Вале гурӯҳи сарбозони Давлатмандбий ба оташфишонии қӯшунҳои Сурх тоб оварда натавониста, қафо гаштанд. Инро истифода карда қӯшунҳои Сурх ба қаноти чапи қӯшунҳои Анвар зарба зад ва Анвар истодагарӣ карда натавониста роҳи Балҷувонро пеш гирифт. Ба Анвар муяссар гардид, ки қӯшунҳои худро ҷамъ оварад. 17-18-19 июл дар Балҷувон ҷанги сахт шуд ва Анвар шикаст хӯрд. 20 июл Балҷувон ишғол карда шуд. Анвар бо 500 нафар қӯшунаш, ки аксаран афғонҳо буданд, ба тарафи қишлоқи Обдара ақибнишинӣ кард. Барои задухӯрди Балҷувон полки савораи 15 унвони "Балҷувони"-ро гирифта буд. 4 август Анвар кӯшиш кард, ки сафҳои лашкари шӯравиро рахна карда, ба воситаи Баҳорак ба хориҷа равад. Вале натавонист. Полки 16 ҳам ба ҳуҷум гузашт. Анвар баъди панҷумин захмдоршавиаш ҳалок шуд. Давлатмандбий ҳам кушта шуд.

Ба як гурӯҳ босмачиён муяссар гардид, ки аз муҳосира бароянд, вале онҳо шикаст хӯрданд. 4 август фаъолияти босмачигарӣ бо сардории Анвар ба охир расид. 19 августи соли 1922 иҷлосияи КИМ Умумибухороӣ ахборро дар бораи маҳви Анвар шунида миннатдории худро ба Артиши Сурх баён кард. Вале ҳоло ҷанги шаҳрвандӣ ба охир нарасида буд. Иброҳимбек қисми зиёди ноҳияҳои имрӯзаи Рӯдакӣ (Ленин) , Ёвон, Ҷомиро (Хоҷамастон) дар зери назорат гирифта буд. Қаротегину Дарвоз дар зери назорати Махсуми Фузайл ва Эшони Султон буданд. Баъди шикаст дода шудани Анвар қӯшунҳои шӯравӣ ба маҳв сохтани Иброҳимбек сар карданд. Вале вазъияти ҳарбӣ баъди ба Бухорои Шарқӣ омадани Сомипошшо, тағйир ёфт.

**в) Маъракаи дуюми зарбазанӣ ба босмачигарӣ ва ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон.**

Бо ташаббуси Англия баъди шикаст хӯрдани Анвар, дар Кобул, дар ҳузури Олимхон ҷамъомаде баргузор гардид, ки дар он сардорони босмачиён ва ташкилотчиёни он аз тарафи Афғонистон Муҳаммад эшон ва Эшонқозӣ, аз Тошканд-қозӣ Қузуд ва Азим Афандӣ, аз Фарғона Қорӣ Афандӣ, аз Бухоро - Усмонхӯҷа Пӯлодхӯҷаев ва Ориф Ҳомид, аз туркманҳо Мулломуҳаммад иштирок доштанд. Ин ҷамъомад дар ҳайати Олимхон, У. Пӯлодхӯҷаев, Қорӣ Афандӣ ва намояндагони ҳукуматҳои хориҷӣ маркази роҳбарии босмачигариро дар Осиёи Миёна ташкил дод ва инчунин Сомипошшоро, ки яке аз ёрдамчиёни Анвар буд, сардори босмачиёни Осиёи Миёна эълон кард. Октябри соли 1922 Сомӣ ба воситаи Қалъаи Хумб ба Дарвоз омад. Ӯ рақобати Эшони Султон ва Махсуми Фузайлро ба манфиати худ истифода кард. Бештар бартарии Махсуми Фузайл Сомиро водор кард, ки тарафи ӯро гирад. Бо супориши Сомӣ Фузайл ба Дарвоз лашкар кашид ва дар Ванҷи имрӯза Эшони Султон ва бародараш Эшони Сулаймон ба қатл расонида шуданд. Фузайл худро амири Қаротегину Дарвоз эълон кард. Дар навбати худ Фузайл Сомиро ҳамчун ворисн Анвар эътироф намуд ва дастаи 500-600 нафараи худро бо сардории бародараш Саъдон ҳамроҳи Сомӣ ба водии Кӯлоб фиристод. Вале босмачиёни Кӯлоб сараввал аз қафои ӯ нарафтанд.

Сомӣ декабри соли 1922 номи худро тағйир дода ба зани бевамондаи Давлатмандбий хонадор шуда, номи Салимпошшоро гирифт. Баъди ин воқеа босмачиёни водии Кӯлоб ӯро эътироф карданд. Декабри соли 1922 Салим Кӯлобро дар муддати 15 рӯз ба муҳосира гирифта бо ҳуҷумҳои пай дар пай тавонист, ки гарнизони 60-70 нафараро маҳв созад. Командири гарнизон Гольцев ба

аскари қаторӣ Абдулназар фармон дод, ки пинҳонӣ гарнизонро тарк карда, воқеаро ба гарнизони Кангурт расонад. Абдулназар ба Кангурт расид, вале аскарони полки 15-ум дер карданд. Салим Кӯлобро ишғол карда, Аскарони Сурхи боқимондаро, ки дигар тир надоштанд, маҳв сохта буд. Вале дар Кӯлоб истодагарӣ карда натавонист. Полки 15-уми савора ӯро аз Кӯлоб ронданд. Баъди ин шикаст Салим ба водии Ҳисор омаданӣ шуд. Дар ағбаи Фахробод ҷанги сахте шуд ва ӯ ба водии Ҳисор фаромада натавонист. Ӯ баъди забти Қӯрғонтеппа (феврали соли 1923) ба қишлоқи Шӯрёнбоши Эсанбой омад ва Иброҳимбек ба итоати ӯ даромад.

Дар Шӯрёнбош ӯ ҷамъомади сардорони босмачиёнро гузаронида аз ҳамин қишлоқ фармонҳои худро ба ҳар тараф фиристодан гирифт.

Баъд аз чунин тайёриҳо Салим Иброҳимбекро дар водии Ҳисору Вахш гузошта, худ ба тарафи Ғузору Қаршӣ ҳаракат кард. Мақсади ин ҳаракат аз он иборат буд, ки ба ӯ қувваҳои зиддишӯравии Бухорои Марказӣ ва Ғарбӣ ҳам ҳамроҳ шаванд. Инчунин мардумро барои зидди Ҳокимияти Шӯравӣ шӯронидан қишлоқҳои атрофи Самарқандро ғорат кардан гирифт. Дар вақти ғораткунӣ ҳатто ба забони русӣ ҳарф мезаданд. Вале сардорони босмачиён хато карданд. Акнун мардуми таҳҷой тамоили ба тарафи шӯравиҳо гузаштанро сар карда буд. Ин яке аз муваффақиятҳои калони мубориза зидди қувваҳои зиддишӯравӣ буд. Ба Салим муяссар нагардид, ки қувваҳои зиддишӯравии Бухорои Марказӣ ва Ғарбиро муттаҳид намояд. Салим дар водии Қаршӣ дар моҳи март шикасти қатъӣ хӯрда, як қисми сарбозонаш аз итоати ӯ баромаданд. Дар ҳамин ҳолат Иброҳимбек боз шахсияти рақами аввал гардид. Баъди Қаршӣ Салим кӯшиш кард, ки ба сарҳад барояд, вале дар Келиф шикаст хӯрда, маҷбур шуд, ки ба водии Ҳисор гурезад. Дар нимаи дуюми моҳи май Салим қӯрбошиҳои Боботоғ, Хонақо, Файзободро ба Лақай даъват намуда, ва ҳамаи онҳоро ба тарафи чапи дарёи Вахш бурд. Вале Иброҳимбек барои ба худ тобеъ кардани қӯрбошиҳо бештар имкон дошт. Аввалан ин ки дар ихтиёри ӯ то 5



Ҷанговарони дастаи экспедитсионии Самарқанд

ҳазор ҷангиён буданд. Сонияи, то ҳол Иброҳимбек шикасти сахт нахӯрда буд. Зиддият байни қурбошиҳо зиёд буд. Зиддияти байни Салиму Иброҳимбек аз як тараф, байни Иброҳимбеку Махсуми Фузайл аз тарафи дигар, нагузоштанд, ки тамоми дастаҳои босмачиён муттаҳид шаванд. Аввали моҳи июн задухӯрди охирин бо Салим шуда гузашт. Дар қишлоқи Аулкиик Иброҳимбек полки 2 савораи Туркистонро муҳосира кард. Ба ин қишлоқ Салим ҳам бо 2 ҳазор сарбоз омада буд. Ҳарду сардорон бештар ҳамдигарро тарсониданӣ буданд. Фармондеҳи полк Панкеев зиддияти онҳоро истифода бурда, ба тарафи дастаҳои Иброҳимбек ҳамла овард. Полки 1 савора бо сардории Мелников бошад, ба қафои қӯшунҳои Салим баромада, зарба зад. Иброҳимбек ва Салим шикаст хӯрданд. Онҳо дар муҳорибаи Гулибулоқ, Бешбулоқ, Аулкиик ва гузаргоҳи Қизилқалъа (18-21 майи соли 1923) зиёда аз 800 касро талаф доданд. Баъди чандин шикастхӯриҳои дигар Салим 15 июли соли 1923 ба воситаи гузаргоҳи Хирманҷой ба Афғонистон рафт. Дастаи 1,5 ҳазор нафаран Иброҳимбек низ ба гурӯҳҳои хурд тақсим шуда дар Бобоតоғ, Лақай ва Вахш парешон шуданд.

**г) Шикаст хӯрдани Фузайл Махсум.**

Июл-августи соли 1923 Қаротегин ва Дарвоз озод карда шуданд. Барои озод кардани Қаротегину Дарвоз экспедитсияи махсус ташкил дода шуда буд, ки бо номи "Отряди экспедитсионии ҳарбӣ сиёсӣ иқтисодӣ ва маданӣ" маълум аст. Экспедитсия ду марказ дошт: Файзобод ва Ӯротеппа. Ба гурӯҳи ӯротеппагӣ Е.Н.Шветсов фармондеҳӣ мекард. Ӯ инчунин фармондеҳи гурӯҳи самаркандии экспедитсия ҳам буд. Фармондеҳи гурӯҳи файзободӣ Баранов буд.

Шветсов босмачиёни саргаҳи Зарафшонро торумор намуда, ба воситаи гузаргоҳи Дубурса ба тарафи рости водии Сорбуг фаромад. Дар дашти Хирсун ва Сиёдара Холбӯтаро шикаст дода, қишлоқи Шингиличро ишғол намуд.

Баранов бошад, Махсуми Фузайлро дар Оби Гарм шикаст дода, ҷангкунон қишлоқҳои тарафи рости Вахш (Алигалабон, Сечароғ, Чорсада, Пумбачиро ва 29 июл Ғармро озод намуд. Барои Ғарм ҷанги сахти 6 соата шуд. Махсуми Фузайл ба Тавилдара ва Чилдара қафо нишаста, ба Қалъаи Хумб гурехт. 11 август қӯшунҳои экспедитсия Қалъаи Хумбро ишғол карданд. 12 август Фузайл Махсум дар наздикии Балҷувон шикаст хӯрда, ҳамроҳи бародараш Саъдон ба Афғонистон гурехт. Моҳҳои сентябр-октябри соли 1923 Иброҳимбек боз қувваҳои зиддишӯравиро муттаҳид карда бо дастаи 5000 нафарааш дар Ёвону Даҳанакиик амалиётро сар кард. Дар задухӯрдҳои Ӯрта Қайнар, Норин. Ҷончиқ шикаст

хӯрда зиёда аз 1000 нафар босмачиро аз даст дод. Маҳз дар ҳамин давра қӯшунҳои шӯравӣ нисбат ба босмачиён бартарии комил доштанд. Дар ҳайати қӯшунҳои шӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ 5832 аскар бо 222 пулемёт амал мекард. Дар задухӯрди Ҷончиқ Иброҳимбек бо дастаи 380( нафараи саворагонаш, ки дар ихтиёрашон 6 пулемёти дастӣ ва тақрибан 20 автомати англисӣ доштанд, қӯшунҳои 1520 нафараи шӯравиро, ки 800 нафарашон шамшеру 720 нафарашон милтиқ ва 5 дастгоҳи пулемётӣ, 16 пулемёти дастӣ доштанд, ба муҳосира гирифта буд. Вале оқибат шикаст хӯрд. Декабри соли 1923 дар Бухорои Шарқӣ камтар аз 1,5 ҳазор босмачӣ боқӣ монда буду халос. Ҳамин тариқ, маъракаи дуюми зарбазанӣ, ки зидди Салим тайёр ва гузаронида шуда буд, бо шикасти дастаҳои калони босмачиёни тамоми Бухорои Шарқӣ анҷомид. Бо ҳамин ҷанги шаҳрвандӣ ҳам дар Тоҷикистон ба охир расид. Вале амалиётҳои зиддишӯравӣ ҳоло давом меёфт. Дастаҳои зиддишӯравӣ ба дастаҳои ғоратгарон табдил ёфта, хусусияти сиёсии худро гум карда буданд.

Ҳамин тариқ:

--ҷанги шаҳрвандӣ солҳои 1918-1923-ро дар бар гирифта, дорои хусусиятҳои худ будааст;

-- ин ҷанг мақсад ва заминаи худро доштааст;

-- қувваҳои ба ҳамдигар размкунанда аз ҳарду тараф аз берун идора мешудаанд;

-- қувваҳои ба ҳамдигар размкунанда баҳри ҳадафҳои сиёсии системаҳои сиёсӣ (сотсиализми навтавлид ва капитализм) меҷангиданд.

Дар масъалаи даврабандӣ бошад, ҷанги шаҳрвандии солҳои 1918-1923-и Тоҷикистон се давраро: а) 1918-охири 1920; б) тобистони 1921-тирамоҳӣ 1922: в) тирамоҳи 1922 - тирамоҳи соли 1923 -ро дар бар мегирад.

Дар давраи якӯм, ҷанг танҳо шимоли Тоҷикистон ва Помирро дарбар гирифта буду тақдири он ба ғалаба ё шикасти Ҳокимияти Шӯравӣ ба Россия вобаста буд.

Давраи дуюм, тобистони соли 1921-тирамоҳи соли 1922-ро дар бар гирифта, самти асосии ҷанг зидди Анвар равона шуда буд. Дастаҳои Иброҳимбек, Фузайл, Эшони Султон, Ғаюрбек ва босмачиёни шимоли Тоҷикистону ҳатто туркманҳо дар ҳамин давра фаъол гардиданд, ки инро баъзеҳо бо омадани Анвар алоқаманд мекарданд, ки омили асосӣ набуд. Омили асосӣ мазҳаб -дин буда, тоҷик асосан саҳван баҳри ҳимояи дину мазҳаб ва оилаи худ бархоста буд. Анвар ба ин саҳви омма ҷанбаи сиёсӣ доду халос.

Дар давраи сеюм - Салимпошшо сабаби фаъолгардии босмачигарӣ гардид. Чунки ӯ мехост маҳз қувваҳои зиддишӯравиро муттаҳид созад. Ин қувваҳо акнун соф ҳадафи сиёсӣ доштанд. Ҳадаф барқарор кардани ҳокимияти амирӣ буда, ҳимояи исломy мусулмононро шиор карда буданд.

**д) Сабабҳои асосии шикаст хӯрдани ҳаракати зиддишӯравӣ.**

Сабабҳои шикастхӯрии ҳаракати зиддишӯравӣ зиёданд. Вале асосиашон инҳо мебошанд:

1. Тафовут дар гуфтору рафтори қувваҳои зиддишӯравӣ. Онҳо худро ҳомии халқу ислом эълон карда даст ба ғорати халқ заданд;

2. Фиреб додани босмачиёни қаторӣ. Онҳоро барои ҳимояи дин, имон ва оилаи худ даъват карданду зидди ҳокимият ва халқи худ бурданд. Инро дида қисми зиёди фиребхӯрдагон аз мубориза даст кашиданд;

3. Рақобати байни сардорон ва дастаҳои зиддишӯравӣ. Ҳар даста худро ҳокими минтақаи амалиёти худ медонист ва ба муттаҳидшавӣ кам рағбат дошт;

4. Сиёсати пешгирифтаи Ҳокимияти Шӯравӣ нисбат ба босмачиён. Эълони авфи босмачиёни оддӣ ва ҳатто қӯрбошиҳое, ки ихтиёран таслим мешуданд. Ёрии иқтисодӣ ба таслимшудагон. Ёрии Ҳокимияти Шӯравӣ ба деҳаҳои ғораткардаи босмачиён. Ташкили ҳимояи аҳли меҳнаткаш;

5. Ёрии ҳарбӣ, сиёсӣ, иқтисодии Россияи Шӯравӣ;

6. Дастгирии Ҳокимияти Шӯравӣ аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ. Ҳаракати "Аз Россияи Шӯравӣ даст кашед!" дар тамоми давлатҳои мутараққии ҷаҳон ба амал омада буд. Рӯз аз рӯз афзудани дӯстони Иттифоқи Шӯравӣ;

7. Ҳақ будани муборизаи Ҳокимияти Шӯравӣ барои нигоҳ доштани истиқлолият ва бутунии ҳудудҳои худ.

### Луғати истилоҳот

1. Комиссияи Фавқулоддаи Диктаторӣ (КФД) - органи ҳокимияте буд, ки онро КИМ Ҷумҳурии Бухоро марти соли 1922 дар Бухорои Шарқӣ таъсис дода буд. Вазифаи он татбиқи ҳама қарордодҳои ҳукумати Бухоро ва агар лозим ояд қабули қонунҳои наву бекор кардани пештараҳоро дошт. Ин Комиссия ҳафтае як маротиба ба тариқи хаттӣ ба ҳукумат ахборот медод. Ин Комиссия доимӣ буда, ҳайати он тез-тез иваз карда мешуд. КФД-ин дар асл як намуди ҳокимияти мухтор ҳам буд. Дар

ҳайати он комиссия органҳои хоҷагӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, маданӣ, судӣ, маъмурӣ ва ғайра шомил буд.

2. Экспедитсияи Қаротегин-гуфта экспедитсияи ҳарбӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданиеро мегӯянд, ки соли 1923 Ҳукумати Ҷумҳурии Халқӣ Шӯравии Бухоро ва ҶШФСР барои барҳам додани дастаҳои босмачиёни водии Қаротегин ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар ин минтақа таъсис дода буд. Экспедитсия амалиётҳои ҷангии худро аз Файзобод ва Масчоҳи Кӯҳӣ миёнаи тобистони соли 1923 сар карда 15 октябри соли 1923 анҷом дод.

### САВОЛҲО:

1. Шарҳи ҳоли Иброҳимбек, Анвар, Салим, Махсуми Фузайлро нақл кунед?
2. Ҳайати иҷтимоии босмачиёнро шарҳ диҳед?
3. Амалиётҳои Иброҳимбекро нақл намоед?
4. Маъракаи муборизаро зидди Анвар ва Салим шарҳ диҳед?
5. Давраҳои асосии ҷанги гражданиро номбар кунед?
6. Сабабҳои асосии ғалабаи шӯроҳоро шарҳ диҳед?
7. Сабабҳои шикастхӯрии ҳаракати зиддишӯравиро номбар кунед?

## § 7. Гузариш ба ҳаёти осоишта.

### а) Вазъияти иқтисодии Тоҷикистон дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ.

Сар задани ҷанги шаҳрвандӣ авзои иқтисодии мамлакатро тамоман тағйир дод. Он қарорҳо, чорабиниҳое, ки барои амалӣ гардонидани сиёсати иқтисодии Ҳукумати Шӯравӣ нагаронида шуда буданд, зарур омад, ки муваққатан аз газаронидани онҳо худдорӣ карда шавад. Ҷанг вазифаҳои нави сиёсати иқтисодии мамлакатро тақозо кард. Дар саноат Давлати Шӯравӣ аз сиёсати ҷорӣ намудани назорати коргарӣ аз болои истеҳсолот ва тақсимоти маҳсулоти тавлидшуда ба фавран миллӣ кардани корхонаҳое, ки аҳамияти стратегӣ-ҳарбӣ доштанд, гузашт. Дар асоси қарори Шӯрои уезди Хуҷанд аз 24 марти соли 1918 9 заводи пахтатозакунӣ, заводҳои собунпазии дар шимоли Тоҷикистон буда, миллӣ карда шуда буданд. 27 март барои ба кор андохтани ин заводҳои миллӣ шуда Шӯрои Хуҷанд қарорро дар бораи мусодираи захираи пахтаи анборҳои савдогарон қабул кард. Моҳи сентябр саноати чарм ва моҳи майи соли 1919 корхонаҳои чармгарӣ, шаробкашӣ, биноҳои маъмурии ба бонкҳою идораҳои кони нефти "САНТО", ангишти Сулукта, Шӯроб тааллуқ дошта, миллӣ карда шуданд. Аз ҳамаи корхонаҳои миллишуда танҳо роҳи оҳани Хуҷанд ва тамоми муассисоти ба он марбутбуда, пурра кор мекард. Шабакаи роҳи оҳани Хуҷанд ба душвориҳои зиёди сӯзишворӣ нигоҳ накарда, борҳои ҳарбӣ-хоҷагӣ

ва мусофир мекашониданд. Устохонаҳои роҳи оҳан хуб кор мекарданд. Онҳо баробари касби асосии худ инчунин ба таъмири яроқу аслиҳа машғул буданд. Конҳои ангишти Шӯробу Сулукта ва нафти "САНТО" ба ғайр аз зимистон қариб, ки пурра кор мекарданд. Заводҳои пахтатозакунӣ, мевахушккунӣ, шишабарорӣ қариб, ки кор намекарданд. Баъзеи онҳо фақат аз соли 1923 сар карда ба кор шурӯъ карданд. Ин буд, ки нарх ба маҳсулоти саноат хеле баланд рафт. Ва таъмини аҳолӣ ба ашёҳои зарурии хоҷагӣ ба зиммаи корхонаҳои ҳунармандӣ афтид. Ҳукумати Шӯравӣ дар барқарор намудани саноати ҳунармандӣ ёрии моддии худро дар шакли ашёи хом ва қарзи дарозмуддату бефоиз мерасонд. Вале аз сабаби паст будани ҳосилнокии меҳнат талаботи аҳолӣ пурра қонеъ намешуд. Аз ин рӯ, ба ташкили кооператсияҳо аз рӯи ихтисосу ҳунар сар карда шуд. Соли 1920 аввалин кооператсия бо номи "Бофанда" дар Хуҷанд таъсис ёфт. Солҳои 1923-1924 шумораи кооператсияҳои ҳунармандӣ хело афзуд ва дар тамоми ҳудудҳои Тоҷикистон амал мекарданд, ки шумораи зиёди ҳунармандонро муттаҳид намуда буданд. Масалан, кооперативи "Бофанда"-и Хуҷанд зиёда аз 1000 нафарро, мӯзадӯзҳои Хуҷанд 100 нафар, артелҳои пахтатозакунӣ ва пахташоназанӣ 440 ҳунарманд, 5 артели истеҳсоли шоҳӣ 83 нафарро муттаҳид карда буданд.

Аз соли 1920 сар карда, давлат фармоишгари асосии корхонаҳои ҳунармандӣ гардид. Агар ҳунарманд маҳсулоти истеҳсолкардаашро фурӯхта наметавонист, давлат онро мехарид. Ин ёрӣ имконият дод, ки аввалан, ҳунармандӣ накоҳад ва баъдан дар солҳои 1917-1924 ҳунармандӣ соҳаи асосии ба маҳсулоти саноатӣ таъмин намудани талаботи шаҳру деҳот гардида буд. Ҳиссаи саноат дар ташкили буҷаи давлат ва шумораи коргарон зиёд набуд. Аксарияти аҳолӣ дар деҳот зист дошт. Тоҷикистон кишвари деҳқонӣ буд. Бинобар ин ҷанг бештар ба ин табақа сару кор мегирифт. Барои ҳалли масъалаи деҳот деҳқононро бо замин таъмин кардан даркор буд. Дар солҳои 1918-1920 доир ба ин масъала дар шимоли Тоҷикистон якчанд чораҷӯи карда шуд. Ҳоло дар асоси Декрет дар бораи замин ба таъсиси органи тақсимоти замин - комитетҳои камбағалон сар карда шуда буд. Аз апрели соли 1918 то майи соли 1919 дар тамоми волостҳои шимоли Тоҷикистон ин комитетҳо таъсис ёфта буданд. Дар давраи аввал ин комитетҳо ба мусодира кардани заминҳои помещикони рус ва феодалони калони маҳаллӣ сар карданд.

Декабри соли 1918 аз бойҳои волости Қистақуз 10 ҳ. танофи замини обӣ ва 5 ҳазор таноб замини лалмӣ ва аз бойиновӣ -Муҳаммад Расулмахсум Аҳмадхонов 90 таноб замин ва аз бойи дигари новӣ 284 таноб замин мусодира карда шуда буд. Инчунин заминҳои вакф ҳам мусодира карда шуда буданд. Ҷамъоҷамъ 2,5 ҳ. десятина замин мусодира карда шуда буд. Ин заминҳо ба ҳисоби 8 танобӣ ба ҳамаи чоряккорону иҷоракороне, ки пеш ин заминҳоро кишту кор мекарданд, тақсим карда шуда буд. Минбаъд мусодиракунии заминҳои феодалӣ дар доираи сиёсати "коммунизми ҳарбӣ" давом ёфт.

Деҳқононе, ки дар рафти барпошавӣ ва ибтидои мутаҳкамшавии Ҳокимияти Шӯравӣ замин нагирифта буданд, ҳоло ҳам ба чоряккорию иҷоракорӣ машғул буданд. Барои дастгирии онҳо Ҳокимияти Шӯравӣ қонуни маън кардани хариду фурӯши замин ва иҷора додани онро қабул кард. Заминдорони калон ва бойҳо заминҳои худро кишт карда натавонанд ҳам, заминро ба деҳқонон намедоданд. Заминҳои киштнашуда бисёр шуданд. Ҳокимияти Шӯравӣ қонун "Дар бораи истифодаи заминҳои бекормонда"-ро қабул карда, иҷозат дод, ки касе заминаш аз меъёр (8 десятина) кам бошад, чунин заминҳои бекор мондаро метавонад кишт кунад. Вале аз сабаби камҷуръатӣ ва тарс аз бой деҳқонон ин корро намекарданд. Давлат дар чунин заминҳо кишти давлатӣ гузарониданро сар карда колхозҳо ташкил медод. Дар Деҳмой, Дашти Амин. Чумчуқарал. Парчаюз, Оқйёр аввалин артелҳо, коммунаҳо ва ширкатҳо таъсис ёфтанд. Шумораи колхозҳои Тоҷикистони шимолӣ соли 1920 ба 20 адад расида буд.

**б) Сиёсати "коммунизми ҳарбӣ".**

Сиёсати "коммунизми ҳарбӣ" сиёсати ноҷори Ҳокимияти Шӯравӣ барои ҳимояи худ буд. Асоси сиёсии ин сиёсат-ҳимояи диктатураи пролетариат бо яроқ бошад, асоси иқтисодии он-таъмин намудани Артиши Сурх ва шаҳрҳо бо маҳсулоти хоҷагии қишлоқ буд. Ва ин сиёсат дар асоси разверсткаи (маҷбурияти) озуқаворӣ гузаронида мешуд, Яъне Ҳокимияти Шӯравӣ ба тариқи маҷбурӣ маҳсулоти зиёдатии хӯрокворип деҳқононро кашида мегирифт. Ба деҳқон ҳамон қадар ғалла мемонданд, ки барои хӯроки солонааш ва тухмииояндаааш кифоя бошад. Барои амалӣ карданӣ сиёсат дастаҳои озуқаворӣ ҳам таъсис дода буданд. Ин дастаҳо деҳа ба деҳа гашта бо ёрии деҳқонон захираи ғаллаи бойҳоро кашида мегирифт. Мешуд, ки ғаллаи миёнаҳолонро ҳам мегирифтанд.

Сиёсати "коммунизми ҳарбӣ" дар Тоҷикистон нисбат ба Россия ва Туркистони русӣ фарқ дошт. Аввалан, ин сиёсат аз охири соли 1919 ҷорӣ карда шуда буд ва сониян, сиёсати разверсткаи шимоли Тоҷикистон аз маҷбурият дида бештар ба андоз монанд буд.

Ҳокимияти Шӯравӣ деҳқонони камбағалро бо роҳи додани ғаллаи тухмӣ, олоти хоҷагии кишлоқ, хизмати агрономӣ ва қарз ҳам дастгирӣ мекард. Ин ёрӣ пеш аз ҳама ба камбағалон мерасид. Сиёсати андози шӯравӣ ҳам ба дастгирии деҳқонони камзамин нигаронида шуда буд. Аз камбағал андоз камтар ва аз бой бисёртар рӯёнида мешуд.

Давраи аввали ислоҳоти обу замини шимоли Тоҷикистон, ки ба давраи авҷи ҷанги шаҳрвандӣ рост омад, Ҳокимияти Шӯравӣ ҳам сиёсати худро вобаста ба шароити давра мегузаронид, то ин ки душманони худро зиёд накунад. Деҳқонони безамину камзамини тоҷик ҳам инро дарк карда буданд. Мақсади чорабиниҳои аграрии Ҳокимияти Шӯравӣ деҳқонони безамину камзамини шимоли Тоҷикистонро ба такягоҳи худ табдил додан буд. Ин ҳолат имконият дод, ки дар солҳои минбаъда дар гузаронидани сиёсати аграрии худ давлат боҷуръаттар ва қавитар бошад. Тоҷикистон дар ҷанги шаҳрвандӣ ба ғалаба наздик омада буд ва вобаста ба ин сиёсати аграрии худро тағйир дод.

**в) Сиёсати нави иқтисодӣ (СНИ) дар Тоҷикистон.**

Асоси сиёсати нави иқтисодиро бозори озод ташкил медод. Шиори ин сиёсат: "Ки киро" буд яъне сотсиализм ғалаба мекунад ё капитализм. Давлати Шӯравӣ аз ҷанги шаҳрвандӣ бо иқтисодиёти фалаҷгашта, корхонаҳои вайрон гардида ва хоҷагии қишлоқи харобгашта баромада истода буд. Давлат ин корхонаҳои саноатиро бо қувваи худ ба кор андохта наметавонист. Аз ин рӯ, аз сиёсати давлатӣ гардонидани онҳо даст кашида, онҳоро ба соҳибонашон ва ё ба онҳое, ки корхонаро ба кор андохта метавонистанд, бо шартҳои муайян баргардонид, фурӯхт ва ё иҷора дод. Чунин корхонаҳо дар Тоҷикистон набуданд. Сиёсати нави иқтисодӣ дар Тоҷикистон дар ибтидо бештар деҳотро фаро гирифт. Давраи дуюми гузаронидани ислоҳоти обу замин сар шуд. Ин давра Бухорои Шарқиро ҳам фаро гирифт.

Дар Тоҷикистони шимолӣ мебоист, ки ҳамаи заминҳои феодалию ашрофӣ мусодира мешуданд. Дар Бухорои Шарқӣ ва Помир бошад, заминҳои амирӣ ва дастгоҳи амир (бекҳо) мусодира мешуданд.

Дар уезди Хуҷанд раванди бахисобгирии заминҳои мусодира мешудагӣ сар шуд. Қисми зиёди заминҳои типпи феодалӣ-ашрофӣ ба ҳисоб гирифта шуданд. Вале дар Бухорои Шаркӣ ҳоло ин корро кардан мумкин набуд. Чунки солҳои 1921-1923 дар ин ҷо ҷанги шаҳрвандӣ давом ёфта истода буд. Агар дар шимоли Тоҷикистон ва Помир дар солҳои 1921-1924 аксарияти деҳқонони безамин соҳиби замин гардида бошанд, дар Бухорои Шаркӣ фақат деҳқонони атрофи гарнизонҳои шӯравӣ ба ҳалли масъалаи замин сар карда буданду халос, ки шумораи онҳо ҳатто 1 фоизи деҳқононро ташкил намедод. Ягона тағйироте, ки дар деҳоти тоҷик ба вуҷуд омада истода буд - ин рӯ овардани деҳқонони тоҷик ба Ҳокимияти Шӯравӣ буд. Мардум деҳаҳои худро тарк карда ба кӯҳу дараҳо ва Афғонистон фирорӣ шуда, боз рӯ ба бозгашт ниҳода буданд. Чорабиниҳои Ҳукумати Шӯравӣ доир ба таъмини деҳқонон бо ғаллаи кишт, чорвои корӣ ва олоти меҳнат, ки дар солҳои 1921-1924 гузаронида шуда буд, дар байни деҳқонон дастгирӣ ва хайрхоҳиро пеш овард ва худи рафти ҷанг ҳам собит карда буд, ки Ҳокимияти Шӯравӣ молу мулк ва ҷону амнияти оммаро ҳимоя мекард. Аскарони Сурхи Шӯравӣ дар гарнизонҳои Душанбе, Файзобод, Кӯлоб, Чубек, Қӯрғонтеппа, Айвоҷ, Сарои Камар ва дигар ҷойҳо вуҷуд дошта дар корҳои саҳроӣ ба деҳқонон ёрӣ мерасониданд. Илоҳаҳои давлатӣ ба ҳашарҳои кишткунӣ ва ҷамъоварии дастранҷӣ деҳқонон мебаромаданд. Дар давраи дуюми гузаронидани ислоҳоти обу замин сиёсати Ҳукумати Шӯравӣ ҳам тағйир ёфта буд. Акнун сиёсати нав чунин шарҳ ёфта буд: такя ба деҳқонони камбағал, иттифоқ бо деҳқонони миёнаҳол, бетараф гузоштани деҳқонони бой, мубориза зидди кулак.



Кӯпрук аз болои дарёи Варзоб дар деҳаи Душанбе (с. 1923)

Яке аз муваффақиятҳои сиёсати аграрии Ҳокимияти Шӯравӣ -ин ба меҳнати коллективона одат кунонидани деҳқонон ба ҳисоб мерафт. Таҷрибаи кооперативҳои ҳунармандӣ ба

деҳот ҳам таъсир кард. Соли 1921 ҳукуматҳои Умумиттифоқ ва ҶМШС Туркистон дар бораи таъсис додани кооператсияҳои хоҷагии қишлоқ қарорҳо қабул карданд. Дар асоси ин қарорҳо дар шимоли Тоҷикистон дар солҳои 1923-1924 11 кооператсияи деҳқонӣ таъсис ёфт, ки ҳамаи онҳо истеъмолӣ буданд. Яъне аз давлат тухмӣ, асбоби хоҷагӣ, чорво, ҳатто матоъу пул ва қарзи имтиёзнок мегирифтанд. Аввалан, кооператсияҳо дар пахтакорӣ ва баъд дар соҳаҳои дигари хоҷагии қишлоқ пайдо шудан гирифтанд. Ҳамаи ин кооператсияҳои истеъмолӣ ба иттифоқи кооператсияи ноҳиявии Хуҷанд - "Меҳнат" муттаҳид шуда буданд. Ин иттифок 4,7 ҳазор хоҷагиро муттаҳид мекард, ки 4 фоизи тамоми хоҷагиҳои деҳқонони ноҳияро ташкил медод. Соли 1924 дар Хуҷанд кооператсияҳои мелиоративӣ таъсис ёфтанд, ки онҳо ҳам аз қарзҳои имтиёзноки давлатӣ бархӯрдор буданд. Шумораи кооператсияҳои мелиоративӣ дар соли 1924 ба 24 адад расида буд.

Ҳамин тариқ, солҳои 1917-1924 на фақат давраи муҳимми инкишофи иқтисодӣ-иҷтимоии деҳа, балки давраи рӯ ба шӯроҳо, ба сотсиализм овардани деҳқонони тоҷик ҳам буд.

**г) Гузариши халқи тоҷик ба ҳаёти осоишта.**

Тирамоҳи соли 1923 ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба охир расида авҷи ҳаракати зиддишӯравӣ низ ба пастравӣ сар кард. Ин имконият дод, ки халқи тоҷик ба ҳаёти осоишта гузарад. Ҳукумати Шӯравӣ инро ба назар гирифта ва дар асоси нишондодҳои сиёсати нави иқтисодӣ системаи чорабиниҳоеро пеш гирифт, ки ҳадаф аз он таъмин намудани осоиштагии халқу мамлакат ва беҳтар кардани шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании аҳолӣ буд.

Барои амалии ин мақсад лозим буд, ки ҳаёти сиёсии мамлакат демократӣ гардонда шавад: аз комитетҳои инқилобӣ ба шӯроҳо гузашта шавад. Аз ин рӯ, интихобот ба шӯроҳои маҳаллӣ гузаронида шуд. Маъракаи интихоботӣ тамоми охири тобистон ва тирамоҳи соли 1923-ро дарбар гирифт. Вале аз сабабе, ки ҳанӯз ҳам таъсири бою рӯҳониён ва ҳаракати зиддишӯравӣ зиёд буд, дар ин интихобот аксарияти интихобкунандагон иштирок накарданд. Аз ин рӯ, бойҳою рӯҳониён тавонистанд, ки ба шӯроҳои маҳаллӣ намояндагони худро гузаронанд. Дар натиҷа шӯроҳо такягоҳи Ҳокимияти Шӯравӣ шуда натавонистанд, Ҳокимияти Шӯравӣ натиҷаи ин интихобот ва шӯроҳои навтаъсисро бекор карда боз комитетҳои инқилобиро таъсис дод.

Дар ҳаёти иқтисодӣ бошад, соли 1923, имконияти гузаронидани ислоҳоти обу замин фароҳам омада, солҳои 1923-1924 заминҳои бойҳои

калони шимоли Тоҷикистон ва ҳокимони маҳаллии Бухорои Шарқӣ мусодира карда шуда буданд. Инчунин соли 1923-1924 дар Тоҷикистони ҷанубӣ аввалин кооператсияҳои истеъмолӣ (асосан обёрӣ) таъсис дода шуда буданд. Дар Тоҷикистон дар соли 1924 11 кооператсияи обёрӣ амал мекард. Баробари кооператсияҳо инчунин шумораи колхозҳо, ҳам зиёд гардиданд.

Ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ ба беҳшавии савдо ва маишати меҳнаткашон овард. Шумораи бозорҳо ва дӯконҳои молфурӯшӣ зиёд гардиданд.

## Луғати истилоҳот

1. "Иттифоқи ҷуфтгарон"-ташкилоти касабию сиёсии пролетарҳо ва нимпролетарҳои деҳоти Осиёи Миёнаро гӯянд, ки соли 1920 бо номи "Қӯшчӣ" ташкил ёфта буд. Соли 1929 "Қӯшчӣ" ба "Иттифоқи камбағалон" табдил ёфта, дар асл вазифаи иттифоқи касабаи деҳот буд. Соли 1932 барҳам хӯрд.
2. Коммунизми ҳарбӣ-чорабинии аз ноилоҷии Давлати Шӯравӣ, ки солҳои 1918-1920 дар даврони ҷанги гражданӣ гузаронида шуда буд. Асоси сиёсии онро ҳимояи Давлати Шӯравӣ асосии иқтисодии онро развёрсткаи (маҷбурияти) озуқавӣ ва асоси иҷтимоии онро иттифоқи синфи коргару деҳқон ва байни шаҳру деҳаро мустаҳкам кардан буд. Ин чорабинӣ ба сиёсати махсус табдил ёфта, дар Тоҷикистон амали он аз охири соли 1919 сар шуда буд ва хусусияти худро дошта ва ин сиёсат аз маҷбурият дида бештар ба андоз монанд буд.
3. Кооператсия-калимаи лотинӣ буда маънои луғавиаш ҳамкорист. Ҳамон ташкилот кооператсия-иттиҳоди умумии одамон барои фаъолияти якҷояи хоҷагидорист. Кооператсия шаклҳои гуногун-саноатӣ, матлуботӣ, қарздиҳӣ манзилӣ ва хоҷагии кишлоқӣ дошта метавонад. Кооператсияҳо капиталистӣ ва сотсиалистӣ, истеъмолӣ ва истеҳсолӣ шуда метавонанд.
4. Кооператсиякунонӣ-сиёсати махсуси Давлати Шӯравӣ, ки солҳои 1918-1937 гузаронида буд ва ба 2 давра: кооператсиякунонии истеъмолӣ, ки асосан солҳои 1918-1928 ва кооператсиякунонии истеҳсолӣ, ки солҳои 1929-1937-ро дарбар мегирифт, ҷудо мешаванд.
5. Кооператсияи истеъмолӣ-ин ташкилоти махсуси ёрирасони Давлати Шӯравӣ, ки ба хоҷагиҳои яккадаст ва ҳунармандон асбобу анҷоми корӣ, тухмӣ, техника ва ёрии ҳамаҷонибаи агрономӣ, зоотехникӣ мерасонд. Авҷи баланди ин кооператсияҳо асосан ба даврони сиёсати нави иқтисодӣ (1921-1928) рост омада буда ва аз ҳама намудҳои дигари кооператсияҳо оммавитар буда, қариб ҳамаи деҳқононро дар бар гирифта буд. Хусусияти хосу оммавӣ шуданашро бештар дар назди давлат ва ташкилот ягон маҷбурият надоштани аъзоёнаш буд.
6. Кооператсияи обёрӣ-кооператсияе буд, ки дар Тоҷикистон соли 1923 таъсис ёфта, вазифааш дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани шабакаҳои обёрӣ аз тарафи обистифодабарандагон буд. Дар солҳои 20-ум аз ҳама кооператсияҳои дигар оммавитар буд. Ба он деҳқонони миёнаҳолу бойҳо ҳам дохил буданд. Ин кооператсия аз давлат яроки меҳнат, техника ва пули нақд ҳам бо шартҳои имтиёзнок қарз мегирифт.
7. Сиёсати нави иқтисодӣ-СНИ гуфта сиёсати Давлати Шӯравиро, ки дар даврони гузариш аз капитализм ба сотсиализм гузаштанро дар солҳои 1921-1936 ва ба ҷои сиёсати "Коммунизми ҳарбӣ" гузаронида буд, меноманд. Моҳияти СНИ аз мустаҳкам кардани иттифоқи синфи коргару деҳқон, барқарор намудани робитаҳои саноати сотсиалистӣ бо истеҳсоли майдамолии хоҷагии деҳқонӣ, бо роҳи васеъ истифода бурдани муносибатҳои пулию молӣ ва ҷалб кардани деҳқонон дар сохтмони сотсиализм иборат буд.

САВОЛҲО:

1. Ҷанг ба иқтисодиёти мамлакат ва маишати мардум чӣ гуна зарар меорад?
2. Сиёсати "коммунизми харбӣ"-ро фаҳмонед?
3. Сиёсати нави иктисодиро шарҳ диҳед?
4. Шиори "Ки киро" чӣ маънӣ дошт?
5. Давраҳои гузаронидани ислоҳоти обу заминро номбар кунед?

## § 8. Ҳайёти мадании халқи тоҷик дар ибтидои Ҳокимияти Шӯравӣ (1917-1924)

### а) Ибтидои чорабиниҳои маданӣ - маърифатӣ.

Дар соҳаи маданият солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравиро ҳамчун давраи таъсисёбӣ шарҳ додан равост. Чунки ба ҳама соҳаҳои маданият асос гузошта, дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ маърифати маданӣ ҷорӣ карда шуда буд. Ин масъала бештар дар муассисоти маданият: маориф, илм, адабиёт, санъат ва аҳлоқ хубтар намоён буд.

### б) Мактаб ва маориф

Самти дигари чорабиниҳои маданӣ ин ташкили таълими мактабӣ буд. Ба ин кор Нозироти маориф роҳбарӣ мекард.

Мактаб дар назди масҷиду мадрасаҳо буд. Нозирот кори мактабу мадрасаҳоро зери назорат гирифта, фаъолияти худро аз маоши муллоён-муаллимон сар кард. Барои бештар ба таълим ҷалб намудани фарзандони омма ин масъала ба муҳокимаи қурултойи рӯҳониён, ки 18-20 июл дар Душанбе гузаронида шуда буд, пешкаш карда шуда буд. Уламо ва рӯҳониёни дарсгӯ таклифи ислоҳоти мактабро умуман ва кушодани мактабҳои навро низ пеш гузошта буданд. Ин қурултой, ки дар кори он намояндагони Сариосиё, Деҳнав, Қаратоғ Ҳисор, Султонобод, Файзобод, Душанбе, Ғарм иштирок доштанд ба рафти мактабкушоии шӯравӣ таъсири хуби худро расонида буд. Ин мактабҳоро дар соли 1918-1926 дар радифи мактабҳои нав -шӯравӣ мактаби кӯҳна меномиданд.

Давлати Шӯравӣ давлати коргару деҳқон ва шиори ӯ ба корҳои идора кардани давлат ҳарчи бештар ҷалб намудани намояндагони ин табақаҳо буд. Ин аст, ки сиёсати давлатии маърифатнок кардани ин табақа вуҷуд дошт. Ва қадами аввалини Ҳукумати Шӯравӣ барои амалӣ гардонидани принсипҳои маърифатноккунии омма аз мактабу маориф сар зад.

Мактаб ва маориф дар шароити Тоҷикистон, ки дар ибтидои Ҳокимияти Шӯравӣ ҳамчун системаи маорифи халқӣ акнун ба вуҷуд


Сохтмони бинои интернат дар Гарм (с. 1924)

омада истода буд, ташкил додани он кори осон набуд. Соли 1918 дар назди шӯроҳои маҳаллии Хуҷанд шӯъбаҳои маорифи халқӣ таъсис ёфтанд, ки аз болои кори мактабҳо ва муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ назорат мекарданд. Дар навбати худ ин шӯъбаҳои маорифи уездӣ ба Комиссариати маорифи халқи уезди Хуҷанд итоат мекард. То охири соли 1918 дар уезди Хуҷанд 18 мактаби шӯравӣ кушода шуд. Соли 1919 шумораи онҳо ба 73 адад расид. Ин мактабҳо кӯдаконии то 12 соларо қабул мекард. Аз соли 1918 сар карда ба таъсиси курсҳои муаллимтайёркунӣ сар карда шуд. Чунин курсҳо дар Тошканду Самарқанд кушода шуда буданд. Системаи маориф ва мактаби шимоли Тоҷикистонро Комиссари маорифи ҶМШС Туркистон роҳбарӣ мекард. Соли 1921 Комиссариати маорифи халқи Бухорои Шарқӣ таъсис ёфт. Ва аввалин мактабҳои шӯравӣ дар ин ҷо соли 1923 кушода шуда буд.

Чӣ дар Тоҷикистони шимолӣ ва Помир, ва чӣ дар Бухорои Шарқӣ мактабҳои кӯҳна то солҳои 1925-1926 амал мекарданд. Вале Давлати Шӯравӣ ин мактабҳоро ба талаботу вазифаҳои нав мутобиқ мекард. Аз соли 1920 сар карда дар уезди Хуҷанд ва аз соли 1923 дар Бухорои Шарқӣ мактабҳои шабонаю маҳви бесаводиро барои синну соли аз 13 то 45 сола кушоданд. Дар ин мактабҳо аксари коркунони ҳарбӣ, шӯроҳо, комсомол ва ҳарбиёни саводнок дарс мегуфтанд. Ҷиҳати хоси ин мактабҳо он буд, ки ҳар муаллим ҳамон алифбоеро меомӯзонд, ки худ медонист. Аз ин рӯ, дар мактабҳо алифбои арабӣ, кириллӣ ва лотинӣ ҳам ба роҳ монда шуда буд. Ҳокимияти Шӯравӣ аз системаи маорифи кӯҳна мактабҳояшро васеъ истифода бурд. Мактабҳои кӯҳна барҳам дода нашуданд. Баръакс, бо ёрии давлат шумораи онҳо зиёд гардида ба расмият дароварда шуданд. Муаллимонашонро бо маош аз буҷаи маориф таъмин мекарданд.

Дар мактабҳои кӯҳна муаллимон ҳамон муллоҳо буданд. Муаллимони мактабҳои шӯравӣ аз ҳисоби маорифчиёни кӯҳна ва аксаран аз ҳисоби хатмкунандагони мактабҳои муаллимтайёркунӣ таъмин

мегардиданд. Системаи маорифи ҷумҳурӣ бе душворӣ набуд. Душвории асосии маорифу мактаб ин нарасидани муаллим, биноҳои таълимӣ ва набудани китобҳои дарсӣ буд. Илоҷи муаллим, биноҳои таълимиро нисбатан ёфтанд. Муаллимонро ба воситаи курсҳои кӯтоҳмуддати муаллимтайёркунӣ, биноҳои таълимиро дар ибтидо аз ҳисоби масҷиду мадрасаҳо ҳавлии бойҳо таъмин намуданд. Вале ин биноҳо ба талаботи мактаби шӯравӣ ҷавобгӯ набуданд. Дар ҳудуди Тоҷикистон то соли 1917 ягон бинои махсуси мактабӣ вуҷуд надошт. Мактабҳои русӣ-маҳаллие, ки дар Хуҷанду Хоруғ амал мекарданд, аз синфхонае иборат буданд. Соли 1918 дар Хуҷанд, Истаравшан ва Конибодом, 1921 дар Душанбе, 1923 дар Қаратоғ, 1924 дар Кӯлоб, Ғарм, Ховалинг ва Ҳоит биноҳои алоҳидаи мактабӣ аз ҳисоби биноҳои маъмурии пешин ё хонаҳои бойҳои гурехта рафта, ва ё масҷиду мадрасаҳо кушода шуда буданд. Аз соли 1920 сар карда сохтмони биноҳои махсуси мактабӣ сар шуд. Соли 1921-1924 чунин биноҳо дар Хуҷанд Истаравшан, Конибодом, Панҷакент, Қаратоғ, Душанбе, Кӯлоб ва Ғарм сохта шуда буданд. Вале шумораи онҳо он қадар зиёд набуд. Агар шумораи мактабҳои шӯравиро бо мактабҳои амалмекардаи кӯҳна муқоиса кунем, чунин натиҷа мегирем: ба ҳар як мактаби шӯравӣ, дар шимоли Тоҷикистон, дар солҳои 1923-1924 82 мактаби кӯҳна рост меомад. Агар шумораи талабагонро муқоиса кунем, ба як талабаи мактаби шӯравӣ 30 талабаи мактаби кӯҳна рост меомад. Шумораи мактабҳои кӯҳна то соли 1924, 2477 адад ва мактабҳои шӯравӣ бошанд 31 ададро ташкил медод. Дар соли хониши 1924-1925 дар уезди Хуҷанд 27 мактаби шӯравӣ амал мекард, ки 2400 талабаро фаро гирифта буданд. Дар ҳамин давра дар Бухорои Шарқӣ 7 мактаби шӯравӣ амал мекард, ки 152 талабаро фаро гирифта буданд. То соли 1924 мактабҳои шаҳрӣ 4 сола ва деҳотӣ 2 сола буданд.

Ҷиҳати хоси мактабҳои солҳои 1918-1924 ин ҷанбаи иҷтимоӣ доштани таълим буд. Яъне, мактабҳо ба талаботи миллӣ ва иҷтимоӣ мутобиқ карда шуда буд. Синфҳо ба духтаронаю бачагона ҷудо буданд. Мактабҳо дузинагӣ буданд. Зинаи аввал кӯдакони 9-13 ва зинаи дуюм аз 13 то 17 соларо дар бар мегирифтанд. То соли 1924 дар Хуҷанд як мактаби зинаи якум вуҷуд дошт, ки Б. Ғафуров, З. Раҷабов, Ҷ. Расулов, Б. Додобоев, М. Ваҳобов, С. Умаров, С. Раҷабов дар он таҳсил кардаанд.

Дар Тоҷикистон мактабҳои коммунаҳои меҳнатӣ ҳам вуҷуд доштанд. Ин мактабҳо асосан кӯдакони бепарастор ва ё аз оилаҳои серфарзандро дар бар мегирифтанд. То соли 1923 чунин мактабҳо

дар уезди Хуҷанд 5 адад ва Шаҳристон 1 мактаб вуҷуд дошт. Ҳама. ин мактабҳо-коммунаҳо баъдтар ба интернатҳо табдил ёфтанд. Соли 1923-1924 дар Бухорои Шарқӣ 4 мактаб-интернат: дар Душанбе, Кӯлоб, Ғарм ва Қаратоғ кушода шуд.

Барои мактабҳои шӯравии тоҷикӣ аввалин программаи тахминии таълимӣ ноябри соли 1918 пешниҳод шуда буд, ки 2 декабри соли 1919 тасдиқ гардида буд. Мактабҳо забони ягонаи таълимӣ ё адабии тоҷикӣ надоштанд. Аз ин рӯ, соли 1922 дар назди Комиссариати маорифи халқи Туркистон шӯъбаи тоҷикӣ ба мақсади таҳияи китобҳои дарсӣ ва таълимӣ таъсис ёфт. Раиси он Ю. Нисормуҳаммадов буд. Ин шӯъба вазифа дошт, ки нормаҳои асосии забони адабии тоҷикиро кор карда яке аз лаҳҷаҳои забони шифоиро асос карда, лексика, фонетика ва грамматикаи онро ба ҳам мутобиқ намуда, бо ин забон китобҳои дарсӣ нависанд. Аз рӯи ин талаботҳо соли 1922 Муҳаммад Саид Собит китоби дарсии "Ибтидои таҳсил", Саид Ризо Ализода "Соли Аввал" ва соли 1923 Нисормуҳаммадов "Алифбои тоҷикӣ"-ро нашр карданд. Соли 1923 "Дастури мухтасар аз арифметика"-и Нисормуҳаммадов "Ибтидои ҷуғрофияи Туркистон" дар тарҷумаи Н. Иванов аз русӣ, "Масъалаҳо аз арифметика барои синфҳои 1-2"-и Ленкова ва "Роҳбари бесавод" нашр шуданд. Ҳамаи ин китобҳо дар чопхонаҳои Тошканду Самарқанд чоп шуда буданд.

**в) Муассисаҳои фарҳангӣ.**

Ба муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ китобхонаҳо, қироатхонаҳо, чойхонаҳои сурх кунҷакҳо ва мизҳои сурх, клубҳо, осорхонаҳо, матбуот, нашриёт, кинонамоишдиҳӣ, радиошунавонӣ, театрҳо дохил буданд, ки дар кори маҳви бесаводии аҳолӣ ва маърифатгардонии ҷомеа роли калон бозида буданд. Аз ин муассисаҳои маърифатӣ китобхонаҳо ҷои махсусро мегиранд. Чунки тоҷик дар гузаштаи дур ҳам аз ин муассиса истифода мебурд. Вале китобхонаҳо дар он давраҳо шахсӣ буданд. Анъанаи ташкили китобхонаи ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон ба асри XX рост омада, он ҳам тавассути русҳо дар Осиёи Миёна роҳ ёфта буд ва барои аҳолии русзабонони Туркистони русӣ таъсис дода шуда буд.

То барпошавии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон як китобхонаи оммавӣ аз маъмурияти Ҳукумати Муваққатӣ дар назди управленияи уезди Хуҷанд мерос монда буд. Аввалин китобхонаи оммавӣ дар Хуҷанд соли 1918, дар Хоруғ соли 1921, дар Душанбе соли 1921, дар Панҷакент, Қаратоғ, Кӯлоб, Ғарм, Сарои Камар

солҳои 1923-1924 кушода шуданд. Ин китобхонаҳоро харбиён-Артиши Сурх ва баъдтар ҳукуматҳои маҳаллӣ ташкил доданд. Дар давоми солҳои 1918-1924 фонди ин китобхонаҳо аз ҳисоби ёрии китобхонаҳои Марказии Россияи Шӯравӣ ва нашриётҳои алоҳидаю тӯҳфаҳои шахсӣ пур ва мураттаб мешуданд. Китобхонаҳо ҳам дар ташвиқу тарғиби маърифат ва саводомӯзӣ саҳми худро гузоштаанд. Китобхонаҳо на фақат ба ташвиқи китоб машғул буданд, инчунин хонишҳоро барои бесаводон ташкил медоданд. Маҳфилҳои сиёсӣ ва маърифатӣ ташкил мекарданд.

Чойхонаи сурх. Кори маърифатӣ-сиёсӣ ба воситаи чойхонаи сурх ҳам бурда мешуд. Дар Тоҷикистони шимолӣ яке аз ҷойҳои серодами истироҳатӣ чойхонаҳо буданд.Ин муассисаро органҳои маърифатӣ хуб истифода бурданд. Дар он ҷойҳо "Кунҷҳои Сурх", "Чойхонаи Сурх" таъсис доданд. Дар ин "гӯшаҳо" аввал рӯзномаҳо баъд маҷаллаю китобҳо ҳам гузошта мешуданд. Дар ин гӯшаҳо сӯҳбатҳо, рӯзномахониҳо, китобхониҳо ҳам сурат мегирифт. Чойхона ҷои хуби ташвиқот буд.

Моҳи марти соли 1921 дар Душанбе ва Регар чойхонаҳои сурх кушода дар он ҷо корҳои ташвиқотию тарғиботӣ ба роҳ монда шуда буд. Тамоми кори ташкилию фаъолияти чойхонаҳои сурх ба зиммаи Намояндаи Комиссияи Фавқулодда ва Шӯрои Ҳарбӣ Инқилобии экспедитсияи Ҳисор вогузошта шуда буд. Дар кори ташвиқотию тарғиботӣ аъзоёни ташкилоти вилоятии ҳизби коммунистӣ сараввал Ҳисор ва баъдан Душанбе кори зиёде мекарданд.

Фаъолияти онҳо аз фаҳмонда додани мақсаду маромӣ Ҳокимияти Шӯравӣ иборат буд. Ин корро бо роҳҳои гуногун: ташкили сӯҳбатҳо, баҳсҳо муҳокимаҳо, хонишҳо гузаронида мешуд.

Клубҳо. Пайдоиши клубҳо ҳам дар Тоҷикистон ба ибтидои Ҳокимияти Шӯравӣ рост меояд. Аввалини онҳо дар назди гарнизонҳои ҳарбии Хуҷанд (соли 1920) ва дар Душанбе (соли 1922) таъсис ёфта буданд, ки асоси театрҳои минбаъда гардиданд.

**Маҳфилҳои ҳаваскор, дастаҳои худфаъолияти санъат ва театри саҳнавӣ.**

Халқи тоҷик ҳамеша ҳаваскорони санъат дошт. Вале ин ҳаваскорон фаъолияти мустақилона дошта, одатан ба як ҳунар: овозхонию мусиқӣ, ширинкорӣ, қиссагӯӣ, рақси яккагӣ машғул буданд. Дар ибтидои Ҳокимияти Шӯравӣ чунин ҳаваскорон ба ташкили маҳфилу дастаҳои ҳунарӣ ва намоишӣ сар карданд. Аввалини чу-

нинҳо дар назди раёсати қисмҳои ҳарбӣ (горнизонҳо) ва "Хонаи деҳқон" соли 1917 дар гарнизони Хуҷанд ва соли 1922 дар гарнизони Душанбе дар байни Аскарони Сурх таъсис ёфта буданд. Соли 1919 дар Хуҷанд маҳфили драммавӣ-мусиқии ғайринизомӣ таъсис ёфта буд, ки ба як дастаи калони шашмақомхонону навозандагон табдил ёфта буд. Соли 1919 дар Истаравшан, 1920 дар Исфара маҳфилҳои театрӣ таъсис ёфта буданд. Ин маҳфилҳо аввалин намоишҳои тоҷикӣ ва песаҳои худро ба саҳна мегузоштанд. Дар саргаҳи саҳнаи театрии миллӣ тоҷик дар Хуҷанд А. Ваҳобов, А. Сатторов, Х. Умаров, дар Исфара А. Бобоев, Н. Саидов меистоданд. Намоишномаҳои аввалини ин маҳфилҳо "Муборизаи синфӣ" ва "Қироатгари қуръон" буданд.

**Ташаккули матбуот ва полиграфияи шӯравии тоҷик.** То инқилоб дар ҳудуди Тоҷикистон ягон рӯзномаю маҷалла ва китоб нашр намешуд ва нашриёт ҳам вуҷуд надошт. Аз соли 1917 то соли 1924 ба забони тоҷикӣ рӯзномаҳо пайдо шуданд, вале дар Самарқанду Бухоро ва Тошканд нашр мегардиданд. Аввалин чопхонаи дар ҳудуди Тоҷикистон амал мекарда - ин чопхонаи корпуси 13 тирандоз буд, ки барои Аскарони Сурх харгуна ҳуҷҷату когаз ва аз ҷумла, рӯзномаи "По босмачу"-ро нашр мекард. Маводи нашрӣ барои Тоҷикистон дар Самарқанду Тошканд, Бухорою Когон ва Қазону Москва нашр мегардиданд.

## Луғати истилоҳот

1. Алифбои тоҷикиасоси кириллӣ-алифбое, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ ҷорист. Ин алифбо дар Осиёи Миёна аз солҳои 60 асри XIX истифода мешавад ва аз соли 1939 ҳамчун алифбои давлатӣ ҷорист.
2. Алифбои тоҷикиасоси лотинӣ-алифбое, ки солҳои 1929-1939 ба ҷои алифбои арабиасоси тоҷикӣ ҷорӣ гардида буд.
3. Мактаби кӯҳна- мактабҳои баъди инқилоб дар назди масҷиду мадрасаҳо амалкунандаро дар баробари мактаби Шӯравӣ меномиданд. Ин мактабҳо то соли 1929 вуҷуд доштанд. Вазифаи асосии инҳо ба хонандагон ёд додани хондану навиштан буд. Барои мактабҳои кӯҳна программа ва китобҳои дарсӣ тайёр карда мешуд. Ин мактабҳо ба тадриҷ ба мактабҳои Шӯравӣ ё табдил ёфтанд ва ё хонандагонаш ба мактабҳои Шӯравӣ ҷалб шуданд.
4. Мактаби маҳви бесаводӣ гуфта, дар Тоҷикистон дар солҳои 1918-1937 мактабҳоеро мегуфтанд, ки дар онҳо калонсолон (аз 17 боло) ба омӯхтани ҳату алифбо сафарбар карда шуда буданд. Мақсаду ғояноти онҳо барҳам додани бесаводӣ, яъне ёд додани хондану навишта тавонистан ба хонандагонаш буд. Мактабҳои маҳви бесаводӣ одатан шабона кор мекарданд. Дар он ҷое, ки имконияти рӯзонаи таълим вуҷуд дошт кушода мешуданд. Авҷи баланди фаъолияти мактабҳои маҳви бесаводӣ ба солҳои 1924-1930 рост омада буд.
5. Мактаби Шӯравӣ-системаи таълими нав ва таълими алтернативиро нисбат ба систе-

ман таълим ва маорифи тоникилобӣ меномиданд. Аввалин мактабҳои Шӯравӣ дар Хӯчанд, Конибодом, Исфара, Истаравшан, Панчакент (1918), Хоруг (1921), Душанбе, Қаротоғ, Кӯлоб, Ғарм (соли 1923) кушода шуда буданд. Мактабҳо аввал то январи соли 1919 ба Шӯроҳои маорифи халқ ва аз январи соли 1919 ба Комиссариати маориф ва шӯъбаҳои уездию волостӣ ва ноҳиявии он итоат мекарданд. Мактабҳои аввалини Шӯравӣ ду дарача 1 ва 2 буданд. Дар мактаби дарачаи 1 бачаҳои 8-13 сола ва дар мактаби дарачаи 2 наврасони 13-17 сола мехонданд. Мӯҳлати таҳсил дар мактаби дарачаи 1-5 сол ва дар мактаби дарачаи 2-4 сола буд.

## САВОЛҲО:

1. Раванди ташаккулёбии маорифи точикро нақл кунед?
2. Аввалин мактабҳои шӯравӣ кай таъсис ёфтаанд?
3. Мактаби шӯравиро шарҳ диҳед?
4. Дар бораи муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ ахборот диҳед?
5. Дар бораи аввалин маҳфилҳои ҳаваскор ва фаъолияти онҳо нақл кунед?

Дарси 10. Дарси такрорӣ, санчишӣ ва баёнӣ.

Мавзӯҳое, ки метавонад мавзӯи дарси баёнӣ бошанд:

1. Ҳаракати зиддишӯравӣ дар маҳалли (деҳа, ноҳия, вилоят, водӣ) шумо,
2. Ҳаракати зиддишӯравӣ дар ёддоштҳои иштирокчиён ва адабиёт.

**Мавзӯи III.**

# ТАШКИЛЁБИИ ҶУМҲУРИИ МУХТОРИ ШӮРАВИИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН

## § 9. Раванди тақсимоти миллӣ-маъмурии Осиёи Марказӣ.

### а) Сабабҳои дар Осиёи Марказӣ гузаронидани тақсимоти ҳудудию миллӣ

Дар давраи шӯравӣ дар Осиёи Миёна (солҳои 1917-1920; 1920-1924 ва 1924-1929) ба тақсимоти миллӣ-маъмурӣ даст зада ба ду бори охираш муяссар гардид, ки онро гузаронанд. Бори аввал солҳои 1917-1920 кӯшиши ба округҳои миллӣ тақсим кардани Ҷумҳурии Туркистонро карданд. Барои амалӣ кардани мақсад тарафҳои тақсимотро омӯхтанд. Масалан, масъалаи ҷуғрофияи миллии Туркистон, муайян кардани минтақаҳои яклухти сукунтаи миллату халқиятҳои Туркистон, имкониятҳои ин миллатҳоро оид ба кадрҳои роҳбарикунанда таъмин намудан ва масъалаҳои дигарро омӯхта буданд. Маълум буд, ки дар Туркистон туркнажодҳо- ӯзбекҳо, туркманҳо қирғизҳо, қазоқҳо, қароқалпоқҳо ва боз чанди дигаре ва эронинажодҳо-тоҷикон, эрониҳо, балучҳо ва чанди дигаре сукунат доштанд. Барои аксарияти туркҳо комиссияҳои миллии тақсимот таъсис дода шуд, вале барои тоҷикон не.




Харитаи сиёсии Осиёи Миёна баъди тақсимоти с. 1924

Баробари камбудиҳои фаҳмиши ҷамъиятӣ ва давлатӣ дар атрофи комиссияи тоҷикон ва сохтори маъмурии минбаъдаи он, дар рафти тақсимоти Туркистон ақидаи дуруст ҳам роҳ ёфт. Яъне заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданини тақсимоти миллӣ тайёр шуданд. Заминаи сиёсиаш-феврали соли 1920 инқилоб ва таъсиси ҷумҳурии Хоразм ва сентябри соли 1920 инқилоб ва баъд таъсиси Ҷумҳурии Бухоро гардиданд, ки онҳо ҳам сермиллат буданд. Ҳайати миллии онҳо ҳам ба мисли Туркистон аз туркнажодҳою эронинажодҳо иборат буданд. Дигар ин ки, дар ин муддат ягонагии сиёсӣ, ҳарбӣ-иқтисодии ҳамаи ҷумҳуриҳо ба вуҷуд омада буд: ягонагии ҳарбӣ дар вуҷуд доштани Артиши Сурхи ягонаи шӯравӣ; ягонагии иқтисодӣ-дар вуҷуд доштани сохтори ягонаи иқтисодӣ дар вуҷуд доштани Шӯрои Олии Хоҷагии Халқ ва ягонагии сиёсӣ дар сохтори шӯравӣ ва сотсиалистӣ будани онҳо зоҳир мегардид. Хулоса, зарурияти иҷтимоӣ фалсафӣ ва сиёсаии тақсимот пухта расида буданд.

**б) Пешниҳодҳо ба масъалаи тақсимот.**

Ташаббускори гузаронидани тақсимоти миллӣ-маъмурии Туркистон ҳизбҳои коммунистӣ ва ҳукумати Россия ва Туркистон буданд. Тақсимот аз боло, бо ёрии қонуну ба воситаи фармон гузаронида мешуд. Табиист, ки ин тақсимот ҳамаи масъалаҳоро дуруст ва бе каму кост ҳал карда, хусусиятҳои миллии аҳолиро ба ҳисоб гирифта наметавонист.

Ибтидоии гузаронидани тақсимоти миллӣ аз қарори Комиссияи Туркистонӣ аз январи соли 1920 "Дар бораи ҷудокунии Туркистон ба се ҷумҳурии мустақил бо нишонаҳои миллӣ" сар шуда буд. Вале дар ҳамон ибтидо дар қарор дарҷ ёфта буд, ки ҷудокунии Туркистон ба қисмҳо кори фаврӣ ва бечуну чаро буда наметавонад. Моҳи июни ҳамон сол Комиссияи Туркистонӣ дар телеграммаи худ ба ҳукумати Россия қайд карда буд, ки аз сабаби набудани кадрҳои роҳбарикунандаи миллӣ ва суст будани иқтисодиёти Туркистон гузаронидани тақсимоти миллӣ имконпазир нест. Вале ҳукумати Россия, Туркистон ва Комиссияи Туркистонии КМ ҲК (б)Р гузаронидани тақсимотро имконпазир ҳам фаҳмида буданд. Масалан, В.И. Ленин дар эродҳои худ ба КМ оид ба Комиссияи Туркистонӣ пешниҳод кардааш дар июни соли 1920 навишта буд, ки:

"1. Супорида шавад, ки харитаи (этнографӣ ва ғ). Туркистонро бо ҳиссаҳои Ӯзбекия, Қирғизия ва Туркмения тартиб дода шавад.

3. Шартҳои якҷоя ва ҷудошавии ин се қисматро муфассал омӯхта шавад". Маҳз ҳамин мактуб асоси программаи тақсимоти миллӣ-маъ-

мурии Осиёи Миёна гардид. Барои гузаронидани тақсимоти миллй-маъмурй комиссияҳо таъсис ёфта буд. Ин комиссияҳоро Комиссияи Туркистонии КМ ҲК (б)Р роҳбарй мекард. Аз ҳуҷҷатҳои рафти кори тақсимоти Туркистон бар меояд, ки ҳукумати Туркистон, Комиссияи Туркистонии КМ ҲК (б)Р ва ҳукумати ҶФШСР гузаронидани тақсимотро бармаҳал медонистанд. Ба он далелҳо, ки ҳоло ҶМШС Туркистон аз ҷиҳати иқтисодй суст, аз ҷиҳати сиёсй номўътадил ва аз ҷиҳати таъмин будан бо кадрҳои даркорй бисёр хароб буд. Вале худи ақидаи тақсимоти миллй дар байни халқҳои Туркистон ва аз мадди назари Ҳукумати Шўравй дур нашуда буд. Ва дар ин масъала тағироти калон ба амал омад. Феврали соли 1920 дар Хива ва сентябри ҳамон сол дар Бухоро ҷумҳуриҳои халқй таъсис ёфтанд. Ин ҷумҳуриҳо ҳам сермиллат буда ва ақидаи гузаронидани тақсимоти миллй дар ин ҷумҳуриҳо ҳам пеш омад. Баъди пайдо шудани ақидаи гузаронидани тақсимот дар ҳар сеи ин ҷумҳуриҳо давраи якуми тақсимоти миллй дар Осиёи Миёна ба охир расид. Вале ҳамон соли 1920 гузаронидани тақсимоти ҳар сеи ҷумҳурй кори имконнопазир буд. Чунки аввалан, Бухоро ва Хоразм ҷумҳуриҳои халқй буданд. Онҳо акнун роҳи ғайри капиталистии тараққиётро пеш гирифта буданду Туркистон бошад, давлати сотсиалистй буд. Гуногуншакл будани сохтори иқтисодй ва сиёсии онҳо имконияти гузаронидани тақсимотро намедод. Дигар ин ки вазъияти сиёсй - ҷангй гражданин сарзада монеъагии ин кор шуда буд. Вале Бюрои Осиёи Миёнагии КМ ҲК(б)Р барои гузаронидани тақсимоти миллй маъмурии ин се ҷумҳурй ба таъсиси комиссияҳои миллй сар кард. Зеро комиссияҳои тақсимкунии ўзбекй, туркманй, қирғизй, қароқалпоқй, ҳатто арманию форсй таъсис дода шуда буданд. Вале комиссияи тоҷикй таъсис наёфт. Сабаби асосии ин ҳолат он буд, ки миллатгароёни ўзбек тоҷиконро ҳамчун форс ва баъдтар онҳоро ҳамчун туркҳои форсизабон эълон карданд. Ҳатто як маъракаи калони сиёсии тоҷиконро ҳамчун халқият эътироф накардан сар шуд. Дар натиҷаи заҳматҳои зиёди фарзандони миллат соли 1923 имконияти таъсиси зеркомиссияи тоҷикии тақсимот ҳам пайдо шуд. Барои гузаронидани тақсимот олимони шарқшинос, коркунони ҳизбию шўравй ва аҳли ҷамоат ҷалб карда шуда буданд. Бадии кор дар он буд, ки ба кори тақсимот органҳои болой (умумиитттифоқ, ҷумҳуриҳои Туркистон, Бухоро ва Хоразм) банд буданд. Ин маъракаи сиёсй аҳолиро фаро нагирифта буд. Тақсимот кори умумихалқй нашуд. Аз ин рў, халқ ҳам ба раванди он ки тақдири онро чй хел ҳал карда истодаанд, хабар намеёфт.

**в) Ҳолати ифодаи манфиатҳои тоҷикон дар ҶМШС Туркистон ва ҶХШ Бухоро.**

Дар солҳои 1921-1923 барои гузаронидани тақсимот шароитҳои мусоиди ҳарбӣ иқтисодӣ ва сиёсӣ ба миён омада буданд. Мубориза зидди босмачигарӣ ягонагии харбиро ба миён овард. Артиши Сурхи Шӯравӣ ва Артиши Бухорову Хоразм зери якка фармондеҳӣ қарор ёфта буданд. Барои ҳамкории иқтисодии байни ин ҷумҳуриҳо ташкилоти махсус-Шӯрои Иқтисодии Осиёи Миёнагӣ таъсис дода шуда буд. Шӯро иқтисодиёти Осиёи Миёнаро бо дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ мепайваст. Дар ин муддат Ҷумҳуриҳои Шӯравии Халқии Бухоро ва Хоразм ҳам барои гузаштан ба сохтори сотсиалистӣ наздик шуда буданд. Яъне заминаи гузаронидани тақсимоти миллӣ-маъмурӣ ба вуҷуд омада буд. Зарурияти ин тақсимотро чунин масъалаҳо ташкил медоданд:

1. Таъмини пурраи амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои халқҳои Осиёи Миёна барои худмуайянкунӣ то ташкили ҷумҳурии шӯравии сотсиалистӣ, ҷумҳурии мухтор ва ё вилояти мухтор;

2. Боз ҳам хубтар наздик кардани шӯроҳо бо оммаи халқ, муваффақ шудан ба он ки ҳарчи бештар иштироки оммаи меҳнаткаши халқиятҳои Осиёи Миёнаро ба идора кардани давлат ҷалб кардан, мустаҳкам намудани сохти давлати шӯравӣ;

3. Асосҳои мустаҳками сулҳи байни миллатҳоро дар асоси ҳамкориҳои наздику бародарона ва дӯстии байни халқҳои Осиёи Миёна ташкил додан;

4. Тезонидани суръати ташаккулёбӣ ва инкишофи миллатҳои сотсиалистии ӯзбекҳо, тоҷикон, туркманҳо, киргизҳо ва қароқалпоқҳо ва инкишофи минбаъдаи иқтисодиёт ва маданияти шаклан миллию мазмунан сотсиалистии онҳо;

5. Зарбаи қатъӣ расонидан ба миллатгароёни буржуазӣ ва шовинизми бузургдавлатӣ, баланд бардоштани худшиносии синфии меҳнаткашон ва пурзӯр кардани мубориза зидди истисморгарон;

6. Барҳам додани қафомонии иқтисодии Осиёи Миёна ва фаъол гардондани халқҳои он барои сохтмони сотсиализм.

Мақсади тақсимот ин ҳалли масъалаи миллӣ ва дар амал татбиқ намудани қарорҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар бораи баробарии воқеъии халқҳои шӯравӣ буд. Халқҳои Туркистони Шӯравӣ ва Ҷумҳуриҳои Халқӣ Шӯравии Бухорою Хоразм аз тамоми ҳуқуқҳои конститутсионӣ бархӯрдор буданд. Вале надоштани сохтори сиёсии давлатдории

миллӣ ба эъломияҳои Россияи Шӯравӣ рост намеомад. Аз ин рӯ, тақсимоти Осиёи Миёна дар иҷрои ин эъломияҳо мисоли хубе шуда метавонист. Аз дигар тараф, ҳеҷ кадом аз ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, ҷумҳуриҳои миллӣ набуд. Масалан, дар ҳайати Туркистон 66,5 % тамоми ӯзбекҳо, 43,2% туркманҳо 47,7% тоҷикон ва дар ҳайати Бухоро 22,2% ӯзбекҳо, 27,0%, туркманҳо, 52,3% тоҷикон ва дар ҳайати Хоразм 13% ӯзбекҳо, 29,8% туркманҳо буданд.Яъне дар ҳеҷ яке аз ин ҷумҳуриҳо, ба ғайр аз ҶХШБ, ҳеҷ яке аз халқҳои маҳаллӣ бартарии куллӣ надоштанд. Тақсимоти Осиёи Миёна зери назорат ва роҳбарии бевоситаи Бюрои Сиёсии КМ ҲК(б)Р гузаронида мешуд. Дар ҷои дуюм ақидаи Бюрои Осиёимиёнагии КМ ҲК(б)Р ва ақидаи КМ Ҳизбҳои Коммунистии Туркистон, Бухоро ва Хоразм меистод. Қарордодҳои Бюрои Сиёсии КМ ҲК(б)Р ҳамчун роҳнамо, программаи амалиёти комиссияҳо ва зеркомиссияҳо буд. Қарордодҳои ҲК Туркистон, Бухоро ва Хоразмро муҳокима кардану ислоҳоту иловаҳо даровардан мумкин буд. Ва қарорҳои онҳо муҳокима мешуданд ва тағйир меёфтанд.

Аз феврал то апрели соли 1924 КМ ҲК Туркистон, Бухоро ва Хоразм масъалаҳои тақсимоти Осиёи Миёнаро муҳокима карда қарорҳои дахлдор қабул карданд. Ҳукумати Шӯравӣ бар он ақида буд, ки гузаронидани тақсимоти миллӣ-маъмурӣ на фақат ба хотири сиёсати миллии дар арсаи байналхалқӣ пешгирифтаи ӯ ва на фақат ба мақсади зиёд шудани тарафдорони ӯ гузаронида мешавад, инчунин, ин тақсимот худшиносии миллии халқҳоро баланд ва фаъолияти сиёсию меҳнатии онҳоро дар мустаҳкам намудани сотсиализм қавӣ мегардонад.

**г) Равиши гузаронидани тақсимот.**

Баъди ташкилёбии ҷумҳуриҳои халқии Шӯравии Хоразм ва Бухоро маъракаи дуюми тақсимоти миллӣ-маъмурӣ дар ҳудуди тамоми Осиёи Миёна сар шуд. Аммо то охири соли 1923 дар ин масъала пешравӣ дида намешуд. Чунки Бухороро ҳалқаҳои ҷанги гражданӣ печонида буданд. Соли 1924 боз масъалаи тақсимот пеш гузошта шуд. Вале комиссияи тоҷикӣ таъсис наёфт. Фақат дар ҳайати комиссияи ӯзбекӣ намояндаи тоҷикон - Чинор Имомовро ҳамроҳ карданд. То ин муддат дар ҳар се ҷумҳуриҳои Шӯравии Осиёи Миёна масъалаҳои забони миллии бо ном халқҳои хурд -туркманҳо, қазоқҳо ва қиргизҳо ҳал шуда ба онҳо ҳуқуқи ба забонҳои модарии худ ташкили мактаб ва коргузории давлатӣ муҳайё карда шуданд. Аммо дар бораи забони тоҷикӣ ва мавқеи он ҳарфе зада нашуд. Баръакс, дар Бухоро забони давлатӣ, таълим ва коргузорӣ узбекӣ ва туркманӣ эълон шуда

буд. Нашри рӯзномаҳои тоҷикӣ қатъ шуданд. Ҳатто ҳуҷҷатгузории Комиссияи Фавқулоддаи Диктаторӣ оид ба Бухорои Шарқӣ, ки дар Душанбе амал мекард, ӯзбекӣ буд.

Аз феврал то апрели соли 1924 КМ ҲК Туркистон, Бухоро ва Хоразм масъалаҳои тақсимоти Осиёи Миёнаро муҳокима карда қарорҳои дахлдор оиди розигии худ ва гузаронидани тақсимотро қабул намуда ба Бюрои Сиёсии ҲК(б)Р пешниҳод карданд. 5 апрели соли 1924 КМ ҲК(б)Р масъалаи тақсимотро муҳокима намуда, қарорҳои КМ ҳизбҳои коммунистии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаро маъқул донистанд. 28 апрели соли 1924 Бюрои Осиёи Миёнагии КМ ҲК(б)Р ҳисоботҳои ҳукуматҳои Туркистон, Бухоро ва Хоразмро шунида, гузаронидани тақсимотро дар Осиёи Миёна ба мақсад мувофиқ донистанд. Аз омадани вакилони анҷумани XIII ҲК(б)Р истифода бурда, Бюрои ташкилии КМ ҲК(б)Р 4 июни соли 1924 маҷлиси худро гузаронида қарори Бюрои Осиёи Миёнагии КМ ҲК(б)Р дар бораи гузаронидани тақсимотро муҳокима ва лоиҳаи қарори КМ ҲК(б)Р "Дар бораи тақсимоти миллӣ-маъмурии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна"-ро тасдиқ намуд. 12 июн бошад КМ ҲК(б)Р қарорро "Дар бораи тақсимоти миллии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна" қабул карда, инчунин дар бораи сохтори Тоҷикистон ҳамчун вилояти мухтор дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон муайян кард. Яъне, тақсимот барои тоҷикон фақат вилояти мухтор медод. 15 июни соли 1924 Бюрои Осиёимиёнагӣ тезисҳоро "Дар бораи тақсимоти Осиёи Миёна" қабул кард.

Ин қарор дар тамоми ҳудудҳои тоҷикнишин муҳокима ва дастгирӣ карда мешуд. Вале сохтори Тоҷикистон ҳамчун вилояти мухтор шаҳрвандони бедори тоҷикро қаноат намекунонд. Мактубҳои зиёде аз номи шахсони алоҳида, аз номи коллективҳои меҳнатӣ ба унвони Бюрои Осиёимиёнагии КМ ҲК(б)Р ба КМ ҲК(б)Р ҳатто ба ҳукуматҳои Россия ва ИҶШС фиристода шуда,таъкид карда мешуданд, ки нисбат ба тоҷикон ва сохтори минбаъдаи миллии онҳо ба хатогию каҷравиҳо роҳ надиҳанд. Чунки аз рафти ин тақсимот ва пайдо шудани мафҳуми маъмурии "вилоят" барои тоҷикон маълум буд, ки ҳуқуқҳои тоҷикон маҳдуд карда мешаванд. Дар ин таъсири дасти душманони халқи тоҷик вуҷуд дошт. Пантуркизм, ки акнун ба панӯзбекизм табдил ёфта буд, бо ҳар роҳ, ки тавонистанд комиссияҳо ва ҳукуматҳои Бухоро, Туркистон ва ИҶШС-ро бовар кунониданд, ки аввалан, тоҷикон мардуми бумии кӯҳистонанд ва баъдан ин ки теъдоди онҳо зиёд нест. Асосан онҳо (тоҷикон) дар Бухорои Шарқӣ зиндагӣ мекунанд.

Камбудии дигар доир ба тақсимот дар конститутсияи ИҶШС (с. 1924) буд. Дар он омадааст, ки ҷумҳурии шўравии сотсиалистӣ нишонаҳои зерин дошта бошад:

1. Аҳолиаш ба тарики ихчаму ягона дар як ҳудуди ҷуғрофӣ ҷойгир шуда бошанд;
2. Шумораи аҳолӣ аз як миллион кам набошад;
3. Бо ягон давлати ғайрисотсиалистӣ ҳамсарҳад бошад.

Нишондодҳои конститутсияи ИҶШС соли 1924 ва татбиқи он барои таъсиси ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон ҳам мусоидат мекард ва ҳам мумкин буд. Чунки аксарияти аҳолии вилояти Самарқанд ва қисматҳои ҷанубии вилоятҳои Сирдарё ва Фарғонаи собиқ Туркистон, кулли аҳолии Бухорои Шарқӣ, Бадахшони Туркистон ва аксарияти аҳолии Бухорои Марказӣ ва шаҳру деҳоти Бухоро тоҷик буданд ва яқинан теъдоди ҳамаи онҳо аз 1 млн. зиёд буданд. Агар ҳудудҳои тоҷикнишини зикршуда ба хайати Тоҷикистон ҷудо мегардиданд, яклўхтии ҳудудӣ худ ба худ ба амал меомад (пайдо мешуд). Яъне бовар кунонианд, ки аввалан, тоҷикон мардуми бумии кўҳистонанд ва баъдан ин ки теъдоди онҳо зиёд нест. Асосан онҳо (тоҷикон) дар Бухорои Шарқӣ зиндагӣ мекунанд.

Ба ҳар ҳол, мактубу телеграммаҳои намояндагони халқи тоҷик ба ҳукумати ИҶШС ва КМ ҲК(б)Р, ба Комиссияи Марказии тақсимотӣ таъсир расонд. Барои ҳуқуқи халқи тоҷик русҳо (Зелинский, Андреев, Семенов), қазоқ (Т. Рисқулов), поляк (Миклашевский), тотор (Г. Сафаров) ва даҳҳо дигарон сахмгузоранд. Вале онҳо натавонистанд, ки ақидаи (зеркомиссияҳои миллӣ) ва Комиссияи Марказии тақсимотро тағйир диҳанд. Онҳо тавонистанд, ки тоҷикҳоро ҳамчун халқи бумӣ ва қадим шиносонанд ва давлатдории сотсиалистии ўро таъмин намоянд. Ин буд, ки сентябри соли 1924 тақсимоти миллӣ-маъмурии Осиёи Миёна раванди амалӣ ва ба ҳукми қонун даромаданро гирифт.

### Луғати истилоҳот

1. ВКП (б) -(Всесоюзная Коммунистическая партия большевиков) -Ҳизби Коммунистии Умумиттифоқии болшевикҳо аз соли 1925 то соли 1956 чунин номида мешуд. Вай меросхўри РКП (б) -1918-1925 ва РСДРП-1903-1918 буд. Солҳои 1956-1990 КПСС (Коммунистическая Партия Советского Союза) ном дошт.
2. СССР (ИҶШС)-типи давлати диктатураи пролетариат, ки дар асоси шартномаи тарафайни байни ҷумҳуриҳои Шўравии ҶШФСР, ҶШС Украина, ҶШС Белорус ва ИҶШСЗ (Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шўравии Сотсиалистии Закавказия) 31 декабри соли 1922 таъсис ёфта буд. Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии Мухтор соли 1925 ва ҳамчун ҷумҳурии ҳафтуми соҳибихтиёри Шўравӣ аз соли 1931 ба хайати ИҶШС дохил буд.

## САВОЛҲО:

1. Зарурият ва сабабҳои гузаронидани тақсимоти ҳудудӣ-миллии солҳои 1917-1924 шарҳ диҳед?
2. Ташаббускори тақсимот кӣ буд ва чӣ мехост?
3. Раванди таъсисёбии комиссияҳои миллиро шарҳ диҳед?
4. Барои чӣ комиссияи тақсимоти тоҷикӣ таъсис наёфт?
5. Мухторият чист?
6. Барои тоҷикон кадом воҳидҳои мухториро (вилоят, ҷумҳурӣ) раво донista буданд ва барои чӣ?
7. Тақсимот характери миллиро гирифта буд ё сиёсиро?
8. Ба ҳайати Тоҷикистон кадом қисматҳои ҶМШС Туркистон ва ҶХШ Бухоро дохил гардиданд?

## § 10. Раванди таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравӣ Сотсиалистии Тоҷикистон.

### а) Раванди ташаккулёбии мухторият.

Сохтори давлатдорӣ ва маъмурии Тоҷикистон ҳоло дар ҳайати Ҷумҳуриҳои Туркистон ва Бухоро ба вуҷуд омада буд. Округҳои (уездҳо) Хуҷанд, Ӯротеппа, Қитъаи (участкаи) Панҷакент ва волостҳои Исфараю Ашти Туркистон ва Бухорои Шарқии Ҷумҳурии Бухоро кайҳо ҳудудҳои маъмурӣ-миллӣ гардида буданд. Асосан Бухорои Шарқӣ, ки аз вилоятҳои Душанбе, Сариосиё, Кӯлоб, Ғарм ва Қӯрғонтеппа иборат буд, ҳоло аз феврали соли 1921 ҳамчун ҳудудҳои маъмурии мухтор вуҷуд дошт. Онро Намояндаи Фавқулоддаи ҶХШБ идора мекард. Аз 8 январи соли 1922 бошад, КИМ Умумибухороӣ барои идора кардани он муассисаи махсус Комиссияи Диктаторӣ оид ба корҳои Бухорои Шарқиро таъсис дода буд, ки дар ҳайати он шӯрои иқтисодӣ, шӯъбаи назорати давлатӣ, шӯъбаи адлияи бо шӯрои қозиҳо, шӯъбаи замину об, шӯъбаи сохтмон, саридораи нақлиёт, шӯъбаи маорифи халқ, муассисаҳои тандурустӣ, таъминоти ҳифз, комиссияҳои молия ва озуқаворӣ ва трибуналӣ ҳарбӣ таъсис дода шуда буданд. Комиссияи Диктаторӣ дар Бухорои Шарқӣ аз номи ҳукумати олии ҷумҳурӣ-КИМ Умумибухороӣ амал мекард.

Сабаби асосии ташкили ин гуна сохтор ин худ вуҷуд доштани вазъияти фавқулоддаи ин минтақа вобаста ба ҷанги гражданӣ буд. Аз ин рӯ, ба Комиссияи Фавқулоддаи Диктаторӣ ваколатҳои бемаҳдуд ҳам дода шуда буд. Аз ҷумла:

а) баровардани декретҳо ва фармонҳое, ки ба бекор ва иваз кардани қонунҳои дар амал буда, ки мувофиқи тартиботи умумии қонунқабулкунӣ қабул шудаанд;

б) қабули қарорҳои фавқулодда доир ба ҳама соҳаҳои ҳаёти давлатӣ;

в) гирифтани тамоми намуди парвандаи ҷиноӣ аз тафтишоти судии умумӣ ва барои муҳокимаи судӣ додан ба Трибунали Ҳарбии Комиссияи Фавқулоддаи Диктаторӣ ва агар зарур бошад, то ҳукми паррондан муқаррар намудан;

г) сабукдӯш кардан аз кадом яке мансабе, ки набошад, ҳатто вазифаи интихобиро ҳам ва бо салоҳдиди худ дар ҷои он таъин намудани дигареро, инчунин барҳам додани кадом муассисае, ки дар Бухорои Шарқӣ амал дошта бошад;

д) ҳабс кардан ва аз ҳудудҳои Бухорои Шарқӣ рондани шахсони гунаҳкор сарфи назар аз вазифааш.

Дар вилоятҳо комитетҳои инқилобии вилоятӣ ва дар назди онҳо мутасаддиёни шӯъбаҳои молиявию хоҷагӣ ва коммуналию сохтмон ва шӯъбаи нигаҳдории тартибот амал мекард. Дар туманҳо - комитетҳои инқилобии туманӣ ва дар назди онҳо шӯъбаҳои нигаҳдории тартибот ва қозихона амал мекард. Дар кентҳо - комитетҳои инқилобии кентӣ ва дар назди онҳо намояндаи шӯъбаи нигаҳдории тартибот ва қозихонаи кентӣ буданд. Дар ҷамоатҳо - мингбошӣ ва дар қишлоқҳо оқсақолон амал мекарданд. Вазифаи амлокдорӣ ҳоло ҳам вуҷуд дошт. Ӯ асосан ба масъалаи муайян кардану рӯёндани андоз аз аҳолӣ ва супоридани он ба давлат иборат буд.

Ҳамаи ин органҳо ба ҳолати сиёсии давраи ҷанги гражданӣ мувофиқ карда шуда буданд. Соли 1923 дар маҳаллаҳои аз босмачигарӣ озод шуда кӯшиши гузаронидани интихобот ба шӯроҳоро карда шуд. Вале аз бесаводии сиёсии мардум истифода бурда, интихобот натиҷаи дилхоҳ надод. Моҳи майи соли 1924 КИМ Бухоро "Дар бораи шӯрокунонии Бухорои Шарқӣ" ном қарорро баровард. Дар асоси ҳамин қарор 7 июли соли 1924 Комиссияи Фавқулоддаи Диктаторӣ барҳам дода шуда, ба ҷои ӯ КИМ Бухорои Шарқӣ дар ҳайати 19 нафар аъзо ва 7 нафар сарраёсати (президиуми) он таъсис ёфт. КИМ Бухорои Шарқӣ аз шӯъбаҳои ташкилӣ -маъмурӣ, коммуналӣ, маориф, зироат, машваратӣ, иқтисодӣ ва шӯрои қозиён иборат буд. Яъне то тақсимот ҳудудҳои Бухорои Шарқӣ ҳамчун ҳудудҳои маъмурии мухтор бо органҳои идорию маъмурӣ, иқтисодию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ташаккул ёфта буд.

**б) Таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон.**

Чӣ тавре мушоҳида кардем, аз соли 1919 то баҳори 1924 масъалаҳои сохтории сиёсӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ ва ҳудудҳои Тоҷикистон

халлу фасли худро ёфта ба давраи таъсисёбии амалӣ расида буд. Фақат ин андешаҳоро дар доираи қонун ба расмият даровардан даркор буд. Ташаббускори ин масъала ҳукуматҳои Бухорои Шарқӣ гардиданд. Масъалаи таъсисдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тамоми аҳолии Бухорои Шарқӣ дастгирӣ мекард. Ин буд, ки аз 1 то 5 сентябри соли 1924 дар Душанбе анҷумани 1 намояндагони халқи Бухорои Шарқӣ



Н. Махсум (Лутфулоев) - раиси комитети инқилобии ҶМШС Тоҷикистон (с. 1924-1926)

шуда гузашт, ки органи олии ҳокимияти Бухорои Шарқӣ буд. Анҷуман КИМ Бухорои Шарқӣ ва Президиуми онро интихоб кард. Раиси Президиуми КИМ Бухорои Шарқӣ Нусратулло Махсум (Лутфулоев) интихоб гардид.

16 сентябр сессияи Фавқулоддаи КИМ Туркистон, 20 ва 29 сентябр анҷуманҳои V Умумибухороӣ ва Умумихоразмии Шӯроҳо розигии худро дар бораи тақсимоти миллӣ-маъмурӣ доданд. Барои гузаронидани ин тақсимот аз намояндагони ҷумҳуриҳо ва вилоятҳои нав таъсис меёфта Комиссияи Ҳудудҷудокунии Марказӣ таъсис ёфт. Ба ин Комиссия Бюрои Осиёимиёнагии КМ ҲК(б)Р роҳбарӣ мекард. Ин Комиссия ба ҷудокунии сарҳадҳои миллии нав ташкил меёфта, инчунин ба тақсимоти чизу чора, захираҳои иқтисодӣ ҳам машғул буд. 11 октябр Бюрои Сиёсии КМ ҲК(б)Р баромади раиси Комиссияи Бюрои Сиёсии КМ ҲК(б)Р В.В. Куйбышевро дар бораи тақсимоти миллии Осиёи Миёна шунавида муҳокима намуд ва лоиҳаи тақсимоти ҳудудӣ ва молу амволро байни ҷумҳуриҳою вилоятҳо тасдиқ кард. Бюрои Сиёсӣ дар асоси баромади В.В. Куйбышев ва мактубномаҳои халқи тоҷик зарурати таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро дар ҳайати Ӯзбекистон маъқул донист. Ин нишондоди асосии қарори 14 октябри соли 1924 гардид.

14 октябри соли 1924 сессияи II Комитети Марказии Умумироссиягӣ (КИМУ) масъалаи тақсимоти Осиёи Миёнаро муҳокима намуда, Қарори КИМ ҶМШС Туркистонро дар бораи аз ҳайати ҶШФСР (РСФСР) баромаданашро муҳокима намуда тасдиқ кард. Инчунин доир ба тақдири халқи тоҷик қарори зеринро: "5. Дар асоси иҷро намудани изҳороти хоҳиши оммаи коргарон ва деҳқонони халқи тоҷик ба халқи




Харитаи маъмурии ҶМШС Тоҷикистон

тоҷик ҳуқуқи аз ҳайати ҶМШС Туркистон баромадан ва таъсис додани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравӣ Сотсиалистии Тоҷикистонро дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон дода шавад", қабул кард. Чӣ тавре дидем, то рӯзи ин қарор сухан фақат дар бораи вилояти мухтори Тоҷикистон мерафт. Маҳз сессияи II КИМУ воҳиди Вилояти Мухторро ба Ҷумҳурии Мухтор иваз кард.

27 октябр КИМ ИҶШС бо қарори худ хоҳиши хукуматҳои Туркистон, Бухоро ва Хоразмро дар бораи тақсимот ва қарори сессияи II КИМУ аз 14 октябри соли 1924 дар бораи таъсис ёфтани ҶМШС Тоҷикистонро тасдиқ кард ва ин қарорҳо ҳукми қонуниро гирифтанд. Майи соли 1925 Тоҷикистон ба воситаи Ӯзбекистон ба ҳайати ИҶШС дохил гардид. Яъне рӯзи эълон гардидани ҶМШС Тоҷикистон 14 октябр буда, қонунӣ гардидани он 27 октябр аст.

Тоҷикистони мухтор аз ҳисоби имрӯза ноҳияҳои Истаравшан, Ғончӣ, Шаҳристон, Айнӣ ва Панҷакенти ҶМШС Туркистон ва вилоятҳои Душанбе, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Ғарми Бухорои Шарқии ҶШСБ таъсис ёфт. Ҳудуди Тоҷикистон 135620 км кв. ва 739503 аҳолиро ташкил медод. Аз ҳисоби Туркистон 135665 нафар ва аз Бухоро 603858 нафар аҳолӣ ба ҳайати Тоҷикистон дохил шуда буданд. Ҳудуд-

ҳои Туркистониаш ду вилоят-ро-Ӯротеппа, Панҷакент ва Бухороияш 4 вилоятро-Душанбе, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Ғарм ташкил медод. Баъдтар, декабри соли 1924 ба ҳайати Тоҷикистон округи Помир ҳамроҳ карда шуда буд, ки 2 январи соли 1925 ба Вилояти Худмухтори Бадахшони Кӯҳӣ табдил ёфт.



Иштирокчиёни митинги эълон кардани таъсисиёбии ҶМШС Тоҷикистон (13.03.1925)

Барои тоҷикон аҳамияти аз ҳама калонтарини тақсимоти миллӣ-маъмурии соли 1924 -ин пеш аз ҳама ташкил ёфтани давлати миллии тоҷикон буд. Тоҷик-ро соҳибдавлат гардонд. Бо ин васила, истиқлолияти миллии тоҷикон амалӣ гардид. Вале аз тарафи дигар, ин тақсимот парешонии халқи тоҷикро боз зиёдтар намуд. Агар аз ин пештар тоҷик ба ҳайати Россия, Бухоро ва Афғонистон дохил буд, акнун ба ҳайати Ӯзбекистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Тоҷикистон тобеъ гардид.

Дар натиҷаи тақсимоти миллӣ-маъмурии соли 1924 имконияти ҳуқуқии таъсис додани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравӣ сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ба вуҷуд омад. Барои таъсиси ҳукуматҳои ҷумҳуриҳои навтаъсисёфта то охири ноябри соли 1924 комитетҳои Инқилобии Туркманистон ва Ӯзбекистон таъсис ёфтанд. 5 декабр рӯзи эълон гардидани ҶШС Ӯзбекистон гардид. Сохтори давлатдории ҶШС Ӯзбекистон ба вуҷуд омад. 26 ноябри соли 1924 КИМ ҶШС Ӯзбекистон Комитети Инқилобии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун ҳукуматии муваққатии ҷумҳурӣ то тайёр кардан ва гузаронидани анҷумани муассисии Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистонро таъсис дод. Ба ҳайати Президиуми Комитети инқилобии ҶМШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум (раис), Б, Додобоев, Р. Бобоҷонов, А. Ёрмуҳаммадов, Ш. Шотемур, А.М. Дяков ва дигарон дохил буданд.

Комитети инқилобии ҶМШС Тоҷикистон 7 декабри соли 1924 бо муроҷиатнома ба меҳнаткашони Тоҷикистон баромад карда, дар он таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон, вазифаҳои аввалиндараҷаи фаъолияти худро эълон дошт ва програмаи барқарор кардани хоҷагии

халқ, инкишофи маданият, тамоман барҳам додани босмачигариро пешниҳод кард.

Аввали феврали соли 1925 ҳукумати Тоҷикистон аз Тошканд ба Душанбе - пойтахти ҶМШС Тоҷикистон кӯчида бо фармони худ аз 5 феврал ба тамоми аҳолӣ дар бораи қатъ гардидани фаъолияти КИМ Бухорои Шарқӣ хабар дод. 15 марти соли 1925 дар гирдиҳамоии тантананоки умумихалқии аҳолии Душанбе ва атрофи он ҳукумати Тоҷикистон Эъломияи (Декларатсияи) таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро эълон кард.

**в) Таъсиси органҳои идории шӯравӣ.**

Комитети Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон ба Душанбе омада, пеш аз ҳама ба корҳои ташкилӣ-таъсиси органҳои идории давлатӣ сар кард. Ин иқдому фаъолият дар шароити душвори ҷангӣ ва нарасидани кадрҳои даркорӣ сурат гирифт.

Пеш аз ҳама Комитети Инқилобӣ барои нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ дар Бухорои Шарқӣ дар асоси қарори махсуси худ ба таъсиси милисаи давлатӣ сар кард. Милисаи давлатӣ аз ҳисоби шахсони боэътимоди аз тарафи ҳизбиён, комсомол ва ҷамоатчиён тавсия дода шуда ташкил дода шуд. 12 феврали соли 1925 Комиссариати халқии адлия ба фаъолияти худ сар кард. Дар давоми моҳҳои февралу, март Комиссариати адлия шӯъбаҳои гражданӣ ва кассатсионии шӯъбаҳои судҳои округӣ, идораи нотариалӣ дар Душанбе ва органҳои судӣ ва тафтишотии худро дар Ғарм, Ҳисор, Қӯрғонтеппа, Истаравшан, Кӯлоб ва Панҷакент кушод. Судҳои қозигии вуҷуддоштаро акнун ба буҷаи худ гирифта маоши онҳоро аз ҳисоби андози аз муҳокимаҳои судӣ гирифта мешуда таъмин мекардагӣ шуд.

Дар моҳҳои феврал, март, инчунин Комиссариатҳои маориф, тандурустӣ, зироат, молия, шӯъбаи Суди Олии Ӯзбекистон ва Сарраёсати Сиёсии Давлатӣ (ССД) таъсис ёфта буданд, ки ҳар кадоме органҳои худро дар маҳалҳо таъсис дода ба иҷрои вазифаи худ шурӯъ намуда буданд.

**г) Тоҷикони берунмарзӣ дар давраи ташаккулёбии давлати миллии тоҷикон.**

Чӣ тавре, ки маълум аст раванди барпошавии Ҳокимияти Шӯравӣ тамоми минтақаҳои тоҷикнишинро фаро нагирифт ва гирифта ҳам наметавонист. Чунки ин раванд фақат минтақаҳои зери назорати Россия бударо фаро гирифта буду бас. Қариб нисфи тоҷикон дар қаламрави давлати Афғонистон мезистанд. Ин солҳо

Афғонистон ҳам ором набуд. Афғонистон дар бунёди ҷомеаи буржуазӣ буд. Амонуллохон, ки соли 1919 ба сари қудрат омада буд, ислоҳоти зиёди иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданиро пеш нагирифта буд ва тоҷикон дар ин раванд нақши фаъол доштанд. Яъне ҷамъияти Афғонистон ҳам рӯ ба инқилоби буржуазӣ дошту дар таҳаввулоти иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ буд. Ҷиҳати асосӣ ва хоси ин таҳаввулот ин истиқлоли Афғонистон (28.02. 1919) аз Англия буд, ки онро ҳама қавму қабилаҳои Афғонистон мехостанд ва онро Амонуллохон 3 марти соли 1919 дар мактубаш ба унвони Ноиб-ус-салтанати Англия дар Ҳиндустон Челмсфорд ва 14 апрели соли 1919 дар изҳороташ дар ҳузури сафири Англия дар Кобул эълон карда буд. Ин ба ҷанги сеюми эълоннашудаи англису-афғон овард. Задухӯрдҳои хурде сар шуда то ноябри соли 1921 давом ёфт. Дар ин муддат Россияи Шӯравӣ Афғонистонро ҳамчун давлати соҳибистиқлол шинохт ва эътироф кард. Дар ҳамаи ин равандҳо нақши тоҷикон чун муҳофиз дар сарҳади ҷанубу шарқ ва намояндагӣ дар ҳайати ҳукумати Амонуллохону сафоратҳо ба чашм мерасид. Дар байни онҳо фарзандони содиқи Афғонистон Ғуломҳайдар Чархӣ, М. Валихон буданд. Дар доираи қонуни ҷории Афғонистон, ки "Низомномаи асосии давлати олии Афғонистон" ном дошт, онро апрели соли 1923 Шӯрои Олӣ (Луя Ҷирга) дар Ҷалолобод тасдиқ карда буд, ҳама табақаҳои Афғонистонро сарфи назар аз мансубияти қавмӣ, иҷтимоӣ, эътиқоди динӣ ва мазҳабии худ дар назди қонун баробар ва аз озодии шахсӣ бархӯрдор эълон шуда буданд. Баъди ин ҳуҷҷат боз қариб 50 қонун ва низомномаҳо қабул шудаанд, ки тарафҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодию маданӣ ва байналхалқиро дар бар мегирифтанд.

Дар байни тоҷикони шӯравию Афғонистон робитаи хешу таборӣ вуҷуд дошт. Тоҷикони ду тарафи Ому аз ҳодисаҳои тарафайн хабардор буданд. Вале ҳарду тараф ба ин ҳодисаҳо аз мавқеи маънавии худ баҳо медод ва амал мекард. Баъзе тоҷикони Бухорою Туркистонӣ ба Афғонистон ва афғонистониҳо ба Бухорову Туркистон омада саҳмгузорӣ кардаанд. Вале ҳар кадом дар доираи ҳудудҳои сиёсии худ масъалаи асосӣ-ояндаи давлати тоҷикро ҳал карданӣ буд. Фарзанди афғонистонӣ Юсуфзиё Нисормуҳаммадов сохтори шӯравиро интихоб кард ва хизматҳои зиёде кардааст. Ӯ Вазири маорифи халқи Тоҷикистон буд.

## Луғати истилоҳот

1. Комиссияи тоҷикии тақсимот - гуфта комиссияеро дар назар дошта мешавад, ки соли 1924 барои гузаронидани тақсимоти миллӣ маъмурии Осиёи Миёна таъсис ёфта буд. Дар ҳолате, ки баъзе комиссияҳои миллӣ (ӯзбекӣ, туркманӣ, қароқирғизӣ) солҳои 1919 -1921 таъсис ёфта буданд.

## САВОЛҲО:

1. Мухторияти Тоҷикистон аз кадом масъала сар зад?
2. Бухорои Шарқӣ гуфта куҷоро медонистанд?
3. Комиссияи Фавқулоддаи Диктаторӣ чи гуна комиссия буд?
4. Анҷумани I намояндагони Бухорои Шарқӣ кай шуда гузашт ва кадом масъалаҳоро ҳал кард?
5. Дар кадом ҷамъомади қонунбарор масъалаи Тоҷикистон ҷамъбаст гардид?
6. Рӯзи ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон кадом рӯз буд?
7. Таъсисёбии органҳои идории ҶМШС Тоҷикистонро шарҳ диҳед?
8. Тоҷикони берунмарзиро дар раванди тақсимот шарҳ диҳед?

Мавзӯи IV.

# АЗНАВСОЗИИ ХОҶАГИИ ХАЛҚИ ҶУМҲУРИИ МУХТОРИ ШӮРАВИИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН.

## § 11. Авзои сиёсию ҷамъиятии ҶМШС Тоҷикистон.

### а) Авзои сиёсӣ

Вазифаҳои асосии иқтисодии ҶМШС Тоҷикистон дар солҳои 1924 - 1929 ин пеш аз ҳама барқарор намудани хоҷагии халқи аз ҷанги шаҳрвандӣ хароб гардида ва баъд - сохтмони ҷамъияти нави шӯравӣ буд. Ин масъалаҳо ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданиро талаб мекарданд. Дар ҳаёти сиёсӣ-ин наздик кардани шӯроҳо ба омма, гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ, милликунонии дастгоҳи идорӣ (тайёр кардани кадрҳои аппаратҳои идоравӣ гузаронидани ислоҳотҳои маъмурию сиёсӣ, аз ҷумла тақсимоти ҳудуд) ва ба шакли нави маъмурӣ-вилоят, ноҳия, шӯроҳои деҳотӣ ва шаҳракҳо ҷудо шуданро талаб мекард.

Дар иқтисодиёт корҳои азнавбарқароркунии хоҷагии халқро гузаронидан ва таҳкурсии сотсиализмро гузоштан лозим буд. Ҳамчунин, ташкили системаи маориф ва таъсис додани ҳама соҳаҳои ҳаёти маданӣ ва ба хизмати халқу манфиати Давлати Шӯравӣ тобеъ кунонидани онҳо зарур буд.

Таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон боиси эҳёи давлатдории 1000 сол пеш аз байн рафтаи тоҷикон гардид. Бо туфайли ҳамин ҷумҳурӣ, номи халқи тоҷик ҳам ба арсаи ҳастӣ даромад. Ин бузургтарин комёбӣ, ибтидои ҳама пешрафтҳои минбаъдаи халқи тоҷик буд. Имкониятҳои муҳайё кардаи Давлати Шӯравиро баҳри истиқлолу рушди минбаъдаи халқу ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин буд. Ин вазифаро мебоист Комитети Инқилобии Ҷумҳурӣ иҷро мекард.

### б) Сохтмони ҳизбӣ.

Дар шимоли Тоҷикистон, аз моҳи майи соли 1917 сар карда саравval дар байни коргарони асосан руси роҳҳои оҳани Хуҷанд, Урсатьевск, Драгомирово конҳои ангишту нафти Сулукта, Шӯроб ва САНТО ва дар заводи озокрити Хилковою чандин деҳаҳои руснишини атрофи Хуҷанду Истаравшан ташкилотҳои хурди иб-

тидоии ҳизбии коммунистӣ таъсис ёфтанро сар карда буданд. Ин имконият дод, ки ташкилотҳои ҳавзагию уездии ҳизби коммунистии минтақа таъсис ёбад. Ҳамон соли 1917 ташкилотҳои ҳавзагии коммунистии Хуҷанд, Ӯротеппа, Шӯроб ва уездии Хуҷанд таъсис ёфта буданд. Ҳама ташкилотҳои ҳизбии уезди Хуҷанд ба ҳайати ҲК Туркистон дохил буданд. Органи олии ташкилотҳои ҳизбии шимоли Тоҷикистон анҷумани уездии ҳизб буд, ки аввалин ва охирин анҷумани ҳизбии коммунистони Хуҷанд декабри соли 1917 шуда гузашта буд. Минбаъд ин органро конференсия меномидагӣ шуданд. Аз соли 1918 сар карда ташкилоти уездии ҳизбии Хуҷанд номи ташкилоти ҳизбии округро гирифт. Чунки соли 1918 дар ҶМШС Туркистон тақсимоти нави маъмурӣ гузаронида шуду, уездҳо ба округҳо табдил дода шуда буданд.

Дар Помир аввалин ташкилоти ҳизбии ҲК тобистони соли 1921 аз ҳисоби аскарону афсарони отряди минтақавии Помир таъсис ёфта буд, ки он ҳам ба ҲК Туркистон дохил буд. Дар ҳайати он намояндагони аҳолии маҳалли ҳам буданд, ки Х. Кирмоншоев, К. Элчибеков, Х. Боқиев С. Абдуллоев ва И. Исмоилов аз ҷумлаи онҳоянд. Фақат октябри соли 1929 ҳукумати ҷумҳурӣ дар Помир гурӯҳи номзадии ҲК таъсис дод, ки аз болои он ташкилоти хизбии сарҳадбонон назорат мекард.

Дар Бухорои Шарқӣ ҳам аввалин ташкилоти ҳизбии ҲК аз ҳисоби ҳарбиён ва дар ҳайати ҲК Туркистон баҳори соли 1921 таъсис ёфта буд. Дар баробари ин ташкилоти ҲК Бухоро ҳам дар Бухорои Шарқӣ Бюрои Марказии ташкилиро таъсис дода буд, ки яке аз вазифаҳояш ташкили ташкилотҳои ҳизбӣ буд. Соли 1923 бошад, ҲКБ ба ҷои Бюрои Марказии ташкилӣ Бюрои Ташкилии КМ ҲКБ таъсис дод, ки то декабри соли 1924 амал кард. Декабри соли 1924 бошад, Бюрои ташкилии ҲК Ӯзбекистон дар Тоҷикистон ташкил ёфт ва он ташкилоти вилоятии ҲК Тоҷикистонро дар ҳайати ҲК Ӯзбекистон таъсис дод ва назорат мекард. Органи олии ташкилоти хизбии вилоятиро конференсияи ташкилоти вилоятии ҳизбии Тоҷикистон ташкил медод. Баъди таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон ин ташкилот номи ҲК Тоҷикистонро гирифт, ки анҷумани муассисони он июни соли 1930 дар Душанбе шуда гузашт. Органи олии он анҷумани ҲК Тоҷикистон буд. Котибони аввалини ташкилоти вилоятии ҳизбии Тоҷикистон А.Т. Шервонӣ, Чанор Имомов, С.М. Соколов ва аввалин котиби аввали ҲК Тоҷикистон озарӣ - Хусейнов Мирзо Довуд Боғир углӣ (1894-1938) буданд.

**в) Аз комитетҳои инқилобӣ ба шӯроҳо.**



Бинои Назорати тандурустии ҶМШС Тоҷикистон

Яке аз вазифаҳои асосии Комитети Инқилобии Тоҷикистон ин гузаштан аз комитетҳои инқилобӣ ба шӯроҳо буд. Барои расидан ба ин мақсад интихоботҳои шӯроҳои маҳаллӣ ва марказиро гузаронидан даркор буд. Дар назар дошта шуда буд, ки соли 1925 интихобот ба шӯроҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ гузаронида мешавад.

Октябр ва ноябри соли 1925 дар ҳудудҳои аз босмачиён озодшудаи Тоҷикистон интихобот ба шӯроҳои маҳаллӣ: қишлоқӣ, ноҳиявӣ ва вилоятӣ гузаронида шуд ва ба ташкили Комитетҳои Иҷроияи шӯроҳои қишлоқӣ, ноҳиявӣ ва вилояти сар карда шуд. Вале ин интихобот бе тайёрии даркорӣ гузаронида шуда ва дар баъзе ҷойҳо фақат 10-15% интихобкунандагон иштирок карданду халос. Аз ин рӯ, бойҳо тавонистанд, ки дар чунин ҷойҳо намояндагони худро гузаронанд. Дар куҷое, ки ин ҳолат шуда буд, Ҳокимияти Шӯравӣ натиҷаи интихоботро бекор карда боз аз сари нав комитетҳои инқилобиро таъсис дод. Анҷумани Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон, ки ноябри соли 1925 бояд даъват мешуд, ба таъхир гузошта шуд. Фақат дар Помир натиҷаи интихобот мусбат буд. Дар он ҷо анҷумани вилоятии шӯроҳо шуда гузашт ва ҳокимият аз дасти Комитети инқилобӣ ба Комитети Иҷроияи вилоятӣ гузашт.



Занҳо, вакилони анҷуман

Соли 1926 ба Тоҷикистон коркунони зиёди шӯроҳо аз ҷумҳуриҳои дигар омаданд. Онҳо аз шӯроҳои маҳаллӣ сар карда то дар шӯроҳои ҷумҳуриявӣ кор мекарданд. Барои бо кадрҳои зарурӣ таъмин кардани аппарати шӯроҳо дар Душанбе курсҳои кӯтоҳмуддати коркунони шӯро кушода шуда буд. Мактабҳои олии Ӯзбекистон ва Россия ҳам барои Тоҷикистон кадрҳои баландихтисоси системаи шӯроҳоро тайёр мекарданд. Дигар ин ки музаффариятҳои мубориза зидди Иброҳимбек ва бос-


Як гурӯҳ аз аъзоёни Комитети инқилобӣ ва Ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон

мачигарӣ умуман савияи маърифати сиёсии мардуми тоҷикро баланд гардонида буд. Ва ислоҳоти обу замини эълон кардаи шӯравӣ дилгармии меҳнаткашонро ба зиндагӣ ва сохти нав пеш оварда буд. Инро ба назар гирифта августи соли 1926 Комитети Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон дар бораи аз сари нав гузаронидани интихобот ба шӯроҳои маҳаллиро қабул кард. Октябр-ноябри соли 1926 интихобот ба шӯроҳои маҳаллӣ гузаронида шуд. Натиҷаи интихоботи соли 1926 нисбат ба солҳои пешин хело фарқ дошт. Сарфи назар аз он ки шахсоне, ки аз қувваи кории дигарон истифода мекарданду ва бой буданд, аз ҳуқуқи интихоботӣ маҳрум карда шуда буданд, ин дафъа дар ҷумҳурӣ дар баъзе вилоятҳо 35% ва дар дигар ҷойҳо то 80% ҳуқуқи интихоботӣ доштагон иштирок карданд. Дар ҳеҷ як минтақа намояндаи бойҳо аз 20% овозҳоро зиёд гирифта натавонистанд. Ҳайати синфии шӯроҳо чунин буд: батракҳо - 11,7%; камбағалон - 39,4%; миёнаҳолон - 35,9% ва боқимонда - 13% бойҳою рӯҳониёни калон буданд. Яъне аксарияти шӯроҳо шӯроҳои камбағалону миёнаҳолон шуданд. Аз сабабе, ки шароити давра ҳам такя ба деҳқонони миёнаҳол ва мубориза бар зидди бойҳо буд, чунин ҳокимияти маҳаллӣ Давлати Шӯравиро қонеъ мегардонид ва имконияти даъвати анҷумани ҷумҳуриявии шӯроҳоро низ муҳайё сохта буд.

### г) Анҷумани якуми шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон ва қарорҳои он.

Барои гузаронидани анҷуман корҳои зиёди пешакӣ гузаронида шуда буд. Июли соли 1926 дар назди Комитети Инқилобии Ҷумҳурӣ Комиссияи ташкилӣ оид ба тайёрӣ ва аз нав интихоб намудани шӯроҳо ва гузаронидани анҷумани Таъсисии шӯроҳо таъсис дода шуда буд. Ҷамъомади аввалини ин Комиссия 30 июл баргузор гардида, дар он нақшаи кории Комиссия, сохтори комиссияҳои интихоботӣ тасдиқ карда шуда, гурӯхи махсус барои таҳияи масъалаҳои анҷумани таъсискунандаи шӯроҳо ташкил дода шуда буд. Инчунин шумораи намояндагон аз ҳар як вилоят ба анҷумани Умумитоҷикистонии шӯроҳо муқаррар карда шуд.

8 август маҷлиси дуюми Комиссияи ташкилӣ доир гардид, ки дар он тартиби кори анҷуман ҳаллу фасл гардид ва лоиҳаи карори Комитети Инкилобии Ҷумҳурӣ аз 14 август "Дар бораи гузаштан ба ҳокимияти интихоботӣ" муҳокима ва маъкул дониста шуд. Ва ҳамон рӯз комиссия дар бораи даъват кардани анҷумани I Таъсискунандаи шӯроҳо ва маъракаи интихобот ба шӯроҳо ва маъракаи интихобот ба шӯроҳои намояндагони коргарону деҳқонон аз поён то болоро эълон кард.

Масъалаи тайёрӣ ба анҷуман чандин бор дар маҷлисҳои Комитети Инкилобии Ҷумҳурӣ ва Бюрои ташкилии ҲК (б) Ӯзбекистон дар ҶМШС Тоҷикистон муҳокима шуда буданд. 26 октябр Президиуми Комитети Инкилобии Ҷумҳурӣ рӯзномаи кори анҷумани I Таъсискунандаи шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистонро тасдиқ кард. Моҳи ноябр бошад, Пленуми II Бюрои ташкилии ҲК (б) Ӯзбекистон доир ба ҶМШС Тоҷикистон ахбороти Комиссияи ташкилиро дар бораи гузаронидани анҷуман шунида маъкул ёфт. Анҷумани якуми шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон мувофиқи пешниҳодоти Комиссияи ташкилӣ, карордоди Комитети Инкилобии Ҷумҳурӣ ва пешниҳоди Бюрои ташкилии ҲК (б) Ӯзбекистон дар Тоҷикистон бояд аз 1 то 12 декабри соли 1926 дар Душанбе мегузашт. Рӯзномаи кори анҷуманро борҳо муҳокима ва ба тартиб оварданд. Ба рӯзномаи анҷуман масъалаҳои зерин пешниҳод шуда буд.

1. Маърӯза дар бораи вазъи байналхалқӣ ва дохилӣ (маърӯзачӣ Хоҷаев);

2. Маърӯзаи ҳисоботии ҳукумат (маърӯзачии асосӣ - Нусратулло Махсум, маърӯзачии иловагӣ - Абдулқодир Муҳитдинов);

3. Маърӯзаи ҳисоботии Комиссариати Халқии маориф (маърӯзачӣ А. Алиев;

4. Маърӯзаи Комиссариати халқии тандурустӣ (маърӯзачӣ - Ардатов);

5. Барҳам додани босмачигарӣ (маърӯзачӣ - Гермониус);

6. Натиҷа ва вазифаҳои сохтмони харбӣ ва қисмҳои миллӣ дар Осиёи Миёна (маърӯзачӣ - Авксентьевский);

7. Интихоботи аъзоёни КИМ Умумитоҷикистонӣ;

8. Интихоботи намояндагон ба анҷумани Шӯроҳои Умумиӯзбекистонӣ;

9. Интихоботи намояндагон ба Шӯрои Миллатҳои назди КИМ ИҶШС.

Анҷуман кори худро 1 декабри соли 1926 дар бинои "Хонаи деҳқон", ки дар яке аз гӯшаҳои Боғи маърифат ва истироҳати Марказии шаҳри Душанбе ҷойгир буд, оғоз намуд. Дар анҷуман 336 намоянда аз ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ иштирок доштанд. Дар қатори мардҳо 12 зан аз ҷумла 4 нафарашон тоҷик (Мӯҳтарама Иброҳимова ва Саида Зокирова), 1-ӯзбек, 1-эронӣ ва 6-рус иштирок доштанд.

Анҷуманро раиси Комитети Инқилобии Тоҷикистон Н. Махсум кушод. Аъзоёни раёсат дар ҳайати 39 нафар интихоб карда шуда буд.

Анҷуман ҳамагӣ 18 маҷлис гузаронида 7 маърӯзаи рӯзномаро шунавида, қарорҳои дахлдор қабул кард.

Ҳуҷҷатҳои қабулкардаи анҷуман инҳоянд:

1. Декларатсия дар бораи таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон;
2. Декларатсия дар бораи таъсисёбии қисмҳои ҳарбии миллӣ;
3. Декларатсия дар бораи миллӣ кардани замин, об, сарватҳои зеризаминӣ ва ҷангали ҶМШС Тоҷикистон;
4. Декларатсия дар бораи ҷорӣ намудани таълими умумӣ дар ҶМШС Тоҷикистон.

Резолютсияҳо:

1. Доир ба маърӯзаи ҳисоботи Комитети Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон ;
2. Доир ба маърӯзаи иловагии Комитети Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон оид ба сохтмони иқтисодӣ;
3. Дар бораи барҳам додани босмачигарӣ;
4. Доир ба маърӯзаи фармондеҳи қисмҳои округи Осиёимиёнагӣ дар бораи сохтмони ҳарбӣ (артиши миллӣ);
5. Доир ба маърӯза дар бораи вазъияти байналхалқӣ ва дохилии ИҶШС;
6. Доир ба маърӯзаи ҳисоботи Комиссариати халқии маориф;
7. Доир ба маърӯзаи Комиссариати халқии тандурустӣ.

Қарорҳо:

1. Дар бораи мукофотонидан барои хизматҳои дар мубориза зидди босмачигарӣ;
2. Дар бораи авф ба муносибати анҷумани I;
3. Дар бораи муҳоҷирон гурезагон;
4. Дар бораи ҳуқуқи занҳои меҳнаткаши ҶМШСТ;
5. Дар бораи маҳрум кардан аз ҳуқуқҳои интихоботӣ;
6. Дар бораи ваколатҳои ба КИМ нав интихобшудагон.

Муроҷиатномаҳо:

1. Ба халқи афғон;
2. Ба ҳамаи меҳнаткашони Тоҷикистон дар бораи озодии занон.


Деҳқон бо омоч шудгор дорад

Анҷуман инчунин 69 намояндагонро ба анҷумани Шӯроҳои ҶШС Ӯзбекистон ва 6 намояндаро ба Шӯрои Миллатҳои назди КИМ ИҶШС интихоб намуд.

Анҷуман КИМ ҶШС Тоҷикистонро дар ҳайати 97 аъзо ва 37 номзад ба аъзогӣ интихоб кард.

Маҷлиси аввалини сесияи якӯми КИМ ҶШС Тоҷикистон 12 декабр шуда гузашт. Маҷлиси Президиуми КИМ ва ҳукумати Тоҷикистон - Шӯрои Комиссариати Халқӣ (Совнарком)-ро таъсис дод. Раиси Президиуми КИМ Н. Махсум ва раиси Совнарком А. Муҳитдинов интихоб ва тасдиқ шуданд.

Ҳамин тариқ дар таърихи халқи тоҷик аввалин маротиба органҳои идорӣ ва ҳокимияти демократӣ интихоб карда шуданд.

**ҶАДВАЛИ**

нишондиҳандаҳои саршумори чорво дар соли 1919 ва 1925

| солҳо | асп | гов | гӯсфанд | буз |
|---|---|---|---|---|
| 1919 | 56 000 | 15 000 | 5 000 000 | 2 500 000 |
| 1925 | 7 663 | 5 000 | 120 000 | 300 000 |

**ҶАДВАЛИ**

нишондиҳандаҳои саршумори чорво дар соли 1919 ва 1925

| | Намуди зироат ба ҳисоби га | Соли 1914 | Соли 1925 |
|---|---|---|---|
| 1. | Майдони умумии киштӣ | 648,6 | 304,5 |
| 2. | Кишти лалмӣ | 330,7 | 235,7 |
| 3. | Кишти обёрӣ | 317,9 | 66,7 |
| 4. | Гандум | 398,6 | 206,7 |
| 5. | Шолӣ | 32,3 | 7,9 |
| 6. | Пахта | 34,9 | 1,8 |

## САВОЛҲО:

1. Авзои ҷамъиятию сиёсии солҳои 1924-1929 шарҳ диҳед?
2. Таъсисёбии ташкилоти ҳизбии Тоҷикистонро нақл кунед?
3. Интихобот ба шӯроҳои солҳои 1925-1926 шарҳ диҳед?
4. Қарорҳои анҷумани муасисони Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистонро номбар кунед?
5. Мазмуни декларатсияҳои қабул кардани анҷуманро нақл намоед?
6. Фарқияти комитетҳои инқилобиро аз шӯроҳо фаҳмонда диҳед?

**Эъломия дар бораи ташкил ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон.**

Матн:

"... Кулли ҷаҳони капиталистӣ ба ду гурӯҳи бо ҳамдигар зид, ки байни якдигар муборизаи доимӣ ва оштинопазирона мебаранд, ҷудо мешавад. Дар як тараф ақалияти истисморгар (сармоядорон, замин-дорон, савдогарон) ва дар тарафи дигар аксарияти истисморшаван-даҳо, ки аз коргарон ва деҳқонон иборатанд, меистанд.

Тамоми таърихи ҷаҳонӣ сармоядориро муборизаи беамони ин ду гурӯҳ - сармоядорӣ ва пролетариат ташкил медиҳад.

Инсоният аз ин кӯчаи сарбастаи таърих, бидуни инқилоби уму-миҷаҳонии сотсиалистӣ бе зӯрии диктатураи пролетариат баромада наметавонад...

Инқилоби Бузурги Сотсиалистии Октябр дар "Эъломияи ҳуқуқи халқҳои Россия" аз 2 ноябри соли 1917, аз рӯзи аввали мавҷудияти худ баробарӣ ва соҳибихтиёрии ҳама аҳолии собиқ халқҳои импе-рияи Россияро тантананок эълон намуд...

Халқҳои Осиёи Миёна, ки асрҳо аз тарафи хонҳо, амирон ва шо-ҳон истисмор мегардиданд ... ниҳоят дар асноси мувофиқат кардан бар принсипҳои Ҳокимияти Шӯравӣ имконияти ба даст гирифтани тақдири худро дар асоси инкишофи хусусиятҳои миллии ҳар як халқ гирифтанд...

Анҷумани I Умумитоҷикистонии «Шӯроҳо аз номи деҳқонони Тоҷикистон дар назди тамоми олам қарори қатъии худро дар бораи ихтиёран дохил шудани худро ба РСС Ӯзбекистон бо ҳуқуқҳои Ҷум-ҳурии Мухторӣ аз вилоятҳои Истаравшан, Панҷакент, Ғарм, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ иборат будаtро эълон менамояд».

1 декабри 1926. Шаҳри Душанбе.

## § 12. Азнавбарқароркунӣ ва вазъи хоҷагии халқи ҶМШС Тоҷикистон.

### а) Мушкилиҳои азнавбарқароркунӣ.

Тоҷикистони навтаъсис, ки мамлакати соф аграрӣ буду халқи он нав аз ҷанги шаҳрвандӣ баромада, аз нуқтаи назари иқтисодӣ сахт қашшоқ ва аз ҷиҳати сиёсӣ хело қафомонда буд. Барои барҳам додани ин қашшоқию қафомондагӣ сиёсати махсуси давлатӣ ва миллӣ лозим буд. Ин сиёсат аз имконияти сиёсӣ ва иқтисодии Давлати Шӯравӣ вобаста буд. Дигар ин ки барои гузаронидани чорабиниҳои зарурӣ фазои оромии сиёсӣ лозим буд. Тоҷикистони Мухтор аз ҷанги шаҳрвандӣ баромада бошад ҳам, ҳанӯз ҳам нооромбуд. Дар ҳудуди ҷумҳурӣ қариб 80 дастаҳои хурду калони босмачиён вуҷуд доштанд. Иқтисоди ба хоҷагии патриархалӣ тааллуқдошта, шароити бероҳию вуҷуд надоштани корхонаҳои саноатӣ, бозори дохилӣ ва берунӣ-ин ҳам ҳукумати Тоҷикистон ва халқи тоҷикро аз қашшоқию қафомондагӣ раҳонида наметавонист. Дигар ин ки дар ҳамон солҳо ягон давлати ҳамсарҳади Тоҷикистон худ ором набуд ва имконияти ёрӣ доданро ба Тоҷикистон надоштанд. Ҳамаи ин масъалаҳо имконияти ночизи худи ҳукумату халқи тоҷикро дар гузаронидани сиёсати азнавбарқароркунӣ душвор мегардониданд. Душвориҳои дигар ин амалиётҳои дастаҳои босмачиён, вайронкориҳои душманони Ҳокимияти Шӯравӣ, таҷрибаи кори ташкилотчигӣ ва идора карданро надоштани органҳои идорӣ ва хоҷагии ҷумҳурӣ ва ташвиқоти зидди шӯравии рӯҳониёну бойҳо буданд.

### б) Сиёсати милликунонии моликият.

Агарчи Ҳокимияти Шӯравӣ ҳоло дар солҳои 1917-1921 тамоми санадҳои милликунонии моликиятро (замин, корхона, муассиса, захираҳои табиӣ, банк, роҳҳо, нақлиёти обӣ ва техникиро) таҳия ва эълон карда буд, вале ҳанӯз ҳам дар Бухорои Шарқӣ амалӣ нагардида буданд.

Дар шароити ҶМШС Тоҷикистон масъалаи асосӣ - масъалаи ҳалли замин меистод. Дар соли 1924 ин масъала ҳоло ҳалли худро интизор буд. Соли 1925 ҳукумати ҶШС Ӯзбекистон дар бораи гузаронидани ислоҳоти обу замин қарор қабул карда буд. Вале гузаронидани онро дар Тоҷикистон дар солҳои 1925-1928 барвақт ҳисобида, гузаронида нашуд. Агарчи дар бораи миллӣ кардани захираҳои табиӣ (конҳо, замин, об, ҷангал) қонуну декларатсияҳо (соли 1926) қабул карда бошад ҳам азхудкунии онҳоро имконият надошт. Ҳолати деҳоти Тоҷикистонро ҷадвалҳои зерин хубтар инъикос мекунанд.

**в) Мубориза барои ҳалли масъалаи аграрӣ.**

То соли 1924 ин масъала ҳоло ҳалли худро наёфта буд. Дар давраи ислоҳоти обу замини солҳои 1922-1923 заминҳои типи помещикӣ-феодалӣ фақат дар шимоли Тоҷикистон мусодира шуда буду халос. Ҳиссаи асосии замин ҳоло ҳам дар дасти бойҳо ва рӯҳониёни заминдор боқӣ монда буд. Агар шартҳои иҷораи замин чорводорӣ, ҳиссакорӣ муздурӣ ва меҳнати кироя бекор карда шуда бошанд ҳам, ҳоло ҳам аксарияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ба иҷора - чоряккорию, ҳиссакорӣ мурочиат мекарданд.

Баъди таъсиси ҶМШС Тоҷикистон ҳалли масъалаи аграрӣ яке аз масъалаи рӯзмарраи ҳукуматӣ шуда буд. Вале аз набудани маълумоти дақиқ дар бораи ҳаҷми заминҳои мусодирашуда ва ба органҳои Ҳокимияти Шӯравӣ сар даровардани бойҳо, ин масъала бо душворӣ пеш мерафт. Масалан, дар шимоли Тоҷикистон дар солҳои 1921-1923 камтар, вале дар солҳои 1925-1926 аксарияти деҳқонон ба кашида гирифтани заминҳои бойҳою феодалӣ тайёр буданд ва соли 1926 ислоҳоти заминро асосан ба охир расониданд. Вале дар Бухорои Шарқӣ, то соли 1928, ин масъаларо пеш нагузоштанд.Гузаронидани онро чӣ ҳукумати Умумиттифоқ ва чӣ ҷумҳурӣ бармаҳал ҳисобиданд. Вале дар ин раванд қитъаҳои хеле зиёд аз кишт бозмондаро ёфта, ба камбағалон тақсим карда доданд. Барои ҳалли онҳо соли 1926 судҳои (комиссияҳои) обу замин таъсис ёфт. Ҳалли масъалаи аграрӣ дар азхуд кардани заминҳои нав бештар ояндадор буд. Ин гуна заминҳо бештар дар водиҳо буданд. Соли 1927 аввалин 460 хоҷагии камзамини вилояти Ҳисор ба водии Вахш кӯчида соҳиби 4-5 гектарӣ замин шуданд. Ин воқеа баъдтар дар тамоми Тоҷикистон роҳ ёфта, аз водии Қаротегин, Кӯлоб, Помир, Истаравшан, Панҷакент ва аз водии Фарғона ба водии Вахш зиёда аз 8030 хоҷагӣ кӯчонида шуданд. Инчунин, тақрибан 7000 хоҷагӣ муҳоҷири дохилӣ (аз қишлоқи худ ба қишлоқи ҳамсоя) шуданд, ки ҳар кадом соҳиби 4-5 га замин, ҳайвони корӣ ва молӣ гардиданд. Давлат муҳоҷиронро бо ҳама чиз таъмин мекард. Ин муҳоҷиркунӣ ихтиёрӣ гузаронида мешуд ва мақсади асосиаш деҳқононро бо замин таъмин намудан буд.

Дар ҳалли масъалаи аграрӣ, ҳалли заминҳои вақфӣ низ дорои аҳамияти иҷтимоӣ буд. Чунки даромади андози ин заминҳо асосан ба кисаи рӯҳониён медаромад. Соли 1925 барои идораи ин заминҳо шӯъбаҳои вақф дар назди Комиссариатҳои маориф таъсис ёфта, акнун андози заминҳои вақф барои харҷи маориф ва маданият сарф мешуд. Андози онҳо 10/1 ҳиссаи ҳосилро ташкил медод, ки аз андози

шӯравӣ хеле фарқ дошт. Фарқи он боз ба фоидаи рӯҳониён буд. Соли 1927 заминҳои вақф аз муассисаҳои динӣ ҷудо карда шуда, ба дасти онҳое, ки заминро кор мекарданд, ҳамчун иҷораи давлатӣ дода шуд. Январи соли 1928 бошад, андози вақфҳо ба андози замини давлатӣ баробар карда шуд. Фақат 1 феврали соли 1929 заминҳои вақфӣ ба ихтиёрӣ шӯроҳои маҳаллӣ тобеъ карда шуданд. Заминдории вақфӣ тамоман аз байн рафт. Аммо дар қисмати Бухорои Шарқӣ ҳоло ҳам масъалаи замин ҳал нашуда монд. Агарчи анҷумани I Шӯроҳо декабри соли 1926 ва феврали соли 1927 КИМ ҶМШС Тоҷикистон қарорҳоро дар бораи ислоҳоти обу замин қабул карда буданд, вале ба хулосае омада буданд, ки ҳоло гузаронидани он аз имконият берун аст. Фақат баҳори соли 1929 ҳукумати Тоҷикистон дар бораи гузаронидани ислоҳоти обу замин иҷозат дод. Вале аз сабабе, ки ҳамон сол дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳаракати коллективонӣ (муттаҳидкунӣ) сар шуда буд, гузаронидани ислоҳоти заминро чорабинии зиёдатӣ хонданд. Яъне ислоҳоти обу замин гузаронида нашуда, деҳоти тоҷикро ба муттаҳидкунии хоҷагидорӣ оварданд.

**г) Кооператсиякунонии истеҳсолот.**

Кооператсия гуфта, ҳамкориро мегӯянд. Сиёсати кооператсиякунонии шӯравӣ бошад, ин ҳамкории умумии одамон барои фаъолияти якҷояи хоҷагидорӣ буд, ки дар хоҷагии қишлоқ, саноат, матлубот, савдо, кредит ва ғайра ҷорӣ карда шуда буд. Таҷрибаи солҳои 1918-1924 дар ташкили кооператсияҳои истеъмолӣ дар солҳои барқарор кардани хоҷагии қишлоқ ҳам истифода бурда шуд. Мақсади асосии кооператсиякунонӣ ин таҷриба кардани ҳамкории деҳқононро дар корҳои саҳроӣ, ин тарбияи истеҳсолӣ, омӯзонидани таҷрибаи пешқадам ва ба кори колективона одат кунонидани деҳқон буд. Ин сиёсат ҳадафи иқтисодӣ ҳам дошт. Деҳқонони камбағал қудрати бгирифтани қарзҳои фоиздорро надоштанд. Вале ба он мӯҳтоҷ буданд. Барои он ки онҳо қудрати пардохти қарзро пайдо кунанд, онҳоро ба ҳамкорӣ кардан дар иҷрои ин ё он кор (муттаҳид карданро) сар карданд. Масалан, ҳамкорӣ ва ё муттаҳид карданро барои нигоҳ доштани канал ва ё ҷуйбор, дар гузаронидани кишти зироат ва ғайра. Дар ин сурат давлат ба онҳо асбоби корӣ, тухмӣ ё пул медод. Яъне, қарзгиранда дар назди давлат ягон маҷбуриятро иҷро намекард. Фақат бояд ба ягон кооператсия аъзо бошад. Ин кооператсияҳои истеъмолӣ буданд. Дар солҳои 1924-1929 ин кооператсияҳо зиёд шуданд. Соли 1924 дар Тоҷикистон ҳамагӣ 11 кооператсия буд. Соли



Трактор дар вақти кор (с. 1927)

1926 бошад, ба кооператсияҳо 21% хоҷагиҳои деҳқонон дохил шуда буданд. Дар ҷумҳурӣ. аввалин кооператсияи мустақили соҳавӣ, кооператсияи мелеоративӣ буда, аз ҳамаи кооператсияҳои дигари соҳавӣ бештар деҳқононро фаро мегирифт. Дар ҷои дуюм кооператсияи пахтакорӣ меистод. Дар солҳои 1924-1927 ин кооператсияҳо ташкилотҳои поёнӣ ва болои худро таъсис доданд. Кооператсияи мелиоративиро аз поён то боло зери Сарраёсати хоҷагии оби ҷумҳурӣ ва пахтакориро "Пахтаҫоюз" роҳбарӣ мекарданд. Ба ин кооператсияҳо қарзҳоро банки хоҷагии қишлоқ ҷудо мекард.

Аз соли 1927 сар карда кооператсияҳо аз функсияи истеъмолӣ ба фаъолияти таъминотӣ ва фурӯш гузаштанд. Маҳсулоти истеҳсолкардаи деҳқонро фурӯхта медоданд ва деҳқононро ба ивази маҳсулоти ба кооператсия додааш бо молҳои истеъмолии зарурӣ таъмин мекарданд. Ин шакли кооператсияҳо ба мустаҳкамшавии савдои давлатӣ ва системаи маҳсулоттайёркунӣ оварда миёнаравонро танг карда баровард. Пеш ин миёнаравон маҳсулоти деҳқононро аз нархи бозор арзон харида бо нархи бозор ба давлат месупориданд. Акнун ин миёнаравон дигар лозим набуданд.

Аз соли 1928 сар карда байни саноат ва деҳқонон шакли нави муносибати моливазкунӣ - контрактатсия-шартнома ба вуҷуд омад. Саноат бо деҳқонон шартнома мебаст, ки ӯ фалон намуди маҳсулот истеҳсол кунад ва онро бо нархи на паст аз бозор харида мегирад. Ин намуди кооператсия дар охири соли 1929 57,6% хоҷагии деҳқононро дар бар гирифта буд. Пахтакорӣ тамоман шартномавӣ шуда буд.



Заводи пахтатозакунии Душанбе

Ҳоло соли 1928 бисёр соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ба кооператсияҳои истеҳсолӣ ҳам

гузаштанро сар карда буданд. Аввал ин намуди кооператсия дар пахтакорӣ, баъд дар пиллакорӣ, полизӣ, боғдорӣ пайдо шуданд. Яъне, кооператсияҳо ҳамчун муассисаи ҳамкории деҳқонон аз вазифаи фақат истеъмол кардану ягон маҷбурият надоштан то ба истеҳсолӣ расиданд. Акнун кооператор шуда ба ивази истифодаи имтиёзҳои пешниҳодшуда маҷбурият ҳам дошт - маҷбурияти истеҳсол карданро. Контрактатсия дар ибтидои коллективонӣ аҳамияти калони иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсӣ ҳам дошт. Деҳқонро аз хаёли "бо моли истеҳсолкардааш чӣ кор кунад"-ро халос кард ва давлатро аз ҷустани моли заруриаш. Контрактатсия дар солҳои 1928-1929 роли худро бозид.

Сиёсати аграрии пешгирифтаи Ҳукумати Шӯравӣ ба пешравии соҳаҳои хоҷагии қишлоқ сабаб шуд. Пеш аз ҳама, дар соҳаи ирригатсия. Ба ин соҳа давлат дар солҳои 1925-1929 5 млн. сӯм ҷудо карда буд. Дар натиҷа каналҳои аз кор баромада пурра барқарор ва корҳои тадқиқотию лоиҳакашии обшоркунӣ дар водии Вахш ва Ҳисор гузаронида шуд. Инчунин барои деҳқонон 3,7 млн. сӯм дода шуд. Замини зироати обии ҷумҳурӣ дар давраи мухторият 75 ҳазор гектар зиёд шуд.

Аз соли 1925 сар карда техникониданӣ хоҷагии қишлоқ сар шуд. Ба ҷумҳурӣ ба миқдори хеле зиёд плуг, сихмола, тухмипошакҳо оварда шуданд. Дар Тоҷикистон 2 отряди тракторӣ дорои 6 трактор кор мекард. Соли 1927 дар ҷумҳурӣ 42 трактор буд. Соли 1928 дар Тоҷикистон 4 МТС (стансияҳои мошинӣ-тракторӣ) таъсис ёфт.

Дар соли 1924-1929 дар Тоҷикистон 17 пункти агрономӣ ва 21 пойгоҳи истифодаи шартномавии техника, пункти иҷораи мошинӣ-техникӣ кор мекарданд, ки ба хоҷагии деҳқонӣ ва колхозҳо хизматҳои гуногун мерасонданд.

Сиёсати андози шӯравӣ ҳам ба манфиати камбағалону миёнаҳолон равона карда шуда буд. Бори аввал андози замин дар Тоҷикистон соли 1927 ҷорӣ карда шуда буд, ки ҳамон ҳам Помирро дар бар намегирифт. Боз вазъияти деҳқононро ба назар гирифта, деҳқонон аз қарзҳои пештара озод карда шуданд. Хоҷагиҳои пахтакор низ аз андози соли 1927-1928 озод карда шуданд. Соли 1928-35% ва соли 1929 - 51% хоҷагиҳо аз андоз озод буданд. Вале дар тамоми солҳои 1925-1929 деҳқонони бой андоз медоданд. Ҳатто соли 1929 ба онҳо андози шахсӣ муқаррар карда шуда буд.

Дар истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ пеш аз ҳама дар пахтакорӣ пешравӣ дида мешуд. Истеҳсоли пахта дар Тоҷикистон соли 1927 ба 27 ҳазор тонна расида бошад ҳам ба дараҷаи соли 1913 нарасида буд. Барқарор кардани саршумори чорво суръат гирифта буд.

Хулоса, сиёсати аграрии Давлати Шӯравӣ натиҷаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дода истода буд.

**д) Саноат ва ҳунармандӣ дар ҶМШС Тоҷикистон.**

Дар даврай мухторият вазъи саноати Тоҷикистонро шарҳ додан хело душвор аст. Чунки саноати фабрикию заводиаш он қадар зиёд набуд. Ҳамагӣ 22 корхонаи типи заводу фабрикӣ вуҷуд дошт. Ҳамаи онҳо дар округи Хуҷанди Ӯзбекистон ҷойгир буданд. Дар қисмати ҷанубӣ ва марказии ҷумҳурӣ ғайр аз як стансияи дизелӣ электрикии шаҳри Душанбе, ки барои бо барқ таъмин намудани радиостансияи Тоҷикистон сохта шуда буд, дигар корхонаи типи заводу фабрикӣ вуҷуд надошт.

Дар солҳои 1925-1929 дар Тоҷикистон 8 заводи пахтатозакунӣ (дар Сарои Камар, Шаҳритус, Ҷиликӯл, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Душанбе) сохта шуд. Калонтарини онҳо заводи пахтатозакунии Душанбе-3 буд, ки ҳама протсессҳои кор механикӣ иҷро карда мешуд. Шумораи коргарони корхонаҳои сензӣ дар соли 1929 ҳамагӣ 1146 нафарро ташкил медод. Дар ҳамин солҳо дар округи Хуҷанд заводи пахтатозакунӣ (соли 1926), дар Истаравшан заводи шаробкашӣ (1927), заводи меватозакунии Конибодом (1928), заводи меваю шарбати Қистакӯз (1928). Осиёби механикии Ғулакандоз (1928) сохта шуданд. Агар саноати Тоҷикистонро ба соли 1913 муқоиса кунем, он 8,2 баробар афзуда буд.

Дар солҳои 1926-1929 роҳи оҳани Тирмиз-Душанбе сохта шуд, ки дар ҳаёти иқтисодии Тоҷикистон роли бениҳоят калонро бозид. Ин роҳ Тоҷикистонро бо дигар ҷумҳуриҳо хубтар пайваст. Кашондани борҳои саноатӣ ва мусофиронро осон кард. Соли 1928 дар роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ ҳамагӣ 18 автомашинаи боркаш кор мекард. Дар дарёи Аму пороходи "Красный Таджикистан" ва ду киштии моторӣ ҳаракат мекарданд.

Охири соли 1928 ва соли 1929 роҳҳои автомобилгарди Душанбе-Қӯрғонтеппа-Кӯлоб ва Душанбе-Туткавул-Кӯлоб сохта ба истифодабарӣ дода шуданд.

Ба ғайр аз сохтмони корхонаҳои саноатӣ, хукуматҳои маҳаллӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кори барқарор кардани корхонаҳои вуҷуддошта ҳам машғул буданд. Истеҳсоли ангишт ба 46% ва нефт

ба 110% давраи соли 1913 расонида шуда, коркарди пахта ба 4,5 ҳазор тонна нах расонида шуда буд. Соли 1927 дар Хуҷанд фабрикаи бофандагӣ аз нав ба кор сар кард. Вале талаботи аҳолиро бо маҳсулоти саноатӣ-асосан матоъ, пойафзол, асбобу анҷоми корӣ ва рӯзгор корхонаҳои ҳунармандӣ таъмин мекард. Дар Тоҷикистон то охири соли 1929 зиёда аз 1300 ҳунарманд дар устохонаҳои давлатӣ ва тақрибан 4,5 ҳазор ҳунарманд дар устохонаҳои шахсӣ кор мекарданд. Бофандагӣ, ресандагӣ, рангумолкунӣ, кафшдӯзӣ, оҳангарӣ, заргарӣ касбҳои асосии ҳунармандон буданд. Давлат ба муттаҳид кардани онҳо низ сар карда буд. Давлат дар



Дастаи ихтиёрии ҷангӣ аз вилояти Кӯлоб

маркази ҳама ноҳияҳо як артели ҳунармандӣ кушода таъмини онҳоро бо ашёи лозимӣ ба зиммаи худ гирифта буд. Баъзе ин артелҳо то кунун ҳам вуҷуд доранд. Баъзеи онҳо баъдтар ба фабрикаҳои давлатӣ табдил ёфта буданд.

## Луғати истилоҳот

1. Кооператсияи истеҳсолӣ-гуфта кооператсияи молистеҳсолкунандагони хурд (майда) харидорону хоҷагии қишлоқро (коргарон, хизматчиён, косибон ва деҳқонон) дар назар дошта мешавад. Ин кооператсияҳо пеш аз инқилоб дар Россияи Марказӣ, дар намуди Иттифоқҳои марказии ҷамъияти матлубот, хариду фурӯши мол, артелҳои равғанкашӣ, кооператсияи ғаллаю дон, Иттифоқи хоҷагии қишлоқ амал мекарданд ва дар солҳои 1917 такягоҳи инқилоб ҳам гардида, буданд.
2. Кооператсияҳои тайёр кардани мол-ташкилоте буд, ки солҳои 1923-1928 амал мекарду ба тайёр кардани мол-маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва саноат банд буд. Ин кооператсияҳо бо шартҳою нархҳои гуногун маҳсулотро харида захира мекард ва ба давлат месупорид.
3. Кооператсияҳои хариду фурӯшӣ-ин ташкилоти махсуси Давлати Шӯравӣ буда, ба хариду фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва моли ҳунармандон банд буд. Одатан ин ҳамон кооператсияҳои истеъмолие буданд, ки фақат таъиноти нав-хариду фурӯшро ҳам сар карда буданд. Солҳои амалашон ба солҳои 1926-1929 рост омада буд.
4. Кооператсияи хоҷагии қишлоқ-ҳамчун кооператсияи муттаҳид намудани деҳқонон бо мақсади харидан ва истифода бурдани асбобу анҷоми хоҷагии қишлоқ, парвои (парвариши) чорво, фурӯхтан ва аз нав кор кардани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, қарзгирии қулай (имтиёзнок), тарғиби донишҳои агрономӣ-ҳоло пеш аз инқилоби Октябр ташкил ёфта буд. Муассисаҳои ин кооператсия соли 1918 Союзкартошка.

Союзканаб, Кооператсияи ғаллаю дон, Муассисаи меваю сабзавот ва ғайраҳо буданд. Ин кооператсия дар тамоми давраи солҳои 20-30 вуҷуд дошт.

5. Кооператсияҳои қарздиҳӣ (кредитӣ)-ин ташкилоти Давлати Шӯравӣ буда, ба додани қарзҳои гуногуни имтиёзноку беимтиёз ба аҳолии шаҳру деҳот (асосан камбағалон) дар шакли сӯми нақдӣ банд буд. Дар Тоҷикистон ин кооператсияҳо аз соли 1923 амал мекарданд.
6. Пахтасоюз- гуфта аз соли 1927 ташкилоти роҳбарикунандаи умумиттифоқии ба тайёр кардани пахта бирои корхонаҳои ресандагӣ ва пахтатозакунӣ машғул бударо дар назар дошта мешавад. Пахтасоюз дар Тоҷикистон шӯъбаҳои худро дошт.

## САВОЛҲО:

1. Мушкилиҳои азнавбарқароркуниро номбар кунед ва шарҳ диҳед?
2. Муносибати Давлати Шӯравиро нисбат ба моликият шарҳ диҳед?
3. Аввалин ширкатҳо ва кооператсияҳоро шарҳ диҳед?
4. Намуди кооператсияҳоро номбар кунед?
5. Корхонаҳои саноатии дар солҳои 1925-1929 сохташударо номбар кунед?
6. Аввалин хати роҳи оҳани Бухорои Шарқӣ калом буд ва кай сохта шуда буд?
7. Сиёсати Давлати Шӯравиро нисбат ба хунармандӣ ва ҳунармандон шарҳ диҳед?
8. Артели хунармандӣ чист?

## § 13. Мубориза синфӣ дар даврам мухторият.

### а) Ду маъракаи зарбазанӣ зидди Иброҳимбек.

Масъалаи аз ҳама муҳимми сиёсии солҳои 1925-1929-мубориза зидди дастаҳои торочгари зиддишӯравӣ, ки ҷомеаи онрӯзаи шӯравӣ онҳоро босмачӣ эълон карда буданд, ба ҳисоб мерафт. Ҳамаи босмачиён душманони халқи худ ва ҳатто шӯроҳо ҳам набуданд. Бадбахтии онҳо дар он буд, ки сохти навро, қабул карда натавониста, ҳам худро қурбон карданду ҳам қурбониҳои зиёд овардаанд. Соли 1925 дар ҳудуди Тоҷикистон 48 дастаи босмачиён амал мекард, ки калонтарини онҳо дастаҳои Иброҳимбек - тақрибан 650 йигит, Барот Туқсабо - 150, Эгамбердӣ - 100, Мулло Зиёвуддин - 80, Раҳмон додхоҳ - 100, Дониёр - 80 ва ғайраҳо ҳисоб мешуданд. Иброҳим-



Дастаи ихтиёрии деҳаи Эсанбойи ноҳияи Рӯдакӣ

бек кўшиш кард, ки онҳоро муттаҳид намояд. Аз ин рў, ў 31 декабри соли 1924 дар Ҳисор ҷамъомади қўрбошиёни Лақайро гузаронида масъалаҳои мубориза зидди шўроҳо ва таъсиси дастаҳои нави зиддишўравиро гузошт. 1 январи соли 1925 зери фармондеҳии Иброҳимбек 650 нафар босмачӣ ба ҳаракат сар карда то 9 январ дар водии Сурхону Қашқадарё амалиётҳои ҷангӣ гузаронид. Ў мехост, ки босмачигариро дар ин минтақа вусъат бахшад. Вале ба мақсадаш нарасид. Агарчи ў ба ҷанг намедаромад, вале корпуси 13 ўро думболгирӣ карда дар 9 рўз 14 маротиба ба ҷанг кашиданд.



Иброҳимбек

Камии қувваҳои худро ҳис карда ў боз ба Ҳисор баргашт ва 28 январи соли 1925 дар қишлоқи Тўдаи Ҳисор ҷамъомади қўрбошиёнро гузаронида розигӣ дод, ки то тобистон баъзе дастаҳои ҳарбиаш пароканда шаванд. Худ ба Кўлоб гузашта ба ғорату қатли тарафдорони Ҳокимияти Шўравӣ сар кард. Моҳи марти соли 1925 Иброҳимбек қишлоқи Ҷайрон ва Гузари Малики Кўлобро ғорат кард. Амалиётҳои Иброҳимбекро дида Комитети Инқилобии Ҷумҳурӣ ҷумҳуриро дар ҳолати ҷангӣ эълон карда, ба таъсиси маъракаи зарбазанӣ бар зидди Иброҳимбек сар кард. Дар ин маърака тамоми қўшунҳои корпуси 13 тирандоз, милитсия, қисмҳои таъиноти махсус (Қ.Т. М.), дастаҳои ихтиёрии "Калтакдорони Сурх" органҳои ҳифзи ҳуқуқ, саломатӣ ва маорифу маданият иштирок доштанд. Дастаҳои ихтиёрии Юлдош Командир (Соҳибназаров), Муқим Султонов, Қувандиқ Тошев, Қаракомандир Алимов, Қарахон Сардоров, Қаршиоқсақол Одинаев, Кенча Зиёев ва даҳҳо дигарон иштирок доштанд. Моҳи март-июли соли 1925 қўшунҳои шўравӣ 267 муҳориба гузаронида дастаҳои зиддишўравиро парешон карданд. Аз 48



Мокрицкий Ф.А.

дастаи аввали сол тобистон 31 даста боқӣ монда буд, ки шумораи умумии аъзоёни онҳо аз 500 нафар зиёд набуданд. Июни соли 1925 вазъияти ҳарбӣ бекор карда шуд. Вале торумори дастаҳои босмачиёнро давом дода, то охири сол боз 18 дастаи дигар пароканда гардид. 25 қӯрбошӣ ва 237 босмачӣ ихтиёран таслим шуданд.

| № | Номи кентҳо | кумитаҳо | | дастаҳо | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | шумора | аъзо | шумора | аъзо |
| 1. | Ёвон | 3 | ? | 1 | 36 |
| 2. | Султонобод | 2 | 24 | 3 | 1000 |
| 3. | Лоҳур | 3 | 40 | 3 | 90 |
| 4. | Арал | 2 | 30 | 2 | 50 |
| | | 4 | 60 | 2 | 70 |
| | | 14 | 154 | 11 | 1246 |

Дар яке аз хитобномаҳои худ ба аҳолии Бухорои Шарқӣ Иброҳимбек навишта буд: «Мо дар Бухорою Фарғона ва Самарқанд ғалаба мекунем. Мусулмонон ошӯб доранд ва ором нестанд... Ҳоло бошад болшевикҳо танҳо мондаанд ва вазъияти онҳо бениҳоят душвор гардидааст... Ба болшевикҳо барои қӯшун, барои милиса одам надиҳед ва ҳеч гуна дастгирӣ накунед. Ба дастаҳои қӯшунҳои мусулмонӣ дохил гардед».

Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда дар Бухорои Шарқӣ зидди Иброҳимбек садҳо дастаҳои ихтиёрии зидди босмачигарӣ пайдо шуда буданд.

Дар ин бора ҷадвали зерин аз 4 кенти Бухорои Шарқӣ хубтар ахбор медиҳад.

Зимистони соли 1926 Иброҳимбек бо тамоми маҳораташ, Олимхон бо хазинааш ва ҷосусони байналхалқӣ бо найрангҳояшон дастаҳои нави босмачиёнро ташкил дода, дар Қаратоғу Файзобод, Вахшу Кӯлоб ва Қаротегин ба амалиётҳои ҷудогона сар карданд. Таҷрибаи соли 1925 боз ба кор омад. Ҳукумати Тоҷикистон маъракаи дуюми зарбазаниро зидди Иброҳимбек ташкил кард. Дар ин давра агарчи шумораи гарнизонҳои Артиши Сурх аз 107 адад ба 100 адад фаромада бошанд ҳам, шумораи дастаҳои ихтиёрӣ, отрядҳои худмуҳофизаткунӣ, калтакдорони сурх хеле афзуда буданд. Акнун дар ҳайати корпуси 13 тирандоз полки миллии тоҷикӣ амал мекард. Ин буд, ки то моҳи апрел аксарияти ҳудудҳои водии Ҳисор (ба ғайр аз Лақай), Вахшу Кӯлоб аз дастаҳои зиддишӯравӣ озод гардида буд. Иброҳимбек дар кӯҳҳои Боботоғу Тереклитоғ бо анборҳои худ боқӣ монда буд. Вале аз беоқибатии кори худ пай бурда, июни соли 1926 ба Афғонистон фирор кард.

Барои чӣ ба Иброҳимбек муяссар гардид, ки дар муддати кӯтоҳ дастаи азиме ҷамъ оварад? Аввалан барои ин, ки ӯ бисёр доно ва маккор буд. Воситаҳои ахбори бисёр дошт ва гуноҳу қадри ҳар як шахсеро, ки ба худ ҷалб карданӣ буд, медонист. Ӯ марди шуҷоъ буд. Аз марг наметарсид, аз ҳама пеш ба ҷанг медаромад ва охир мебаромад. Аз тамоми системаи яроқҳои замона бе хато тир мепарронд. Ҳар хел аспро саворӣ карда метавонист. Дурӯгро намепазируфт, вале барои ҳадафи худ хеле хуб истифода мекард. Дар ҳар як деҳаи Ҳисору Вахш ва Кӯлоб одами худро дошт. Ҳақиқату адолатро мепарастид, вале нисбат ба душманаш раҳму шафқат надошт.



Каримҷон Хусейнзода

Аз ӯ метарсиданд. Дурӯя набуд, то қатлаш ба ақидаи худ содиқ монд.

**Муборизаи зидди Фузайл Махсум.**

Баъди шикасти соли 1923 Фузайл Махсум ба Афғонистон гурехта ба хуҷуми оянда тайёрӣ дид. Бо дастгирию дасисаҳои Англия ва Афғонистон ӯ 12 апрели соли 1929 сарҳадро вайрон карда, ба хоки Тоҷикистон зада даромад. Қӯри Шермат аз сарҳад гузашта Ванҷро ишғол намуд. Дастаҳои дигари хурди аз 30-50 босмачӣ иборат дар минтақаҳои дигари Тоҷикистон ҳам кӯшиши зада даромаданро карданд. Фузайл Махсум ва Қӯри Шермат ҳангоми амалиётҳои худ коркунони аппаратҳои шӯравӣ, ҳизбӣ, маориф, молия, почта ва ғайраҳоро қатл карданд. Фузайл 19 апрел Тавилдара ва 20 апрел Қалъаи Лаби Обро забт намуд. Баъди ишғоли Ҳоит се нафар аввалин муаллимаҳои ҳоитӣ - Сайрамбибӣ Қосимова, Маълумбибӣ Гадоева ва Оламбибӣ Абдуллоеваро ба дор овехт. Дар Ҳоит сарбозони худро ба 500 нафар расонида, ба Ғарм равон шуд. Дар Ғарм аз ҳисоби коркунони муассисаҳои давлатӣ ва муаллимон бо сардории Ф. Гутовский ва Ф.А. Мокрицкий ду отряд ташкил карда шуд, ки яке аз 18 нафар ва дигаре аз 9 нафар иборат буд. Дастаи 18 нафара бо сардории Ф. Гутовский ба пешвози Фузайл баромада дар деҳаи Нимич ба муҳосира афтода дар ҷанги нобаробар халок гардид. Отряди 9 нафара босмачиёнро 22 апрел дар наздикии Ғарм пешвоз гирифта ҷангкунон ба Ғарм қафо нишаст. 23 апрел Фузайл қисми Ғармро ишғол карда, отряди Ф. Мокрицкийро ба муҳосира гирифт. Ҳамон рӯз аз Душанбе ба воситаи самолёт командири бригада Т.Г. Шап-



Путовский Ч.А.



Нисормуҳамадов Ю.



Шапкин Т.Т.

кин ва комиссари бригада А.Т. Федин бо чор нафар Аскари Сурх ва 4 пулемёт дар ҳамвории қишлоқи Шул фаромада, ба ҷанг даромаданд.- Ҳамон рӯз боз 40 Аскари Сурх ба воситаи самолёт ба Ғарм расид. Аз Кӯлоб отряди 50 нафара ба Тавилдара расида омад. Дар якҷоягӣ аскарони шӯравӣ дастаи Фузайл Махсумро таъқибкунон то сарҳад рафтанд. 9 майи соли 1929 Фузайл Махсум бо 12 нафар шогирдонаш ба Афғонистон фирор кард.

Дар ҷанги зидди Фузайл Махсум 15 нафар муаллимон, аз ҷумла Каримҷон Ҳусейнзода, Яҳё Олимӣ, Алиакбар, Ҳасанов, Сайфулло Алиев кушта шуданд. Ҳоло дар қишлоқи Нимич ва маркази ноҳияи Ғарм оромгоҳи бародарии ҳимоятгарони Ғарм аз ҳуҷуми Фузайл Махсум боқист.

Сабабҳои асосии ғалабаи шӯравӣ дар ҷанги гражданӣ дар чӣ буд? Аввалан, дар рӯҳияи мардум ва қувваи реалии ҳарбӣ. Мардум аввал озодӣ, оромӣ ва баъд замин мехост. Давлати Шӯравӣ онро ҳам ваъда карда буд ва ҳам дар амал мекӯшид. Дуюм ин, ки мақсадҳои ҳаракати зиддишӯравӣ ба мароми меҳнаткашон мувофиқ набуд. Мухолифон бо ном ҳомии халқ буданд, вале дар амал ҳукмрон будан мехостанд. Омили асосии ғалаба бар босмачигарӣ, ин маҷмӯи чорабиниҳои характери иқтисодӣ; иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва маданӣ ба ҳимояи оммаи меҳнаткаш равона кардаи Ҳокимияти Шӯравӣ буданд. Аз ҷумла, ҳимояи молу мулк ва ҷони шаҳрвандон, ёрӣ дар вақти кишту кор ва ҷамъоварии ғалла, зироат, раҳму шафқат нисбат ба босмачиёне, ки таслим мешуданд, эълони авфи умумии фирефташудагон, бе пурсиш намондани шикояти аҳолӣ ва ғайра. Ҳокимияти Шӯравӣ ва Артиши Сурх, ҳам дар сухан ва ҳам дар амал тарафдори оммаи меҳнаткаш буд. Маҳз бо ҳамин сиёсат Ҳокимияти Шӯравӣ деҳқонони

тоҷикро ба худ наздик ва аз мухолифат дур мекард. Вале ин худ аз худ ба амал намеомад. Онро ташкил кардан даркор буд. Давлат онро ба воситаи корҳои амалии худ мефаҳмонд. Вале аз ҳама омили асосии ғалаба аз болои мухолифатгарӣ ин ягонагии сиёсию ҳарбӣ ва иқтисодии ИҶШС буд. Бе ёри халқҳои дигар ин ғалаба ба даст намеомад.



Мелкумов Я.А.

**САВОЛҲО:**

1. Марҳилаҳои мубориза зидди Иброҳимбекро баён кунед?
2. Чаро Фузайл шикаст хӯрд?
3. Муҳорибаи Ғармро нақл кунед?
4. Сабабҳои асосии ғалабаро бар босмачигарӣ шарҳ диҳед?



Ярмухамедов Я.

## § 14. Баргардондани гурезагони иҷборӣ. Тоҷикони берунмарзӣ ва дӯстии халқҳо дар солҳои 1924-1929

### а) Бозгардондани гурезагон.

Яке аз масъалаҳои рӯзмарраи солҳои 1925-1929 масъалаи бозгашти гурезагон аз Афғонистон буд. Шумораи онҳоро то 360 ҳазор нафар ё 50000 хоҷагӣ ба забон меоварданд. Онҳо аз соли 1920 то соли 1924 аз нофаҳмӣ ё дар қатори дигарон аксаран ба Афғонистон гурехта буданд. Аксарияти онҳо бо молу амволаш рафта буд. Вале онҳо аксаран бе молу амвол, гуруснаю бараҳна бар мегаштанд. Баргашти мунтазам аз соли 1925 сар шуд ва комиссияи махсуси ҷо ба ҷокунии гурезагон таъсис ёфт. Аксарияти онҳо дар водии Вахш маскун шуданд. Давлат барои ташкили хоҷагии онҳо ёриро дареғ надошт. Онҳоро бо замин, асбобу анҷоми кору рӯзгор таъмин намуда, аз андоз озод кард. Қарзи дарозмуддати бефоиз дод.



Дарс дар мактаби нави деҳаи Кизилмазор



Имомов Ч. дар байни фаъолони клуби занҳои ш. Душанбе

То соли 1929 мувофиқи рӯйхати комиссияи ҷо ба ҷокунӣ зиёда аз 11000 оилаи гурезагон баргашт.

Ҳукумати Умумиттифоқ дар солҳои 1925-1927 деҳқонони камзамини Тоҷикистонро аз андози замин пурра озод карда буд. Помир то соли 1929 аз ҳама намуди андоз озод буд. Ба замми ин, боз ҳазорҳо тонна галла барои хӯрок ва кишти зироат ҳамчун ёрии бебозгашт ворид шуда буд. Шиори "Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо, як шавед" дар ИҶШС амалӣ шуда истода буд. Дӯстии халқҳо танҳо шиор набуд, зиндагии воқеъӣ буд.

**б) Тоҷикони берунмарзӣ дар солҳои 1925-1929.**

Инқилоби Октябр ва раванди барпошавии Ҳокимияти Шӯравӣ фақат ҳудудҳои тоҷикнишини қаламрави империяи Россия ва аморати Бухороро фаро гирифта буд. Тоҷикон дар ҳайати давлатҳои Туркистон, Бухоро ва Афғонистон, Эрон, Хитой зиндагӣ мекарданд. Солҳои 1924-1929 халқи тоҷик дар ҳайати ин давлатҳо давраи тақдирсозеро аз сар гузарониД. Тоҷикони шӯравӣ рӯ ба сотсиализм оварда соҳиби давлати соҳибистиқлоли шӯравӣ шуданд. Тоҷикони дар ҳайати Ӯзбекистон ва Қирғизистон буда ба мисли халқҳои дигар аз ҳуқуқҳои шӯравӣ бархӯрдор гардиданд. Аз тарафи дигар, тоҷикон ба поймолкунии ҳуқуқҳои худ дар таълими мактабӣ ва истифодаи забонаш дучор гардид. Ин ҳолат ба тоҷикони Ӯзбекистон бештар рӯй дод. Дар солҳои фавқулзикр ҳангоми гирифтани шаҳодатномаи таваллуд ё шиноснома ва дар вақти гузаронидани маъракаи барӯйхатгирии аҳолӣ тоҷикон аксаран ба ӯзбекҳо "табдил" меёфтанд. Тоҷикон ҳамчун ватандорони марказҳои тамаддуни асримиёнагии худ дар Бухорову Самарқанд ва қисман Фарғона аввалан ба шахрванди Ӯзбекистон табдил ёфтанд, ва баъдан ҳамчун халқи ӯзбек ба қайд гирифта шуданд.

Дар солҳои 1924-1929 зиндагиномаи тоҷикони Афғонистон ҳам ба марҳилаи тақдирсоз даромада буд. Дар ин солҳо ҳукмронии Амонуллохон (1919-1929) давом меёфт. Ислоҳотҳои пешгирифтаи ӯ, ки мақсад аз онҳо бунёди ҷомеаи буржуазӣ буд, ба муқобилияти шадиди гурӯҳҳои кӯҳнапараст дучор гардиданд. Ҷамъияти Афғонистон беш-

тар ба сохтори ҷамъиятии қавмӣ тамоил дошт. Ҳар қабила пешвои худро доштан мехост. Аз ин рӯ, ҷавонафғонҳо роҳи дар заминаи бунёди ҷомеаи буржуазӣ муттаҳид кардани Афғонистонро пеш гирифта ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд: россияпарастон ва англияпарастон. Аксарияти тоҷикон тарафдори такя ба Россия буданд. Ҳукумати Афғонистон қисман ба Россия ва қисман ба Англия. Дар солҳои 1924-1929 тамоили англияпарастӣ зиёд гардида ба оппозитсияи давлатӣ табдил ёфт. Ҳукумати Амонуллохон барои мустаҳкам кардани ҳокимияти худ ба қабилаҳои гуногуни паштунӣ такя карда тоҷику дигар қавмҳоро дуюмдараҷа шуморид. Ин сиёсат ба пурзӯршавии оппозитсияи давлатӣ овард ва яке аз онҳо М. Нодирхон буд. Аз ин раванд тоҷикони Кӯҳистон ва Кӯҳдоман бештар ҳаросида оппозитсияи дуюмро ташкил дода бо сардории Ҳабибуллоҳхони Калаконӣ (Бачаи Сақо) исён бардошта, феврали соли 1929 Кобулро ишғол намуда ва ҳокимияти худро таъсис доданд. Ҳукумати Бачаи Сақо (Бачаи обкаш) нӯҳ моҳ давом ёфт. Дар ин муддат ба идораи давлат маорифпарварону равшанфикрони зиёде аз қабили тоҷику паштун, ӯзбеку хазора ба идораи давлат ҷалб шуданд. Вале оппозитсияи паштунӣ бо сардории М. Нодирхон ва бародараш бо дастгирии Англия ҳукумати Ҳабибуллоҳхонро сарнагун сохтанд. 37 нафар аъзоёни ин ҳукумат ба қатл расонида шуд. Натиҷаи ин раванд он шуд, ки тоҷикони Афғонистон дар ватани аҷдодиашон ба қавми дуюмдараҷа табдил ёфтанд.

Тоҷикони Эрон зиёд набуданд ва дар ҳаёти сиёсии Эрон таъсире надоштанд.



Садриддин Айнӣ

Тоҷикони Қирғизистон, Қазоқистон ва Хитой ҳамчун қавми мустақил дар фазои сиёсию маданин давра боқӣ монданд.

**в) Дӯстии халқҳо.**

Авзои ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистон бе баёни дӯстии халқҳою ёрии беғаразонаи ҷумҳуриҳои дигар пурра намебуд.

Дӯстии халқҳои собиқ ИҶШС холо дар рафти барпо ва барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ дар кӯчаҳои Тошканду Самарқанд ва сарнагун кардани аморати Бухоро сар зада, дар фронтҳои ҷанги гражданӣ мустаҳкам гардид. Самараи ин ҳамрайъиҳою ёрӣ дар фаъолияти меҳнатию ҳамкории иқтисодӣ

эҳсос мешуд. Солҳои 1921-1924 Россияи Шӯравӣ ба Туркистону Бухоро дасти ёрӣ дароз карда, аз ҷиҳати ҳарбӣ ва иқтисодӣ ёрии худро расонд. Ин ҳамкорию ёрӣ солҳои 1925-1929 боз бештар гардид. Ҳукумати Умумииттифоқӣ бо роҳи худ ва вазоратҳои ҳарбӣ, нақлиёт, саноат, хоҷагии қишлоқ, маориф ва нигаҳдории тандурустии иттифоқӣ бо роҳи худ ба Ҳукумату вазоратҳои Тоҷикистон ёрии худро мерасониданд.

Дар раванди барпошавию мустаҳкамгардии Ҳокимияти Шӯравӣ фарзандони халқҳои ҳамсоя ва ҳамтақдири шӯравӣ саҳми босазое гузоштаанд. Дар байни онҳо ҳарбиён М.Фрунзе, Т.Шапкин, Е.Шветцов, коркунони муассисаҳои идорӣ Ч.Путовский, Г.Сафаров, Т.Рискулов, А.Ёрмуҳаммадов, Ю.Нисормуҳаммадов ва садҳо дигаронанд.

Ин ёрию дӯстиро бе шарҳи иқтисодӣ дарк кардану фаҳмидан душвор аст.

Агар буҷаи ҷумҳурӣ аз 1,2 млн. сӯми соли 1924 дар соли 1930 ба 42 млн. расида бошад, 90% онро дотатсия (ёрӣ)-и ИҶШС ташкил медод. Дотатсия аз соли 1925 то 1928 тамоили зиёдшавӣ дошт ва то 92% буҷаро ташкил медод. Ба Тоҷикистон ёрии бегаразонаи худро Федератсияи Россия бештар мерасонд. Инчунин мутахассисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ: инжинерон, техникҳо, заминсозҳо, духтурон, муаллимонро барои кӯмак ба Тоҷикистон мефиристод.

### САВОЛҲО:

1. Дар бораи баргардонидани гурезагон нақл кунед?
2. Аҳволи тоҷикони берунмарзии солҳои 1924-1929 шарҳ диҳед?
3. Дар бораи дӯстии халқҳои шӯравӣ дар солҳои 1924-1929 нақл кунед?

Мавзӯи V.

# ҲАЁТИ МАДАНИИ ҶМШС ТОҶИКИСТОН

## §15. Маданияти ҶМШС Тоҷикистон

### а) Сиёсати давлатии ҳаёти маданӣ.



Аъзоёни таҳририяи рӯзномаи «По босмачу» (с. 1925).

Ҳаёти мадании ҷумҳурӣ дар асоси нақшаи дурнамои сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ инкишоф меёфт, ки он ҳамчун нақшаи ленинии инқилоби маданӣ ном дошта, дар ибтидо бештар характери умумибашарӣ дошт. Дар солҳои 1924-1929 ин нақша ва сиёсат акнун ҷанбаҳои миллӣ умумихалқӣ ва сотсиалистиро гирифта инкишоф меёфт. Тоҷикистон, ки ҷумҳурии мухтор буд, дар ҳаёти мадании ӯ ин мухторият таъсири амиқи манфии худро мерасонд. Вале усулу принсипҳо ва фазои ҳуқуқии ягонаи шӯравӣ нисбати ҳаёти мадании халқҳои собиқ ИҶШС имконият намедод, ки қолабҳои сиёсии сиёсати сохтмони маданӣ ба куллӣ тағйир дода шаванд. Аз ин рӯ, маданияти халқи тоҷик ба ҳолати мухториаш нигоҳ накарда, рӯ ба тараққӣ ва пешравӣ буд.

### б) Маориф ва мактаб.

Дар даврaи шӯравӣ системаи ташаккулёфтаи маорифи халқӣ ба вуҷуд омад, ки ба он Комиссариати маорифи халқ роҳбарӣ мекард. Комиссариат ваколатҳои таъсис додану таъмин кардани мактабҳоро бо бино, маводҳои таълимӣ, муаллим ва назоратро ба ӯҳда дошт. Вазорат шӯъбаҳои худро дар вилоятҳо, округҳо ва ноҳияҳо дошт. Аввалин вазирони маорифи



Машварати аъзоёни раёсати лотинигардонии алифбои тоҷикӣ. Дар байн раис Обид Исматӣ.



Анвар Ҳасанова

ҷумҳурӣ Аббос Алиев, Юсуфризо Нисормуҳаммадов буданд.

Дар солҳои 1924-1929 дар ҶМШС Тоҷикистон нисбат ба солҳои пешин пешравии кори мактаб ҳис карда мешавад. Ин пешравӣ пеш аз ҳама дар сохтмони биноҳои мактаб дида мешавад. Аз сабабе, ки ҷумҳурӣ сиёсати ба таълими ҳатмӣ гузаштанро пеш гирифта буд, амалии он пеш аз ҳама ба биноҳои таълимӣ вобаста буд. Аз ин рӯ, солҳои 1926-1929 дар ҷумҳурӣ ҳашари умумихалқии барои сохтани биноҳои мактабӣ шуда гузашт. Дар ин солҳо шӯрои қишлоқе набуд, ки дар он мактаби нав бунёд нагардида бошад. Ин мактабҳо аз 4 то 7 синфхона доштанд. Вале ин маънои онро надорад, ки ҳамаи кӯдакони синни мактабӣ ба таҳсил фаро гирифта шуда бошанд. Масалан, соли 1926 ҳамагӣ 3% кӯдакони синни мактабӣ таҳсил мекарданду халос. Соли 1927 - 5,6%, соли 1928 - 11,8% ташкил медоданд.

Таҳсили ду зинагӣ боқи монда фақат шумораи мактабҳо зиёд шуда буд. Дар тамоми деҳоти Тоҷикистон мактабҳои зинаи аввали ду сола ва се сола ҳам вуҷуд доштанд. Тамоили табдил додани мактабҳои зинаи аввал ба мактабҳои 3,4 ва 5 сола сар шуда буд. Мактабҳои зинаи дуюм бошанд ба 6-10 сола табдил ёфтанд.

Ва таиноти онҳо ва системаи маорифи халқ умуман, таъиноти маълумоти умумӣ не, балки ба шогирдон тарбияи иҷтимоӣ, касбӣ ва сиёсию маърифатӣ додан буд.



Раҷаббибӣ Бобокалонова

Комиссариати маорифи халқи Тоҷикистон аз соли 1925 сар карда кори ҷорӣ намудани таълими ҳатмиро сар кард. Барои ин ба ҳисоб гирифтани талаботи оянда зарур буд. Ва ин кор инчунин талабот ба синфхонаҳою муаллимонро ҳам муайян мекард. Соли 1926 12 декабр ҳукумати Тоҷикистон Декларатсияи "Дар бораи ҷорӣ намудани таълими умумии меҳнаткашон дар ҶМШС Тоҷикистон"-ро қабул кард. Ин Декларатсия ҳуқуқи ҳама шаҳрвандонро барои гирифтани маълумоти ройгон таъмин карда буд. Мутобиқи ин қарор сохтмони мактабҳои шӯравӣ сол то сол зиёд мешуд. Ба ин рақамҳо тавaҷҷӯҳ кунед. Соли 1925

дар Тоҷикистон 31 мактаб, соли 1926 - 67, соли 1927 - 155 ва соли 1928 - 317 мактабу 8 интернат амал мекард. Аз ҷумла, шумораи мактабҳои занона соли 1928 ба 10 адад расида буд. Аз ҳисоби умумии мактабҳо 228 ададаш мактабҳои тоҷикӣ, 38 ӯзбекӣ, 3 туркманӣ, 3 қирғизӣ, 2 қазоқӣ ва 43 мактаби русию яҳудӣ ва арманӣ буданд. Агар дар 31 мактаби соли 1925 тақрибан 900 талаба хонда бошанд, дар 317 мактаби соли 1928 - 12325 нафар талаба таҳсил мекарданд. 90 фоизи талабагон фарзандони камбағалону миёнаҳолон буданд. Таълими шӯравӣ шаклан ва мазмунан аз таълими мактабҳои усули кӯҳна фарқ доштанд. Онҳо дар асоси Программа ва китобҳои дарсии нав кор мекарданд. Дар солҳои 1925-1929 барои мактабҳои тоҷикӣ доир ба фанҳои ботаника, ҷуғрофия ва алгебра китобҳои дарсӣ нашр гардиданд, ки китобҳои тарҷумавӣ буданд. Аз ҷумла "Алгебра"-и Кисилев, ки то нимаи солҳои 50-ум хизмат кард, "Қоидаҳои морфологии забони тоҷикӣ", китоби дарсии С.Манофзода "Физиология" ва "Ҷаҳони нав"-и Р.Ҳошим буданд, ки дар ҳаёти мактаб роли худро бозиданд.



А. Ҳоҷибоев

Дар солҳои 1924-1929 интернатҳо ҳам як шакли фарогирии наврасон ба таълим боқӣ монд. Шумораи онҳо зиёд гардида, дар соли 1929 ба 20 адад расида буданд.

Маориф ва мактаби Тоҷикистон фидоиёни зиёд дошт. А.Алиев, Яҳё Олимӣ, Ю.Нисормуҳаммадов, К.Ҳусейнзода, Н.Розиқов, Ҳамроқул Қӯзиев, Абдулвоҳид Рақиев, Абдуғаффор Сатторов, Муллоҷон Саидмуродов, Б.Азизӣ, К.Дойламӣ, Ҳ.Неъматуллоев, Д.Суҳайлӣ, Д.Тӯраев, К. Убайдуллоев, Н.Шакарбеков, Ҳ.Мусрифшоев, Ш.Мамадшоев, Чилабибӣ Ҳошимова, Сайрамбибӣ Қосимова, Маълумбибӣ Гадоева, Оламбибӣ Абдуллоева, Алиакбар Ҳасанов ва садҳо дигаронро номбар кардан мумкин аст. Мактаби шӯравӣ роҳи душвору пуршараферо дар маърифатноккунони тоҷик аз сар гузаронид. Мактабу муаллимони шӯравии солҳои 20-ум ба таъқиби сахти муллоҳо ва душ-



Ш. Шотемур

манони маорифи халқ гирифтор шуда буданд. Муллоҳо барои он, ки омма фарзандонашонро ба мактаб надиҳанд, мактабҳои шӯравиро муассисаи бидъат ва муаллимонашонро ҳатто кофир эълон мекарданд. Сангсоркунӣ, тарсондан ва таъқибҳои гуногуне, ки муллоҳо ба муаллимон мекарданд, дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон буданд. Ҳатто муаллимонро қатл ҳам кардаанд. Дар байни онҳо К.Ҳусейнзода, Я.Олимӣ, А.Ҳасанов, С.Алиев, А.Муҳаммадов, Н.Умаров, Ҳикмат Ғанӣ, А.Исломов, У.Гайнуддинов, М.Саидмуродов, С.Қосимова, М.Гадоева, О.Абдуллоева ва даҳҳо дигарон ҳастанд, ки номашон дар таърихи маорифи Тоҷикистон бо ҳарфҳои заррин сабт шудаанд.

Ҳамин тариқ, то соли 1929 системаи мунтазами маориф ва мактаби шӯравӣ пайдо шуд. Вале Тоҷикистон дар ҳудуди худ ҳоло ҳам мактаби олӣ надошт. Барои Тоҷикистон кадрҳои маълумоти олидошта дар Самарқанд, Тошканд, Маскав ва Санкт-Петербург, Боку, тайёр мекарданд. Дар донишгоҳҳои шаҳрҳои номбурда барои Тоҷикистон махсус ҷойҳо (лимит, квота) кушода шуда буд, ки барои Ҷумҳурӣ кадрҳои зиёди педагогӣ ва инженерӣ-техникӣ тайёр карданд. Асосан Дорулфунуни муаллимтайёркунию Донишгоҳи Давлатии Осиёи Миёнаи Тошканд ва Донишгоҳи Коммунистии халқҳои Шарқи Маскав кори зиёде кардаанд.

Берун аз квота бисёр мактабҳои олии Маскаву Санкт-Петербург ва Қазон аз ҳисоби ҷавонони Тоҷикистон кадр тайёр мекарданд ва кадрҳои тайёр кардаи худро ба ин ҷо мефиристоданд.

**Муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ.** Солҳои 1924-1929 давраи ташаккулёбии пурраи муассисаҳои маданӣ-маърифатии Тоҷикистон буданд. Шумораи китобхонаҳои оммавӣ ба 16 адад расида ҷои маърифати мардум гардиданд. Шумораи клубҳо дар охири соли 1929 ба 32 адад расида 8 ададашон клубҳои касбӣ буданд. Охири соли 1929 дар тамоми марказҳои вилоятҳо клубҳо кушода шуда буданд. Ҷумҳурӣ соҳиби 8 клубу 24 муассисаи клубӣ буд. Дар шимоли Тоҷикистон 6 клубҳои касбӣ амал мекарданд. Ба вазифаю фаъолияти клубҳо наздик муассисаи дигари маърифатӣ-маданӣ "Хонаи деҳқон" (Қасри деҳқон) буданд, ки ин ҳар ду муассиса вазифаи асосиашон тарбияи маданӣ-маърифатӣ ва касбии коргарону деҳқонон буд. Клубу хонаҳои деҳқонон, инчунин ба тарғиби таҷрибаи пешқадам ҳам сару кор доштанд. Клубу хонаҳои деҳқонон ба ташкили кружокҳои ҳаваскорони бадеӣ ва касбӣ ва ҳам намоиши кинофилмҳо, машғул буданд. Дар ин кор "Қасри деҳқон"-и Душанбе кори хеле муҳимро

ба анчом мерасонид. Масалан, намоишҳои олоти нави хоҷагии қишлоқ ва умуман техникаи хоҷагии қишлоқро ташкил медод. Дар "Қасри деҳқон"-и Душанбе саҳнаи доимии намоишӣ вуҷуд дошт. Дар ин солҳо хизмати осорхонаҳо низ барои маърифатгардонии аҳолӣ дар Хуҷанду Душанбе оғоз гардида буд, биноҳои махсуси осорхонаҳо пайдо шуда буданд.

**Театр.** Ташаккулёбии театри касбии тоҷик ҳам ба солҳои 1924-1929 рост меояд. Солҳои 1925-1929 дар Хуҷанд, Истаравшан, Исфара, Конибодом, Панҷакент, Душанбе, Қаратоғ, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Ғарм, Ҳоит, Хоруғ театрҳои касбӣ таъсис ёфта буданд. Аввалин дастаи театрии миллӣ дар назди маъмурияти "Хонаи деҳқон" соли 1927 бо ташаббус ва роҳбарии Ҳаким Карим таъсис ёфта кружоки мусиқӣ-драммавӣ ном дошт. Дар заминаи он ноябри соли 1929 аввалин театри касбии тоҷик таъсис ёфта буд, ки ҳоло театри академии драммавии ба номи Лоҳутӣ ном дорад. Дар Тоҷикистон то соли 1929 32 клубу 4 кинотеатр (дар Душанбе, Хуҷанд, Истаравшан ва Конибодом), 11 китобхонаи умумӣ ва 9 аппарати кинонамоишдиҳӣ кор мекарданд.

**Санъати кино.** Санъати киноӣ Тоҷикистон ҳам дар охири солҳои 20-ум ба вуҷуд омад. Навори аввалини киночиёни тоҷик "Омадани поезди аввалин", ки онро кинокурналист В.Кузин ба навор гирифта буд. Соли 1929 якчанд навори "Тоҷикистони Шӯравӣ" сабт шуда буд.

**Адабиёт.** Дар солҳои 20-ум адабиёти шӯравии тоҷик ташаккул ёфт. Мактаби адабии классикии тоҷик барои ташаккулёбии адабиёти шӯравии тоҷик заминае хубе буд. Дар саргаҳи он қаламкашони машҳур меистоданд. С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, ки номбардори адабиёти асри XX тоҷик гардиданд, шахсиятҳои маъруфтарини ҳамин давраанд. Эҷодиёти онҳоро синф ё ҳизби ҳукмрон не, балки ҷаҳон пазируфтааст ва эътироф кардааст. Асарҳои С.Айнӣ "Одина, "Намунаи адабиёти тоҷик", "Материалҳо дар бораи инқилоби Бухоро", шеърҳои Лоҳутӣ, ки ба солҳои 20-ум дахл доранд, аз банду дили халқи меҳнаткаш сароида шудаанд.

Дар охири солҳои 20-ум дар қатори С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, М.Раҳимӣ, М.Аминзода, С.Ҷавҳаризода ба арсаи адабиёт А.Деҳотӣ, Ҷ.Икромӣ, Б.Азизӣ, Т.Зеҳнӣ, М.Турсунзода, Алихуш ва даҳҳо дигарон бо асарҳои худ ворид шуда буданд, ки адабиёти тоҷик бо номи онҳо фахр дорад.

**Илм.** Дар солҳои 20-ум дар Тоҷикистон якчанд муассисаҳои илмӣ ҳам ташкил ёфта буданд, ки ба солҳои 1924-1929 рост меояд. Аввали-



Нусратулло Махсум

ни он музей буд. Соли 1924 дар Душанбе музеи таърих ва санъати тасвирӣ кушода шуда буд. Соли 1926 стансияи эпидемиологӣ-санитарии Душанбе, соли 1929 боғи ботаникии Помир, соли 1929 институти тадқиқотии илмии назди ШКХ ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфта буданд, ки баъдтар ба муассисаҳои тадқиқотӣ-илмии соҳавии ҷумҳурӣ табдил ёфтанд.

9 январи соли 1925 бо ташаббуси Комитети Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон дар Тошканд "Ҷамъият барои омӯзиши Тоҷикистон ва халқияти эронии берунмарзии он" таъсис ёфта буд. То соли 1929 ин "Ҷамъият" се маҷмӯа (1925-1927, 1928) аз чоп баровард. Инчунин ин муассисаи илмӣ бо ёрии АФ ИҶШС дар солҳои 1917-1929 зиёда аз 10 экспедитсияи илмӣ (бо сардории М.С.Андреев, О.А.Сухарева, И.И.Бездека, Е.Н.Павловский, Д.И.Щербаков, А.Е.Ферсман ва як экспедитсияи байналхалқии ИҶШС-Германияро дар Помир) ташкил карданд, ки дар рафти онҳо наботот, ҳайвонот, захираҳои табиӣ ва меҳнатии Тоҷикистон тадқиқ карда шуда буданд. Инчунин дар ин солҳо дар тадқиқи илмҳои гуманитарӣ ҳам берун аз ҷумҳурӣ кори зиёде ба сомон расонида шуд. Асосан доир ба бостоншиносӣ (археология), мардумшиносӣ (этнография) ва осори хатии гузашта маводҳои зиёде ҷамъоварӣ карда шуда буд.

Дар солҳои 1924-1929 матбуоти миллии тоҷик ташаккул ёфт. Дар Тоҷикистон акнун рӯзномаҳои "Бедории тоҷик", ки соли 1929 ба "Тоҷикистони Сурх" табдил ёфта буд, "Советский Таджикистан", "Қизил Тожикистони", маҷаллаҳои "Дониш ва маданият", "Раҳбари дониш" нашр мегардиданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1925 соҳиби нашриёти миллии худ - Нашриёти давлатии Тоҷикистон гардид, ки дар нашри китобҳои дарсӣ, сиёсӣ, илмӣ, бадеии солҳои 1925-1929 саҳми босазое гузошт.

**в) Ислоҳоти алифбо.**

Дар тамоми давраи солҳои 1917-1928 дар ҳудуди Тоҷикистон аз се алифбо-арабӣ, кириллӣ ва лотинӣ истифода мекарданд. Ҳатто дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ ва шабонаи маҳви бесаводӣ ҳам аз ин се алифбо истифода бурда мешуд. Ҳокимияти Шӯравӣ сиёсати саросарии

махви бесаводиро пеш гирифта, аз ҳама намудҳои таълим (мактаби кӯҳна, шӯравӣ ва маҳви бесаводӣ) истифода мекард. Талабот ба муаллим, китобҳои дарсӣ ва аёниятҳои таълимӣ зиёд гардид. Саноати полиграфӣ ва нашриёти ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ қудрати бо алифбои арабӣ таъмин кардани ин талаботро надошт. Дигар ин, ки таълими алифбои арабӣ хело душвор буд. Ва боз чанд омилҳои дигаре буданд, ки ҳукумат роҳи ислоҳотро пеш гирифт. Баъди баҳсҳои тӯлонӣ ба хулосае омаданд, ки ислоҳоти алифбо гузаронида шавад ва алифбои лотиниасоси нави тоҷикӣ кор карда баромада шуд ва соли 1929 гузариш ба ин алифбо дар системаи маориф, мактаб ва нашриёт ба охир расид. Яъне, сабаби асосии ба алифбои лотинӣ гузаштан - ин душвории саноати нашр ва полиграфия дониста шуда буд.



Файзулло Хоҷаев

## САВОЛҲО:

1. Таълими мактабҳои шӯравиро шарҳ диҳед?
2. Шаклҳои мактабҳои солҳои 20-умро номбар кунед ва шарҳ диҳед?
3. Ба муассисоти фарҳангӣ-маданӣ чиҳо дохил мешуданд?
4. Аввалин театри касбии тоҷик кай таъсис ёфта буд?
5. Муассисаҳои илмии солҳои 20-ро шарҳ диҳед?
6. Барои чӣ ба алифбои лотинӣ гузаштанро шарҳ диҳед?
7. Адибони солҳои 20-ро номбар кунед?

Мавзӯи VI.

# ТАШКИЛЁБИИ ҶУМҲУРИИ ШӮРАВИИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН

## §16. Аз мухторият ба соҳибихтиёрӣ.

### а) Раванди таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон.

Дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистони мухтор раванди таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон яке аз воқеаҳои муҳими дорои аҳамияти сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва байналхалқӣ дошта ба ҳисоб меравад.

Солҳои 1925-1929 чӣ ҳукумати Тоҷикистон ва чӣ аҳли ҷомеа дар бораи беадолатиҳои тақсимоти соли 1924 ба Комиссариати Халқии миллатҳо ва Ҳукумати ИҶШС мактубу муроҷиатҳо карданд. Ин масъала баҳси махсуси Бюрои Осиёимиёнагии КМ ВКП (б), Комиссариати Халқии миллатҳо гардид. Вале онро ба осонӣ ҳал карда нашуд. Ҳукумати Тоҷикистон ин масъаларо бо роҳи конститутсионӣ, дар доираи қонунҳои асосии ҶМШС Тоҷикистон, ҶШС Ӯзбекистон ва ИҶШС ҳал кард. Панӯзбекизм то ҷое боло рафта буд, ки ҳангоми додани шаҳодатномаҳои таваллуд ва шиносномаҳо дар соли 1925 ва 1926 ва гузаронидани ба рӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 1926 сиёсати ӯзбек гардонидани тоҷикони Бухоро, Самарқанд, Кармина, Дизах, Қӯқанд, Тошканд ва ғайраҳоро пеш гирифта, ҳатто зӯрӣ ва таҳдидро ҳам раво донистанд. Дар мактабҳо синфҳои тоҷикиро ба ӯзбекӣ табдил доданд. Ҳатто ба мактабҳои тоҷикӣ муаллимони ӯзбекзабонро мефиристоданд. Аз ин сиёсат бештар аҳолии округи Хуҷанд эътироз карданд. Ҳатто ба таъсиси ноҳияи мухтори Конибодом, Исфара ва Ашт дар ҳайати ҶШФСР муяссар гардиданд. Ҳамаи ин масъалаҳоро дар доираи қонун ҳал кардан даркор буд. Барои ҳалли масъалаи миллӣ хулосаҳои илмии В.В.Бартольд ва И.А.Зелинский ҳам далели қотеъ нашуд.



Рафти сохтмони комбинати шоҳибофии Хуҷанд. (с. 1931)

Ҳисоботҳои ҳукумати Тоҷикистон дар назди ҳукумати

Умумиттифоқ аз пешравиҳои иктисодӣ, сиёсӣ ва мадании Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии тамоман мустақил будани он ва талабу дархостҳои мардуми Хуҷанду Бухорои Шарқӣ сабаб шуданд, ки ҳукумати Ӯзбекистон дар бораи баргардонидани округи Хуҷанд ба Тоҷикистон розигии худро диҳад.



Намуди умумии комбинати бофандагии Душанбе. (с.1939)

Дигар ин ки Президиуми КИМ ҶМШС Тоҷикистон ҳамеша дар ҷустуҷӯи ҳалли ин масъала буд ва ин равандро назорат мекард. Сессияи чоруми даъвати якум КИМ ҶМШС Тоҷикистон апрели соли 1929 лоиҳаи қонуни асосии ҷумҳуриро муҳокима карда, маъқул донист ва қарор кард, ки он барои муҳокима ва тасдиқ кардан ба анҷумани II шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Анҷумани II Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон 21-28 апрели соли 1929 дар Душанбе барпо гардид. Анҷуман лоиҳаи Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муҳокима карда қабул намуд ва ба Президиуми КИМ пешниҳод намуд, ки Қонуни асосии Ҷумҳуриро барои муҳокима ва тасдиқ ба анҷумани III Шӯроҳои Ӯзбекистон пешкаш намояд.

Қабул кардани Қонуни асосии ҶМШС Тоҷикистон дар доираи Қонунҳои асосии ҶШС Ӯзбекистон ва ИҶШС татбиқ гардида буд. Ин Қонуни асосӣ дар ҷумҳурӣ барпо гардидани диктатураи синфи коргар, ҷорӣ гардидани тартиботҳоеро, ки барои оммаи меҳнаткаш манфиат дошт, мустаҳкам мекард. Дар доираи ваколатҳои худ ҳуқуқҳои демократӣ ва баробарии тамоми меҳнаткашонро новобаста ба нажод, миллат ва динашон эълон дошт.

Қонун асосӣ органи олии давлатиро дар ҳудуди Тоҷикистон анҷумани Шӯроҳои Умумитоҷикистонӣ ва дар фосилаи байни анҷуманҳо КИМ Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон ва органи иҷроия ва идоракунанда Шӯрои Комиссариати халқии ҶМШС Тоҷикистон эълон карда буд. Дар маҳалҳо бошад, ҳокимиятро анҷуманҳои маҳаллӣ (анҷуманҳои вилоятӣ, округӣ, кентӣ, волостӣ, ноҳиявӣ) ташкил ва идора мекарданд.

Мувофиқи Қонуни асосии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон меҳнаткашон ҳуқуқи васеи интихоботӣ дошта, бо тариқи васеъ дар идора кар-

дани давлат иштирок карда метавонистанд. Дар шаҳрҳо аз ҳар 10-15 аҳолӣ як намоянда, вале аз 350 намоянда зиёд не, дар деҳот бошад, аз ҳар 100 аҳолӣ як намоянда, вале аз як деҳа аз 3 нафар кам нею аз 50 намоянда зиёд не, муқаррар карда шуда буд. Мӯҳлати интихобот барои як сол муайян карда шуда буд.

Анҷумани II Шӯроҳо инчунин хоҳиши меҳнаткашони округи Хуҷанди ҶШС Ӯзбекистонро дар бораи аз ҳайати Ӯзбекистон баромада, ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон дохил шуданашро ба назар гирифта, қарор қабул кард, ки дар бораи ба ҳайати Тоҷикистон баргардонидани округи Хуҷанд ба анҷумани III Шӯроҳои Ӯзбекистон муроҷиат намояд. Ин қарор дар асоси декларатсияи соли 1925 дар бораи тақсимот қабул карда шуда буд. Дар он омада буд, ки то ба охир расидани ҷанги гражданӣ ҳудудҳои тоҷикнишини уезди Хуҷанд дар ҳайати Ӯзбекистон мемонад. Инак, ҷанг тамом шуда, азнавбарқароркунӣ анҷом ёфта буд ва давраи иҷрои қонун ҳам расид. Қарори анҷумани II Шӯроҳои Тоҷикистонро анҷумани III ҶШС Ӯзбекистон 25 майи соли 1929 муҳокима намуда, қарорро дар бораи ба Тоҷикистон баргардонидани округи Хуҷанд қабул кард. Ин қарор ҳукумати Умумииттифоқро низ водор кард, ки ҳуқуқҳои конститутсионии Тоҷикистонро ба инобат гирад. Чунки бо ҳамроҳ гардидани Хуҷанд се шарти конститутсионии таъсиси ҷумҳуриҳои мустақил фарс расида буд. Аҳолии Тоҷикистон акнун аз 1 млн. зиёд, бо ду ҷумҳурии хориҷӣ - Хитой ва Афғонистон ҳамсарҳад ва зиёда аз нисфи аҳолии он тоҷикон буданд. 12 июни 1929 Президиуми КИМ ИҶШС баъди муҳокимаи ҳисоботи ҳукумати Тоҷикистон қарорро дар бораи аз ҳайати Ӯзбекистон баромадани Тоҷикистонро ва таъсис додани Ҷумҳурии Иттифоқии мустақилу комилҳуқуқ ва ба ҳайати ИҶШС дохил шудани онро қабул кард. Ва инчунин қарор кард, ки ин масъала ба муҳокимаи анҷумани Шӯроҳои Ӯзбекистон ва Президиуми КИМ Ӯзбекистон гузошта шавад. Ҳукумати Умумииттифоқ барои ҳалли ин масъала ду моҳ мӯҳлат муайян намуд. Вале дар амал баргардонидани уезди Хуҷанд то аввали сентябри соли 1929 кашол ёфт.



Пойгоҳи барқи обии (ПБО) Варзоб (Варзоб ГЭС) с.1937.

13 июли соли 1929 КИМ ҶШС Ӯзбекистон қарори аз ҳайати

Ўзбекистон ҷудо шудани Тоҷикистонро қабул карда, бо сардории Юлдош Охунбобоев комиссияи махсусро таъсис дод.

Ҳамин масъалаи ҷудо шудан аз ҳайати Ўзбекистон ва ба ҳайати ИҶШС дохил шудани Тоҷикистонро Президиуми КИМ Тоҷикистон 11 ва 24 августи соли 1929 муҳокима карда қарор кард, ки Ҷумҳурии Шўравии сотсиалистии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

4 сентябри соли 1929 акти ба ҶМШС Тоҷикистон баргардонидани округи Хуҷанд ба имзо расид. 11 сентябр КИМ ҶМШС Тоҷикистон қарори "Ҷудо шудани Тоҷикистонро аз Ўзбекистон ва ба ҳайати ИҶШС ҳамчун ҷумҳурии мустақил дохил шудан"-ро зарур шуморида, инчунин қарор кард, ки барои ҳалли масъалаи мазкур 15 октябри соли 1929 анҷумани Фавқулоддаи Шўроҳои ҶМШС Тоҷикистон даъват карда шавад.

**б) Анҷумани III Фавқулоддаи Шўроҳо ва қарорҳои он.**

Ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон ин танҳо як қарору ҳисоботҳо набуд. Ин масъалаи миллӣ, сиёсӣ ва байналмиллалӣ ҳам буд, ки нозукиҳои миллию сиёсӣ ҳам дошт.

15 октябр анҷумани Фавқулоддаи III Шўроҳои ҶШС Тоҷикистон дар Душанбе ба кор сар кард. Дар кори анҷуман намояндагони ҳама минтақаҳою халқҳои ҷумҳурӣ ва намояндагон аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва ҳукумати Умумиттифоқӣ иштирок доштанд.

Яке аз қарорҳои аввалини анҷуман ин қарор дар бораи таъсисёбии Ҷумҳурии Шўравии Сотсиалистии Тоҷикистон буд, ки дар матни он омадааст:

"...Анҷуман қарор мекунад:

1. Анҷумани Фавқулоддаи ҶМШС Тоҷикистон қайд мекунад, ки дар натиҷаи ёрии ҳамаҷониба, мадад ва роҳбарӣ аз тарафи пролетариати иттиҳод дар шахсияти Ҳукумати Иттифоқӣ, мақомотҳои Осиёимиёнагӣ ва Ҳукумати Ўзбекистон, ва инчунин тавассути сиёсати дурусте, ки Ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон мегузаронад - Тоҷикистон хело пеш рафт ва дар масъалаҳои маданият, хоҷагӣ ва сиёсӣ мустаҳкам гардид.

2. Анҷумани Фавқулоддаи Шўроҳо махсусан қайд мекунад, ки пешравиҳои ба даст оварда шуда ва таъсисёбии Ҷумҳурии Иттифоқии Тоҷикистон самараи гузаронидани сиёсати дуруст ва пайвастаи миллии пролетариати инқилобӣ, ки барои нест кардани ҳама гуна зулми миллӣ барои барҳам додани нобаробарии феълии хоҷагӣ ва мадании байни миллатҳои гуногун ва худмуайянкунии миллии онҳо равона карда шудааст, ба шумор меравад.

3. Ҳукумати Шӯравии Тоҷикистонро вазифадор карда шавад, ки дар фаъолияти минбаъдаи кори худ ба масъалаҳои зерин аҳамият диҳад: хоҷагии Тоҷикистонро ба базаи муҳимтарини инкишофи пахтаа (корӣ) табдил диҳад, азнавсозии хоҷагии қишлокро дар заминаи нисбатан баланди техникӣ гузаронида, коллективонидани хоҷагии қишлокро қатъитар, шӯрогардонии Тоҷикистонро бо роҳи мустаҳкамгардонии аппаратҳои шӯравӣ аз боло то поён ва ба кори шӯроҳо бештар ҷалб намудани батракҳою камбағалон ва мустаҳкам кардани иттифокро бо миёнаҳолон намояд, бо пурзӯргардии минбаъдаи сохтмони иҷтимоӣ-маданни Тоҷикистон имконият муҳайё созад.

4. Ҳукумати Шӯравии Тоҷикистон вазифадор карда шавад, ки Конститутсияи (Қонуни асосии) Ҷумҳурии Иттифоқии Тоҷикистонро тартиб диҳад ва лоиҳаашро бо муҳокимаи КИМ пешниҳод намояд.

5. Ҳукумати Шӯравии Тоҷикистонро пешниҳод шавад, ки роҳбарии дурусти округи Хӯҷанд ва инчунин инкишофи хоҷагӣ ва маданини онро таъмин намояд.

6. Анҷуман ба Ҳукумати Тоҷикистон пешниҳод мекунад, ки ҳалли масъалаҳоеро, ки ба Тоҷикистон ҳамроҳ кардани ноҳияҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки аҳолии тоҷиконашон бартарӣ доранд, тезонад.

7. Анҷуман Ҳукуматро ваколатдор менамояд, ки муносибатҳои бародарона ва дӯстиро бо меҳнаткашони мамлакатҳои ҳамҷавор таъмин намояд.

16 октябр анҷуман эъломияи озодона баромадани Тоҷикистон аз ҳайати Ӯзбекистон ва озодона дохил шудани Тоҷикистонро ба ҳайати ИҶШС қабул кард.

## Луғати истилоҳот

1. Енукидзе Авель Сафонович-Котиби Президиуми КИМ -и ИҶШС, қарори анҷумани III Фавқулоддаи Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистонро дар бораи таъсис додани Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон ба ҳукумати ИҶШС хонда дода, хозирийро бо таърихи гузаштаи халқи тоҷик шинос гардонида буд. Ин баромадро рӯзномаи "Правда Востока" 13 декабри соли 1929 чоп карда буд. Аз ҷумла гуфта буд: "Тоҷикон аз қадимтарин халқҳои Осиёи Миёна буда, гузаштаи боифтихор ва баруманрдҳои бузург доранд".
2. Комиссияи конститутсионӣ-гурӯҳи корӣ-комиссияе буд, ки бо қарори ҳукумат барои таҳияи матни конститутсия таъсис дода мешуд. Дар Тоҷикистон чунин комиссияҳо солҳои 1926, 1929, 1936, 1976, 1991 бо қарорҳои органҳои дахлдор таъсис ёфта буданд. Раиси комиссияи конститутсионии ҶМШС ва ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 1926-1929 ва 1929-1931 Н. Лутфуллоев буд.

## САВОЛҲО:

1. Шартҳои асосии таъсисёбии ҷумҳурии соҳибихтиёри шӯравӣ кадомҳо буданд?
2. Округи Хуҷанд чи тавр ва кай ба Тоҷикистон дохил шуд?
3. Аз тақсимоти соли 1929 Тоҷикистон чӣ бурд кард?
4. Эъломи ҶШС Тоҷикистон дар кадом орган сурат гирифт?

### Ҳуҷҷати расмӣ.

Эъломияи Анҷумани III Фавқулоддаи Умумитоҷикистонии Шӯроҳо дар бораи таъсисёбии Ҷумҳурии Иттифоқии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки дар маҷлиси 16 октябри соли 1929 қабул шудааст.

"Инқилоби Октябр меҳнаткашонро аз истисмори синфии сармоядорон ва помещикҳо озод намуда ба халқҳои собиқ империяи подшоҳӣ озодиро оварда ба онҳо ҳуқуқи худмуайянкунӣ, ҳатто то ба ҷудошавии давлатиро дод.

Бо роҳбарӣ ва ёрии пролетариати Россия меҳнаткашони Туркистон, Бухоро ва Хоразм ҳокимияти амириро сарнагун сохта ҳукмронии сармоядориро барбод дода, Ҳокимияти Шӯроҳоро барпо намуданд, ки имконияти озодонаи худмуайянкунии халқҳои Осиёи Миёнаро дар асоси принсипҳои бузурги Инқилоби Октябри Кабир таъмин намуд.

Баъди тақсимоти миллии Ҷумҳуриятҳои Шӯравии Осиёи Миёна, дар соли 1924, меҳнаткашони Тоҷикистон ҶМШС Тоҷикистонро таъсис доданд, ки ба ҳайати РСС Ӯзбекистон дохил буд.

Меҳнаткашони Тоҷикистон хоҷагии халқи кишварро барқарор намуда ва дар заминаҳои сотсиалистӣ такмил дода, ҳамзамоно ҳуҷуми девонавори душманони синфӣ ва зархаридони империализмро бартараф намуда тавонистанд. Ба ғалабаи қатъӣ ноил гардиданд.

Акнун дар остонаи вазифаҳои нави бузург доир ба сохтмони сотсиалистӣ ва барои ба анҷом расонидани худмуайянкунии миллӣ, меҳнаткашони Тоҷикистон ба розигии пурра бо меҳнаткашони Ӯзбекистон изҳори иродаи худро дар бораи аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ҳамчун Ҷумҳурии Иттифоқӣ баромаданро эълон мекунад.

Ба хотири ҳамрайъии байналхалқии коргарон ва деҳқонон, ки барои ҳимояи ватани сотсиалистии худ аз хатарҳои берунӣ ва дохилӣ равона карда шудаанд ва ба мақсади муттаҳидии кӯшишҳои ҳамаи халқҳое, ки сукунии ИҶШС мебошанд, барои комёбии сохтмони сотсиализм дар асоси ҳамкории бародарона, анҷумани III Фавқулоддаи Шӯроҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи коргарон ва деҳқонони тамоми

Тоҷикистон ва Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ ба ҳаммаи халқҳои ҷаҳон бо тантана эълон мекунад:

1. Бо иродаи олии меҳнаткашони Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистӣ ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ дар ҳайати вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳистон ва округҳои: Хуҷанд, Ӯротеппа, Ҳисор, Ғарм, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Панҷакент табдил меёбад.

2. Ихтиёран ҳамчун аъзои комилҳуқуқ дар асоси эъломияи Анҷумани III Шӯроҳои Иттифоқи Ҷумҳурияҳои Шӯравӣ Сотсиалистӣ ба ИҶШС дохил мешавад.

3. РСС Тоҷикистон ҳамзистии бародаронаи ҳама миллатҳои сукунати онро ва инкишофи сиёсӣ, хоҷагӣ ва маданин ин миллатҳоро таъмин менамояд.

........

Зинда бод ИҶШС!

Зинда бод Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ҷаҳонӣ!

## Мавзӯи VII.

# САНОАТКУНОНӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

## §17. Раванди саноаткунонии ҷумҳурӣ.

### а) Мазмун ва фаҳмиши ҷамъиятии саноаткунонӣ.

Саноаткунонӣ гуфта, сиёсати махсуси давлати шӯравиро фаҳмида мешавад, ки ҳукумат роҳи ба вуҷуд овардани саноати сотсиалистиро умуман ва саноати вазнинро махсусан пеш гирифта буд. Саноаткунонии мамлакат дар солҳои 30-юм на ҳадафҳои миллӣ, на ҳудудӣ ва на ҷумҳуриявӣ надошта, балки ҳадафи сиёсии сотсиализм дар тамоми ҷумҳуриҳои шӯравӣ - ИҶШС буд. Яъне, саноаткунонии ИҶШС ҳамчун сиёсат ин ба вуҷуд овардани саноати вазнини ватание, ки давлатро аз таъсири технологияи беруна ҳимоя ва талаботи хоҷагии халқи худро ба воситаҳои истеҳсолоту моли саноати ватанӣ таъмин кардан буд. Дар татбиқи ин сиёсат моҳияти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии самараи саноаткунонӣ ба ҳисоб гирифта шуда буд. Вале моҳияти минтақавӣ ва миллии самараи саноаткунонӣ ба инобат гирифта нашуда буд. Сабаби ин камбудӣ заминаи сиёсӣ надошт. Он бештар заминаи танқисии иқтисодӣ ва баъд касбию технологӣ дошт. Саноаткунонӣ маблағи калон, нерӯи илмӣ, техникӣ, касбӣ ва захираҳои табииро талаб мекард. Танқисии молиявӣ хоси ҳама минтақаҳо ва ҷумҳуриҳо буд. Вале доштани нерӯи илмӣ, техникӣ, касбӣ ва захираҳои табиӣ дар ҳама минтақаҳо ва ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС якхела набуд.

Дар даврай саноаткунонӣ дар ИҶШС корхонаҳое сохта шуданд, ки сохтани онҳо шарт ва зарур буд. Вале имконияти сохтани корхонаи саноати вазнин дар ҳама минтақаҳои ИҶШС вуҷуд надошт. Аммо ҳукумати ИҶШС ҳарҷи арзон сохтан, тез ба кор андохтани корхонаро ҳадафи асосии худ интихоб карда, баъзан ҳадафҳои минтақаҳои миллиро ҳам ба назар гирифта буд. Аз ҷумла, дар Тоҷикистон корхонаҳои саноати вазнин -- истеҳсолкунандаи таҷҳизот сохта нашуд. Чунки Тоҷикистон на буҷаи бунёд кардан, на нерӯи технологию синфи коргари ташаккулёфта ва на интеллигентсияи техникии қудрати сохтану ба кор андохтани чунин корхонаҳои калону саноати вазнинро надошт. Аз ин рӯ, корхонаҳои саноати вазнин дар ҷойҳое сохта шуданд, ки аввалан, манбаи нерӯи технологӣ ва захираҳои табиӣ

ва синфи коргари техникӣ буданд. Чунинҳоро боз ҳамон марказҳои саноатии пештара: Марказ, Домбасс, Кузбасс, Сибири Ғарбӣ, Урал доштанд ва боз дар ҳамин минтақаҳо саноати вазнини ИҶШС сохта шуда буд. Дар Тоҷикистон дар давраи сиёсати саноаткунонӣ асосан корхонаҳои саноати сабук - саноати хӯрокворӣ, бофандагӣ ва коркарди ашёи хоми саноатӣ сохта шуда буд. Як ҷиҳати характерноки саноаткунонии Тоҷикистон он аст, ки ин сиёсат ба ғайр аз сохтани корхонаҳои саноатӣ инчунин ҳадафи ба вуҷуд овардани синфи коргари миллии Тоҷикистонро ҳам дар назар дошт. Ҷиҳати дигари хусусияти саноаткунонии Тоҷикистон - ин аз саноати сабук сар кардани саноаткунонии ҷумҳурӣ мебошад. Фарқияти дигари сиёсати саноаткунонии ҷумҳурӣ ин дер сар кардани он ва аз рӯи нақшаҳои панҷсолаҳои аввал гузаронидани он буд. Саноаткунонии мамлакат дар асоси қарори анҷумани XIV ВКП (б) (с.1925) сурат гирифта буд. Ин анҷуман анҷумани саноаткунонӣ ном гирифта буд.

**б) Сохтмони корхонаҳои саноатӣ.**

Сохтмони корхонаҳои саноатӣ дар солҳои 30-юм аз рӯи нақшаҳои давлатии панҷсолаҳои якум (1928-1932), дуюм (1933-1937) ва сеюм (1938-1942) сохта шуда буданд.

Саноати лавозимоти сохтмонӣ. Зарурият ба маводҳои сохтмонӣ пеш аз ҳама ба пайдо шудани саноати истеҳсоли хишт, санг ва маҳсулоти чӯбу тахтаро пеш овард. Дар (солҳои 1929-1938) заводҳои хишти Душанбе (соли 1929), Кӯлоб (1931), Шаҳринав (1932), Пролетар (1932), Хуҷанд (1936), Исфара (1936), Панҷакент (1936), Шаҳритус (1936) ва Кӯктош (1936); заводҳои истеҳсоли маводҳои сохтмонии Душанбе (1930), Исфара (1931), комбинати чӯбу тахтаи Душанбе (1938), заводи асфалти Душанбе (1938), заводи истеҳсоли сафолакҳои бомпӯшӣ Душанбе (1939), заводи сементи Душанбе (1939), заводи оҳаки Помири Шарқӣ (1940) сохта ба кор андохта шуда буданд.

**Саноати бофандагӣ.** Дар солҳои 1929-1938 дар Тоҷикистон комбинати шоҳибофии Хуҷанд (1931-1935), фабрикаи шоҳибофии Душанбе (1931-1935) сохта ба кор андохта шуд. Солҳои 1933-1938 сохтмони комбинати бофандагии Душанбе ва фабрикаи трикотажии Душанбе давом ёфтанд. Дар солҳои 30-юм саноати чарм ва пойафзоли ҷумҳурӣ инкишоф ёфт. Солҳои 1929-1937 заводи чарми Душанбе (1935) фабрикаи пойафзоли Душанбе (1935), Хуҷанд (1936) ба кор сар карданд. Соли 1934 фабрикаи дӯзандагии Душанбе ба кор сар кард.

Саноати пахтатозакунии Ҷумҳурӣ хело пеш рафт. Ҳама заводҳои пахтатозакунӣ аз нав ҷиҳозонида шуданд. Ҷумҳурӣ дорои 10 заводи пахтатозакунӣ (Душанбе-2), (Кӯлоб-2), (Қӯрғонтеппа-2), (Саройи Камар -1), (Хуҷанд-2), (Шаҳритус-1) буд, ки дар соли 1938 нисбати соли 1928 чор баробар пахта зиёд тоза мекарданд. Соли 1933 заводҳои равғанкашии Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб, заводи ордкашии Ваҳдат (1936), Қӯрғонтеппа (1932) ба кор сар карданд. Дар солҳои 30-юм заводҳои винокашии Шаҳринав, Душанбе, Ғарм, Кӯлоб, Хуҷанд, Ӯротеппа, заводҳои нони Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, заводҳои механикӣ ва таъмири мошинҳои автомобилии Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа сохта ба кор андохта шуданд.

**Саноати кӯҳӣ.** Дар Тоҷикистон дар солҳои 30-юм чӣ дар доираи саноаткунонӣ умуман ва чӣ дар рафти иҷрои панҷсолаҳо ба корҳои кофтуковию геологӣ аҳамияти калон дода шуда буд. Дар солҳои 1930-1937 дар Тоҷикистон Комиссияи илмӣ-тоҷикӣ (1930-1931), экспедитсияҳои помирӣ (1929-1931), экспедитсияи комплексии Тоҷикистонӣ (1932), экспедитсияи комплексии тоҷикӣ-помирӣ (1932-1937), ки ба кофтукови захираҳои табиӣ ва меҳнатии Тоҷикистон банд буданд, ба корҳои кофтуковӣ машғул буданд. Дар ҳайати ин экспедитсияҳо то 72 даста олимони шӯравӣ (дар ИҶШС ҳамагӣ 144 дастаи ҷустуҷӯи вуҷуд дошт) фаъолият доштанд, ки то 1000 аъзоро дар бар гирифта буданд. Дар натиҷаи фаъолияти ин экспедитсияҳо захираҳои табиии Тоҷикистон кашф ва роҳҳои истифодабарии онҳо муайян карда шуда буданд. Кори аз ҳама муҳимми фаъолияти ин экспедитсияҳо ин муайян намудани соҳаҳои ояндадори саноати Ҷумҳурӣ дар солҳои наздик ва ояндаи дур буд. Конҳои зиёде дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон кашф карда шуда буданд. Вале барои истифодабарии фаврии он якчанд конҳое, ки бештар аҳамияти умумииттифоқӣ доштанд, ба кор андохта шуданд. Инҳо ҳам бошанд фабрикаи маъдантозакунӣ дар Консой, комбинати металлургияи кӯҳӣ дар кони Такелӣ, ки асосан ба истеҳсоли металлҳои ранга машғул буданд, ба роҳ мондани ба тариқи механикӣ парма кардани чоҳҳо ва ба ин тариқ ба кор андохтани чоҳҳои истеҳсоли нефти "КИМ" ва Нефтобод (1934), васеъ кардани конҳои ангишт ва сохтани чоҳҳои нав дар Шӯроб ва ба роҳ мондани истеҳсоли ангишт дар Исфара, Панҷакент, Зиддӣ, тиллошӯи дар минтақаҳои Дарвоз ва Даштиҷум ба ҳисоб мерафтанд. Саноати кӯҳӣ дар Тоҷикистон дар давраи саноаткунонӣ хело афзуд. Соҳаи асосии он са-

ноати сӯзишворӣ буд. Истеҳсоли нефт аз 11 ҳ.т. соли 1930 ба 28ҳ.т. дар соли 1937 расид. Ангишт дар як кони Шӯроб аз 13ҳ.т. соли 1928 ба 19ҳ.т. расид. Солҳои 30-юм дар инкишофи саноати кӯҳии ҷумҳурӣ солҳои кофтуковию ҷустуҷӯиҳо буд. Мавзеъҳои асосии захираҳои табиӣ дошта тадқиқ ва захираҳои онҳо муайян карда шуда буданд.

Дар солҳои 30-юм ба истеҳсоли энергияи баркӣ аҳамияти калон дода шуд. Дар ин солҳо сохтмони пойгоҳи баркии обии (ПБО) Варзоби Боло (7,5 Квт), Вахш, Пули Сангин (50ҳкВт) ва пойгоҳҳои зиёде сохта шуданд. Солҳои 1932-1937 ПБО-и Варзоби Боло сохта ба кор андохта шуд. Вале ПБО-ҳои Вахш ва Пули Сангин бо сабабҳои муайяни техникӣ сохта нашуданд. Ба ҷои онҳо ПБО-ҳои байни ноҳиявӣ дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон - дар Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа. Кӯлоб, Конибодом, Панҷакент, Истаравшан, Файзобод, Ғарм, Хоруғ ҷамъулҷамъ 39 баркгоҳҳои обӣ ва дизелӣ сохта шуд. Тамоми пойгоҳҳои дизелии пештара аз нав таҷҳизонида ва пуриқтидортар карда шуданд. Дар натиҷа истеҳсоли барқ дар ҷумҳурӣ 1,6 баробар афзуд. Яъне, аз 15 млн.кВт соли 1932 ба 24, 8 млн.кВт дар соли 1937 расида буд. Акнун баркро нафақат дар шаҳрҳою корхонаҳо, балки дар марказҳои ноҳияҳою деҳаҳо ҳам истифода мебурдагӣ шуда буданд. Чароғзоркунии умумии шаҳру шаҳракҳо ва ибтидои чароғзоркунии деҳаҳо сар шуда буд.

Дар солҳои 30-юм дар ҷумҳурӣ 20 соҳаи саноати нав (мошинсозӣ, коркарди металл, пойафзол, либосдӯзӣ, гӯшт, ҳасиб, равған, шарбати мева, бофандагӣ, ресандагӣ, масолеҳи сохтмонӣ, чӯбу тахта), ки дорои 273 корхонаи калон буд, амал мекардагӣ шуд. Барои сохтани ин корхонаҳо 50 млн. сӯм сарф шуда буд, ки 20,5% маблағгузории ҷумҳуриро барои хоҷагии халқ ташкил медод. Инкишофи солонаи саноати Тоҷикистон дар солҳои 1929-1938 21% ташкил дода буд. Дар ҳолате, ки ин нишона дар мамлакат (ИҶШС) 16,9% ташкил дода буд.

**в) Сиёсати давлатии тайёр кардани синфи коргари касбӣ.**

Дар тамоми солҳои 30-юм дар Тоҷикистон синфи коргарро бо роҳи омӯзонидани коргарони нав аз ҳисоби аҳолии шаҳру деҳот гузаронида шуда буд. Усули тайёр кардани онҳо бо роҳҳои курсҳои кӯтоҳмуддат, дар мактабҳои махсуси коргарӣ - таълими фабрикӣ-заводӣ (ФЗО) ва омузишгоҳҳои фабрикӣ-заводӣ (ФЗУ), ба тариқи бригадавӣ ва индивидуалӣ буд. Сиёсати бо кор таъмин

намудани noболиғон қотеъона гузаронида мешуд. Яъне корхонаҳо вазифадор буданд, ки аз 8 то 20% ҷои кории худро барои noболиғону наврасон ҷудо кунанд. Онҳо дар мактабҳои номбаршуда ҳунар меомӯхтанд. Самти асосии сиёсати давлатии тайёр кардани синфи коргар - ин дар ҳайати синфи коргари ҷумҳурӣ ба вуҷуд овардани бартарии аҳолии маҳаллӣ ба ҳисоб мерафт. Чунки ҳайати миллии он то соли 1929 аксаран аврупоиҳо буданд. Ва аврупоиҳо дар бригадаи махсуси мутахассисон ҷамъ омада буданд. Коргарони маҳаллӣ фақат корҳои ёрирасонро иҷро мекарданд. Лозим дониста шуд, ки ин сохтор вайрон карда шавад. Ба ин бригадаҳои мутахассисон коргарони маҳаллии бе тахассусро ҳамроҳ намуданд. Дар рафти кори амалӣ онҳо ҳам ихтисосеро ёд мегирифтанд. Ин усулро усули истеҳсолии тайёр кардани коргар меномиданд. Бо ин усул пеш рафтан мумкин нашуд. Соли 1930 аввал курсҳои махсуси тайёр кардани коргарони ихтисосҳои сохтмончӣ кушода шуд. Ин кор ба зиммаи Комиссариати халқии меҳнат гузошта шуда буд. Ба касбомӯзӣ пеш аз ҳама бекорони дар қайди биржаи меҳнат буда ва наврасону noболиғон ҷалб карда мешуданд. Ҳаққи таълим аз ҳисоби вазоратҳо ва биржаи меҳнат буд. Инчунин ҳукумати умумиттифоқ барои тайёр кардани кадрҳои ихтисоси сохтмончӣ (хиштчин, андовагар, дуредгар, бомпӯш) ҳамон соли 1930 қариб 5,5 ҳазор сӯм ҷудо карда буд. Дар Душанбе маркази касбомӯзии махсус "Установка" кушода шуд, ки он ба тайёр кардани ихтисосҳои ронанда, тракторчӣ, коргарони алоқа, саноат, роҳи оҳан, харрот, мошинистҳои роҳи оҳан сар кард. Вале аз рӯи дархостҳои вазорату муассисаҳо маълум гардид, ки марказ он миқдор ихтисосмандонро тайёр карда наметавонад. Соли 1930 дар назди конҳои САНТО, Шӯроб, роҳи оҳан, саноати шоҳибофӣ, "Тоҷикдавлатсохтмон" мактабҳои шогирдии фабрикаю заводӣ кушода шуданд. Маркази "Установка" ба Ҷамъияти Акционерӣ табдил ёфт ва соли 1931 дар Душанбе, Хуҷанд, Ӯротеппа, Кӯлоб шӯъбаҳои худро кушод. Соли 1931 бошад, мактабҳои шогирдии ихтисосҳои оммавӣ кушода шуд. Дар солҳои 1931-1932 курсҳои кӯтоҳмуддати комбинати шоҳибофии Хуҷанд, кони ангишти Шӯроб, заводи хишти Душанбе, Сарраёсати нақлиёти боркашонӣ ба курсҳои доимамалкунанда табдил ёфтанд.

Як самти махсуси сиёсати тайёр кардани ихтисосҳои коргарӣ ин истифодаи коргарони мавсимӣ буд. Барои ҳарҷи пурсамар ис-

тифода бурдани ин қувва ҳатто июни соли 1931 декрети махсуси КИМ ва ШКХ ИҶШС баромада буд. Коргарони мавсимӣ асосан аз деҳа буданд ва ҳар тобистону зимистон шумораи онҳо зиёд мешуд. Вазоратҳо ва муассисаҳои сохтмонӣ онҳоро ҳам ба ҳисоб гирифта аз ҳисоби онҳо ҳам кадрҳои коргарӣ тайёр мекард. Онҳоро бештар дар сохтмонҳои роҳҳо, корхонаҳои саноатӣ, сохтмонҳои муассисаҳои каммуналӣ истифода мебурданд. Агар имконияти ба корхона ҷалб кардан намебуд, давлат сиёсати кооператсиякунонии ҳунармандонро пеш гирифта то 1 январи соли 1932 10000 ҳунармандонро ба ин ё он кооператсияҳо муттаҳид намуда буд. Аз ҳисоби онҳо устохонаҳои умумӣ таъсис дода шуда буданд, ки ҳунармандонро ҳам ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ-сотсиалистӣ наздик мекард. Ҳукумат роҳи дигари тайёр кардани кадрҳои коргарӣ - дар Марказ (Россия, Ӯзбекистон)-ро ҳам истифода бурда буд. Он ихтисосҳои коргарие, ки дар Тоҷикистон тайёр карданашон душвор буд, дар Россия ва дигар ҷумҳуриҳо тайёр карда мешуданд. Яъне дар солҳои 1930-1932 дар ҷумҳурӣ зиёда аз 9000 коргарони ихтисоснок, аз ҷумла 2000 наврасонро тайёр карда буданд.

Солҳои 1933-1938 ба тайёр кардани коргарони баландихтисос факултетҳои коргарӣ ва техникумҳои саноатӣ ва сохтмонии Душанбе ва полиграфии Хуҷанд сар карда буданд. Вале саноати ҷумҳурӣ нафақат бо коргарони ихтисосдор, балки оддӣ ҳам таъмин набуд. Дар ҷумҳурӣ дар сохтмонҳою истеҳсолот қариб 4000 коргар намерасид. Масалан, дар соли 1933 барои сохтмони ПБО-и Варзоб ва корхонаи сохтмонии масолеҳи Харангон қариб 1800 коргар барои Консой ва Шӯроб зиёда аз 200 коргар, соли 1934 барои Нефтобод қариб 170 коргар, барои комбинати шоҳибофии Хуҷанду фабрикаи шоҳибофии Душанбе 900 коргар намерасид. Аз ин рӯ, солҳои 1934-1936 дар ҷумҳурӣ мактабҳои ШФЗ (шогирдии фабрику заводӣ) дар назди корхонаи нефти Нефтобод, шоҳибофии Хуҷанд, матбааҳои Душанбе ва Хуҷанд, фабрикаи дӯзандагии Душанбе, кушода шуданд. Дар ПБО-и Варзоб, комбинати полиграфӣ, фабрикаи дӯзандагӣ, заводи механикӣ бо роҳҳои индивидуалӣ ва бригадавӣ зиёда аз 1000 коргар тайёр карда шуда буд. Синфи коргари ҷумҳурӣ ба 22145 нафар расид, ки нисбати соли 1932 10,5 ҳ. зиёд аст.

Як хусусияти дигари ташаккулёбии синфи коргари тоҷик ин аз ҳисоби занҳо зиёд шудани он буд. Зеро дар Тоҷикистон бештар корхонаҳое сохта мешуданд, ки ба меҳнати зан ва малакаи касбии

он мувофиқат мекард. Дар корхонаҳои пиллакашӣ, ресмонресӣ, дӯзандагӣ, бофандагӣ, коркарди мева ва хӯрокворӣ, ки аз ҳама бештар сохта мешуданд, асосан дасти зан даркор буд. Яъне характери истеҳсолот ҳайати ҷинсии синфи коргари ҷумҳуриро муайян месохт. Дар соҳаҳои номбаршуда аз 50 то 90% коргаронашонро занҳо ташкил медоданд.

### Луғати истилоҳот

1. Панҷсола-гуфта нақшаҳои перспективии тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳуриро, ки барои ҳар як панҷсолаи минбаъда (1928-1932, 1932-1937, 1938-1942) муқаррар гардида буданд, дар назар дошта мешавад. Дар Тоҷикистон аввалин нақшаи перспективии тараққиёт барои инкишофи соҳаи обёрӣ дар солҳои 1923-1927 амал карда буд. Минбаъд, то соли 1942 дар Тоҷикистон ва мамлакат 3 панҷсола: панҷсолаи якум солҳои хоҷагии 1928/1929-1932/1933, дуюм солҳои 1933-1937 ва сеюм солҳои 1938-1942-ро дарбар мегирифтанд. Панҷсолаи якум панҷсолаи ба вуҷуд овардани базаи моддӣ-техникии сотсиализм, дуюм панҷсолаи ба анҷом расонидани сохтмони сотсиализм ва сеюм таъмини ғалабаи пурра ва қатъии сотсиализм дониста ва эълон гардида буданд.

### САВОЛҲО:

1. Мафҳум ва мақсади саноаткунониро фаҳмонед?
2. Барои чӣ дар Тоҷикистон саноаткунонӣ аз саноати сабук сар карда шуд?
3. Соҳаҳои асосии саноати Тоҷикистонро номбар кунед?
4. Сохтмонҳои калонтарини давраи саноаткунониро номбар кунед?
5. ПБО-и Варзоби Боло кадом солҳо сохта шуда буд?
6. Коргарони саноатӣ чӣ хел ва дар куҷо тайёр карда мешуданд?

## § 18 Ташаккул ва инкишофи мусобиқаи меҳнатӣ дар саноат.

### а) Аз шанбегиҳои коммунистӣ ба мусобиқаи меҳнатӣ.

Синфи коргари тоҷик ҳоло дар ибтидои Ҳокимияти Шӯравӣ ба мусобиқаи меҳнатӣ шинос буд. Ин мусобиқа дар намуди шанбегиҳои коммунистӣ, ки бо ташаббуси коргарони пешқадам дар солҳои ҷанги гражданӣ (1919-1923) ва баъдиҷангии солҳои 1924-1928 гузаронида мешуд, дар тарбияи коргарон дар истеҳсоли ҷамъиятии ҷамъияти сотсиалистӣ саҳми калон гузошта буд. Маҳз дар солҳои 1919-1928 мусобиқаи фаъол кардани синфи коргар рафти истеҳсолот, мусобиқаи меҳнатии синфи коргар ва худи истеҳсолотро тағйир додан гирифт. Мусобиқа дар солҳои 30-юм ба меҳнати софдилона, самаранок ва муносибати нави ҷамъиятӣ табдил ёфт. Сабаби асосии ин табдилёбӣ аввалан, табдилёбии худи истеҳсолот ва муносибатҳои истеҳсолӣ буд.

Коргарони шӯравӣ ба натиҷаи меҳнатии худ ҳавасманд буданд. Чунки ин натиҷа нафақат ба маоши ӯ, балки ба тамоми зиндагии ӯ таъсири мусбӣ мерасонд. Дар ташкили чунин мусобиқа машваратҳои истеҳсолии коргарон роли калон бозиданд. Барои хуб кор кардан, ҳарчӣ бисёр истеҳсол кардан, сарфа намудани вақту маҳсулот ва истифодаи пурраи вақту таҷҳизот як ҳаракати оммавие сар зад, ки бо номи мусобиқаи сотсиалистӣ машҳур гардид. Коргарон дар ин мусобиқаи сотсиалистӣ иштирок намуда ба идора кардани истеҳсолот шинос мешуданд. Баробари шинос шудан ба идора кардани истеҳсолот дар худ ҳисси масъулиятнокӣ барои кори муассиса ва муносибати ғамхорона ба онро тарбия мекард. Дар машваратҳои истеҳсолии коргарон ташаббуси нави пешқадамони истеҳсолот ҳам муҳокима гардида, дастраси оммаи васеи коргарон гардонида мешуданд. Мусобиқа ҳосилнокии меҳнатро баланд ва нишондиҳандаҳои сифатии корро беҳтар мегардонд.

Мусобиқаи сотсиалистӣ маҳсули давраи саноаткунонӣ набуд. Ин мусобиқа ҳоло дар давраи азнавбарқароркунии хоҷагии халқ барои сарфаи маҳсулот, қувваи барқ, олоту анҷом сар шуда буд. Ва натиҷаҳои хуб ҳам дода буд. Акнун дар солҳои саноаткунонӣ шаклу усулҳои нави мусобиқаи сотсиалистӣ сар шуда истода буданд, ки тамоми коргаронро фаро мегирифтанд. Чунки натиҷаи ин мусобиқаҳо пеш аз ҳама ба манфиати худи онҳо нигаронида шуда буд.

**б) Шаклҳои мусобиқа.**

Мусобиқа байни коргарон. Мусобиқа байни коргарон оммавитарин шакли мусобиқа буда байни коргарон дар звено, участка, сех, фабрика, завод, комбинат дар алоҳидагӣ баста мешуд. Ҳар як мусобиқакунанда ӯҳдадорӣ мегирифт, ки чӣ кори иловагие ғайр аз кори асосиаш иҷро намояд, ки сабабгори зиёдшавии маҳсули меҳнаташ гардад. Ин ё дар шумора, ё дар сифат, ё дар арзиши асосии маҳсулот ва ё вақт таҷассуми худро меёфт ва дар фоиз муқаррар мегардид.

Мусобиқаи байни сехҳо. Ин шакли мусобиқа байни коргарони сехҳои алоҳидаи корхона баста мешуд. Агар сехҳо як протсеси корро ташкил медоданд, шарти шартнома ҳам якхела (ҳам дар шумора ва ҳам дар сифат) мешуданд. Агар сехҳо тахассуси ҳархела дошта бошанд, шартҳои шартнома одатан дар фоиз муқаррар мегардид.

Мусобиқа байни фабрикаю заводҳо. Дар ин шакли мусобиқа коргарони фабрикаю заводҳо (фабрика бо фабрика, завод бо завод) мусобиқа карда шартҳои мусобиқа дар фоиз муқаррар карда мешуд.

Ин се намуди мусобиқаи меҳнатӣ (сотсиалистӣ) мусобиқаи дохилии вилоятӣ, кишварӣ ва ҷуҳуриявӣ буданд. Яъне коргарони як соҳаи саноатии ҷумҳурӣ коргарони ҳамкасби худро дар ҷумҳуриҳои дигар ба мусобиқа даъват мекарданд. Дар ҳама ҳолат тарафҳои мусобиқакунанда шартнома имзо мекарданд. Шартҳои шартнома аз тарафи комиссияи махсус назорат ва тафтиш карда мешуд ва ҷамъбаст мегардид. Натиҷаи ҷамъбасти онҳоро дар маҷлиси якҷоя ё ба намояндагии тарафҳо эълон менамуданд.

Камбудиҳои мусобиқаи меҳнатӣ (сотсиалистӣ) дар ибтидои ташкилиаш вуҷуд дошт. Заминаи асосии ин камбудӣ аз надоштани таҷрибаи ташкил ва гузаронидани чунин чорабиниҳо буд. Аз ин рӯ, дар ибтидо баъди бастани шартнома рафти иҷрои онро ба ҳоли худ гузошта ҳеҷ кас ба он масъулияти шахсӣ ҳис накард. Баъдтар ба хулосае омаданд, ки барои роҳбарӣ ба мусобиқа ситод лозим аст. Аз соли 1929 сар карда дар ҷумҳурӣ ситоди роҳбарии мусобиқаи меҳнатӣ (сотсиалистӣ) амал карданро сар кард. Масъалаҳои ташкилӣ, усул, роҳбарӣ ва беҳтар гардонидани ташаббускории коргаронро дар ҳама зинаҳои роҳбарӣ (маъмурияти сех, корхона, вазорат ва ҷумҳурӣ) борҳо муҳокима шуда буданд. Мусобиқа як роҳи нав гирифт. Ҳаракати стахановчигӣ, изотовчигӣ ва даҳҳо номҳои дигаре ҳастанд, ки дар солҳои панҷсолаи дуюм ба мусобиқаи меҳнатӣ шӯҳрату шаҳомати нав бахшида буданд. Агар аз таззодҳои сохтакории ҷузъӣ бароии баъзе холӣ набуданд, вале барои кулли коргарони мамлакат ин ташаббус, навоварӣ, меҳнати содиқона барои худу ватани сотсиалистиашон буд.

**в) Мусобиқаи меҳнатӣ дар саноат.**

Мусобиқаи меҳнатӣ хоси ҳама давраи инкишофи ҷамъият буд ва ҳаст. Одамон дар ҳама соҳаи ҳаёту ҷамъияташон ботинан бо ҳамдигар мусобиқа доштанд. Вале фақат Ҳокимияти Шӯравӣ мусобиқаро ба арсаи сиёсӣ баровард. Мақсади асосии ташкили ин мусобиқа тарбияи меҳнатӣ, баланд бардоштани маҳорат ва малакаи меҳнатии коргарон, эстетикаи меҳнат, ёд додани таҷрибаи пешқадам, омӯзонидани техника, омӯзонидани бисёрихтисосӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, маоши синфи коргар ва ғайраҳо буданд. Яъне ташкили мусобиқа ҷанбаҳои иҷтимоӣ, маданӣ ва ҳатто сиёсӣ дошт. Мусобиқаи меҳнатӣ (сотсиалистӣ) аз соли 1935 сар карда характери умумихалқиро гирифта бо номи ҳаракати Стахановчигӣ машҳур гардид. А.Стаханов ангиштканн Донбасс вазифаи ҳаррӯзаи худро то 14

маротиба иҷро мекардагӣ шуд ва тарафдорони зиёде дар ИҶШС пайдо кард. Аз ҷумла, дар Тоҷикистон пайравони ӯ дар конҳои Консой-Умурзоқов, Муратов, Масленников, дар Шӯроб-Назаршо Назаршоев, Қаландар Тошбеков, дар заводи механикаи Душанбе--Богомолов, дар чоҳҳои нефти-- "КИМ" -- Лягаев ва Кузнецов, депои Душанбе--машинист Максимов, комбинати шоҳибофии Хуҷанд - Бисоро Мараҷабова, Назокат Шокирова, Алибоева, Устобоева, заводи пахтаи Душанбе--К.Якубов ва коргарон К.Норматов, И.Додобоев ва садҳо дигарон буданд, ки нақшаҳои худро 5-14 маротиба зиёд иҷро мекарданд. Дар ҳаракати стахановчигии солҳои 30-юм 100% синфи коргари тоҷик иштирок дошт. 60% иштирокчиён унвони стахановчиро гирифта буданд. Барои ба ин ном сазовор шудан коргар мебоист супориши солонаи худро барзиёд иҷро мекард. Дар комбинати шоҳибофии Хуҷанд соли 1936 514 стахановчиён кор мекарданд. Стахановчиён ҷамъомаду маҷлисҳо ва машваратҳои зиёде гузаронида, таҷрибаи худро дастраси умум мегардониданд. Ҳатто ба участкаҳои қафомонда гузашта онҳоро ба пешқадамон баробар мекарданд. Мусобиқаи меҳнатии солҳои 30-юм на шиор, балки ҳаёти реалии синфи коргар буд. Муносибатҳои истеҳсолии сотсиализм саноати солҳои 30-юмро мустаҳкам ва устувор намуд.

**г) Масъалаҳои иҷтимоии синфи коргар.**

Ҳалли масъалаҳои иҷтимоии синфи коргар ба ғайр аз тайёр кардани ҷои кору коргар боз ба чандин масъалаҳои дигар--баланд бардоштани дараҷаи маданӣ-техникии коргарон, баланд шудани шуурнокии сиёсии коргар ва фаъолгардии ӯ дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии ҷумҳурӣ, беҳ гардидани вазъияти моддии коргар ва ба сиёсати давлатӣ табдил ёфтани амалигардонии ин масъалаҳо вобаста буд.

Масъалаи ба вуҷуд овардани ҷои кору бо коргарони касбӣ таъмин намудани истеҳсолот сиёсати давлатие буд, ки дар тамоми давран саноаткунонӣ давом кард. Дар тамоми солҳои 1928-1938 дар Тоҷикистон 30000 ҷои корӣ 15000 ҷой дар истеҳсолот ва тақрибан боз 15000 дар идора ва хизматрасонӣ ба вуҷуд оварда шуда буд. Акнун вазифа меистод, ки дараҷаи моддӣ техникии онҳоро баланд бардошта шавад. Барои ин пеш аз ҳама бесаводиро дар байни коргарон барҳам додан лозим буд. Аз соли 1930 вазоратҳои дахлдори соҳаҳои саноат бо вазорати маориф шартномаҳо имзо намуда ба кушодани мактабу курсҳои маҳви бесаводии коргарон сар карданд. Дар солҳои 1929-1932 зиёда аз 20000 коргар мактабу курсҳои маҳви бесаво-

диро хатм карда буданд. Ин ба инкишофи муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ: китобхонаҳо, клубҳо, хонаҳои маданият сабаб шуд. Солҳои 1930-1938 дар Тоҷикистон 416 китобхонаи оммавӣ, 667 муассисаи клубӣ, 13 театр, 123 киноустановка, ҳазорҳо кунҷҳо ва чойхонаҳои сурх амал мекарданд.

Савод ва маърифатнокӣ синфи коргарро ба баланд бардоштани малакаи касбаш водор кард. Вай ба маҳфилҳои гуногуни техникӣ рафт. Ҳаракат барои аз худ кардани минимуми техникӣ ду зина дошт. Зинаи 1 барои коргарони нав ба кор омада ва зинаи 2 барои коргарони дар истеҳсолот кор карда истода муқаррар шуда буд. Минимуми зинаи 2 донишу малакаи зиёдеро талаб мекард. Коргароне, ки имтиҳон ба дараҷаи 2 месупориданд, баъди вақти кори хатмӣ дар ҷамъияти махсус - "Барои аз худ кардани техника" мехонданд. Дар Душанбе ин ҷамъият 19 курси таълимӣ ва 57 маҳфил, дар Хуҷанд қариб 90 курсу маҳфил доштанд. Зиёда аз 4,5 ҳ. коргарон аъзоёни ин ҷамъият буданд. Ин буд, ки шумораи баъзе ихтисосҳо--ҳаррот, челонгар, пармагар, мошинист, трактористҳо дар ҷумҳурӣ 6,7 баробар зиёд гардиданд.

Табиист, ки ин ҳама ба беҳшавии маишат ва аҳволи моддии коргар ҳам меовард. Ҳосилнокии меҳнати ӯ баланд, нормаҳои истеҳсолӣ иҷро ва маош зиёд мегардид. Дар солҳои 1929-1938 маоши синфи коргар аз 94 млн. сӯми соли 1928 ба 134 млн. дар соли 1934 ва ба 316 млн. дар соли 1936 расида буд. Маоши реалии солонаи коргари корхонаи саноатӣ аз 2857 сӯми соли 1934 ба 3637 сӯм дар соли 1936 расида буд. Яъне моҳе 238 сӯми ҳамон давраро ташкил медод.

Дар ин солҳо ба хизмати халқ 3 курорт - Оқсикон, Хоҷа Обигарм ва Шаҳристон, даҳҳо истироҳатгоҳҳо, лагерҳои пионерӣ, боғчаҳои бачагона ба кор даромада буданд. Дар солҳои 1929-1938 синфи коргар 368 ҳ.м.кв. манзили истиқоматӣ гирифт. Хизмати тиббӣ фақат дар солҳои 1934-1937 167,3 млн. сӯм сарф кард. Ҷумҳурӣ дар солҳои 1934-1938 153 духтур, 41 касалхона ва амбулаторияи нав гирифта буд. Шумораи духтурон ба 396 нафару касалхонаҳою амбулаторияҳо ба 101 адад расида буданд. Яъне шароити маишии коргарон ҳаматарафа беҳ гардида истода буд.

## САВОЛҲО:

1. Мусобиқаи меҳнатиро шарҳ диҳед!
2. Шаклҳои асосии мусобиқаро номбар кунед?
3. Стахановчигиро шарҳ ва стахановчиёнро номбар кунед?
4. Пешқадамони истеҳсолотро номбар кардан чӣ аҳамият дорад?

Мавзӯи VIII.

# КОЛЛЕКТИВОНИДАНИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ҶШС ТОҶИКИСТОН

## §19. Сиёсати шӯравии коллективонии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон ва хусусиятҳои он

**а) Тавсифи умумии масъала.**

Мафҳум, мақсад ва сиёсати муттаҳидгардонии хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар солҳои 20-30-юми асри 20 бо номи коллективонӣ машҳур буд, ҳамдигарро пурра мекунанд.

Яъне муттаҳид кардани хоҷагиҳои яккадасти деҳқониро ба хоҷагиҳои дастаҷамъи (коллективии) истеҳсолӣ коллективонидани хоҷагии қишлоқ номида мешавад. Ин сиёсатро Ҳокимияти Шӯравӣ аввал ҳамчун назария, баъд ҳамчун амалия гузаронида буд. Яъне коллективонидан 3 зинаро аз сар гузаронидааст: (1918-1927), (1928-1932), (1933-1937). Давраи аввал--1918-1927 давраи ибтидоии коллективонӣ буда, бештар бо номи кооператсиякунонӣ маълум аст, ки ҳам ислоҳоти замин ва ҳам таҷрибаи таъсиси хоҷагидории шӯравиро дар шаклҳои хоҷагиҳои шахсӣ, давлатӣ ва коллективию иҷоравӣ дарбар гирифта, барои коллективонии саросарӣ замина тайёр кард: Декрет дар бораи замин қабул шуд, солҳои 1918-1921, 1921-1923 ислоҳоти обу замин гузаронида шуд ва хоҷагидории шахсию, коллективӣ-тозҳо, артелҳо, коммунаҳо, совхозҳо барои интихоби оянда таҷриба карда шуданд.Яъне, солҳои 1918-1923 ин раванд бо қонуну низомномаҳо таъмин ва дар солҳои 1923-1927 ба таъсиси кооператсияҳои истеъмолӣ-кооператсияҳои мелиоративӣ сар карда шуд, ки қариб 100% хоҷагиҳои деҳқониро дарбар мегирифтанд, гузаштанд.

Солҳои 1928-1932 сиёсати коллективонӣ сараввал зери шиори кооператсиякунонӣ давом ёфта аз кооператсияҳои истеъмолӣ ба кооператсияҳои истеҳсолӣ бо номҳои Пахта-Союз, кирмакпарварӣ, боғдорӣ, сабзавоткорӣ, чорводорӣ, ғаллакооператсия гузаштан сар шуд, ки то соли 1929 давом ёфт. Аз соли 1929 то соли 1932 сиёсати гузариш ба тозҳо, артел, совхоз, сотхоз ва коммунаҳо пеш гирифта шуд. Ин давра бештар бо номи коллективонии хоҷагии қишлоқ маълум аст. Солҳои 1933-1937 коллективонӣ зери сиёсати сохтмони колхозӣ гузаронида шуд, ки шакли асосии онро барои Тоҷикистон ав-

вал тозҳо ва соли 1936 артелҳои хоҷагии қишлоқ дониста шуда буд. Соли 1937 бошад Устави намунавии артелҳои хоҷагии қишлоқ қабул гардид, ки тибқи он ҳама шаклҳои хоҷагии коллективӣ (тозҳо, артелҳо, коммунаҳо) колхоз (коллективное хозяйство) номида шуданд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, соли 1937 зиёда аз 60% хоҷагиҳои деҳқонии ҷумҳурӣ ба колхозҳо ҷалб шуда буданд. Аз ин рӯ, соли 1936 коллективонӣ умуман ва сохтмони колхозӣ махсусан, ғалабакарда эълон шуда буд.

**б) Принсипҳои асосии коллективонии хоҷагии қишлоқ.**

Коллективонидани хоҷагии қишлоқ, яке аз рукнҳои сохтмони сотсиализм дониста мешуд. Ва то сар шудани сиёсати давлатии коллективонӣ (с.1929) дар Тоҷикистон 22 артели хоҷагии қишлоқ, 55 тоз ва якчанд совхозу (советское хозяйство) сотсхозҳо (социалистическое хозяйство) вуҷуд доштанд. Барои ҳарчи тезтар ҳал кардани масъалаи беҳбудии иқтисодӣ ва маишии деҳқонон, самаранок истифода бурдани замин, техника, агротехникаи хоҷагии қишлоқ ва ҳалли сиёсати аграрии шӯравӣ-- коллективонидани хоҷагиҳои яккадаст ба хоҷагиҳои коллективӣ зарур дониста шуд. Ва аз соли 1928 сар карда Ҳукумати Тоҷикистон ба амалӣ кардани ин сиёсат сар кард. Барои амалӣ кардани ин сиёсат шартҳои асосии коллективонӣ: принсипи ихтиёрии ихтиёран ба колхоз дохил шудан ва принсипи ихтиёрии интихоби шакли колхоз (тоз, артел, коммуна) эълон шуда буд. Барои Тоҷикистон шакли асосии коллективонӣ тозҳо (ширкати якҷоя коркарди замин) эълон шуда буд. Барои гузаронидани коллективонӣ шумораи калони агитаторону гузаронандагони коллективонӣ сафарбар шуда буданд. Аз ҷумла, 87 нафар аз ҷониби Ҳукумати Умумиттифоқ ва ҳазорҳо аз худи Тоҷикистон сафарбар шуданд. Коллективонидан ба маъракаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ табдил ёфт. Ин сиёсат хусусиятҳои умумӣ ва хоси коллективонии Тоҷикистонро муайян кард, ки инҳоанд:

1. -гуногуншаклӣ ва дар мӯҳлат дарозтар гузаронидани ин маърака (Дар водиҳои пахтакор таъсиси артелҳои хоҷагии қишлоқ ва дар қисмати кӯҳистон ба Тозҳо гузаштанро дар назар дошт);

2. Суст будани таъсири кулак ба ҳайати иҷтимоии деҳоти тоҷик (Аксарияти деҳқонони тоҷикро батракон, камбағалон ташкил медод). Дар ҳолате, ки дар Россия аксарияти деҳқононро миёнаҳолон ташкил медоданд. Ин ҳолат, агар аз як тараф ба суръатёбии коллективонӣ сабаб шуда бошад, аз тарафи дигар бетараф гузоштани миёнаҳолон дар хоҷагиҳои ғалла ва чорвопарварии кӯҳӣ суръати кол-

лективониро суст мекард. Ин хусусиятҳо ба рафти коллективонӣ таъсири манфии худро расонд. Ба органҳои маҳаллӣ ва болоии шӯравӣ лозим буд, ки вақт ва харҷи зиёдатиро сарф намояд.

**в) Азнавсозии сотсиалистии хоҷагии қишлоқ қисми таркибии коллективонӣ.**

Азнавсозии сотсиалистии хоҷагии қишлоқ қисми таркибии нақшаи давлатии сохтмони сотсиализм дар мамлакат буд, ки мақсади асосии он барҳам додани моликияти хусусӣ бо роҳи таъсис додани моликияти колхозӣ-кооперативӣ-коллективӣ (ҷамъиятӣ) буд. Сабаби асосии пеш гирифтани сиёсати коллективонии хоҷагии қишлоқро ин қудрат надоштани хоҷагиҳои шахсӣ бо ашёи хоми хоҷагии қишлоқ таъмин кардани саноати тараққӣ кардаистодаи шӯравӣ буд. Ин ҳолатро дида синфи коргар ва корхонаҳои саноатие, ки бо ашёи хоми хоҷагии қишлоқ кор мекарданд ва ё талаботҳои истеҳсолию истеъмолии худро қонеъ мегардониданд, хоҷагии қишлоқро ба шефӣ гирифтанд. Шаҳр деҳаро бо техника, молҳои саноатии ниёзи мардум ва хоҷагии қишлоқ бошад, саноатро бо хӯрокворӣ ва ашёи хоми саноатӣ таъмин карданро ба ӯҳда гирифтанд. Аввалин чунин шартномаи тарафайн байни коргарони саноати бофандагӣ ва пахтакорон ноябри соли 1929 баста шуда буд. Баъдтар ин намуди шартномаҳо тамоми соҳаҳои хоҷагии қишлоқро фаро гирифта буд. Вале бе коллективонидани хоҷагии қишлоқ ин шартҳоро иҷро кардан мумкин набуд. Яке аз душвориҳои коллективонӣ дар Тоҷикистон ин гуногунсоҳа будани хоҷагии қишлоқ ва дар дараҷаҳои гуногуни иҷтимоӣ қарор доштани деҳқонон буд. Ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон ба соҳаҳои гуногуни хоҷагӣ машғул буданд. Дар шимоли Тоҷикистон зироаткорӣ ва чорводорӣ, дар Помир чорводорӣ ва зироаткорӣ, дар Марказ ва Ҷануб зироаткорӣ ва чорводорӣ, соҳаҳои асосӣ бошанд ҳам, дараҷаи якхелаи тайёрии гузаштан ба хоҷагии коллективиро надоштанд. Дар шимоли Тоҷикистон дар рафтиислоҳоти обу замини солҳои 1925-1927 ба заминдории феодалӣ хотима дода шуда буд. Вале ин ислоҳот Марказу Ҷануби ҷумҳуриро фаро нагирифт. Аз ин рӯ, то ибтидои соли 1929 ҳанӯз ҳам асоси хоҷагидориро моликиятдории шахсӣ ба замин ташкил дода то 1 сентябри соли 1929 ҳамагӣ 1,5% хоҷагиҳо коллективонида шуда буданду халос.

Барои тезонидани ин суръат соли 1928 дар ҷумҳурӣ 4 МТС дорои 41 трактор дошта: дар Арал, Шаҳритус, Шаҳринав ва Сарои Камар ба кор сар карданд. Коллективонидан ба маъраки сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданини Давлати Шӯравӣ табдил ёфт. Дар кори гузаро-

нидани коллективонии оммавии хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ тадбирҳои сабук кардани андозҳо, қарз додан, ба заминҳои нав муҳоҷир кардан, сохтмонҳои иншоотҳои объёрӣ, бо техникаи нав таъмин намудани пеш аз ҳама колхозҳо ва умуман хоҷагии қишлоқ аҳамияти калон доштанд.

Коллективонӣ ҳамчун сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистон аз соли 1928 оғоз гардида, аз қарори дар бораи дар солҳои 1928-1929 ташкил додани 48 колхоз оғоз гардид. Барои амалӣ кардани ин нақша феврали соли 1928 дар ҶМШС Тоҷикистон Комиссияи марказии колхозӣ ва дар округи Хуҷанд-Шӯрои округии колхозӣ таъсис дода шуда буд. Комиссияи марказии колхозии Тоҷикистон дар рафти кишти баҳории соли 1929 нақшаи сохтмони колхозиро тағйир дода, акнун шумораи колхозҳои бунёдмешударо 132 адад муқаррар кард. Барои мутамарказонидани роҳбарии ин раванд, Комиссияи марказии колхозӣ ба Колхозсентр табдил дода шуд. 1 октябри соли 1929 дар ҷумҳурӣ 209 колхоз вуҷуд дошт, ки 2888 хоҷагиҳои деҳқонии ҷумҳуриро дар бар мегирифтанд. Колхозҳои соли 1929 10-15 га замини корам доштанд. Дар колхозҳо ҳамагӣ 252 аспи корӣ ва 213 барзагови ҷуфтӣ мавҷуд буд.

Охири соли 1929 ба Тоҷикистон миқдори зиёди техникаи хоҷагии қишлоқ ворид гардида, соҳа акнун дорои 55 трактор, 600 чигитпошак, 15 тухмипошаки ғалладона, 2500 плуг қариб 2000 сихмола гардида буд. Ҳамин буд, ки дар се моҳи охири соли 1929 ба колхозҳо зиёда аз 1500 хоҷагиҳои деҳқонӣ дохил шуда буданд. Декабри соли 1929 қарор "Дар бораи плани сохтмони колхозӣ барои солҳои 1929-1930" баромад, ки ёрии ҳамаҷониба ба колхозҳоро пурзӯр кардан, ёрии техникӣ ва додани имтиёзҳо дар истифодаи техникаи МТС-ҳо, пардохтани андози замин, тайёр кардани мутахассисони соҳаи хоҷагии қишлоқ дар назар дошта шуда буд.

Ин ҳама чорабиниҳо ба он овард, ки дар рафти кишти баҳории соли 1930 миёнаҳолон ҳам майл ба колхозҳо карданд. Ҳаракати колхозӣ дар аксари ноҳияҳои пахтакор хусусияти оммавиро гирифт. Ин равандро ба назар гирифта, барои кӯмак расонидан ба сохтмони колхозӣ ҳукумат 150 нафар коргаронро ба деҳот фиристод. Аз 150 нафар 87 нафарашон аз ҷумҳуриҳои дигар, аз ҳисобди "25 ҳазор нафариён"-и ИҶШС буданд. Аз ин 87 нафар 66 нафарашон ба корҳои роҳбарӣ ва 21 нафарашон ба деҳот фиристода шуда буданд. Аз сабабе, ки ин 25 ҳазор нафар шахсони муваққатӣ буданд ва бояд боз ба ватанашон бармегаштанд, мӯҳлати дар Тоҷикистон мондани онҳо

ба мӯҳлати гузаронидани коллективонӣ вобаста буд. Аз ин рӯ, онҳо ҳарчи тезтар гузаронидани коллективониро пеш гирифта, принсипҳои асосии он - ихтиёрӣ ва интихоби шакли колхозиро вайрон карданд. Ба ҷои ихтиёрӣ маҷбуркуниро ва ба ҷои таъсиси тозҳо артел коммунаҳоро раво донистанд. Бо роҳи зӯрӣ коллективонидан ба сӯиқасдҳо овард. Аз дасти бою кулакҳо раиси ҳукумати ноҳияи Кӯктош Зайнаббибӣ Қурбонова, дар Конибодом коммунист Р.Ҳамробоев, дар Шаҳринав раиси колхоз Мирзо Ризо, аз "биступанҷ ҳазорнафарӣ" Г.К.Безгин ва даҳҳо дигарон кушта шуда буданд. Вале суръати коллективонӣ бебозгашт буд. То майи соли 1930 13,1% хоҷагиҳо муттаҳид шуда буданд, ки 11,6% замини корамро дар ихтиёр доштанд. Шакли асосии коллективонӣ ба мисли соли 1929 Тозҳо эълон шуда Устави намунавии тоз-ҳо (ширкат оид ба коркарди умумии замин) қабул ва нашр карда шуд, ки хусусиятҳои муҳим ва асосии ширкати коркарди умумии заминро муайян намуд. Дар ширкат (тоз) меҳнат ва замин умумӣ карда шуда буд. Баъдтар ба Устав тадбирҳои дуруст ба роҳ мондани фаъолияти хоҷагӣ ва баланд бардоштани даромади онро дохил намуданд. Барои амалии ин тадбирҳо соли 1931 соли Тозҳо эълон шуда буд. Барои ин чандин маъракаҳои сиёсӣ: аз ҷумла думоҳагии коллективонӣ (1930-1931), маъракаи ташкилии мустаҳкамкунии колхозҳо (1931) гузаронида шуда буд. Дар натиҷа, то охири соли 1932, дар ҷумҳурӣ 2554 хоҷагии коллективӣ таъсис дода шуда буд, ки 45% хоҷагиҳои камбағалону миёнаҳолонро муттаҳид мекард. Дар пахтакорӣ бошад коллективонӣ 75% хоҷагиҳои деҳқониро фаро гирифт. Ҷумҳурӣ дорои 19 МТС бо 1284 трактор ва ҳазорҳо олоти дигари хоҷагии қишлоқ гардида буд. Як давраи томи сиёсати коллективонии хоҷагии қишлоқ ба охир расида, давраи дигари он - сохтмони колхозӣ сар шуд.

**г) Сохтмони колхозӣ.**

Аз баҳори соли 1932 сар карда дар ИҶШС ва Тоҷикистон сиёсати сохтмони колхозӣ сар шуд, ки нисбат ба сиёсати коллективонии солҳои 1929-1932 фарқ дошт. Колхозҳои нав таъсисёфта бояд кооператсияҳои сотсиалистии хоҷагии қишлоқ мешуданд. Онҳо дар асоси моликиятдории кооперативӣ-колхозӣ, ки ҳаракати сотсиалистии хоҷагидориро касб мекарданд, ташкил дода мешуданд. Барои таъсиси чунин колхозҳо ташкилоти махсус - шӯъбаҳои сиёсӣ таъсис дода шуд. Дар ҷумҳурӣ 34 шӯъбаи сиёсӣ таъсис ёфта буданд. Аксарияти шӯъбаҳои сиёсӣ дар назди МТС-ҳо (стансияҳои мошинӣ-тракторӣ) таъсис ёфта буданд. Вазифаи шӯъбаҳои сиёсӣ аз таъсиси колхоз ва аппарати он - правленияи колхоз,

ба роҳ мондани кори ҳисобу китоб ва фаъолияти ҳама сохтори колхозӣ иборат буд. Ин шӯъбаҳо дар назди МТС-ҳо аз феврал то октябри соли 1933 амал карда, баъд ҳамчун шӯъбаҳои хоҷагии қишлоқ ба ҳайати комитетҳои ҳизбии ноҳиявии ҲК Тоҷикистон ҳамроҳ карда шуданд. Фаъолияти худро на ҳамчун шӯъбаи сиёсӣ, балки ҳамчун шӯъбаи хоҷагии қишлоқ то соли 1991 давом доданд.

Дар солҳои 1933-1936 дар сохтмони колхозӣ тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал омад. Аввалан, шакли колхозҳо Тоз-ҳо эълон шуданд. Чунки Тоз-ҳо фақат меҳнату заминро муттаҳид мекарду халос. Ин шакли колхозҳо барои деҳқони тоҷик маъқул ва фаҳмо буд. Сониян, сиёсати кулакро ҳамчун синф барҳам додан нею, зӯран молу амволи кориашро ба фурӯш гузошта онро харида ба деҳқонон дода мешуд. Дар минтақаҳои пахтакорӣ бошад, аксаран кулак барҳам дода шуд. Дар назди кулак шартҳои зерин гузоштанд:

1. - молу амволи меҳнатӣ ва заминашро ба арзиши муайян ва қарз ба колхоз фурӯхта худашон аъзои колхоз шаванд;

2. - 4 га замин гирифта хоҷагии худро ташкил диҳанд.

Баъзе кулакҳо шартҳои аввиларо қабул карданд. Ҳатто раиси колхоз ҳам шуданд. Қисме розӣ шуданд, ки 4 га замин гиранду хоҷагии мустақилонаи хусусӣ дошта бошанд. Вале қисме аз кулакҳо на шарти якум ва на шарти дуюмро қабул накарданд. Давлат онҳоро кулак кунонд. Яъне молу мулкашро мусодира ва худашро ба минтақаҳои муайяншудаи бадарғакунӣ бадарға карданд. Чунин минтақаҳо дар Тоҷикистон водии Вахш, асосан Арал, Хоҷамастон ва Сибиру Қутби Шимол буданд. Соли 1933 дар Тоҷикистон Устави намунавии тозҳо ҷорӣ карда шуда буд. Соли 1933 ёрии техникӣ, агрономӣ ва дигар хизматҳои методӣ ва ёридиҳии шӯравӣ ба деҳқонони ба коллективҳои меҳнатӣ дохил буда зиёд ва ҳосилнокии заминҳои колхозҳо ба колхозчиёни онҳо даромади калон медодагӣ шуданд. Ин ҳолат ба хоҷагиҳои яккадаст бетаъсир намонданд. Дигар ин ки муроҷиати деҳқонони колхозӣ аз минбари анҷумани I колхозчиёни пешқадами ҷумҳурӣ ба деҳқонон (августи соли 1933), ҷорӣ гардидани тариқи тақсими ҳаққи меҳнат аз рӯи рӯзи меҳнат, ки ба барҳам задани баробармуздгирӣ оварда буд ва чорабиниҳои зиёде аз қабили мубориза бо кулак ва сиёсати сохтмони колхозиро пеш гирифтани ҷумҳурӣ соли 1933 қариб 60% хоҷагиҳо муттаҳид шуда буданд.

Соли 1934 коллективонӣ давом ёфт. Баъзе воқеаҳои зӯроварӣ ба деҳқонон зуҳур ёфтанд. Инро ба назар гирифта, апрели соли 1934 КИМ РСС Тоҷикистон Комиссияи махсусеро барои санҷидани мак-

тубҳои шикоятии деҳқонон ташкил дод. Ин Комиссия ҳазорҳо хоҷагиҳои деҳқониро аз кашида гирифтани молу мулкашон, ки мутасаддиёни ноҳияву ҷамоатҳо ташкил медоданд, ҳимоя кард. Вале ҳоло ҳам ҳиссаи хоҷагиҳои ба колхоз дохил нашуда зиёд буд. Ба раванди коллективонӣ қарори анҷумани II колхозчиёни пешқадам (феврали соли 1935) ва қабули Устави нави намунавии ТОЗҲО, ки марти соли 193. қабул шуда буд, суръат бахшиданд. Баробари Устави Тоз-ҳо ҳамчунин муҳокимаи Устави намунавии артелҳои хоҷагии қишлоқ ҳам давом мекард ва онро баъзе хоҷагиҳо қабул карда буданд. Ин Уставҳо бо дараҷаи коллективонида шудани хоҷагиҳо фарқ мекард. Тозҳо фақат замину меҳнатро муттаҳид мекарда бошад, дар артелҳо замин, меҳнат ва воситаҳои истеҳсолӣ ҳам муттаҳид буд ва боз имтиёзҳо ҳам дошт. Аз ҷумла, ба артелҳо ҳуқуқи нигоҳ доштани миқдори муайяни чорво ҳам дода шуда буд. Ин бартарӣ ва ба артелҳо додани акти давлатии якумра истифода бурдани замин Тоз-ҳоро ба артелҳо овард. Аввалин чунин актро дар Тоҷикистон артели "Сотсиализм"-и Хуҷанд гирифта буд. Дар соли 1937 дар Тоҷикистон коллективонии хоҷагии қишлоқ ба охир расида буд. Ба колхозҳо 89,9% хоҷагии деҳқонӣ (дар пахтакорӣ 94,9%) муттаҳид шуда буданд, ки 98,3% замини корамро дар ихтиёр доштанд. Асоси ин гузоришро механиконии хоҷагии қишлоқ ташкил дода буд. Фақат дар солҳои 1933-1937 ба ҷумҳурӣ 2532 трактор оварда шуда буд. Агар соли 1932 Тоҷикистон 19 МТС дошта бошад, соли 1933-23 ва соли 1937-43 МТС дошт. Акнун МТС-ҳо дорои 3217 трактор, 386 автомобили боркаш, 44 комбайн ва ба миқдори зиёд тухмипошакҳо, барана, ғаллакӯбакҳо ва дигар намуди техника буданд. Агар соли 1930 ягон колхози ҷумҳурӣ соҳиби автомошин набошад, соли 1937 колхозҳо соҳиби 380 автомашина буданд. 20 совхози ҷумҳурӣ соҳиби 460 трактор, 19 комбайни ғалладаравӣ ва 97 автомашина буданд. Солҳои 1933-1937 азнавсозии сотсиалистии хоҷагии қишлоқ ҳам асосан ба охир расида буд.

### Луғати истилоҳот

1. Коллективонии хоҷагии кишлоқ-сиёсат, мафҳуми сиёсӣ ва чорабиниҳои махсуси Давлати Шӯравӣ буд, ки дар Тоҷикистон аз соли 1917 то солҳои ибтидои 40-ум гузаронида шуда буд. Коллективонии хоҷагии қишлоқ қисми таркибии ғалабаи сотсиализм дар деҳот буда, зина ба зина гузаронида шуда буд. Коллективонӣ то соли 1927 ҳамчун раванди табиии ислоҳоти аграрии Давлати Шӯравӣ ва солҳои 1929-1932 ҳамчун сиёсати ба хоҷагии коллективӣ ҷалб кардани деҳқонони яккаласт ва солҳои 1933-1937 ҳамчун сохтмони колхозӣ гузаронида шуда буд. Вале ҳамчун мафҳум ва сиёсат солҳои 1928-1937-ро дарбар мегирифт.

Коммуна гуфта дар шароити Тоҷикистон як намуди колхозҳоро гӯянд, ки солҳои 1918-1933 таъсис дода шуда буданд ва шакли олии хоҷагиҳои коллективии хоҷагии кишлокро ташкил медод. Дар "Коммуна" ҳама чиз: замин, асбобу анҷоми корӣ, хонаҳои истиқоматӣ, чорво, паррандаҳои маҳсуллиҳанда, пасандозҳо муттаҳид карда шуда буданд.

3. Совхоз-совхоз гуфта як намуди хоҷагиҳои давлатии деҳотро- дар солҳои 1918-1945 гӯянд, ки дар он ҳама чиз, замин, олоти меҳнат, тухмӣ ҳама аз давлат буда дар он меҳнат муттаҳид карда шуда, деҳқонон ба ивази меҳнаташон маош бо натура ва пул мегирифтанд.

4. Сотхоз-сотхоз ҳам як намуди хоҷагии давлатии деҳот буда дар он ҳама чиз: замин, яроқи меҳнат, пасандозҳои аъзоён муттаҳид гардонда шуда буданд. Дар Тоҷикистон ин намуди хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 20 ва аввали 30 вуҷуд дошта, дар рафти коллективонӣ ба колхозу совхозҳо омезиш ёфтанд.

5. Тақсимоти миллӣ-марзии Осиёи Миёна-тақсимоти марзии солҳои 20-уми асри XX-ро гӯянд, ки онро дар се давра: 1919-1920, 1921-1924 ва 1925-1929 гузаронидаанд. Ташаббускори давраи аввалаш Давлати Шӯравӣ буда, мақсадаш ба ҳудудҳои миллӣ ҷудо кардани РАСС Туркистон буд. Ба ин сиёсат даст задани давлат аз моҳияти синфӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва табиати худи Давлати Шӯравӣ мебаромад, ки он дар таъсисёбии ҶШФСР зуҳур ёфта буд. Дар давраи дуюм ҳам ташаббускор Ҳукумати Шӯравии Марказ буду ҳукуматҳои маҳаллӣ онро қабул карданд. Мақсад аз тақсимоти солҳои 1921-1924 ба вуҷуд овардани ҷумҳуриҳои миллӣ дар Осиёи Миёна буд, чунки се ҷумҳурии минтақа номи ягон халқи ин кишварро надоштанд. Натиҷааш таъсисёбии ҷумҳуриҳои Шӯравии нав-ҶШС Туркманистон, ҶШС Ӯзбекистон, ҶМШС Қирғизистон, ҶМШС Тоҷикистон ва вилояти Мухтори Қара- Қирғизистон (Қирғизистони кунунӣ) таъсис ёфта буданд.

Давраи сеюми тақсимот солҳои 1925-1929-ро дарбар гирифта, ташаббускоронаш асосан ҶМШС Тоҷикистон, Вилояти Мухтори Қара-Қирғизистон ва ҶМШС Қирғизистон буданд. Натиҷааш таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон, ҶМШС Қара-Қалпоқистон гардида буд.

6. ТОЗ (Товарищество по общественной обработки земли)-рафоқатгарии байниҳамдигарии коркарди заминро гӯянд, ки солҳои 1918-1937 вуҷуд доштанд. Тоз инчунин як намуди хоҷагидории коллективӣ (колхозӣ) буда, шакли оммавитарин колхозҳои солҳои 1921-1932 буд. Хусусияти хоси Тозҳо оддигии он буд. Дар Тозҳо ба ғайр аз муттаҳидшавии меҳнат ҳама чиз шахсӣ буд. Деҳқонони дар Тозҳо муттаҳидшуда ба тариқи ҳашар дар киштукори саҳроӣ иштирок мекарданд. Шартҳои кор ва тақсимоти маҳсулот дар низомномаҳои Тозҳо, ки аз соли 1923 вуҷуд доштанд зикр ёфта буданд.

## САВОЛҲО:

1. Мафҳуми коллективониро фаҳмонед?
2. Сиёсати коллективонии шӯравиро шарҳ диҳед?
3. Принсипҳои коллективониро номбар кунед ва шарҳ диҳед?
4. Шаклҳои колхозҳои ибтидоии коллективониро номбар кунед ва шарҳ диҳед?
5. Каҷравиҳои сиёсати коллективониро номбар кунед?
6. Аҳамият ва камбудиҳои коллективониро шарҳ диҳед?
7. Ҳазорнафарчиён киҳо буданд ва чӣ кор мекарданд?
8. Кулакҳо киҳо буданд ва чӣ тавр хоҷагии онҳоро барҳам доданд?

## §20. Соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқ дар давраи коллективонӣ.

### а) Пахтакорӣ.

Пахтакорӣ дар иқтисодиёти деҳоти тоҷик маҳз дар давраи шӯравӣ мақоми хосса пайдо кард. Пахта ба ашёи хоми стратегӣ ва саноатӣ табдил ёфт. Тоҷикистон ба яке аз минтақаҳои асосии истеҳсоли пахта дохил карда шуд. Ин буд, ки истеҳсолкунандагони пахта аз ҳама гуна имтиёзҳои давлатӣ бархурдор буданд. Вале бе маблағгузории калон ин соҳаро ба дараҷаи даркорӣ инкишоф додан мумкин набуд.

Пешомади инкишофи пахтакории Тоҷикистон дар нақшаи панҷсолаи якум барои солҳои 1928-1929 ва 1932-1933 дарҷ гардида буд. Ба нақша гирифта шуда буд, ки истеҳсоли пахта дар ҷумҳурӣ ба 80.000 т. расонда шавад. Барои ин шабакаҳои обёрии вуҷуддошта васеъ ва пурра карда шуда, шабакаи обёрии Вахш-канали магистралии Вахш, ки зиёда аз 94000 га заминро обшор мекард, сохта ба кор андохта мешуд. Дар сохтмони ин иншоот тамоми мамлакат иштирок дошт ва ба ёрию мадади ҳукумати Умумииттифоқ ва ташкилотҳою корхонаҳои саноатии ИҶШС сохта шуда буд. Дар сохтмони канали магистралии Вахш мутахассисҳои хориҷӣ ҳам иштирок доштанд. Барои сохтмони ин иншоот 155,5 млн. сӯм сарф шуда буд. Тавассути ин канал водии Вахш ба маркази истеҳсоли пахтаи маҳинахи шӯравӣ табдил мееёфт. Соли 1929 дар водӣ маркази тадқиқотии пахтакорӣ таъсис ёфта ба ихтирои навъҳои нави пахта сар карда шуда буд.

Давлат барои хоҷагиҳои яккадаст ва коллективии пахтакор имтиёзҳо муқаррар намуда, истеҳсоли пахтаро сол то сол зиёд мекард.

Тоҷикистон соли 1927 - 27 ҳ.т., соли 1928 - 38,6 ҳ.т., соли 1929 - 37,1 ҳ.т. ва соли 1932 - 48,9 ҳ.т. пахта истеҳсол карда буд.

Дар Тоҷикистон солҳои 1925-1928 аз ҳар як га то 7 сентнерӣ ҳосил рӯёнда мешуд.

Вале солҳои 1929-1932 ҳосилнокии пахта 4,1 сентнерӣ аз га ташкил дод, ки сабабаш бетаҷрибагии пахтакорон дар давраи гузариш ба хоҷагии коллективӣ буд. Ҷумҳурӣ соли 1928-52,2 ҳ.га ва соли 1932 - 119,6 ҳ.га пахта кишт карда буд. Соли 1935 ҷумҳурӣ 80555 т. пахта истеҳсол карда буд. Соли 1936 нақша 151,4% иҷро шуда буд. Соли 1937 бошад, ҷумҳурӣ 178,4 ҳ.т. пахта истеҳсол карда дар мамлакат 2-умин ҷумҳурии пахтакор гардида аз рӯи ҳосилнокӣ ба ҷои 1-ӯм баромада буд. Соли 1938 ҷумҳурӣ 183 ҳ.т. пахта истеҳсол кард.

Пахтакорӣ на фақат ҳамчун соҳаи асосии истеҳсолии водиҳои Тоҷикистон, балки сердаромади деҳқонони колхозӣ гардида буд. Аввалин колхозҳои миллионери ҷумҳурӣ колхозҳои пахтакор буданд.

**б) Ғаллакорӣ.**

Ғаллакорӣ яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон буд ва то соли 1929 истеҳсоли он ба дараҷаи пеш аз инқилобӣ расонида шуда буд. Соли 1913 дар ҳудуди Тоҷикистон тақрибан 200-202 ҳ.т. ғалла истеҳсол мешуд. Дар солҳои 1929-1932 кишти ғалладона 143 ҳ. га зиёд шуда акнун 573,7 ҳ.га-ро ташкил медод. Ҷумҳурӣ 383,3 ҳ.т. ғалла истеҳсол карда буд. Дар солҳои 1933-1937 кишти ғалла зиёд нашуд, вале ҳосилнокии он зиёд шуд. Аз ҳар як га гандум 9,6 сентнер ва аз ҷав 10,5 сентнерӣ ҳосил меруёнданд. Ҳол он, ки соли 1932 таносуби ҳосилнокӣ 7,3 ва 7,7 сентнерӣ буд. Истеҳсоли ғалла соли 1937 ба 488,1 ҳ.т. расонда шуда буд. Истеҳсоли ғалла барои он тамоили бемайлон зиёдшавиро гирифт, ки кишти ғаллаи обӣ то рафт кам мешуду кишти ғаллаи лалмӣ то рафт зиёд. Ёвон, Данғара, Фархор, тамоми ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ ғаллаи зиёде кишт мекарданд. Вале солҳои 1938-1940 истеҳсоли ғалла тамоили камшавиро гирифт. Ҷумҳурӣ соли 1939 325 ҳ.т. ғалла истеҳсол карда буд.

**в) Чорводорӣ.**

Дар солҳои 20-ум дар Тоҷикистон чорводории ҷамъиятӣ қариб, ки набуд. Фақат дар охири солҳои 20-ум, дар ибтидои гузариш ба коллективонӣ, ба хотири ташкил додани артелҳои хоҷагии қишлоқ ба аъзоёни он иҷозат дода шуда буд, ки миқдори муайяни чорво ҳам дошта бошанд. Вале чорводории шахсӣ дар раванди коллективонӣ рӯ ба камшавӣ ниҳод. Сабабаш ташвиқоти нодурусти бою душманони Ҳокимияти Шӯравӣ буд, ки гӯё сохтмони коллективӣ ба ҷамъиятигардонии чорво меоварда бошад. Ин ташвиқот замина дошт. Баъзе масъулони коллективонӣ чунин карда буданд. Ин ба он оварда буд, ки дар ибтидои солҳои 30-юм дар ҷумҳурӣ саршумори чорвои ҷамъиятӣ хело кам шуда буд. Чорвои калони ҷамъиятӣ 41,6% ва чорвои хурд 48,1% кам шуда буд. Ташкили сектори сотсиалистии чорводорӣ фақат аз соли 1931 сар шуда буд. Аввалин фермаи чорводорӣ соли 1932 ташкил шуд. Фермаҳо асосан дар назди артелҳо ва Тозҳоию совхозҳо буданд. Сектори сотсиалистии чорводорӣ 43% ҳаҷми умумии чорводориро ташкил медод.

Дар солҳои панҷсолаи дуюм (1932-1937) ба инкишофи чорводорӣ аҳамияти калон дода, колхозу совхозҳои нави чорводорӣ таъсис дода шуданд. Барои зиёд кардани саршумори чорвои ҷамъиятӣ ёрии калон-

ни давлатӣ расонида мешуд. Аз ҷумла, соли 1935 колхозҳо аз давлат 6292ҳ. ва колхозчиён 2497 ҳ. сӯм барои харидани чорво ёрӣ гирифта буданд. Давлат барои сермаҳсул ва солим гардонидани чорводорӣ муассисаҳои васеи хизмати зоотехникӣ ва зооветеренариро ба роҳ монд. Ин буд, ки дар солҳои 1933-1937, мутаносибан чорвои калони шохдор аз 336,1 ҳ. сар ба 500,1 ҳ сар чорвои хурд аз 763,6ҳ сар ба 1634,9ҳ. сар расида буд. Ҷумҳурӣ дар соҳаи чорводорӣ хело пеш рафта буд.

Солҳои 1937-1940 чорводории ҷамъиятӣ боз мустаҳкамтар шуд. Соли 1940-1941 тарики нави тайёр кардани маҳсулоти чорводорӣ ҷорӣ гардид. Маҳсулоти чорводорӣ аз хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ аз рӯи миқдори заминҳои ба онҳо вобаста шуда, ба сари ҳар 100га муқаррар ва контракт (шартнома) карда шуда буд. Акнун ҳамаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (хоҳ пахтакор бошаду хоҳ ғаллакор ва ғ.) маҷбур буданд, ки ақалан ду фермаи чорводорӣ дошта бошанд. Як фермаи молӣ ва як фермаи ширӣ. Хоҷагиҳои коллективӣ ба давлат андози заминро барои нигоҳ доштани чорво дар шакли натура (гӯшт, пӯст, пашм, равған, шир) медодагӣ шуданд. Ин сиёсат хоҷагиҳоро маҷбур мекард, ки чорвои муайяне дошта бошанд. Барои ба ин мақсад расидан давлат ба хоҷагиҳо аз ҷумҳуриҳои дигар чорвои зиёде харидорӣ карда, баъзе ноҳияҳоро аз адои андози гӯшту пӯст озод карда буд, то ки саршумори чорво зиёд шавад. Ин сиёсат ҳавасмандии хоҷагиҳои коллективӣ ва шахсиро зиёд кард.

**г) Боғдорӣ.**

Тоҷикистон боғҳои зиёди наздиҳавлигӣ ва пуштакӯҳӣ дошт. Агарчи қисме аз онҳо дар солҳои 20 хароб шуда буданд, дар ибтидои коллективонӣ дар натиҷаи, ки гӯё ҳамаи боғҳо колхозӣ - давлатӣ гардонда мешуда бошанд ва сиёсати нодурусти андози шуравӣ нисбат ба боғҳо аксарияти онҳо бурида шуданд ва ё аз обмонию нигоҳубин монда хушку нобуд шуда буданд. Дар солҳои 1933-1937 ба ин соҳа аҳамият дода сиёсати тафриқавии (диференциалии) андозро ба боғу токпарварӣ ҷорӣ намуда, майдони боғотро тақрибан 60,7% зиёд карда, ба 24,6 ҳ га расонда шуд.

Боғдорӣ бештар дар шимоли Тоҷикистон авҷ гирифт. Зардолую ангури Тоҷикистон дар бозори умумиттифоқ ва хориҷа харидори зиёде дошт. Ҷумҳурӣ соҳиби 9 совхози боғдорӣ буд.

Баробари инкишофи боғдорӣ ва ангурпарварӣ кадрҳои даркорӣ ҳам дар донишкадаи махсуси Хӯҷанд - донишкадаи боғу - ток ва сабзавотпарварӣ тайёр карда мешуданд. Давлат ҳам ёрии худро дареғ



Бинои КИМ ЧШС Тоҷикистон (с.1936)

намедошт. Боғдориро бо нуриҳо ва доруҳои даркорӣ таъмин мекард. Боғдорӣ ба як шохаи махсуси истеҳсолоти маҳсулоти хӯрокворӣ ва саноатӣ умуман табдил ёфта буд. Даҳҳо заводҳои шаробкашию шарбатбарорӣ сохта шуда буданд.

**д) Кирмакпарварӣ.**

Дар солҳои 30-юм кирмакпарварӣ ба яке аз соҳаҳои даромадноки хоҷагии халқ табдил ёфт. Дар ҷумҳурӣ ду корхонаи калони шоҳибофӣ - дар Хӯҷанду Душанбе сохта шуда буданд, ки ашёи асосии коркардашон пилла буд. Барои ҳамин ҳам дар солҳои 30-юм шумораи деҳқонон ва хоҷагиҳое, ки ба ин соҳа рӯ оварда буданд, хеле зиёд гардид. Истеҳсоли пилла соли 1932 агар 619550 кг ташкил карда бошад, соли 1937 истеҳсоли он ба 1360797 кг расид. Ҳосилнокии он аз ҳар як қуттӣ (10 гр) 11,4 кг соли 1932 ба 34 кг дар соли 1937 расида буд. Кирмакпарварӣ дар ҳама минтақаҳои Тоҷикистон паҳн гашт. Пештар дар Помир ва Ҷанубу Маркази ҷумҳурӣ он характери саноатӣ надошт. Солҳои 1938-1939 ин соҳа боз бештар инкишоф ёфта буд.

**е) Раванди ташаккулёбии музди (ҳаққи) меҳнати колхозчиён.**

Дар деҳоти Тоҷикистон сохтору андозаи ягонаи музди меҳнат вуҷуд надошт. Баъзе колхозҳо музди меҳнатро аз рӯи принсипи шумораи хӯрандаҳо, баъзеи дигар аз рӯи меҳнати сарфшуда, дигаре аз рӯи ҳиссаи ба колхоз гузоштаи деҳқон тақсим мекард. Аз соли 1932



Бинои Президиуми Шӯрои Олии ЧШС Тоҷикистон (с.1939)

сар карда воситаи асосии тақсими даромад рӯзи меҳнат ва нормаи иҷрокарда гардид. Иштирок дар корҳои саҳрой ба тариқи бригадавӣ сурат мегирифт. Устави намунавии тозҳо ва артелҳои хоҷагии қишлоқ ҳам таҳия шуда буданд. Принсипи музди меҳнатро рӯзи корӣ ва ҳаҷми корӣ муайян карда буд. Дар як рӯз чанд нормае, ки иҷро мешуд ҳамон қадар рӯзи меҳнат гузаронида мешуд. Деҳқонони колхозӣ музди меҳнаташонро асосан ба тариқи аванс бо натура ва қисман бо пул мегирифтанд. Колхозҳои пахтакор агар планро иҷро мекарданд, ба ҳар як рӯзи меҳнатиашон аз 6 то 10 кг гандум, то 1 кг шолӣ, 100-150 грамм равған, 50-60 грамм чой, 130-140 грамм қанд, 20-25 см газвор, 5-7 сӯм пул мегирифт. Яъне колхозчӣ ё аъзои оила ба ҳисоби миёна соле 450 рӯзи меҳнат кор мекард, ин миқдор рӯзи меҳнат ба хоҷагии ӯ тахминан 3500 кг гандум, 200-250 кг биринҷ, 45-65 кг равғани пахта, 22-25 кг чой, 60-70 кг қанд, 100 метр газвор, 2700 сӯм ва дигар чизҳо даромад меовард. Масалан, колхози ба номи "Пахта ширкат"-и ноҳияи Шаҳринав соли 1931 ба ҳар як рӯзи меҳнат 9,1 кг гандум, 505 гр биринҷ, 122 гр равған 440 гр картошка ва 7 сӯму 95 тин пул гирифта будааст.

**ё) Каҷравиҳо дар рафти коллективонӣ.**

Каҷравиҳои асосӣ ин вайрон кардани принсипҳои асосии коллективонӣ - ихтиёрӣ, интихоби шакл ва мӯҳлати он, шахсони муваққатӣ ва бегона будани мутасаддиёни гузаронидани коллективизатсия ва баъдан ташкили мусобиқа байни ин мутасаддиён буд.

Дар Тоҷикистон принсипи асосии ихтиёрӣ маънои онро дошт, ки барои деҳқонон шаклҳои колхозҳо: тоз, артел, коммуна пешниҳод гардида буд. Деҳқонон кадомеашро ки мехостанд ҳамонашро ташкил медоданд. Давлат фақат ТОЗ-ҳоро пешниҳод карда буд. Принсипи сеюм - ин мӯҳлати ба охир расонидани коллективонӣ буд, ки онро баҳори соли 1932 муқаррар карда буданд. Дар тамоми рафти коллективонӣ баъзан ин се принсип вайрон карда мешуд. Ба ҷои принсипи ихтиёрӣ-зӯрӣ, ба ҷои ташкили Тоз-ҳо артелу коммунаҳо ва мӯҳлати муқарраршуда риоя намешуд. Аз ин ҷост, ки

исёнҳои деҳқонии солҳои 1930-1932 дар ҳамин замина шуда ба истифода аз яроқ ва кушторҳо оварда расонда буданд. Дар ноҳияҳои Конибодом, Қубодиён ва Хоҷамастон ҷунбишҳои деҳқонӣ ба қайд гирифта шуда буданд. Баъзан сӯиқасдҳо ба ҷони шахсони расмӣ ҳам шуда буд, ки онҳоро номбар карда будем. Баробари ин боз ҳазорҳо чорвоҳои корӣ қасдан кушта шуда, садҳо анборҳо ғорату оташ зада шуда буданд.



А.Валишев, М.Султонов, А.Васильев - иштирокчиёни дастгиркунии Иброҳимбек (1931)

**ж) Натиҷаҳои сиёсати аграрии ҷумҳурӣ дар солҳои 30-юм.**

Чи тавре мушоҳида намудем, сиёсати аграрии давлат дар таъсиси сектори сотсиалистии хоҷагии қишлоқ ба ташкили хоҷагиҳои коллективӣ-колхозҳои серсоҳаи бо техникаи замонавӣ, тухмии аълосифат таъмин ва аз хизматҳои гуногуни зоотехникӣ, зооветеринарӣ, агрономӣ, химиявӣ ва ғ. бархӯрдор такя дошт, асос ёфта буд. Ин сиёсат шахсияти истеҳсолкунанда - деҳқононро низ дар бар мегирифт. Давлат ҳавасманд буд, ки деҳқони асил тарбия намояд ва бо ин роҳ ҳам некӯаҳволии деҳқононро беҳ намояд ва талаботҳои худро доир ба таъмини аҳолӣ бо маводи хӯрока ва саноатро бо ашёи хом ҳал карда шаванд. Аз шарҳи мухтасари раванди коллективонӣ ҳамчун сиёсат ва вазъи соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии қишлоқ маълум гардид, ки нақшаи асосии сиёсати аграрии давлат дар маҷмӯъ иҷро гардида будааст. Ба заминдории бою кулакӣ хотима, аксарияти деҳқонон ба колхозҳо ҷалб гардида, аксарияти колхозҳо серсоҳа, аксарияти соҳаҳои хоҷагии қишлоқ соҳаҳои даромаднок ва ба мақсад мувофиқ гардонда шуда, меҳнати деҳқонон раванди техникониро гирифта аз хизмати илму растанипарварӣ то дараҷае бархурдор, бо баъзе натиҷаҳои баланди истеҳсолӣ дар сифат ва шумора расида, деҳи ободу деҳқони бо кор пурра таъмин ноил гардидааст.

Агар аз нуқтаи назари сиёсат ин масъаларо шарҳ диҳем, сиёсати аграрии сотсиалистӣ пеш аз ҳама Давлати Шӯравиро мустаҳкаму устувор намуда буд, ки он дар мустаҳкам гардидани иттифоқи деҳқонону коргарон зуҳуроти худро ёфта буд. Деҳқон маҳз ба воситаи ин иттифоқ дар идора намудани истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва дар ҳалли масъалаи умумидавлатӣ иштирок мекард. Яъне деҳқон ҳам ба идо-



Раиси аъзоёни Президиуми Комитети Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон (Ш.Шотемур, Ҷ.Имомов, Н.Махсумов, В.Толлиго, А.Ёрмуҳамедов)

ра кардани давлат ҷалб карда шуда буд. Сотсиализми солҳои 30 сотсиализми пеш аз ҳама коргарону деҳқонон буд.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ сиёсати аграрии солҳои 30-юм дар мафҳумҳои коллективонӣ ё сохтмони колхозӣ бартарии истеҳсолоти калонро (дар айни ҳол истеҳсолоти колхозиро) ба хизмати сотсиализм дар асоси истеҳсолоти саноатӣ (мошинӣ, техникӣ) инкишоф додан, дониста мешуд.

Аз нуқтаи назари иҷтимоиёт бошад, сохтмони колхозӣ деҳқононро аз зулму истибод ва қашшоқӣ раҳонид. Дар деҳа муносибатҳои нави моликиятдорӣ-кооперативӣ-колхозӣ бунёд гардид. Коллективонӣ, деҳот ва деҳқони тоҷикро аз муносибатҳои ҷамъиятию истеҳсолии феодалӣ ба сотсиалистии шӯравӣ овард. Деҳу деҳқони тоҷик муносибатҳои аграрии капитализмро аз сар нагузаронида монд. Сохтмони колхозӣ ҳайати иҷтимоии деҳқононро куллан тағйир дод. Деҳқон аз синфи ба табақаҳо ҷудо шуда (безамин, камзамин, миёнаҳол ва бой) ба синфи бетабақаи яккаела-деҳқон-колхозчӣ табдил ёфта ба моликияти коллективӣ (колхозӣ-кооперативӣ) сахт алоқаманд гардида буд.

Ин тағйиротҳо маънавиёти деҳқононро ҳам тағйир дода буданд. Вале баҳс дар атрофи назария ва амалияи ин масъала вуҷуд дорад. Масалан, баҳси оё сиёсати аграрии алтернативӣ вуҷуд дошт, ва ё тариқи дигари ҳалли масъалаи аграрӣ буд ва ғайра.

## САВОЛҲО:

1. Соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқи ҷумҳуриро номбар кунед?
2. Сабабҳои васеъ шудани кишти пахтаро дар ҷумҳурӣ шарҳ диҳед?
3. Раванди таъсиси хоҷагиҳои чорводории ҷамъиятиро нақл кунед?
4. Музди меҳнати колхозчиён чӣ тавр муайян мегардид?
5. Колхозҳои миллионер кай пайдо шуданд?
6. Натиҷаҳои меҳнатиро дар пахтакорӣ шарҳ диҳед?

Мавзӯи IX.

# АВЗОИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСӢ ВА ОҚИБАТҲОИ ТАЪҚИБОТИ СТАЛИНӢ ДАР ҶШС ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 30-ЮМ.

## § 21. Ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистон.

### а) Сохтмони шӯравӣ.

То охири солҳои 20-ум сохтори шӯравӣ ҳамчун сохтори сиёсии давлатдорӣ дар Тоҷикистон бештар дар шакли ҳуқуқӣ (юридикӣ) вуҷуд дошт ва амал мекард. Ин сохтор аз тарафи оммаи халқ фақат раванди бемайлони дар амал қабул шуданро гирифта истода буд.

Дар солҳои 30-юм бошад, баъди гузаронидани сиёсати ҷоннокку-нонии шӯроҳо ин сохтор (шӯравӣ) дар ҳама зина (деҳа, ҷамоа, ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ) аз тарафи оммаи халқ эътироф ва шинохта шуд. Сиёсати ҷоннокконии шӯроҳо ба оммавӣ ва ба омма наздик гардидани онҳо мусоидат кард. Аз ҳама муваффақияти сохтмони шӯравӣ ин фаъолгардии иштироки меҳнаткашон дар маъракаҳои интихоботӣ ба шӯроҳо дар ҳама зина буд.

Дар интихоботҳои солҳои 1930-1938 иштирок ва фаъолнокии меҳ-наткашон аз интихобот то интихобот зиёд мегардид ва ба маъракаи сиёсии умумихалқӣ табдил ёфт. Ин эътирофи шӯроҳо худ ба худ ба вуҷуд наомада буд. Ин эътироф дар натиҷаи назорати сахти омма аз болои фаъолияти шӯроҳо ба даст омада буд. Дар навбати худ, шӯроҳо тамоми фаъолияти худро барои ҳарчӣ хубтар роҳбарӣ кардан ба фаъолнокшавию талабгузориҳои омма мувофиқ мекард. Демократи-кунонии системаи интихоботии шӯроҳо пеш гирифта шуд. Асосан ин баъди қабули Конститутсияи сотсиализми ғолиб ва қабули қарор "Дар бораи азнавсозии кори шӯроҳо ба муносибати ҷорӣ гардидани Конститутсияи нав" ба амал омад. Намояндагони халқ сари ҳар чанд вақт дар назди интихобкунандагони худ ҳисобот медодагӣ шуданд. Таҷрибаи пас даъват карда гирифтани намояндагони худро, ки аз ӯҳдаи вазифаи худ намебаромаданд, ҷорӣ гардид. Талабот ба шӯроҳо хело зиёд шуд. Аз ин рӯ, шӯроҳо ҳам барои беҳ кардани фаъолияти худ ҳамчун органи идорӣ ва ҳам аъзоёнаш ба омӯзиши сиёсии худ аҳамият дода, курсҳои кӯтоҳмуддати (як моҳа, ду моҳа, шаш моҳа ва яксола) тайёр кардани кадрҳои шӯравиро таъсис доданд. Ин курсҳо асосан дар назди КИМ ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфта буданд.

Шӯроҳо асоси сиёсии ҷумҳурӣ гардида буданд. Шӯроҳо ҳамчун ҳокимияти меҳнаткашон хусусиятҳои характерноки зеринро доро буданд: онҳо аз ҳама ташкилотҳои дигари давлатӣ оммавитар ва демократитари ҷамъият буданд; онҳо корҳои идора кардани мамлакатро ба амал бароварда оммаи халқро ба аппарати ҳокимияти давлатӣ мепайвандиданд. Шӯроҳо моҳиятан ташкилоти интернатсионалии давлатӣ буда, маромӣ ягонагии бародаронаи меҳнаткашони миллатҳои гуногунро амалӣ мегардонданд.

Дар солҳои 30-юм шӯроҳо маҳорати наҷибе дар ташкили фаъолияти омма нишон доданд. Асосан дар вақти гузаронидани сиёсати саноаткунонии мамлакат ва коллективонии хоҷагии қишлоқ ин маҳорати ташкилотчигии шӯроҳо зуҳури худро ёфта буд. Соли 1937 бошад, баъди қабули Конститутсияи сотсиализми ғолиб, шӯроҳо мебоист кори худро ба тариқи нав ташкил медод. Ин тағйирёбии самти фаъолияти шӯроҳо дар соли1938-1939 дар рафти интихоботҳо ба Шӯрои Олии ИҶШС ва ҷумҳурӣ маълум гардид. Дар интихоботи Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ 99,5% интихобкунандагон иштирок карданд. Соли 1939 бошад, интихобот ба шӯроҳои маҳаллӣ гузаронида шуда буд, ки он дар асоси Конститутсияи нав ташаккулёбии шӯроҳоро ҷамъбаст карда буд. Шӯроҳо, агар аз як тараф, ба асоси сиёсии ҷумҳурӣ табдил ёфта бошанд, аз тарафи дигар, раванди номатлуби зери таъсири ҳизб ва ба ҳизб тобеъ гардидани шӯроҳо ҳам аз ҳамин давра сар зада буд. Ин амалро аз таъсис ёфтани гурӯҳҳои (ташкилоти) ҳизбии шӯроҳо (шӯроҳои олӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ, ҷамъиятӣ) пай бурдан мумкин буд. Ҳизбикунонии шӯроҳоро ҲК ҳамчун чораҷӯии аз качравиҳою бесарусомониҳои беҳуда ва зиёдатӣ нигоҳ доштан шарҳ медод. Тадриҷан фаъолияти шӯроҳо бо сиёсати ҲК мутобиқ карда шуд. Дар солҳои 30-юм шӯроҳо ҳамчун ҳокимияти сиёсӣ ба шӯъбаи ҳизби коммунистӣ табдил ёфтанро сар карда буд.

**б) Сохтмони ҳизбӣ.**

Дар солҳои 30-юм ҲК(б) Тоҷикистон ягона ҳизби сиёсӣ буд ва дар асл чун ҳизби ҳукмрон амал мекард. Ташкилёбии ҲК(б) Тоҷикистон ба ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон вобаста буд. Бо ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон ташкилоти ҳизбии он ҳам бояд мустақил-ҷумҳуриявӣ мегардид. Инро ба назар гирифта ноябри соли 1929 Бюрои Сиёсии КМ ВКП(б) қарорро дар бораи табдил додани ташкилоти вилоятии Тоҷикистонии ҲК(б) Ӯзбекистонро ба ҲК(б) Тоҷикистон қабул кард. 10 декабри соли 1929 Бюрои иҷроияи Комитети вилоятии Тоҷикистонии ҲК(б) Ӯзбекистон дар асоси қарори номбурда, қарорро дар бораи ташкилоти ҳиз-

бии ҷумҳуриро ҲК(б) Тоҷикистон ва Комитети вилояти ҳизбро - КМ ҲК(б) Тоҷикистон номидан қабул кард. Дар 1 январи соли 1930 ҲК(б) Тоҷикистон аз 7 ташкилоти ҳавзавӣ (округӣ) (Ғарм, Душанбе, Кӯлоб, Қурғонтеппа, Панҷакент, Ӯротеппа, Хуҷанд) ва ташкилоти ҳизбии ВМБК иборат буда, 3848 коммунист (1939 аъзо ва 1909 номзад) дошта, ҳайати иҷтимоии онро 39,2% коргарон, 33,3% деҳқонон ва 27,5% ғайраҳо ташкил медоданд. Анҷумани 1 Таъсисии ҲК(б) Тоҷикистон 6-15 июни соли 1930 дар Душанбе шуда гузашта, ҳайати КМ ҲК(б) тасдиқ кард. М.Д. Ҳусейнов котиби аввал ва Ш. Шотемур котиби дуюм интихоб шуданд. Январи соли 1934 анҷумани II ҲК(б) Тоҷикистон шуда гузашт. Котиби аввали ҲК(б) Тоҷикистон Г.И. Брайдо интихоб шуда буд. Соли 1934 Г.И. Брайдо сабукдӯш ва С.К. Шадунц (солҳои 1934-1936) котиби аввали ҲК(б) Тоҷикистон гардид.



Кӯчаи ҷавонони шаҳри Душанбе. (с.1929)

Августи соли 1937 анҷумани III ҲК(б) Тоҷикистон шуда гузашт, ки У. Ашуров котиби аввали ҲК(б) Тоҷикистон интихоб шуда буд.

7-24 июни соли 1938 анҷумани IV ҲК(б) Тоҷикистон шуда гузашт ва Д.З. Протопопов котиби аввали ҲК(б) Тоҷикистон интихоб гардид.

22-27 феврали соли 1939 анҷумани V ҲК(б) Тоҷикистон шуда гузашт. Акнун дар ҳайати ин ҳизб баъди борҳо тоза кардани сафҳои худ тақрибан 8281 аъзо боқӣ монда буд.

Агар ба рафти фаъолият ва масъалаҳои дар анҷуману пленумҳои ҳизб муҳокима шуда ва қарорҳои қабул шудаи онҳо назар афканем, маълум мегардад, ки ин ҳизб дар солҳои 30 ба тамоми камчравиҳою камбудиҳояш нигоҳ накарда, ҳизби сарвар, ташаббускор, бунёдгар ҷилвагар мегардад. Таърих гувоҳ аст, ки ӯ тамоми имкониятҳо ва нерӯи худро истифода бурда, бисёр корҳоро ба манфиати халқу давлат анҷом дода тавонист. Бо тамоми ноқисиҳои фаъолияташ ва бадкориҳои маълумаш ӯ бо халқ, бо меҳнаткашон якҷо буд ва омма ӯро ҳизби худ эътироф дошт. Ягонагии ҳизбу халқ дар амал вуҷуд дошт.

**в) Муборизаи синфӣ.**

Дар ибтидои солҳои 30-юм ҳоло ҳам босмачигарӣ давом меёфт.

Дастаҳои хурди босмачигарӣ вуҷуд доштанд. Хавфи аз Афғонистон зада даромадани дастаҳои калон боқӣ буд. Ҳоло ҳам таъқиб намудани коркунони аппаратҳои ҳизбӣ, шӯравӣ, хоҷагӣ ва ҷамоатчигӣ вуҷуд дошт.Вале онҳо хатаре ба ҳастии ҷумҳурӣ ва сотсиализм надоштанд. 30 марти соли 1931 гумоштаи империализми байналхалқӣ Иброҳимбек дар ҳудуди ноҳияи Фархор аз Афғонистон ба ҳудуди Тоҷикистон зада даромад. Дар нуқтаҳои дигари сарҳадии Тоҷикистон дастаҳои Эгамбердӣ - 400 нафар, Муллошариф - 300 нафар сарҳадро вайрон карда ба ёрии Иброҳимбек омаданд. Ин дастаҳои номбаршуда бо тезӣ пахш ва барҳам дода шуданд. Муллошариф асир гирифта шуд. Қаҳрамонии бе мислу монандро дар рӯзҳои аввал сарҳадбонон нишон доданд. Баъзе постҳо дар ҳайати 3-6 нафар сарҳадбон бо дастаҳои 300-400 нафара ба ҷанг даромада то ҳадди охирини ҳаёт разм кардаанд.

Ба муборизаи зидди Иброҳимбек дар қатори Артиши Сурх дастаҳои ихтиёрии зиёде ҳамроҳ шуданд. Фармондеҳони ин дастаҳои ихтиёрӣ Абдулло Ярмухамедов, Ғиёс Тағоймуродов, Ҷӯрақул Темуров, Муллошариф Раҳимов, Муқим Султонов, Юлдош Соҳибназаров, ки таҷрибаи калони ҷангӣ доштанд, дар ин мубориза қобилияти ҷангии худро нишон доданд. Зарбаи аввалин ба Иброҳимбек 8 апрели соли 1931 дар деҳаи Найзабулоқ, 19 апрел дар наздикии Ёвон ва моҳи май дар қаторкӯҳҳои Боботоғ зада шуда буд. Дар барҳам додани Иброҳимбек 439 дастаи калтакдорони сурх, ки шумораи умумии онҳо то ба 4 ҳазор кас мерасид, иштирок доштанд. Онҳо дар тоза кардани дашту дараҳои кӯҳи Боботоғ иштироки асосӣ доштанд. Аэропланҳо дар кофтану назорат кардани самтҳои ҳаракати дастаҳои Иброҳимбек васеъ истифода шуда буд. Садҳо бор аэропланҳо дар тирборону бомбаборонкунии босмачиён фаъолона иштирок доштанд. Охирин шикасти Иброҳимбек июни соли 1931 дар Бойсун ба вуқӯъ омад. Иброҳимбек пурра шикаст хӯрда, роҳи гурезро пеш гирифт. Вале 23 июни соли 1931 дар вақти аз дарёи Кофарниҳон дар қишлоқи Хоҷа Булбулон гузаштанаш шинохта ва дастгир гардид. Бо қарори Суди Олии ИҶШС Иброҳимбек парронда шудааст.

Солҳои 1931-1932 ошӯбҳои зидди шӯравӣ дар нуқтаҳои гуногуни Тоҷикистон шуда буданд. Аз ҷумла, дар майи соли 1931 дар Шаҳринав, июли соли 1931 дар Далёни Боло ва Нов, Ӯротеппа ва Шаҳристон, Палдорак, соли 1932 дар Ҷиргатол бо сардории Аъзам аз ҷумлаи онҳост.

**г) Таъқибҳои сиёсӣ: таъқибкунандагон ва таъқибшавандагон. "Тройка".**

Зери шарҳи нодурусти гӯё бо пурзӯршавии сохтмони сотсиализм мубориза синфӣ ҳам зиёд мешавад, дар солҳои 30-юм таъқибкунии аслан равшанфикрон авҷ гирифт. Тозакунии сафҳои ҳизби коммунист, иттифоқҳои касаба, ҷавонон, иттиҳодияҳои касабавӣ ва ташкилотҳои оммавиро пеш гирифтанд, ки ин таъқибкунии сиёсии солҳои 30-юм буд. Таъқибкунандагон асосан ҳизби коммунист ва таъқибшавандагон ҳама аъзоёни ҷамъият буданд. Дар Тоҷикистон душмани синфӣ ва мафкуравии шӯравӣ вуҷуд дошт. Вале ин душман дар ҳама соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ набуд. Аммо онро "кофта меёфтанд". Барои ёфтани он "тройка" таъсис ёфта буд ва ин "тройка" касеро, ки мехост душман эълон мекард. Ин "тройка"-ҳо дар ҳама соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ таъсис ёфта буданд. Оқибат ба он овард, ки аз ҳайати ҳукумат ташкилоту муассисаҳо, аз колхозу совхозҳо, аз заводу фабрикаҳо, аз олимону духтурон, муаллимону мураббиён, аз ҷавонону, аз композиторону адибон, аз ҳама категорияҳои ҷамъиятӣ ва касбу ҳунар «душманони синфиро» меёфтанд ва ба ҷазоҳои гуногун: қатл, бадарға, зиндон, маҳкум мекарданд. Ягон соҳае, касбе, ҳунаре, фаъолияте набуд, ки аз онҳо "душманро" наёфта бошанд. Ҳамаи онҳо бегуноҳ набуданд. Вале аксарияти онҳо бегуноҳ буданд.

Мо ба шахсиятҳо рӯ меоварем. Дар байни онҳо раиси Шӯрои Комиссарони халқ А. Ҳоҷибоев, котиби якуми КМ ҲК(б) Тоҷикистон М. Ҳусейнов, раиси КИМ ҶШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум, роҳбарони ташкилоти ҳизбии ҷумҳурӣ И. Брайдо, К. Шадунц, Ч. Имомов, раиси КИМ Ш. Шотемур, садри ҳукумати Тоҷикистон А. Раҳимбоев, комиссарҳои халқӣ Б. Додобоев, К. Тошев, В. Павлов, И. Исмоилов, А, Носиров, арбобони маданият Б. Ясенский, С. Ализода, Б. Азизӣ, Ғ. Абдулло, Р. Ҳошим, рӯзноманигорон М. Ҳасанов, Қ. Терегулов, М. Нурмуҳаммадов ва ғайраҳо буданд. Ҳар кадоми номбаршудагон шахсиятҳои маъруфи Тоҷикистон буданд.

Нусратулло Махсум (Лутфуллоев) 1 июли соли 1881 дар деҳаи Чашмаи Кизии ноҳияи Ғарм дар оилаи деҳқони камбағал ба дунё омадааст. Нусратуллои ҷавонро азоби зиндагии кӯҳистон маҷбур сохт, ки хеле барвакт ба мардикорӣ равад. Солҳои мардикории вай дар шаҳри Қӯқанд ба давраи пурталотуми муборизаҳои сиёсӣ рост омад ва ӯ иштирокчии бевоситаи воқеоти солҳои 1905-1907 ва минбаъда гашта, обу тоби сиёсӣ ёфт.

Аз соли 1920 Н. Махсум дар сафи аввали муборизони роҳи озодӣ ва барпокунандагони Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ ҷой



Кўчаи ба номи Ленин (ҳоло Рўдакӣ) с.1937
Майдони истгоҳи Роҳи Оҳан

гирифт. Солҳои 1921-1924 дар вазифаҳои масъулиятнок: мутасаддии таъмини озуқаи Аскарони Сурх дар водии Ғарм, раиси Кумитаи инқилобии вилоят, раиси Кумитаи фавқулоддаи диктатории ҶХШБ дар Бухорои Шарқӣ, раиси Кумитаи Марказии Иҷроияи Бухорои Шарқӣ ва пас аз таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон раисии Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистонро ба дӯш гирифта, дар поягузории сохтори нави давлатдории шӯравии тоҷик саҳми бузург гузошт.

Моҳи декабри соли 1926 пас аз таъсиси Кумитаи Марказии Иҷроияи Тоҷикистон Нусратулло Махсум раиси он интихоб гардид ва то охири соли 1933 ҶШС Тоҷикистонро сарварӣ намуд.

Н. Махсум тамоми донишу маҳорати ташкилотчигии худро ба таъсиси органҳои маҳаллии ҳокимият, бозгардонидани фирориён, барқарорсозии хоҷагиҳои хароб гашта равона сохт. Самти дигар ва хеле пураҳамияти фаъолияти ин сиёсатмадори оқил мубориза баҳри ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС буд. Бо назардошти аҳамияти ин иқдом барои ояндаи миллат, Н. Махсум бо ҳамроҳии ҳампешагони худ Ш. Шотемур, А. Ҳоҷибоев, Ч. Имомов ва А. Муҳиддинов таи ин солҳо ба органҳои марказӣ мактубу дархостҳои зиёд ирсол намуда, дар як вақт корҳои ташвиқотиву тарғиботиро ба роҳ монданд ва онҳо соли 1929 ба мақсади хеш расиданд. Тоҷикистон ба ҷумҳурии мустақил табдил ёфт. Қисме аз сарзаминҳои тоҷикнишин ба Тоҷикистон баргардонида шуданд.

Солҳои 1929-1933 ҳамчун сарвари Тоҷикистон Н. Махсум диққати асосиро ба масъалаҳои мустаҳкам намудани органҳои маҳаллии иҷроия ва судӣ, ба меҳнати ҷамъиятӣ фаро гирифтани занон, бунёди саноати миллӣ ва ғ. равона кард. Хизмати Н. Махсум бахусус дар ҷойгузории қувваи кории меҳнати ҷумҳурӣ ва ба кор андохтани заминҳои асрҳо бекорхобида, сохтмони роҳҳои мошингарду иншоотҳои обӣ ва нахустин корхонаҳои барқӣ дар Тоҷикистон бузург аст.

Хизматҳои шоёни Нусратулло Махсум (Лутфуллоев) бо се ордени Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро, бо орденҳои "Байрақи сурхи меҳнат"-и ҶШС Ӯзбекистон ва ҶШС Тоҷикистон ва бо ордени "Байрақи сурх"-и Иттиҳоди Шӯравӣ қадр шудаанд.

Дар ибтидои солҳои 30-юм Иттиҳоди Шӯравиро мавҷи таъқиботи роҳбарони ҳизбиву давлатӣ ва ходимони намоёни илму фарҳанг фаро гирифт, ки ин гирдоб Нусратулло Махсумро низ ба коми худ фурӯ кашид. Бо тӯҳмати ноҳақ, моҳи декабри соли 1933 Н. Махсумро аз вазифаи Раиси КИМ-и ҶШС Тоҷикистон сабукдӯш сохта, ба факултаи илмҳои ҷамъиятии Академияи Тарҳрезии ИҶШС фиристонданд ва соли 1937 ҳамчун "душмани халқ" ӯ парронда шуд. Танҳо 9 январи соли 1958 Коллегияи ҳарбии Суди Олии ИҶШС парвандаи Н. Махсумро аз нав баррасӣ намуда, аз сабаби содир накардани ҷиноят ӯро сафед кард ва номи ӯ аз нав дар саҳифаҳои таърихи муосири Тоҷикистон ҷои сазовори хешро соҳиб шуд.

Нусратулло Махсум (Лутфуллоев) ба сифати яке аз поягузорони давлати муосири тоҷик дар радифи бузургмардони миллат абадӣ ҷой гирифт.

### Луғати истилоҳот

1. Комсомол (Иттифоқи коммунистони ҷавонон)-ташкилоти ҷамъиятӣ-сиёсии коммунистони ҷавон буд, ки соли 1918 таъсис ёфта. соли 1924 номи комсомоли лениниро гирифта буд. Аввалин ташкилоти комисомолии Тоҷикистон аз ҳисоби коммунистони ҷавон - русҳо соли 1918 таъсис ёфта, ба ҳайати Иттифоқи Коммунистии Ҷавонони Туркистон дохил буд. Соли 1921 дар Бухорои Шарқӣ низ ин ташкилот аз ҳисоби Аскарони Сурхи ҷавон ташкил ёфта буд.
   Баъди тақсимоти соли 1924, дар ҶМШС Тоҷикистон ҳам ташкилоти комсомолӣ таъсис ёфт. 27 октябри соли 1925 дар Душанбе конференсияи якуми комсомоли Тоҷикистон барпо гардид, ки рӯзи тавлиди комсомоли ҷумҳурӣ ҳисоб мешуд. Конференсия ташкилоти вилоятии комсомолии ҷумҳуриро таъсис дода буд, ки то соли 1930 амал кард. Соли 1930 анҷумани якуми комсомоли Тоҷикистон ташкилоти худро Иттифоқи Ленинии Коммунистии Ҷавонони Тоҷикистон (ИЛКҶТ) эълон кард. Комсомоли Тоҷикистон то соли 1940 6 анҷумани (1930, 1932, 1939 ва 1940) худро гузаронида буд.
2. Ҳизби Коммунистии Бухоро (ҲКБ)-Ҳизби сиёсӣ, ҳокимиятхоҳи аморати Бухоро, ки аз ҷадидони таъқибшудаи апрели соли 1917 дар Туркистон аз апрел то декабри соли 1918 расман ташкил ёфт. Аввал моҳи апрел дар Тошканд маҷлиси муҳоҷирони Бухороӣ шуда гузашт, ки дар бораи таъсис додани Ҳизби Коммунистии Бухоро қарор қабул карданд. Сентябри 1918 дар Тошканд Комитети Марказии муваққатии ҲКБ таъсис ёфт. Ноябри соли 1917 дар Тошканд анҷумани 1-уми Таъсисии ҲКБ шуда гузашт, ки дар он Комитети Марказии ҲКБ интихоб карда шуд. Азимҷон Яқубов раис интихоб шуд. Декабри соли 1918 КМ ҲКБ Программаи ҲКБ кор карда баромад ва мақсади наздиктарини худ сарнагун кардани аморати Бухороро эълон дошт. ҲКБ то охири соли 1924 вуҷуд дошта 8 анҷумани худро: 1-11.1918, 2-6.1919, 3-12.1919, 4-8.1920, 5-2.1921, 6-12.1921, 7-1923, 8-1.1924 гузаронидааст.

Ходимони машҳури ин ҳизб-Ф. Ҳоҷаев, А. Муҳиддинов, А. Якубов, С. Ҳусайнов, А. Ҳоҷибоев буданд.

3. Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон-июни соли 1930 дар анҷумани 1-уми Муассисиаш ташкил ёфта буд. Асоси ин ҳизбро ташкилоти ҳизбии вилоятии Тоҷикистонии ҲК Ўзбекистон (дар солҳои 1925-1929) ва ташкилотҳои ҳизбии Хўҷанди вилояти Самарқанди ҲК Туркистон (дар солҳои 1917-1924) ва ташкилотҳои вилоятии ҲК Бухоро (дар солҳои 1921-1924) ташкил медоданд. Арбобони ҳизбии ҲК Тоҷикистон А. Раҳимбоев, Ч. Имомов, М. Гусейнов, Г.И. Брайдо, С.К. Шадунц, У. Ашуров, Д.З. Протопопов буданд.

## САВОЛҲО:

1. Асоси сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ диҳед?
2. Мубориза синфии солҳои 30-юмро шарҳ диҳед?
3. "Тройка" чист? Таъқибкунандагон ва таъқибшавандагонро шарҳ диҳед?
4. Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон кай анҷумани таъсисии худро гузаронд?
5. Аз арбобони ҳизбӣ ва давлатии солҳои 30-юм киҳоро номбар карда метавонед?

## Мавзӯи X.

# ИНҚИЛОБИ МАДАНӢ ДАР ҶШС ТОҶИКИСТОН.

## § 22. Инқилоби маданӣ дар ҶШС Тоҷикистон.

### а) Мафҳуми инқилоби маданӣ.

Инкилоби маданӣ гуфта дар асри XX дигаргуниҳои бузург ва пешравиҳои бемислу монандро дар соҳаи маориф, илм, тандурустӣ, муассисаҳои маданӣ-фарҳангӣ (театр, клуб, китобхона, нашриёт, полиграфия, радиофикатсия, кино), ба вуҷуд овардани кадрҳои миллиро фаҳмида мешуд. Мафҳуми инкилоби маданӣ инчунин мафҳуми сиёсӣ буда ба рӯзгори халқи тоҷик ҳамроҳи Давлати Шӯравӣ ворид гардид ва як қисми сиёсати махсуси шӯравӣ дар бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ дониста мешуд.

Қисми асосии инкилоби маданиии шӯравиро (сотсиалистиро) ба вуҷуд овардани тафаккури марксистӣ-ленинӣ ташкил медод. Ва ин тафаккур сиёсати давлатии Ҳокимияти Шӯравӣ гардида буд. Ҷанбаи тафаккурии (идеологии) он маданияти шаклан миллию мазмунан сотсиалистӣ буд. Инкилоби маданӣ дар Тоҷикистон аз барпошавии Ҳокимияти Шӯравӣ оғоз ёфта, аввал маорифи халқӣ ва баъд бо ба вуҷуд овардани иктисодиёти сотсиалистӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти маданиро фаро гирифта, дар солҳои 30-юм ба таъсиси маорифи халқӣ, таълими ҳатмии ҳамагонии ройгон, муассисаҳои зиёди фарҳангии ба хизмати халқ нигаронидашудаю ҳуқуқи баробарии истифода аз хизмати ин муассисаҳо ва бо ташаккули интелигентсияи миллӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба охир расид. Тоҷикистон дар ташаккули маданияти шаклан миллию мазмунан сотсиалистии худ дар 15 соли Ҳокимияти Шӯравӣ роҳи 1000 солаи баъзе халқҳои ҷаҳонро тай карда, дар бисёр соҳаҳои ҳаёти маданӣ ба мисли маориф, тиб, санъат, адабиёт, ҳуқуқ, имконият ба халқҳои пешқадами ҷаҳон баробар гардида буд.

### б) Маориф ва мактаб.

Қисми асосӣ ва махсуси инқилоби маданиро маориф ва мактаб ташкил медод.

Маорифи халқ гуфта, дар солҳои 30-юм муассисаҳои тарбияи томактабӣ (боғчаҳои бачагона, яслиҳо), ҳамагуна мактабҳои маълумоти умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбҳои техникӣ, мактабҳои миёнаи махсус,

техникум, мактабҳои олӣ, шаклҳои гуногуни таълими касб ва такмили ихтисоси кормандонро дар назар дошта мешуд.

Маорифи халқи Тоҷикистон маҳсули давраи сотсиализм буда, ташаккулёбии он ба солҳои 20-ум рост меояд. Маорифи халқи шӯравӣ дар асоси сентрализми демократӣ ташаккул ёфта муттамарказ гардида буд. Органҳои идораи он Вазорати маориф ва шӯъбаҳои маорифи комиҷроияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ буданд. Дар Тоҷикистон таълими ҳатмӣ дар асоси қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС аз 14 августи соли 1930 ва КИМ ШКХ ҶШС Тоҷикистон аз 11-уми октябри соли 1930, ки сараввал дар соли хониши 1931-1932 дар шаҳрҳои Душанбе, Хӯҷанд ва Ӯротеппа ҷорӣ гардидааст. Таълими ҳатмӣ маълумоти ибтидоиро дар назар дошт. Мӯҳлати таҳсил дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Ӯротеппа 7-сола ва боқимондааш мактабҳои дараҷаи 1-ум ва 2-ум муқаррар карда шуда буд. Фарогирии наврасони 7-8-9 сола ба мактаб соли 1933 пурра ба охир расид. Шумораи мактабҳо аз 336 адади соли 1928 ба 2519 адад ва шумораи хонандагон мутаносибан аз 13 ҳ. ба 125 ҳ. ва муаллимон аз 543 ба 3795 нафар расид. То соли 1933 мактабҳо дусола буданд, яъне синфҳои 1 ва 2 кор мекард. Синфҳои 3 ва 4 контингенти муттасил надоштанд.



Дарс дар мактаби нави деҳаи Қизилмазор (1930)

Аввалин мактаби миёна дар деҳоти Тоҷикистон соли 1934 кушода шуда буд. Соли 1936 шумораи онҳо ҳамагӣ ба 6 адад расиданд. Соли хониши 1938-1939 дар ҷумҳурӣ 4200 мактабҳои гуногун амал мекарданд, ки 83 ададаш мактабҳои 7 сола ва 18 ададашон мактабҳои миёна (10 сола) буданд. Дар ин мактабҳо 225 ҳ. талаба таҳсил мекард.

Ба ғайр аз мактабҳои таълими ҳатмии умумӣ боз мактабҳои маҳви бесаводӣ ва шабона кор мекарданд. Дар солҳои таҳсили 1938-1940 дар Тоҷикистон дар мактабҳои шабона 3307 нафар хонандагон таҳсил доштанд, ки 1482 кас онҳоро хатм кардаанд.

Сиёсати маҳви бесаводӣ ба он овард, ки соли 1939 дар Тоҷикистон аз ҳар 1000 нафар аҳолӣ 170 нафараш хонанда буд. Саводнокии аҳолӣ дар Тоҷикистон ба 82,8% расида буд. Дар ҳолате, ки дар ҳамин

давра дар Ҳиндустону Туркия ин нишондиҳандаҳо 12% ва 18%-ро ташкил медоданд.

Дар солҳои 30-юм дар Тоҷикистон Донишкадаҳои педагогии Душанбе (с.1931), Хуҷанд (с.1932), Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (с.1934) Донишкадаи тиббии Тоҷикистон (с.1937), Академияи сабзавоту меваи Хуҷанд фаъолият мекарданд. Дар қатори ин мактабҳои олӣ мактабҳои миёнаи махсус ва техникумҳо (28), комбинатҳои педагогии Душанбе (2), Хуҷанд (2), Конибодом, Ғарм, Нов, Ӯротеппа, Панҷакент, Хоруғ, Кӯлоб, Шаҳринав фаъолият доштанд. Соли 1939 дар Тоҷикистон анҷумани аввалини муаллимони аълочӣ барпо гардид, ки дар он 350 кас иштирок доштанд.

Соли 1939 гузариш ба алифбои кириллӣ сар шуд, ки бо китобҳои дарсӣ таъмин намудани ҷумҳуриро осон кард.

**в) Илм.**

Маҳви бесаводӣ, системаи инкишофёфтаистодаи маорифи халқ ва зарурияти тадқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи Тоҷикистон ба таъсиси экспедитсияҳою муассисаҳои илмӣ боис гардид.

Дар солҳои 30-юм дар Тоҷикистон бригадаи АУ ИҶШС ва экспедитсияи комплексии Тоҷикистону Помир, ки то 700 олимону тадқиқотчиёнро дар бар мегирифт, ба омӯзиши ҳаматарафаи таърих, ҷуғрофия, адабиёт, санъат, захираҳои табиӣ, захираҳои меҳнатӣ (қувваи корӣ) ва ғайраҳои Тоҷикистон машғул буданд. Экспедитсияи ком-плексии Тоҷикистону Помир қариб 10 сол фаъолият дошт. Бо пешниҳоди ин ташкилотҳо ва ташаббуси ҳукумати Тоҷикистон аввали соли 1933 дар Душанбе Базаи (маркази) Тоҷикистонии АУ ИҶШС ба фаъолият сар кард. Асоси ин муассисаи илмиро АУ ИҶШС гузошта дар тайёр кардани кадрҳои илмии ҷумҳурӣ саҳми калон гузошт. Ин База (марказ) асоси АУ Тоҷикистон гардида буд. Дар База (марказ) олимони машҳури давра С.Ф. Ольденбург, А.Ф. Иоффе, Д.Н. Прянишников, А.Е. Ферсман, Е.Н. Павловский, Н. Кисляков, Д. Фаньян ва ғайраҳо кор мекарданд.

Зери роҳбарии ин олимон аввалин дастаи олимони шӯравии тоҷик ба илми калон қадам ниҳоданд. Дар байни онҳо З.Ш. Раҷабов, Б.И. Искандаров, Б.Ғ. Ғафуров, ки баъдҳо ба арбобони машҳури илми шӯравӣ сабзида расиданд.

**г) Санъат.**

Самти дигари инқилоби маданӣ ин санъати шаклан миллию мазмунан сотсиалистӣ буд.

Сиёсати мақсадноки Ҳукумати Тоҷикистон барои баланд бардоштани маданияти халқ ва дар ин асно аз рӯи нақша ва бемайлон баланд

шудани фаъолияти муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ: театрҳо, кино, клубҳо, китобхонаҳои оммавӣ, нашриёт ва паҳн намудани китоб, ки аз тарафи давлат маблағгузорӣ мешуданд, ба инкишофи соҳаҳои гуногуни санъат мусоидат кард.

Дар Тоҷикистон дар солҳои 1930-юм 3 театри касбӣ, филармонияи давлатӣ, ансамбли рақсии миллӣ, оркестри симфонӣ, хонаи эҷодиёти халқ, театри опера ва балет фаъолият доштанд. Ҳукумати Тоҷикистон барои инкишофи санъат хароҷоти калон мекард. Барои ҳамаи соҳаҳои маданият 627,5 млн. сӯм ҷудо карда буд, ки нисбат ба соҳаи саноат ва хоҷагии қишлоқ зиёдтар буд. Театри пешқадами ҷумҳурӣ ин театри драммавии ҷумҳурӣ дар Душанбе (ҳоло ба номи А. Лоҳутӣ) буд. Дар саҳнаи он асарҳои "Шоҳнома", "Исён"-и Фурманов, "Мубориза"-и У. Усмонов, "Душман"-и Ҷ. Икромӣ дар иҷрои артистон Тӯҳфа Фозилова, Софя Тӯйбоева, Саидов, М. Қосимов ва дигарон ба саҳна гузошта шуда буданд. Дар назди ин театр соли 1933 гурӯҳи мусиқӣ таъсис ёфта буд, ки бо консертҳои худ дар ноҳияҳою колхозҳо баромад мекард. Дар солҳои 30-юм дар ноҳияҳои Хоруғ, Ғарм, Кӯлоб, Панҷакент, Қӯрғонтеппа, Ӯротеппа, Исфара, Ҳисор ҷамъ 12 театри халқӣ таъсис дода шуда буданд. Ин театрҳоро хатмкунандагони мактабҳои мусиқии Душанбе ва Хуҷанд бо кадрҳо таъмин мекарданд. Ҳунармандони ин театрҳо асосан аз дастаҳои ҳаваскори бадеӣ пур мешуданд, ки шумораи онҳо хело зиёд буд. Онҳо дар назди театрҳою клубҳо амал мекарданд ва бо омма хело наздик буданд. Саҳнаҳои хурди бештар якпардагиро намоиш медоданд. Солҳои 30-юм озмунҳои театрӣ, овозхонҳо (соли 1937), мусиқичиён ҳам гузаронида шуда буд. Фалакхонҳою гӯрғулихонҳои зиёде ба монанди А. Ҷӯраев, Ҳикмат Ризо ва ғайраҳо ба саҳнаи калон баромаданд.

Санъати кинои тоҷик қадамҳои аввалини худро мегузошт. Солҳои 30-юм филмҳои "Даъват", "Муҳоҷир", "Як рӯзи колхоз", "Хоруғ", "Тоҷикистони офтобӣ", "Худои зинда", "Вақте, ки амирон мемиранд" ба навор гирифта шуда буданд. Дар охири солҳои 30-юм дар Тоҷикистон зиёда аз 140 нуқтаи кинонамоишдиҳӣ кор мекарданд.

**д) Матбуот.**

Матбуот ҳам як соҳаи бонуфузи инқилоби маданӣ ҳисоб мешуд. Чунки воситаи дорои имкониятҳои зиёди таъсиррасонӣ ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодию маданӣ буд. Ба матбуоти тоҷик дар солҳои 30-юм нашри китобҳо, маҷаллаҳо, рӯзномаҳо ва плакатҳо дохил буданд. Саноати полиграфии Тоҷикистонро Нашриёти Давлатии Тоҷикистон ва 34 матбааҳои хурду калони ноҳиявӣ ташкил медод. Ин соҳа

қудрат дошт, ки талаботи ҷумҳуриро ба китобҳои дарсӣ, адабиёти бадеӣ ва матбуоти даврӣ ба тариқи минималӣ таъмин кунад. Дар солҳои 30-юм полиграфистони тоҷик зиёда аз 10.000 номгӯй китобро бо теъдоди 50 млн. нусха аз чоп бароварданд.

Дар Тоҷикистон дар охири солҳои 30-юм 83 номгӯй (7 ҷумҳуриявӣ, 51 ноҳиявӣ ва 25 бисёртиража) рӯзнома бо теъдоди 17 ҳ. нусха ва 7 номгӯй маҷалла мебаромад. Дар байни рӯзномаҳо рӯзномаҳои "Тоҷикистони Сурх", "Маориф ва Маданият", "Коммунист Таджикистана", "Пионери Тоҷикистон" ва маҷаллаҳои "Шарқи Сурх", "Барои адабиёти сотсиалистӣ", "Болшевики Тоҷикистон" бо тиражҳои калон нашр мешуданд.

Дар охири солҳои 30-юм дар Тоҷикистон 416 китобхонаи оммавӣ дорои 260 ҳ. нусха китоб амал мекард. Соли 1933 китобхонаи оммавӣ-илмии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ таъсис ёфт. Дар ҷумҳурӣ 2 осорхона (дар Душанбе ва Хуҷанд) фаъолият мекард.

**е) Адабиёт.**

Дар солҳои 30-юм назму насри шӯравии тоҷик дар заминаи мазмунаи сотсиалистию шакли миллӣ инкишоф мейфт. Ба арсаи адабиёт адибони ҷавони зиёде бо асарҳои мазмунан нав ворид шуданд. Дар қатори С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, П. Сулаймонӣ, М. Раҳимӣ, А. Деҳотӣ, А. Исматӣ, С. Ҷавҳаризода, номҳои М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, М. Миршакар, Ҳ. Карим, Ҳ. Юсуфӣ, Алихуш ва садҳо дигарон дохил шуданд. Соли 1934 Иттифоки нависандагони Тоҷикистон таъсис ёфт ва органи нашрии он "Барои адабиёти сотсиалистӣ" гардид.

С. Айнӣ асарҳои худро-очерки "Колхози коммунизм" (1933), повестҳои "Мактаби кӯҳна" (1935), "Марги судхӯр" (1935), романи "Ғуломон" (1935), достони "Ҷанги одаму об" (1937); А. Лоҳутӣ асарҳои "Тоҷу байрақ" (1935), "Пули Вахш" (1935), "Дар соҳили Днепр" (1936), либреттои "Кован оҳангар" (1937), М. Турсунзода песаи "Ҳукм" (1936), "Хазон ва баҳор" (1937), Ҷ. Икромӣ повестӣ "Ду ҳафта" (1933), драммаи "Мавҷҳои музаффарият" (1933), манзумаи "Орзу" ва шеъру таронаҳои зиёди А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, С. Ҷавҳаризода, М. Раҳимӣ, А. Деҳотӣ, М.М. Аминзода, Ҳ. Юсуфӣ ва садҳо дигарон навишта ва нашр гардиданд.

Адабиёти тарҷумавӣ низ хело зиёд гардид. Асосан классикҳои рус (Пушкин, Лермонтов, Тургенев, Чехов, Салтыков-Щедрин, Некрасов, Маяковский) ва ҷаҳонӣ (Бальзак, Драйзер, Гримм, Лондон) тарҷума ва нашр шуданд. Ҳамин тариқ, дар солҳои 30-юм дар ҳаёти

мадании ҶШС Тоҷикистон пешравиҳои бемислу монанд ба амал омаданд: Тоҷикистон соҳиби муассисаҳои илмии миллӣ, дорои санъати шаклан миллию мазмунан сотсиалистӣ, шохаҳои зиёди муассисаҳои фарҳангӣ: театр, клуб, китобхона, осорхона, нуктаҳои радиошунавонию кинонамоишдиҳӣ ва иншоотҳои варзишӣ гардид. Яъне, инқилоби маданӣ гузаронида шуд.

### Луғати истилоҳот

1. "Барои адабиёти сотсиалистӣ" -маҷаллаи адабии иттиҳоди адибони тоҷик буд, ки ба ҷои "Роҳбари дониш" (солҳои 1927-1932) аз августи соли 1932 то соли 1938 мебаромад. Аз соли 1938 бо номи "Шарқи Сурх" мебаромадагӣ шуд.
2. Пионер-калимаи франсавӣ буда, маънои луғавиаш-оғозкунанда аст. Ҳамчун мафҳуми иҷтимоӣ-пионер аъзои ташкилоти ҷумҳуриявӣ ва умумиттифоқии пионерии ба номи В. И. Ленинро мегуфтанд. Ин ташкилот дар собиқ ИҶШС соли 1922 ва ташкилоти ҷумҳуриявии пионерии Тоҷикистон соли 1925 таъсис ёфта буд. Ба ин ташкилот ташкилоти Иттифоқи Ленинии Коммунистони Ҷавони ҷумҳурӣ роҳбарӣ мекард.
3. "Пионери Тоҷикистон"-Рӯзномаи ташкилоти ҷумҳуриявии ИЛКҶУ, ки аз соли 1932 мебаромад.

### САВОЛҲО:

1. Инқилоби маданӣ чист? Ва чиҳоро дар бар гирифта буд?
2. Рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои солҳои 30-ро номбар кунед?
3. Дар Тоҷикистон кай таълими ҳатмии ҳамагонӣ ҷорӣ карда шуд?
4. Мактабҳои солҳои 30-ро шарҳ диҳед?
5. Театрҳои касбии солҳои 30-юмро номбар кунед?
6. Аз санъаткорони солҳои 30-юм номи киҳоро медонед?
7. Мактабҳои аввалини олии Тоҷикистонро номбар кунед?
8. Адибони солҳои 30-юм ва асарҳои онҳоро номбар кунед?

## §23. Анҷомёбии сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ дар Тоҷикистон (ғалабаи пурраи сотсиализм)

### а) Тавсифи умумӣ

Дар солҳои 20-30-юм сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ ҳам барнома ва ҳам шиори давлату халқи шӯравӣ буд. Ва ин барнома зина ба зина иҷро карда шуд. Дар солҳои 20-ум ҷамъиятӣ сотсиалистӣ аз рӯи нишонаҳои қонунӣ сохта шуда буд. Сотсиализм ҳамчун сохтори ҷамъиятӣ амалан дар солҳои 30-юм сохта шуд. Сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ ба рафти амалӣ гардидани сиёсати саноаткунонии мамлакат, коллективонии хоҷагии қишлоқ ва гузаронидани инқилоби маданӣ сахт марбут буд. Дар ин се самт дар солҳои 20-ум дар Тоҷикистон зами-

наҳои қонунии онҳо тайёр шуда буд. Дар солҳои 30-юм бошад ин сиёсат дар амал иҷро карда шуд. Сиёсати баробарии воқеии халқҳои шӯравӣ, ки бо ёрии бародарона ва беғаразонаи халқҳои ИҶШС ва ба дӯстии халқҳо, интернатсионализми пролетарӣ асос ёфта буд, имконият дод, ки раванди ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодию маданни халқҳои собиқ қафомондаро тезонад ва маишати онҳоро ба дараҷаи зиндагии халқҳои пешқадам наздик кунонад. Ва ҳатто дар масъалаҳои ҳуқуқӣ баробарии воқеии халқи тоҷикро ба ҳама халқҳои ИҶШС пурра таъмин намуд ва ин ҳуқуқу ҳолатро дар Қонуни асосии ИҶШС ва ҷумҳурӣ ба расмият дароварда шуда буд.

Дар солҳои 30-юм дар Тоҷикистон саноату хоҷагии қишлоқ рӯ ба тараққӣ ниҳода, маданияти шаклан миллию мазмунан сотсиалистӣ бунёд шуда буд. Ин тағйиротҳо дар ташаккулёбии синфи коргари миллии тоҷик, дар структураи саноат ва хоҷагии қишлоқи рӯ ба тараққӣ ниҳода, ба қувваҳои истеҳсолкунанда ва захираҳои табиии ҷумҳурӣ мувофиқ гардида ва ба моликияти умумихалқӣ-давлатӣ ва кооперативӣ-колхозӣ асосёфта, таҷассум мегардид. Маданияту фарҳанги халқи тоҷик натанҳо дар заминаи анъанаҳои фарҳангии худ, балки аз тамаддуни умумибашарӣ ҳам бархурдор мешуд. Сотсиализм дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба нишонаҳои чашмрас ноил гардида буд. Яъне саноати сотсиалистии ба моликияти давлатӣ-умумихалқӣ ва хоҷагии қишлоқи ба моликияти кооперативӣ-колхозӣ асосёфтаю маданияти шаклан миллию мазмунан сотсиалистӣ бунёд гардида буд. Сотсиализм асосан сохта шуда буд. Сотсиализми сохташудаи солҳои 30-юм ба маънавиёту тафаккури ҷамъиятии ҳамон давра рост меомад ва эътироф гардида буд. Ин ғалабаро Конститутсияи сотсиализми ғолиби ИҶШС, ки 5 декабри соли 1936 қабул шуда буд, эълон ва мустаҳкам кард. Яъне, сотсиализм асосан сохташуда ва ғалабакарда эълон шуда буд. Ин ғалаба аз нуқтаи назари сиёсӣ маънои онро дошт, ки дигар дар дохили ҷамъияти Тоҷикистон қувваҳое набуданд, ки сотсиализмро дигар созанд. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ бошад, иқтисодиёти сотсиалистӣ (саноат ва хоҷагии қишлоқи сотсиалистӣ) бунёд гардида буд. Аз нуқтаи назари маданӣ-маданияти шаклан миллию мазмунан сотсиалистӣ ба вуҷуд омада буд. Аз нуқтаи назари идеологӣ (мафкуравӣ) бошад, мафкураи марксистӣ-ленинии диктатураи пролетарӣ (вале на ҳамаи пролетарҳо, балки ҳизбиёни пролетарӣ) дар дарку шарҳи сотсиализм ҳукмрон гардида буд, ки дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон таҷассум меёфт.

### б) Конститутсияи сотсиализми ғолиби Тоҷикистон.

Дар ҳудуди Тоҷикистон аз соли 1918 сар карда сохтори Конститутсионии давлатдорӣ вуҷуд дошт. Вале то соли 1929 Тоҷикистон Конститутсияи худро надошт. Дар қисмати Туркистонии Тоҷикистон (вилоятҳои Суғд ва Помир) аз соли 1918 то соли 1924 Конститутсияи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон ва дар қисмати Бухорои Шарқии он аз соли 1921 то соли 1924 Конститутсияи Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро ва аз соли 1924 то соли 1929 Конститутсияҳои ИҶШС ва ҶШС Ӯзбекистон амал мекарданд. Ҳукумати Тоҷикистон ва халқи тоҷик аз ин Конститутсияҳо васеъ бархурдор буд. Ҳамаи ин Конститутсияҳо аз Конститутсияи ҶШФСР (то соли 1924) ва ИҶШС (аз соли 1924) маншаъ гирифта буданд. Вале фарқият доштанд. Масалан, Конститутсияи Бухоро дар муайян намудани шакли давлатдорӣ нисбат ба Конститутсияи ҶШФСР ва ҶМШС Туркистон фарқ дошт. Ин фарқият аз сохтори халқӣ-шӯравии Бухоро мебаромад. Вале Конститутсияҳои минбаъдаи ҷумҳурӣ дар муайян намудани сохтори давлатдорӣ ва ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодӣ фарқияти ҷиддӣ надоштанд. Ҷиҳати хоси ҳамаи Конститутсияҳои то соли 1929 амалкунандаи Тоҷикистон ин вазифаи таъмин намудани диктатураи пролетариат дар асоси шӯроҳо буд.

Аввалин Конститутсияи миллии Тоҷикистон ин Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон буд, ки октябри соли 1929 қабул шуда буд. Вале аз сабаби дар ҳамон моҳи октябри соли 1929 таъсис ёфтани ҶШС Тоҷикистон қарор шуда буд, ки Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон таҳия карда шавад ва Комиссияи конститутсионӣ таъсис ёфта буд. Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон мебоист табдилёбии ҶМШС ба ҶШС Тоҷикистон аз нуқтаи назар ҳуқуқӣ ба расмият медаровард. 25 феврали соли 1931 шӯрои 4-уми Умумитоҷикистонии шӯроҳо Конститутсияи ҶШС Тоҷикистонро қабул ва ҷорӣ кард.

Дар моддаи 1-уми он навишта шуда буд: Конститутсияи (Қонуни асосии) мазкури ҶШС Тоҷикистон, ки анҷумани III фавқулоддаи Шӯроҳои Тоҷикистон дар бораи таъсис додани ҶШС Тоҷикистон эълон кардааст, аз "Декларатсияи ҳуқуқи меҳнаткашон ва халқҳои истисморшуда"-и эълонкардаи инқилоби Октябр бармеояд. Моддаи 2-ум дар бораи мақсад ва вазифа ҶШС Тоҷикистон-маҳв сохтани буржуазия ва барҳам додани истисмори одам аз тарафи одам баҳс мекард.

Дар моддаи сеюм оиди сохтори Ҷумҳурӣ, ки он давлати сотсиалистии диктатураи пролетариати ба иттифоқи синфи коргару деҳқон асосёфта ва дар асоси шӯроҳои намояндагони коргарон, деҳқонон ва

Аскарони Сурх амалкунанда сухан мерафт. Конститутсияи соли 1931 вазифаи пештараи "таъмин"-и диктатураи пролетариатро ба вазифа "ваколат додан" иваз кард. Ин Конститутсия Тоҷикистони шӯравиро ҳамчун давлати соҳибихтиёр дар ҳайати ИҶШС, тасдиқ намуда, принсипҳои сохтори давлатдории сотсиалистӣ ва сохтори ҷамъиятии онро таъмин намуд. Бо мурури саноаткунонӣ ва коллективонии хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ зарурияти таҳрири Конститутсияи соли 1931 пеш омад ва он соли 1934 аз нав таҳрир карда шуд. Бештар қисмҳое, ки ба моликиятдорӣ - ба замин дахл доштанд, таҳрир ёфта буданд.

5 декабри соли 1936 Конститутсияи сотсиализми ғолиби ИҶШС қабул шуда буд. Дар асоси ин конститутсия Конститутсияи сотсиализми ғолиби ҶШС Тоҷикистон таҳия гардид, ки онро комиссияи махсуси таъсисдодаи КИМ Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон таҳия намуда буд. Онро 1 марти соли 1937 иҷлосияи VI Фавқулоддаи Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон муҳокима ва қабул кард. Конститутсия ғалабаи сотсиализмро дар Тоҷикистон эълон карда асосҳои асосии сотсиализм: шакли хоҷагидории сотсиалистӣ ва моликиятдории сотсиалистиро ба замин, фабрикаю заводҳо, конҳо, нақлиёт ва воситаҳои дигари асосии истеҳсолот, барҳам задани истисмори одам аз тарафи одам, бекорӣ, табдил додани меҳнат ҳамчун вазифа ва кори виҷдонии ҳар як шаҳрванди қобили меҳнат, ҳуқуқ ба меҳнат, истироҳат ва маълумот гирифтанро дар асоси қонун эълон намуд. Конститутсияи соли 1937 ҷамъияти Тоҷикистонро аз ду синф-коргару деҳқон ташкилёфта эълон карда буд.

Дар Конститутсия ҳуқуқ ва озодиҳои васеи шаҳрвандон:

1. Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ: ҳуқуқ ба меҳнат, ба истироҳат, ба маълумот ва хизмати тиббии ройгон, ба таъминоти моддӣ дар пиронсолӣ ва инчунин дар ҳолати гум кардани қувваи ҷисмонӣ ва беморӣ;

2. Ҳуқуқҳои сиёсӣ ва озодиҳои демократӣ: баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандон, баробарии воқеии зану мард, ҳимояи ҳадафҳои қонунии инсони шӯравӣ, озодии сухан, матбуот, маҷлису гирдиҳамоиҳо, намоишҳои кӯчагӣ ва таъмини ҳуқуқи муттаҳидшавӣ дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои касбӣ, ҷамъиятҳои кооперативӣ, ташкилотҳои ҷавонон, ташкилотҳои варзишӣ ва муҳофизӣ, ҷамъиятҳои маданӣ;

3. Ҳуқуқҳои шахсӣ ва озодӣ: ҳуқуқи моликияти шахсӣ, дахолатнопазирии моликияти шахсӣ ва манзил, озодии виҷдон ва нигоҳ доштани сирри мукотиба, эълон шуда буданд.

Вазифаҳои асосии шаҳрвандонро Қонуни асосӣ чунин муайян карда буд:

1. Дар масъалаи мустаҳкам намудани сохтори ҷамъиятии шӯравӣ-вазифаҳои эҳтироми Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон, иҷрои қонунҳо, риояи интизоми меҳнат, содиқ будан ба вазифаи ҷамъиятии худ, эҳтироми қоидаҳои ҳамзистии сотсиалистӣ, ҳифз ва афзун намудани моликияти сотсиалистӣ.

2. Дар ҳимояи Ватани сотсиалистӣ-вазифадор будан барои хизмати ҳарбӣ ва ҳимояи Ватан.

Конститутсияи сотсиализми голиб 12 боб ва 134 моддаро дар бар мегирифт.

1. Сохтори ҷамъиятӣ.
2. Сохтори давлатӣ.
3. Мақоми олии ҳокимияти давлатии ҶШС Тоҷикистон.
4. Мақоми идораи давлатии ҶШС Тоҷикистон.
5. Мақоми ҳокимияти давлатии ВХБК.
6. Мақоми маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.
7. Буҷаи ҶШС Тоҷикистон.
8. Суд ва прокуратура.
9. Ҳуқуқ ва вазифаҳои асосии шаҳрвандон.
10. Системаи интихоботӣ.
11. Рамзҳо: герб, байрақ, пойтахт.
12. Тартиби тағйироти Конститутсия.

## ТОҶИКОНИ БЕРУНМАРЗӢ ДАР СОЛҲОИ 30-юм

Чун ба мисли пештара аксарияти тоҷикон дар қаламрави давлати Афғонистон мезистанд. Ҳукумати М. Нодиршоҳ, ки баъди қиёми Ҳабибуллоҳхон (Бачаи Сақо) ба сари тахт омада буд, сиёсати шовинистонаи зидди тоҷикро пеш гирифта андози замин ва молиётро 3 баробар зиёд кард. Дар ҳолате, ки баъзе қабилаҳои паштунӣро аз пардохтани андоз тамоман озод ва ба қисми дигаре имтиёзҳо дода буд. М.Нодиршоҳ зери сиёсати тоза кардани ҳукумат асосан тоҷикони рушанфикру ватанпарастро қатлу зиндонӣ кард. Заминҳои тоҷикону ӯзбекҳо мусодира ва ба нархи ночизе, бо 7-8 афғонӣ, ба паштунҳо фурӯхта шуданд. Ба минтақаҳои тоҷикнишини Афғонистони шимолу гарб ва марказӣ паштунҳои зиёде муҳоҷир карда шуданд, ки ба ҳар хонаводаи онҳо аз 20 то 30 ҷириб замин дода мешуд. Ин сиё-

сат ба он овард, ки 60% деҳқонони тоҷик безамин ва камзамин гардиданд. Ин сиёсати рӯирости паштунгардонии тоҷикон аз тарафи ҳукумати Нодиршоҳ буд.

Сиёсати муқобилгузории қавму қабилаҳои ҳукумати Нодиршоҳ ба он овард, ки зидди ӯ сӯиқасд ташкил карда, ӯро соли 1933 қатл карданд. Ба сари ҳокимият Муҳаммад Зоҳиршоҳ омада сиёсати падарашро давом дод.

Дар солҳои 30-юм тоҷикони шӯравӣ (сокинони Ӯзбекистону Қирғизистон ва Қазоқистон) аз музаффариятҳои сотсиализм саргарм шуда, то рафт аз ҳаёти сиёсию ҷамъиятии ҷомеа бо халқҳои соҳибдавлат махлут шуда ба тақдири худ тан медодагӣ шуданд. Ӯзбекгардонии тоҷикони Ӯзбекистон пурзӯртар гардида бошад ҳам, пешравиҳои чашмраси иқтисодиву маданӣ сиёсати шовинистии ҳукумати Ӯзбекистонро мепӯшонд.

## Луғати истилоҳот

1. Ғалабаи сотсиализм-мафҳуми илмӣ, назариявӣ, ҳизбӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадание буд, ки солҳои 1917-1936 ҳамчун назарияи марксистии ҷамъиятӣ ва солҳои 1937-1970 ҳамчун мафҳуми илмӣ, назариявӣ ва иҷтимоии амалигашта дониста мешуд. В.И. Ленин таъмини ғалабаи сотсиализмро дар ҳалли масъалаҳои 1) саноатикунонии сотсиалистӣ, 2) коллективонии хоҷагии қишлоқ ва 3) инқилоби маданӣ шарҳ дода буд. Яъне мебоист моликияти умумихалқӣ-давлатӣ ва кооперативӣ - колхозии ба муносибатҳои истеҳсолию тафаккури сотсиалистӣ асосёфта бунёд мегардид. Ин се масъала дар солҳои 1925-1936 иҷро гарданд ва сотсиализм асосан сохташуда эълон гардид.

## САВОЛҲО:

1. Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон кай қабул шуда буд?
2. Ғалабаи асосан ва пурраи сотсиализм чӣ маънӣ дошт ва онро шарҳ диҳед?
3. Конститутсияи сотсиализми ғолиби Тоҷикистон кай қабул шуда буд?
4. Конститутсияи сотсиализми ғолиби Тоҷикистонро шарҳ диҳед?

Дарси 28. Дарси мустаҳкамкунӣ.

-Раванди саноаткунонии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он.

-Коллективонии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон ва давраҳои он.

-Мубориза синфӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 1929-1938.

Мавзӯи XI.

# ҶШС ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОН (1.08.1939-2.09.1945)

## §24. Тоҷикистон дар арафа ва давраи аввали Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ.

### а) Саноати ҷумҳурӣ дар солҳои пеш аз ҷангӣ.

Соли 1938, пеш аз оғози ҷанг, Тоҷикистон як давраи таърихии худро ҷамъбаст намуда ба сохтмони давраи пурра ва қатъии сотсиализм сар карда буд. Ҳатто нақшаи ин давраро ҳам дошт, ки ибтидои сохтмони он ба давраи панҷсолаи сеюми тараққиёти хоҷагии халқи мамлакат барои солҳои 1938-1942, ки минбаъд ба таърих ҳамчун панҷсолаи пешазҷангӣ ворид гардид, рост омада буд.

Нақшаи ин панҷсола дар асоси пешрафти илми иқтисодӣ, сиёсӣ ва назарияви марксистӣ тартиб дода шуда буд ва инкишофи босуръати ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ ва ҳаёти ҷамъиятиро дар бар мегирифт.

Феврали соли 1939 анҷумани V ҲК(б) Тоҷикистон нақшаи панҷсолаи сеюмро муҳокима намуда қабул карда буд. Дар назар дошта шуда буд, ки дар ин панҷсола корҳои зерин иҷро карда мешавад:

-васеъ кардани саноати маъдани кӯҳии шимоли Тоҷикистон (металлҳои рангаи комплекси Қарамазор)

-ба истифода додани камбинати саноати кӯҳии Такоб, зиёд кардани истеҳсоли нефт ва ангишт, сохтмони ПБО-и Варзоби Поён ва Харангон, сохтмони якчанд корхонаҳои нав ва азнавсозии корхонаҳои вуҷуддоштаи саноати сабук, васеъ намудани базаи истеҳсолии саноати пахтатозакунӣ дар заминаи саноати умумиттифоқӣ дар назар дошта шуда буд.

Баробари ин дар Ҷумҳурӣ бояд саноати маҳаллӣ ва кооператсияҳои истеҳсолӣ инкишоф меёфт, ки вазифаи онҳо таъмин намудани аҳолӣ бо моли ниёзи мардум буд.

Дар соҳаи хоҷагии қишлоқ бошад, вазифа гузошта шуда буд, ки базаи истеҳсолӣ-техникии хоҷагии зироаткорӣ ва ҳосилнокии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ баланд бардошта шавад, шабакаҳои обёрӣ васеъ ва азхудкунии заминҳои нав дар водии Вахш давом дода шавад. Дар соҳаи маданият бошад, вазифаи асосии панҷсола ин баланд бардоштани маърифати маданнии меҳнаткашон буд.

Синфи коргари тоҷик аз ибтидои соли 1939 ба иҷро намудани нақшаҳои панҷсола сар кард. Коркунони ПБО-и Варзоб ба тамоми коргарони ҷумҳурӣ муроҷиатнома қабул намуда, онҳоро ба меҳнати зарбдорона барои иҷрои нақшаи панҷсола даъват карданд. Ин ташаббус номи мусобиқаи сотсиалистӣ ба шарафи панҷсолаи сеюмро гирифт. Кӯҳканони Шӯроб, нефтчиёни Исфара, бофандагони Хуҷанду Душанбе, шарбатистеҳсолкунандагони Конибодом, коргарони заводҳои пахтатозакунӣ мунтазам нормаҳои истеҳсолии худро 1,5-2 баробар иҷро мекарданд. "Идораи якчанд дастгоҳ" ва "Омӯхтани якчанд ихтисос" шакли нави мусобиқа шуда буд.

Дар солҳои 1940-1941 дар саноати ҷумҳурӣ ба истифодаи захираҳою масолеҳи маҳаллӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум рӯ оварда шуд. Ба нақша гирифта шуда буд, ки ба воситаи кооператсияҳои истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ 27 корхонаи гуногуни истеҳсоли моли сермасрифи ниёзи мардум сохта мешавад. Ва моли истеҳсолкардаи ин соҳа 3,1 баробар зиёд карда шавад.

Дар солҳои 1938-1941 дар ҷумҳурӣ корхонаҳои зерин: Комбинати маъдани кӯҳии Такоб, кони нави ангишт дар Шӯроб, ПБО-и Хоруғ, сехи нав дар комбинати гӯшти Душанбе, заводҳои пахтаи Регар ва Конибодом, фабрикаи пойафзол, заводҳои сафолакҳои бомпӯшии Душанбе ва Исфара, пивопазӣ ва сементи Душанбе пурра ба кор дароварда шуданд. Корхонаи нефтистеҳсолкунии "КИМ" аз нав таҷҳизонида шуда буд. Заводи озекеритӣ дар Селроҳа сохта шуд. Дар натиҷа истеҳсоли ангишт аз 18,7 х.т. ба 204х.т., нефт аз 26,6 ба 29,8х.т., истеҳсоли шоҳӣ аз 200 ба 254 тонна, пойафзоли чармин аз 139 ба 455х. ҷуфт, истеҳсоли матои пахта аз 01 ба 0,2 млн. метр, истеҳсоли равған аз 2,47х.т. ба 3,54х.т., истеҳсоли қувваи барқ аз 37,3 ба 62,1 млн.кВт расонида шуда буд. Шумораи синфи коргар ба 139х. расида буд. Барои таъмини хуби саноат бо қувваи корӣ соли 1940 дар Тоҷикистон Комитети давлатии захираҳои меҳнатӣ таъсис ёфт. Вале ҳанӯз ҳам дар истеҳсолот синфи коргари миллӣ ақалият буд. Коргари тоҷик дар сохтмонҳои иншоотҳои саноатӣ, бинокорӣ, роҳсозӣ, ва бофандагӣ бартарӣ дошт. Ҷумҳурӣ ба ҷумҳурии саноатӣ-аграрӣ табдил ёфта буд. Вале саршавии Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ба инкишофи бемайлони саноати ҷумҳурӣ бетаъсир намонд. Солҳои 1938-1941 нақшаҳои давлатии саноаткунонии Тоҷикистон ҳамчун қисми таркибии саноати ИҶШС тағйир ёфтанд. Акнун ба корхонаҳои аҳамияти мудофиавӣ дошта бештар аҳамият медоданд.

**б) Хоҷагии қишлоқ дар солҳои пешазҷангӣ.**

Ба шароити давраи ҷангӣ нигоҳ накарда хоҷагии қишлоқ ҳам рӯ ба пешравии босуръат намуда буд. Кишти ҳама намудҳои зироат ба 807ҳ. га, ки нисбати соли 1937 20ҳ. га ва нисбати соли 1913 -317ҳ. га зиёд аст, расида буд. Кишти пахта бошад, 4 баробар зиёд шуда ҳосилнокии он ба 18 сентнер аз гектар расонида шуда буд.

Дар инкишофи хоҷагии қишлоқ роли ҳалкунандаро Пойгоҳҳои мошинӣ-тракторӣ ПМТ (МТС)-ҳо мебозиданд. Ҷумҳурӣ соли 1940 51 ПМТ дорои 3407 трактор буд. Ин ПМТ 23% шудгори тирамоҳӣ, 41% баҳорӣ, 5% кишти галладона, 82% кишти пахта ва фақат 6% ҳосили галладонаро ҷамъоварӣ мекарданду халос.

Дар солҳои 1938-1941 дар ҷумҳурӣ корҳои калони обёрикунӣ гузаронида шуда буд. Ба тариқи ҳашари умумихалқӣ канали калони Фарғона навбати якуми он дар мӯҳлати 25 рӯз, ки дарозиаш 46 км. буд дар ҳудуди ноҳияҳои Исфараю Конибодом сохта шуд. Зимистони соли 1939-1940 навбати дуюми канали калони Фарғона дар 50 рӯз сохта шуд, ки қисмати Тоҷикистонии он 79 км буда то 50 ҳ. ҳашарчиён иштирок доштанд. Соли 1940 канали шимолии Фарғона сохта шуд, ки қисмати Тоҷикистонии он 60 км буда, асосан ноҳияи Аштро дар бар мегирифт. Соли 1940 бо ҳамин усули умумихалқӣ канали калони Ҳисор сохта шуд.

Дар солҳои пешазҷангӣ шабакаҳои обии водии Вахш ҳам беҳтар карда шуда буданд. Ин ҳама ба пешравии ҳама соҳаҳои хоҷагии қишлоқ овард. Натиҷаи ин пешравӣ аз иштироки Тоҷикистон дар намоишгоҳи комёбиҳои Хоҷагии Халқи ИҶШС хубтар намоён мегардад. Солҳои 1939 дар намоишгоҳ 288 колхози ҷумҳурӣ ва 1488 пешқадамони хоҷагии қишлоқ иштирок доштанд. Соли 1940 бошад 409 колхозу 3459 пешқадамон иштирок карданд.

**в) Ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон.**

Вазифаи асосии маорифи халқи ҷумҳурӣ дар солҳои панҷсолаи сеюм ин - гузаштан ба таълими ҳатмии 7-сола дар деҳот ва 10 сола дар шаҳрҳо ва барҳам додани бесаводӣ дар байни калонсолон буд. Дар арафаи ҷанг дар ин соҳа қадамҳои аввалин гузошта шуда буд. Дар ҷумҳурӣ дар соли хониши 1940-1941 2628 мактаб дорои 303 ҳ. талаба вуҷуд дошт. Аз ин миқдор 66 мактаби миёнаи дорои 3,6 ҳ. талаба амал мекард. Мактабҳо дар ин давра нисбатан хубтар бо муаллиму воситаҳои таълимӣ таъмин гардида буданд. Дар бар-

ҳам додани бесаводӣ дар байни калонсолон ҳам кори зиёде карда шуда буд. Дараҷаи саводнокии аҳолӣ аз 3,8% соли 1926 ба 82,8% дар соли 1939 расида буд.

Дар соли 1938-1941 шумораи мактабҳои олӣ ҳам зиёд гардид. Дар 6 мактаби олии ҷумҳурӣ 8000 донишҷӯ таҳсил мекард.

Дар ҳаёти илмии ҷумҳурӣ ҳам пешравиҳо дида мешуд. Соли 1941 Базаи Тоҷикистонии АИ ИҶШС ба Шӯъбаи АИ ИҶШС табдил ёфта дар пажуҳишгоҳҳои тадқиқотии он доир ба омӯзиши канданиҳои фоиданок, парвариши растаниҳои хоҷагии қишлоқ, навъҳои нави пахта ва чорвои хушзод, тадқиқи таърих ва осори адабии халқи тоҷик корҳои зиёде ба анҷом расонида буданд.

Дар ҷумҳурӣ хизмати тиббӣ пеш рафт. Дар хизмати аҳолӣ 121 касалхона, 222 муассисаи амбулаторӣ-муолиҷавӣ, 273 нуктаи ёрии фелдшерӣ-амбулаторӣ, 53 муассисаи машваратии занону кӯдакон ва табибони зиёде хизмат мекарданд.

Санъати тоҷик ҳам бештар характери оммавӣ ва соҳаи талаботи маънавии омма гардид. Композиторони тоҷик: З. Шаҳидӣ, Ф. Солиев, Н. Пулатов, Ш. Бобокалонов, А. Камолов, иҷрокунандаҳо: Т. Фозилова, С .Тӯйбоева, Г. Бақоева, Р. Ғолибова, А. Бурҳонов ном бароварда буданд.

Театри тоҷик ҳам ба намоишномаҳои операи "Шӯриши Восеъ", "Коваи Оҳангар", "Ду гул", песаҳои "Камбағалӣ айб нест", маълум гардида буд. Дар солҳои 1938-1941 дар ҷумҳурӣ 81 рӯзнома, 9 маҷалла, 401 китобхона, 23 театр, 512 муассисаи клубӣ, 114 дастгоҳи кинонамоишдиҳӣ дар хизмати халқ буд.

## САВОЛҲО:

1. Солҳои пешазҷангӣ дар Тоҷикистон кадом панҷсола амал мекард ва кадом вазифаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданиро бояд ҳал мекарданд?
2. Саноати Тоҷикистон дар арафаи ҷанг дар кадом ҳолат қарор дошт?
3. Дар арафаи ҷанг хоҷагии қишлоқ дар кадом вазъият буд?
4. Сохтмонҳои калони ба тариқи ҳашар сохта шудаи арафаи Ҷанги Бузурги Ватаниро номбар кунед?
5. Дастовардҳои ҳаёти маданиии арафаи Ҷанги Бузурги Ватаниро номбар кунед?

## §25. Сабабҳои асосӣ ва раванди сар задани Ҷанги Дуюми Ҷаҳон.

### а) Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ ва роҳи ҳалли он.

Бӯҳрони иқтисодие, ки солҳои 30-юм ҷаҳони капиталистиро фаро гирифта буд, баъзе давлатҳоро ба роҳи милитаристии тараққиёт овард. Пеш аз ҳама Германия, Италия ва Япония ин бӯҳронро бо роҳи ҳарбигардонии иқтисодиёт нисбатан сабук паси сар карданд. Вале ҷаҳони капиталистӣ ба худ наомада соли 1937 боз бӯҳрони нав сар зад. Ин дафъа ҳам ИМА, Франция ва Англия таъсири онро бештар ҳис карданд. Германия, Италия ва Япония бошанд, боз роҳи яроқнокшавии бошитоб ва тайёр кардани ҷангро пеш гирифта, таъсири бӯҳронро камтар эҳсос карданд.

Солҳои 1938-1939 Германия Австрияро забт намуда, вилояти Судети Чехословакияро ба худ ҳамроҳ кард. Япония бошад, дар Хитой ва Муғулистон ҷангро сар карда, вазъияти байналхалқии ҷаҳониро вазнинтар гардонд. Дар ноором гардидани вазъияти байналхалқӣ ҳукуматҳои ИМА, Франция, Англия ҳам "кӯмак" карда буданд. Дидаю дониста онҳо сари роҳи фашизмро нагирифтанд. Баръакс, ба зидди ИҶШС равона кардани фашизм ва милитаризмро тарафдорӣ карданд. Яъне, давлатҳои капиталистӣ зиддиятҳои худро бо роҳи ҷанг андохтани Германияро зидди ИҶШС ҳал карданӣ буданд. Аз ин рӯ, ҳукумати ИҶШС-ро зарур буд, ки муносибату мавқеи байналхалқии худро муайян созад. То соли 1939 ИҶШС бо Хитой, Муғулистон, Полша, Чехословакия, Англия, Франция, ИМА шартномаҳои гуногун дошт. Вале ин шартномаҳо садди роҳи фашизм шуда наметавонистанд. Таҳдиди ҷанги ҷаҳонӣ реалӣ буд ва меъмори асосии он Германия ва баъд Англияю Франция ва ИМА буданд. ИҶШС хост иттифоқи (коалицияи) зидди фашизмро аз ҳисоби давлатҳои муқтадир ИМА, Франция ва Англия ва баъзе дигарҳо (Полша, Чехословакия, Руминия) ташкил диҳад. Ин масъала дар доираи вазирони корҳои хориҷии ин мамлакатҳо муҳокима шуда буданд. Вале ба амалӣ гардидани ин нақша ҳеҷ яке аз онҳо нақӯшиданд. Баръакс, Франция, Англия, ИМА ба Германия фаҳмонданд, ки ба амалӣ гардидани нақшаи ибтидоии васеъ шудани сарҳади Германия (аз ҳисоби Австрия ва Чехословакия) халал намерасонанд. Ва ҳамин тавр ҳам шуд. Германия бе эълони ҷанг 12 марти соли 1938 қӯшуни 300 ҳазораашро ба Австрия даровarда 13 март Австрияро қисми Германия эълон кард. Бетарафии Франция ва Англия дасту пои Германияро кушоданд. Қур-

бонии ояндаи давлатҳои муқтадир Чехословакия гардид. Дар вилояти Судети Чехословакия аҳолии олмонзабон зиндагӣ доштанд. Натсистҳои ин вилоят баҳори соли 1938 бо талаби ба ҳайати Германия дохил шудан баромад карданд. Ин вилояти саноатии калонтарини Чехия буд. Германия талаби натсистҳоро маъқул ёфт ва барои амалии он тайёрии ҳарбӣ ҳам дид. Германия Судетро ишғол кард. Бо ҳамин усул соли 1938 ва ибтидои соли 1939 Германия даъвои мулкҳои алоҳидаи Полша (Дансиг), Белгия (Эёпел-Мальмеда), Франция (Элзасу- Лотарингия) кард. Аз ин ҳам қатъитар, 15 марти соли 1939 зери фишори Гитлер ҳукумати Чехословакия аҳди ба тобеи Германия дохил шуданро имзо кард. Чехия ва Моравия ба протекторат ва баъд тамоман ба Германия ҳамроҳ карда шуд. Словакия ба мустамлика табдил дода шуда Закарпатияи Украина ба Венгрия гузашт. Чехословакия ҳамчун давлат аз байн рафт. Дар ин давра ягона давлате, ки бо чорабиниҳои конкретӣ барои сари роҳи чунин ҳодисаҳоро гирифтан баромад мекард, ИҶШС буд. Ҳукумати ИҶШС ба ҳамроҳкунии Австрия ва тақсими Чехословакия эътироз карда, ҳатто ёрии худро пешниҳод намуда буд. Вале ҳукуматҳои Чехословакия ва Полша ин ёриро истифода накарданд. Бештар, ҳукуматҳои Ғарб мекӯшиданд, ки мошини ҳарбии Германияро зидди ИҶШС равона кунанд.

Англия ва Франция мехостанд, ки дар Европа бе иштироки ИҶШС таносуби қувваҳоро бо иттифоқи Германия дар мувозинат нигоҳ доранд ва бо Германия "дӯст" монанд. Онҳо ба Полша, Руминия ва Юнон шартномаи ёрии ҳамдигарро дар ҳолати сар задани ҷанг бо яке аз тарафҳоро бастанд. Вале ин сари роҳи Германияро нагирифт. Моҳи апрели соли 1939 Италия Албанияро забт намуд. Германия шартномаҳои герману-англисӣ ва герману-полшагии солҳои 1934-1935 худро дар бораи ба ҳамдигар ҳуҷум накардан бекор эълон карда, 22 майи соли 1939 бо Италия шартномаи "Пакти пӯлодин"-ро имзо кард. Бо ин пакт таносуби қувваҳо дар Европаи Ғарбӣ ва Марказӣ пурра ба фоидаи иттифоқи Германия ва Италия анҷом ёфта буд. Вале Ғарб ин таносубро ба ҷанги зидди ИҶШС табдил доданӣ шуда аз пешниҳодоти ИҶШС дар ташкил додани бехатарии коллективона зидди фашизм бо ҳар роҳ дур мешуд. Намояндагони вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва мудофиаи ИҶШС шартҳою нақшаҳои иштироки худро дар таъмини бехатарии Европа чӣ дар гуфтушунидҳои алоҳидагӣ ва чӣ муштарак баён карда буданд. ИҶШС ӯҳдадорӣ меги-

рифт, ки агар Германия бо Франция ва ё Англия ҷанг сар кунад, тайёр аст, ки ба онҳо кӯмаки низомӣ расонад. Вале Ғарб ягон варианти маъқули ёрӣ ва иштироки худро дар ҳолати ба ИҶШС ва ҳамсояҳои наздибалтикии он ҳуҷум кардани Германия пешниҳод накарданд. Баръакс, то июни соли 1939 бо намояндагони гуногуни Германия гуфтушуниди худро давом доданд. Ҳатто ба тахияи нақшаи ҳамла ба ИҶШС ёрӣ ҳам расонданд. Англия бо Япония шартномаи дахолат накардан ба корҳои Япония дар Хитойро (июни соли 1939) баст. Ҳатто бо ташаббуси Ғарб Япония августи соли 1938 дар кӯли Ҳасан (ИҶШС) ва июли соли 1939 дар Халхин-Гол (Муғулистон) ба мақсади сар кардани ҷанги калон дасиса ташкил карданд. Дар ин ҳар ду дасиса Япония шикаст хӯрд. Нақшаи ташкили бехатарии Европоии пешниҳод кардаи Франция ва асосан Англия бехатарии Латвия, Литва ва Эстонияро дар назар надошт. Дар ҳар ҳолат ин давлатҳо метавонистанд аз тарафи Германия ё забт шаванд ё барои бо ИҶШС ҷангро сар кардан мавқеъ (платсдарм) шаванд. Дар ҳар ҳолат ИҶШС мехост, ки ӯҳдадорие, ки тарафайн мегиранд, барои ҳама тарафҳо баробар бошанд. Франция ва Англия талаб мекарданд, ки ёрии иқтисодӣ ва ҳарбии ИҶШС дар ҳолати аз тарафи Германия ё ягон давлати дигари зери таъсири Германия бо онҳо сар мекарда ҳатмӣ бошад, вале ёрии иқтисодӣ ва ҳарбии онҳо ба ИҶШС дар ҳолати сар задани ҷанги Германия ва ИҶШС ҳатмӣ, вале агар он ҷангро иттифоқчиёни Германия сар кунанд, аниқ набуд. ИҶШС, ки таҷрибаи чунин ёрии бо Чехословакияро медонист, ин тариқи шартномаи бехатарии коллективонаро намехост. ИҶШС ҳам ҳадафҳои худ ва ҳам ҷумҳуриҳои ҳамсояи ғарбии худ аз Балтика то Баҳри Сиёҳро дар назар дошт. Ин назари Ғарб дар рафти гуфтушунидҳои Москвагии августи соли 1939 бо ҳайати намояндагони ҳарбии Англия ва Франция маълум гардид. Маълум аст, ки гуфтушунидро ҳукуматҳои Франция ва Англия барои ба кӯчаи сарбаста бурдани ИҶШС истифода карда буданд. Ҳайати намояндагони онҳо ваколати имзо кардани ягон ҳуҷҷатро надоштанд. Аз ин рӯ, ИҶШС гуфтушунидро бо онҳо қатъ кард.

Дар муддате, ки ИҶШС бо Франция ва Англия гуфтушунид мекард, Германия ба ҳукумати ИҶШС се маротиба муроҷиат карда фаҳмонд, ки байни онҳо масъалае нест, ки ҳал нагардад. Ҳатто иброз доштанд, ки Германия тайёр аст дар бораи бехатарии ИҶШС аз Балтика то Баҳри Сиёҳ гуфтушунид кунад. Вале то 20 август ИҶШС ин таклифҳоро рад кард. Фақат баъди он, ки ҳис кард, ки гуфтушунид бо Англия ва Франция ба ягон натиҷа намеорад ва ИҶШС дар

холати танҳоӣ бо Германия ва Япония рӯ ба рӯ мемонад, гуфтушунидро бо Германия дар масъалаи ба ҳамдигар ҳуҷум накардан сар карда ба мӯҳлати 10 сол шартномаи ба ҳамдигар ҳуҷум накарданро ба имзо расонид. Ин шартнома таҷовузи Япония ва Германияро ба ИҶШС муваққатан ба таъхир партофт. Германия 1 сентябри соли 1939 ба Полша ҳуҷум кард. Дар асоси шартномаҳои вуҷуд дошта 3 сентябр Англия ва Франция ба ҷанги зидди Германия даромаданд. Вале ҷанги фаъолона нашуд. Германия Полшаро ба осонӣ шикаст дод. Ҳуҷум ба Полша ибтидои Ҷанги Дуюми Ҷаҳон гардид.

**б) Иштироки фиристодагони Тоҷикистон дар набардҳои аввали Ҷанги Дуюми Ҷаҳон (октябри 1939-марти соли 1940)**



Қарабоев Неъмат

1 сентябри соли 1939 Ҷанги Дуюми Ҷаҳон сар шуд. Сабаби саршавии ҷанг ин аз сари нав тақсим кардани ҷаҳони тақсимшуда буд. Ташаббускори ин тақсимот Германияи фашистӣ ва иттифоқчиёни ӯ Италия ва Япония буданд. Баҳонаи саршавии ҷанг ин ҳуҷуми Германия ба Полша гардид. ИҶШС ҳам ба ин ҷанг ҳамроҳ шуд. Ҳадафҳои асосии ба ин ҷанг ҳамроҳ шудани ИҶШС ин баргардондани Белоруси Ғарбӣ, Украинаи Ғарбӣ ва Бессарабияи Ғарбӣ ба ҳайати Белорус, Украина ва Молдова буд. Ин ҳудудҳо ҳоло соли 1918 мувофиқи шартномаи Брест ба ҳайати Полша, Венгрия, Руминия ва Германия дохил гардида буданд. Акнун ИҶШС аз вазъияти байналхалқии ба вуҷуд омада истифода бурда, ин минтақаҳоро баргардонидани шуд. Ва баъди ба ҷанги зидди Германия дохил шудани Англия ва Франция ИҶШС ҳам бе эълони ҷанг қӯшунҳои худро ба Белоруси Ғарбӣ, Украинаи Ғарбӣ ва Бессарабияи Ғарбӣ даровард. Ба ҳаракати қӯшунҳои шӯравӣ дар ин минтақа миллатгароён муқобилият нишон доданд. Вале қӯшуни шӯравӣ бе ягон душвории ҳарбӣ минтақаҳои номбурдаро ишғол намуд. Дар ин ҷангҳои кӯтоҳмуддат намояндагони Тоҷикистон ҳам иштирок доштанд. Аз ҷумлаи онҳо Ҳодӣ Кенҷаев, Фатҳулло Аҳмадов, Амиралӣ Саидбеков, Ӯрунбек Яъқубов, Олим Ҳакимов ва садҳо дигаронро номбар кардан мумкин аст. Ҳамаи номбаршудагон дар солҳои 1943-1945 ба унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сазовор гардидаанд. Тафсилоти корномаи ҷангии тоҷикистониён дар сарҳадҳои ғарбии ИҶШС ҳоло пурра омӯхта нашудааст. Вале ҷангномаи Неъмат Қарабоев дар рафти ҷанги ИҶШС бо Финландия (октябри соли 1939-марти соли 1940) маълум

аст. Ин ҷангро ИҶШС барои бехатар гардонидани шаҳри Санкт-Петербург сар карда буд. Чунин хатар вуҷуд дошт. Чунки Финландия ба мавкеи ҷангии Германия дар сарҳади ИҶШС табдил ёфта буд. Финҳо бо ёрии Германия ба ҷанги зидди ИҶШС тайёрии бевосита дида истода буданд. ИҶШС хост масъалаи бехатар гардонидани пойтахти шимолиаш-Санкт-Петербургро бо роҳи осоишта ҳал кунад. Ҳукумати ИҶШС пешниҳод кард, ки Финландия дар шимоли Санкт-Петербург дар масофаи 60 км. сарҳади худро ба шимол барад ва ҳамин қадар замин аз минтақаҳои дигар ба ӯ ҷудо карда мешавад. Вале ин масъала ҳалли худро ба хушӣ наёфт ва 28 июли соли 1939 қӯшунҳои шӯравӣ ҷангро сар карданд. Дар ин ҷанг тоҷикистониҳо ҳам иштирок доштанд. Якеи онҳо алоқачии ҳарбӣ Неъмат Қарабоев буд.

Дар дафтари корномаҳои Н. Қарабоев чандин лаҳзаҳои корнамоии ҷангии ӯ сабт аст. Ӯ дар рафти ҷанги зиёда аз се моҳа чандин бор ба вазъияти душвор рӯ ба рӯ шуда, мардонавор аз ҳалли онҳо баромадааст. Боре дастаи чандинкарата зиёди душманро мағлуб сохт. Дафъаи дигар, дар ҳолати ҷанги сахт алоқаи телефонии байни қисмҳоро барқарор намуд. Дар муҳорибае дар вақти барқарор намудани хатти алоқа бо 5 тан аскарони фин рӯ ба рӯ шуда бо граната онҳоро маҳв сохт. Дар ҷанги барои шаҳрчаи Виборг, ки аввали моҳи марти соли 1940 рӯй дода буд, Н. Қарабоев ҷасорати ҳарбӣ ва мардонагӣ нишон дода бо фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 21 марти соли 1940 ба унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сарфароз гардонда шуд. Ӯ аввалин тоҷикест, ки ба чунин унвон сарфароз гардидааст. Дар қатори ҷанговарони дигари шуҷоъ фарзанди дигари Тоҷикистон - ронандаи танк Усмон Акрамов низ буд.

## Луғати истилоҳот

1. Германияи фашистӣ-номи давлати миллитаристӣ-фашистии Германия дар солҳои 1933-1945.
2. Фашизм-калимаи лотинӣ, итолиёвӣ буда, маънои луғавиаш-даста (гурӯх), ташкилоти сиёсӣ аст, ки он дар давраи кризиси умумии ҷаҳони капиталистӣ дар Италия (солҳои 1922-1943), Германия (1932-1945) ва дигар иттифоқчиёни онҳо то соли 1945 ҳамчун сохтори сиёсии давлатдорӣ бунёд карда буданд. Фашизм-ин ҷанг. зӯроварӣ, мубориза зидди ҳама гуна муборизаи озодихоҳӣ ва истиқлолият буд. Шиори фашизми Германия ин шиори миллатгарой, расистӣ, ҷангҷӯёна ва забткорона буд. Тамоми ақидаи фашистонаи худро А. Гитлер дар китобаш "Mein Kampf" (1925) зикр намуда буд. Усули амали ақидаашро фашизми Германия истифодаи шиорҳои дигарон қарор дода, то ки моҳияти сиёсии сиёсати худро пардапӯш намояд. Гитлер шиори миллӣ-иҷтимоиро истифода бурда буд. Ақидаи национал-социализми гитлерӣ сиёсати пешвой, "фюрерӣ"-ро ба вуҷуд овард. Соли 1933 А. Гитлер фюрери Германия гардид.

## САВОЛҲО:

1. Кризиси иқтисодӣ ва сиёсии солҳои 30-юм кадом мамлакатҳоро фаро гирифта буд?
2. Сиёсатмадорони давра ҳалли онро дар чӣ диданд?
3. ИҶШС бо кадом амалҳояш роҳи фашизм ва ҷангро гирифтанӣ буд?
4. ИҶШС бо кадом давлатҳо гуфтушунид кард ва кадом масъалаҳоро пеш гузошт?
5. ИҶШС бо кадом давлатҳо шартномаҳои бехатарӣ баста буд?
6. Ҷанги Дуюми Ҷаҳон аз кадом воқеъа сар зад?
7. Тоҷикон дар муҳорибаҳои солҳои 1939-1940 магар иштирок доштанд?
8. Аввалин Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ аз тоҷикон кӣ буд?

# МАВЗӮИ XII.

# ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНИИ ИҶШС (22.06.1941-9.05.1945)

## § 26. Тоҷикистон дар давраи аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ (22 июни соли 1941 - сентябри соли 1941)

### Сабабҳои асосии сар задани ҶБВ ИҶШС.

Сабаби асосии сар задани ҷанги байни Германияи фашистӣ ва ИҶШС, ки он ба Ҷанги Бузурги Ватании ИҶШС табдил ёфт, пеш аз ҳама вуҷуд доштани зиддияти байни сохтори сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маданиии бо ном сотсиалистӣ, ки ба моликияти умумихалқи - давлатӣ ва кооперативӣ - колхозӣ ва ҳамчун давлат ва ҳукумат ба давлат ва ҳукумати ба диктатураи авомонаи синфи коргару деҳқон ва зиёии аз онҳо баромада ва ба назарияи марксистӣ - ленинии хусусияти ҷаҳонӣ гирифта истода такя дошта ва ҷаҳони капиталистӣ, ки ба моликияти хусусӣ, хукмронии капитали монополистӣ ва назарияи идеалистӣ - буржуазии ба капитал ва зӯрӣ асосёфта ба ҳисоб мерафт. Империалистони Европаю Осиё ва Америка Ҷанги Дуюми Ҷаҳонро оғоз намуда, тавонистанд, ки онро ба ҷанги зидди сотсиализм - душмани ашадии худ равона созанд. Сабабҳои дигари Ҷанги Бузурги Ватанӣ ин ёрии амалии ИҶШС ба ҳамагуна иттиҳоди зиддифашистӣ ё германии давлатҳое, ки холо ба ҳуҷуми фашизм дучор нагардида буданд, дар ҳамон соли 1941 танҳо мондании ИҶШС ва билохира, бе шикасти ИҶШС Германия наметавонист, ки дар Европа нақшаҳои худро амалӣ созад, ба ҳисоб мерафтанд. Аз тарафи дигар, шикасти ИҶШС ба Германия имконият медод, ки муқобилияти ҳарбӣ ва сиёсию байналмилалии Англия ва ИМА-ро бо осонӣ ҳал намояд. Сабаби дигари ин ҷангро дар шароити мусоиди фазои байналмилалии барои Германия, ки онро ба ҷанги зидди ИҶШС хидоят мекарданд ва шароити вазнини дохилии ба таъқиботи сталинӣ гирифтору аз ҷиҳати ҳарбӣ ба ҷанги калон тайёр набудани ИҶШС ташкил медоданд.

### а) Дар ибтидои ҷанг

Субҳи 22 июни соли 1941 Германияи фашистӣ бо қувваи зиёди ҳарбӣ: 5,5 млн. аскар, ки иборат аз 190 дивизия буд, ба ИҶШС ҳуҷум овард.

Дар ҳайати ин лашкар қӯшунҳои Венгрия, Италия, Руминия ва Финландия ҳам буданд. Дар як вакт Германияи фашистӣ дар тӯли зиёда аз 3000 км сарҳадро вайрон карда, ба хоки ИҶШС 5,5 млн. аскар, 3712 танк, 4950 самолётҳои ҷангӣ, 47260 тӯп ва миномётҳоро ба кор даровард. Германияи фашистӣ ҷанги барқосоро гузаронида ва дар муддати то 2 моҳ қӯшунҳои шӯравиро шикаст додани буд. Германияи фашистӣ ба он умед дошт, ки ҷанги ногаҳонӣ ва барқосо Иттиҳоди Шӯравиро пароканда ва шикасти ҳарбии онро метезонад. Вале фашизм ба нияти худ нарасид. Баръакс, ҳуҷуми аҳдшиканона Артиши Сурхи шӯравиро ҷасуртару дӯстии халқҳоро қавитар гардонид. Ягонагии қӯшуну халқро, ҷабҳаю (фронту) ақибгоҳро мустаҳкамтар гардонд. Ҳамаи халқҳои ИҶШС ва Артиши Сурхи қаҳрамони он аз дақиқаҳои аввали ҷанг ба ҷанги тан ба тану барои ҳаёту мамот бархостанд. Дар тамоми хати набардҳо аз баҳри Балтика то Сиёҳ қӯшунҳои шӯравӣ ба ҷанг даромаданд. Дар байни онҳо тоҷикон ҳам буданд. Ибтидои ҷанг, ки моҳҳои июн-октябри соли 1941-ро дар бар мегирад, қӯшунҳои шӯравӣ ҷангҳои мудофиавӣ намуда аз сабаби нобаробарии қувва ҷангкунон қафо менишаст. Ҷангҳои калон ва қаҳрамонона дар ин муддат дар Брест, Вилнюс, Смоленск, Киев, Одесса ва Севастопол ва ғайраҳо шуданд. Ҷанговарони тоҷик Акобир Маҳмудов, Маҳмадҷон Абдувалиев, Шукур Раҳмонов ҷангро дар Брест оғоз намуда қаҳрамонона ҳалок гардидаанд. Аз рӯзҳои аввали ҷанг Мирзоев Н.И. дар Украинаи Ғарбӣ; Эргаш Саидов, Э. Рӯзиев, Ҳ. Кенҷаев (баъд Қаҳрамонони Иттиҳоди Шӯравӣ), М. Олимҷонов дар Бело-



Байрақи ҷангии дивизияи 20-уми Саворагарди кӯҳӣ.



Карим Аҳмедов


Сталин И.В.

рус; Мухтор Ёров дар Наздибалтика; Бобиев Мирзоалӣ дар Қрим; А. Ҳоҷибоев дар соҳили Неман меҷангиданд. Ҷангномаи ҳамаи номбаршудагон дар таърихи ибтидои ҷанг сабт шудааст.

Аз ҷангномаи фиристодагони Тоҷикистон дар ибтидои ҷанг номҳои Ҳодӣ Кенҷаев дар муҳорибаи Смоленск, Н. Илёсов дар Керч хело машҳур аст. Дар ҷанг барои Смоленск Ҳ. Кенҷаев барои шуҷоати ҷангӣ нишон доданаш бо медали "Барои шуҷоат" мукофотонида шуда буд. Н. Илёсов бошад, ҳамроҳи ҳамяроқонаш дар гарнизони зеризаминии (корхонаи сангрезакунии) Азимушкаи Керч зиёда аз чор моҳ муқобилият нишон дод.

6 июли соли 1941 тӯпчии ӯротеппагӣ М. Иброҳимов қаҳрамонии бемислу монанд нишон дода, дар як муҳориба 14 автомашина ва 6 танки душманро маҳв кард. Барои ин корнамоӣ ба ӯ ордени Ленин доданд ва ӯ аввалин тоҷикест, ки ба чунин мукофоти олӣ ноил гардидааст.

Эргаш Рӯзиеви хуҷандӣ ки ӯ ҳам тӯпчӣ буд, дар вақти қафонишинӣ ҳамроҳи 11 нафари дигар ба муҳосира афтода 13 шабонарӯз дар қафои душман ҷанги тан ба тан карда, аз муҳосира баромад. Барои ин корнамоӣ ва ҷасоратҳои минбаъда ӯ аз дасти маршал Чойболсан мукофоти олии Муғулистон - ордени "Ситораи Қутб"-ро гирифта буд.

Номи фарзандони тоҷик А. Собиров, К. Хушвақтов, А. Қаландаров, Г. Нуров, Ш. Назаров ва ҳазорони дигар дар таърихи ибтидои ҷанг сабт аст.

**б) Ба давраи ҷангӣ мутобиқ гардондани хоҷагии халқ.**

Сиёсати саноаткунонии пешазҷангии Тоҷикистон имконият дод, ки дар давраи ҷанг иқтисодиётро ҳарчи тезтар ба манфиату талаботи ҷанг мутобиқ гардонда, таносуби мавҷудаи инкишофи соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолот тағйир дода шавад. Ин кори осон набуд. Вале иқтисодиёти ба муносибатҳои истеҳсолии сотсиалистӣ (умумихалқӣ-давлатӣ) асосёфтаи планӣ, имконият дод, ки дар сохтори қувваҳои истеҳсолкунанда ва захираҳои меҳнатӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал бароварда шавад. Бо назардошти талаботи давраи ҷанг саноати элект-

роэнергетика, сӯзишворӣ, абрешим, дӯзандагӣ, чарму пойафзол, гӯшт, равғанкашӣ, консерва ва матоъ соҳаҳои асосӣ ва аҳамияти давлатӣ-стратегӣ доштаи ҷумҳурӣ эълон шуда буданд.

Дар хоҷагии қишлоқ мебоист истеҳсоли ғалла ва саршумори чорво зиёд карда мешуд.

Аз рӯзҳои аввали ҷанг саноати дӯзандагӣ, коркарди металл, шоҳибофӣ, сӯзишворӣ, консервабарорӣ ва истеҳсоли спирт ба саноати ҳарбӣ тобеъ карда шуданд. Баъзе корхонаҳо таҷҳизонида шуда, ба истеҳсоли қисмҳои эхтиётӣ ва тиру тӯп, минаҳои зиддитанкӣ ва минаҳои шинокунанда сар карданд. Охири соли 1941 комитети давлатии эвакуатсионии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки вазифааш қабул, васл ва ба кор андохтани корхонаҳои аз минтақаҳои ҷанг ва ё наздиҷангӣ кӯчонида шуда иборат буд. Ин корхонаҳо дар Душанбе, Хуҷанд, Исфара, Конибодом васл карда шуда буданд. Аз нарасидани қувваи коргарӣ ва инженер-техникӣ, муаллимон, давлат лимити баъзе касбҳоро ҷорӣ кард, ки онҳоро ба армия даъват намекарданд. Рӯзҳои истироҳату рухсатиҳои меҳнатӣ бекор ва рӯзи кории ҳатмии 10 соата ҷорӣ карда шуда буд. Тоҷикистон ба вазъи ҳарбӣ гузашт. Шиорҳои асосии ибтидоии ҷанг «Ватан-модар даъват мекунад» ва «Ватани сотсиалистӣ дар хатар аст» гардида буданд.

### Луғати истилоҳот

1. "Ватан-модар даъват мекунад!" -шиор-плакати даврай Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, ки дар ҳама ҷойҳои ҷамъиятӣ ва корхонаҳо часпонда шуда буд.
2. "Ватани сотсиалистӣ дар хатар аст"-ин ҷумла мафҳуми шиори партофтаи Шӯравӣ дар солҳои ҷанги гражданин солҳои 1918-1920 буд, ки онро В.И. Ленин навишта буд. Ин шиор солҳои 1941-1945 ҳам истифода шуда буд.
3. Гитлер-насаби аслиаш Шикелгрубер Адолф (20.04.1889-май 1945) роҳбари Партияи миллӣ сотсиалистии Германия (1919-1945), сардори давлати фашистии Германия (1933-1945).

### САВОЛҲО:

1. Барои чӣ Германияи фашистӣ 22 июни соли 1941 ҷангро сар кард, фаҳмонед?
2. Тоҷикистониҳо дар кадом муҳорибаҳои аввали ҷанг иштирок доштанд?
3. Барои чи қӯшунҳои шӯравӣ қафонишинӣ мекарданд?
4. Барои чӣ ин ҷангро ҷанги ватанӣ номиданд?

## § 27. Иштироки тоҷикистониён дар муҳорибаҳои калонтарини давраи дигаргуниҳои қатъй дар рафти Ҷанги Бузурги Ватанӣ (сентябри соли 1941 - декабри соли 1943)

### а) Иштироки тоҷикон дар муҳорибаҳои калонтарини ҶБВ.

Муҳорибаи назди Москва (сентябри соли 1941 - апрели 1942). Дар ин муҳориба дар қатори қӯшунҳои ИҶШС инчунин дивизияи 20 савораи дар Тоҷикистон таъсисёфта иштирок дошт. Ин дивизия дар набардҳои роҳи Волокаламск корнамоӣ нишон додааст. Вакте ки як гурӯҳ танкҳои немис хати ҷабҳаро (фронтро) рахна карда ба роҳи Волокаламск (ҳозира хиёбони Ленинград) баромаданд, дивизия фармон гирифт, ки танкҳоро нобуд созад. Аз ӯҳдаи ин фармон бо сарбаландӣ баромад. Дар муҳорибаи Москва 150 нафар аскару афсарони ин дивизия ба мукофотҳои гуногун сазовор шудаанд. Барои қаҳрамонӣ дар ҷанг тӯпчии шуҷоъ Муҳаммад Иброҳимов бо ордени Ленин мукофотонида шуд. Адиби умедбахши тоҷик Абдушукур Пирмуҳаммадзода қаҳрамонона ҷангида ҳалок шуд. С. Улуғзода, Р. Ҷалилов, И. Обидов, Б. Искандаров низ корнамоӣ нишон додаанд.

**Муҳорибаи Сталинград (1942-1943).** Муҳорибаи Сталинград машҳуртарин набарди солҳои Ҷангӣ Бузурги Ватанӣ буд. Фиристодагони Тоҷикистон дар тамоми давраи ин набард иштирок кардаанд. Корнамоии "Хонаи Павлов" ҳам бе номи тоҷик набуд. Дар қатори 18 ҷанговарони ин "Хонаи Павлов", ки командирашон сержант Павлов буд, Аҳмад Турдиеви тоҷик ҳам буд. Дар муҳорибаи Сталинград то 2,5 млн. аскар, 1,5 ҳ. танк, 2,5 ҳ. самолёт, 20-25 ҳ. тӯп иштирок доштанд. Талафоти Германияи фашистӣ хело калон буд. Душман қариб 800 ҳ. аскар, 2 ҳ. танк, зиёда аз 10 ҳ. тӯп, 3 ҳ. самолёт талаф дод. Фиристодагони Тоҷикистон О. Холматов, Б. Сиддиқов, А. Ҳакимов, К. Каримов, Б. Бегматов, Н. Мирзоев, И. Назаров, Ҳ. Раҳимов, Ф. Ниёзӣ, С. Иброҳимов, М. Муқимӣ, Т. Ҷӯраев, А. Эшматов, А. Устоев қаҳрамонӣ нишон додаанд. Дар ин муҳориба колонаи танкии "Колхозчии Тоҷикистон" ва эскадрилияи "Колхозчии Тоҷикистон", ки бо пули ҷамъовардаи колхозчиёни Тоҷикистон сохта шуда буданд, ба ҷанг даромаданд. Анвар Қаландарови ғармӣ дар ин муҳорибаҳо ҳамчун командири танки вазнин "КВ" ҷангидааст. Ӯ бо ордену медалҳои Ҷанги Ватании дараҷаи 1, Ситораи Сурх ва "Барои муҳорибаи Сталинград" сарфароз гардид.

Дар рафти амалиётҳои ҷангӣ баъди Сталинград тоҷикписар Маҳмадшариф Шарипов дар озод кардани шаҳри Харков корнамоии бе-

мислу монанд нишон додааст. Ӯ бо тани худ нуқтаи оташфишони (ДОТ-и) душманро пӯшондааст.

Рӯҳияи ҷангии тоҷикистониёнро мактуби меҳнаткашони ақибгоҳ бо номи "Мактуб ба ҷанговарони тоҷик аз халқи тоҷик", боз ҳам баланд кард. Дар ин мактуб, ки аз ном ва имзои 390 ҳ. меҳнаткашон навишта шудааст, омадааст:



Эрҷигитов Тӯйчӣ

«Фарзандон, шавҳарон, бародарони азиз» ҷанговарони диловари мо!

...Вакте, ки мо калимаи ватанро дар забон меорем, дар пеши назари мо на танҳо водии зархези Вахш, на танҳо боғҳои себу зардолузори Ленинобод, на танҳо кӯҳҳои барфини сар ба фалак печидаи Помир, балки низ манзараҳои рангоранг ва кабуди ҷангалистон ва дарёҳои сероби Россия, мавҷи хӯшаҳои гандуми майдони Украина, канораҳои рӯҳафзои баҳри Сиёҳ, кӯҳҳои афсонавии Кавказ ва гаҳвораи револютсияи Октябр-шаҳри азими Ленин ҷилва менамоянд.



Протопопов И.И.

Шумо дар куҷое, ки мубориза кунед хоҳ дар соҳилҳои дарёи Дон, хоҳ дар саҳроҳои Украина, хоҳ дар гирду атрофи Ленинград, Шумо Сталинобод, канораҳои дарёи Панҷ, кӯҳҳои Помир, водию саҳроҳои Вахш ва Ленинободро муҳофизат менамоед...

Мардписарони халқи тоҷик!

Шумо авлодони аҷдоду бобоҳои бузурги худ мебошед, ки онҳо ба муқобили истилогарон ва ғоратгарони аҷнабӣ баҳодурона ҷангидаанд.

Вакте, ки арабҳо дар асри VIII ба сарзамини мо ҳуҷум оварда, мехостанд ба тани халқи мо либоси сиёҳи мотам пӯшонанд, тоҷикон бо сардории лашкаркашҳои худ Абумуслим, Таҳмоспи Хӯҷандӣ, Ибни Муқаннаъ чандин сол машъали шӯришро фурӯзонда ҷангиданд. Темурмалики Хуҷандӣ ва Маҳмуди Торобӣ ба муборизаи халқ ба муқобили муғулҳои бадхашми истилогар роҳбарӣ намуданд.

Мо фахр мекунем, сарфароз мешавем, ки дар миёни Шумо монанди Қаҳрамони Союзи Советӣ Неъмат Қарабоев, ордендорон Муҳам-



Урозов Чутак



Ҳамзаалиев Исмоил

мад Иброҳимов, Ғозӣ Рашидов, Давронов, Шукрулло Шоев ва бисёр ҷанговарони дигари ба ҳамаи мамлакат машҳур ҳастанд.

Бовар кунед, ки мо ҳам дар фронти меҳнат ҳеҷ ақиб намемонем. Мо ҷонсупорона меҳнат карда истодаем, ки мамлакат ва Армияи Сурхи ҷонҷонамонро аз ҳама чизи зарурӣ таъмин намоем. Занон, модарон ва хоҳарони Шумо дар баробари мардон ихтисосҳои шавҳар, фарзанд ва бародарони ба фронт рафтаашонро бо муваффақият ёд оварда, бо тамоми қувваи худ ба Армияи Сурх ёрӣ расонда истодаанд, ки душмани палидро торумор кунад...

Ҷанговарони паҳлавони мо!

Шердилона ба пеш қадам занед, писарони маҳбуби Тоҷикистон!

Бо қаҳрамонӣ, шуҷоатмандии беҳад, ватандӯстии шӯълавари худ рӯзи ғалабаи мо ва мағлубияти душманро наздик кунед. Мо боварии комил дорем, дур нест он рӯз, ки Армияи Сурхи қаҳрамони мо... одамхӯрони гитлериро ба кулли торумор менамоянд.

Марг ба истилогарони немис!»

Имзо: ҷамъ 390 ҳазор. 20.11.1943 "Правда"

**Муҳорибаи Курск. (5 июл - 23 августи соли 1943)**

Ин ҷанги мудофиавии қӯшунҳои шӯравӣ буд. Германия дар камонаки Курск 900 ҳ. аскар, 2700 танк, зиёда аз 6 ҳ. тӯп, 3 ҳ. миномёт ва 2 ҳ. самолётро ба ҷанг даровард. Қӯшунҳои Шӯравӣ аввал душманонро бемадор сохта ва баъд ба ҳуҷум гузашта дар Белград ва Харков душманонро торумор намуданд. Дар муҳорибаи Курск тоҷикон корнамоиҳо нишон доданд. Исмоил Ҳамзаалиев ва Ҳодӣ Кенҷаев ба унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сазовор шуданд. Номҳои ҷанговарони тоҷик А. Қаҳҳорӣ, А. Яқубов, К. Назаров, В. Маҳмадов, Р. Хушвахтов, С. Ҳасанов, С. Шарипов вирди забон гардидаанд.

**Муҳорибаи Ленинград. (01.07.1941-10.08.1944)**

Муҳорибаи Ленинград зиёда аз 1125 рӯз ва муҳосираи Ленинград 900 рӯз (аз 8.09.1941 то 18.01.1944) давом ёфта дар муддати зиёда аз 3 сол қӯшунҳои зиёди (қариб 20%) душманро нигоҳ медошт. Дар ин муҳориба қариб 50 дивизияи душман торумор шудааст. Дар ин давра зи-

ёда аз 1 млн. 200 ҳ. ленинградиҳо аз хунукиву гуруснагӣ фавтидаанд. Фақат аз ноябри соли 1941 то октябри соли 1942 аз гуруснагӣ қариб 642 ҳ. нафар аҳолии шаҳри Ленинград фавтидааст. Аз ноябри соли 1941 сар карда дар рӯи яхи кӯли Ладога роҳи автомобилгард сохта шуд, ки "Роҳи ҳаёт" ном гирифта, Ленинградро бо мамлакат мепайваст. Ба воситаи ин роҳ зиёда аз 550 ҳаз. одам аз муҳосира баровардаю 361 ҳаз. тонна бор кашонда шуда буд.



Вакилони меҳнаткашони Тоҷикистон дар назди муҳофизони Ленинград (с.1943)

Дар байни ҷанговарон - муҳофизони Ленинград номи Тешабой Одилов ҳамчун мергани бомаҳорат машҳур гардид. Ӯ бо милтиқи снайперии худ фашистони зиёдро нобуд карда буд. Дар ин муҳориба фарзандони Тоҷикистон М. Шокиров, С. Бурҳонов, С. Мухторов бо ордену медалҳои ҷангӣ мукофотонида шуда буданд. Дар ин муҳориба 3 бародарон - тоҷикписарон Баҳриддин, Зайниддин ва Муҳаммад Осимовҳо иштирок доштанд.

Дар рафти муҳорибаи Ленинград тоҷикистонӣ Тӯйчи Эрҷигитов 5 октябри соли 1943 корнамоии А. Матросовро такрор намуда, бо тани худ нуктаи оташфишонии (ДОТ-и) душманро пӯшонидааст. Баъди ҳалокаташ ба унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ мушарраф гардидааст.

Тоҷикистон ба гуруснагони Ленинград ёрии калони пулӣ ва хӯрока фиристод. Аз ҷумла, фақат соли 1943 2,225 ҳ. сӯм пул, қариб 130 т. ғалла, 130 т. сабзавот, 80 т. меваи тару хушк, 2250 сар чорво фиристода буд.

**Муҳорибаи Днепр (август-декабри соли 1943)**

Дар вақти ҷангҳои соҳили Днепр ва убури он ҷангҳои сахту шадиде шуданд. Аз ду ҷониб қариб 4 млн. аскар, 64 ҳ. тупу миномёт, 4,5 ҳ. танк, қариб 5 ҳ. самолёт ба ҷанг дароварда шуда буд. Ташаббус дар дасти қӯшуни шӯравӣ буд. 26 август қӯшунҳои фронти Марказӣ ба ҷанг даромада, охири сентябр то соҳили Днепр расида, Украинаи соҳили чапи Днепрро озод намуданд. 12 октябр амалиёт барои озод кардани Киев ва соҳили рости Днепр сар шуд. Дар натиҷаи амалиёт-



Азизов Домулло



Кенҷаев Ҳодӣ



Яқубов Ӯрунбек

ҳои якҷоя душман то 450 км. дур партофта шуда, шаҳрҳои Киев, Запороже, Днепропетровск озод карда шуд. Дар ин муҳорибаҳо ба 2438 нафар унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ дода шуд, ки 11 нафарашон фиристодагони Тоҷикистон, аз ҷумла, С. Турдиев, Б. Давлатов, У. Ёқубов, Д. Азизов. Ҳ. Қосимов ва дигарон буданд.

Дар рафти муҳорибаҳои нимаи дуюми соли 1943 дар баланд гардидани рӯҳияи ҷангии ҷанговарони тоҷик қабули муроҷиатномаи митинги зиддифашистии намояндагони меҳнаткашони ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна роли калон бозид. Ин муроҷиатнома ҳам ба ҷанговарон ва ҳам ба ақибгоҳ бахшида шуда буд, ки матни онро мухтасаран меорем.

Муроҷиатномаи митинги зиддифашистии намояндагони меҳнаткашони Ӯзбекистон, Туркманистон, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон ба халқҳои Республикаҳои Ӯзбекистон, Туркманистон, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон.

«Халқҳои ҳамсоя!

Бародарони қирғиз, тоҷик, қазоқ, туркман ва ӯзбек саломи гарми моро қабул намоед!

Халқҳои бародарӣ!

Дар ин ҷанги озодкунӣ ва боадолат ҳар як ҷанговари Армияи Сурх аз ҳар миллате, ки бошад, ватани советии худ, замини азизи худ, хонаи падари худ, оилаи худро муҳофизат мекунад.

Фарзандони ҷанговари мо бо ҷанговарони халқҳои бародари советӣ дар як саф истода душмани шуморо қир карда, заминамонро аз қӯшунҳои фашистии немис тоза карда истодаанд.

Халқҳои азизи бародарӣ! Мо на барои ғуломӣ, балки барои озодӣ, на барои ашк, балки барои хушбахтӣ таваллуд ёфтаем!

Мо авлодони муборизони пуршарафи бахри озодӣ-авлодони Муқаннаъ, ...Ҷалолиддин, ...Восеъ, ...Манас, ...Амонгелдӣ-мо ба аҷдодони қаҳрамонамон сазовор буда, монанди онон фидокорона ва диловарона бар зидди сагони девонаи гитлерӣ барои тамоман торумор карда шудани онҳо мубориза бурда истодаем ва мебарем...»



Қосимов Ҳайдар



Турдиев Саидкул

## Луғати истилоҳот

1. "Ё марг ё ғалаба!"-даъват шиори аскарону афсарон ва партизанҳои Шӯравӣ, ки аз 22 июни соли 1941 машхур гардид. Бо ин шиор аскарони алохида взвод, рота, баталён, полк, дивизия ва фронтҳо ба ҷанг медаромаданд.
2. Колоннаи танкии "Колхозчии Точикистон"-коллонае, ки бо пули хайрияи колхозчиёни Точикистон сохта шуда буд. ташкили чун коллонаро бори аввал колхозчиёни вилояти Томбови ҶШФСР пешниход карда буданд. Ин таклиф дастгирии ҳукумат ва халқро ёфта ба маъракаи умумихалкие табдил ёфт. Онро коргарон, зиёиён, чавонон, пионерхо дастгирӣ намуда, аз Точикистон коллонаи танкии "Колхозчии Точикистон", "Муаллими халқи Точикистон", "Кооператори саноатии Точикистон", батареяи тӯпандозии "Колхозчии райони Ленинобод", эскадрилияи хавоии "Точикистони советӣ", тӯпи "Пионери Точикистон" сохта шуда ба фронт фиристода шуда буданд.
3. Колоннаи танкии "Комсомоли Точикистон", ки бо пули хайрия ва музди соату рӯз ва ҳафтаю моҳҳои аз рӯзи кори муқарарии комсомолон зиёдатӣ, сохта шуда буд, низ дар мухорибаи Сталинград ба ҷанг даромада буд.

## САВОЛҲО:

1. Дар бораи мухорибаи Москва ва иштироки точикон нақл кунед?
2. Саҳми тоҷиконро дар муҳорибаи Сталинград шарҳ диҳед?
3. Дар мухорибаи Курск аз точикистониҳо киҳо корнамоӣ нишон додаанд?
4. Аз мухорибаҳои Ленинград, Днепр ва корнамоии ҷангии тоҷикистониён чӣ медонед?

## § 28. Иштироки ҷанговарони тоҷикистонӣ дар муҳорибаҳои давраи анҷомёбии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва Ҷанги Дуюми Ҷаҳон (январи соли 1944 - 2 сентябри соли 1945)

### а) Муҳорибаҳои солҳои 1944-1945

Солҳои 1944-1945 дар таърихи Ҷанги Бузурги Ватании ИҶШС ва Ҷанги Дуюми Ҷаҳон, ки ҳамчун давраи ба охир расидани ҷанг маълум аст, фиристодагони Тоҷикистон ҳам саҳми худро гузоштаанд. Ин солҳо дар ҳайати қӯшунҳои шӯравӣ зиёда аз 10 ҳазор фиристодагони Тоҷикистон меҷангиданд. Ҷангҳои асосии соли 1944 ва 1945 барои озод намудани Украина, Белорус, Молдова, Полша, Чехословакия, Венгрия, Булғория, Югославия ва шикасти худи фашизм дар Германия мерафт.

Дар озод кардани Украина фиристодаи Тоҷикистон Исмат Шарипов корнамоӣ нишон дода ба унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сарфароз гардид.

Дар озод намудани Белорус С. Сейтвалиев, Чутак Ӯрозов, Фатҳулло Аҳмадов корнамоиҳо нишон дода сазовори унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ гардида буданд.

Дар муҳорибаҳо барои озод намудани Наздибалтика кӯлобӣ Сафар Амиршоев қаҳрамонӣ нишон дода, дар муҳорибаи назди Фолвари Лион июли соли 1944 бо батареяи худ бо 15 танки "Тигр" ва "Пантера"-и немисҳо ба ҷанг даромада, 5 танкро маҳв намуда дигаронашро ба қафонишинӣ маҷбур карданд.

Дар ин муҳориба С. Амиршоев ҳалок гардид. Баъди ҳалокаташ ба ӯ унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ доданд. Ҳоло қабри ӯ дар шаҳри Жетмарияи Литва гаубицаи ӯ низ бо 63 сӯрохӣ боқист.

Дар ҷангҳои Наздибалтика тоҷикон Раҳим Каримов, А. Раҳматов, А. Сафаров, Б. Чориев, К. Қодиров ва садҳои дигар бо ордену медалҳои ҷангӣ мукофотонида шудаанд.

Аз октябри соли 1944 сар карда, қӯшунҳои шӯравӣ ба ҳудудҳои Полша ва баъдтар Чехословакияю Венгрия ва Булғория дохил гардиданд. Дар ҳудуди Полша (Лаҳистон) Олим Ҳакимов ба унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ мушарраф гардидааст. Взводи ӯ дар муҳорибаи наздикии деҳаи Стараяи Варшава 4 танк ва даҳҳо аскари душманро маҳв сохта, 30 аскару 4 афсарро асир гирифтанд. Фатҳулло Аҳмадов низ қаҳрамонона ҷангида ба гирифтани унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сазовор гардид. Дар ҷангҳои Полша Назар Шафиев, А. Рафиев, П. Нуров, Ҳабиб Юсуфӣ корнамоиҳо нишон додаанд. Ба-

рои фатҳи Одер Раҳимбой Раҳматов ва Тӯйчӣ Назаров низ сазовори унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ гардидаанд. Дар озод намудани Чехословакия тоҷикписар Эргаш Шарипов дар муҳориба барои Прага корнамоӣ нишон дода сазовори унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ гардидааст.

Январ-марти соли 1945 қӯшунҳои шӯравӣ ба ҳудуди Германия расида, апрел-майи соли 1945 Берлинро ба муҳосира гирифтанд. Дар ин муҳориба тоҷикистониҳо ҳам саҳми худро гузоштаанд. Аз фиристодагони Тоҷикистон дар муҳорибаи Берлин Ф.Ф. Чепурин унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравиро гирифтааст. Пӯлод Атоев барои штурми рейхстаг ва Аҳмадҷон Рӯзиев барои дар дарвозаи Бранденбург часпондани Байрақи Сурх ордени "Шараф" гирифтаанд.

Аз муҳорибаи Берлин номҳои ҷанговарон Мастибек Тошмуҳаммадов, Исмоил Бурҳонов, Қаландар Ҳаитов ва садҳо дигарон маълуманд.

**б) Тоҷикон дар ҳаракати партизанӣ.**

Дар солҳои 1941-1945 тоҷикон дар ҳаракатҳои партизанӣ ҳам иштирок доштанд. Онҳо аксаран аз иҳотаи ибтидои ҷанг баромада натавониста ва ё аз "лагерҳои марги" фашистӣ гурехта ба дастаҳои партизанӣ дохил шудаанд. Ҳатто Ҷӯрабой Умаровро яке аз ташкилкунандагони отряди партизании ботлоқзори Кобрини Полесье ва М. Тоҳировро - дар деҳаи Юшкевичи шаҳри Кричев меҳисобанд. Номи тоҷиконро дар рӯйхати 53 соединенияҳои партизанӣ дучор шудан мумкин аст. Раҳмат Қаландарови ёвонӣ, Х. Азимови ленинободӣ дар вилояти Житомир; Ашӯр Арбобов ва Зариф Мирзорахимов дар ҳайати отряди А. Фёдоров; Мадалӣ Дӯсматов дар соединенияи А.Н. Сабуров; Сайҳомид Комилов, Г. Ризоев, Малик Назаров дар соединенияи Я.И. Мелник; Умарҷон Олимҷонови хӯҷандӣ дар бригадаи 4-ӯми партизании Ленинград; дар Брянск 6 нафар тоҷикон, аз ҷумла Ашӯрбой Раҷабов; дар Смоленск Қулӣ Бозоров; дар Твер И. Шарифов; дар Ставропол, А. Аҳмадов; дар Қрим Н. Назруллоев; дар Булғория М. Аҳмадов; дар Италия С. Қодиров ва С. Каримов партизанӣ кардаанд. Ҳама номбаршудагон бо орденҳои партизанӣ мукофотонида шудаанд.

Дар байни 27 асири аз Освенцим гурехта, Неъматулло Қобилов (рақами шахсиаш 9951) ҳам буд.

**в) Ҷанговарони Тоҷикистонӣ дар давраи ба охир расидани Ҷанги Дуюми Ҷаҳон (май - сентябри соли 1945)**

9 май Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки 46 моҳу 13 рӯз, ё 1418 рӯз давом ёфт, бо ғалабаи пурраи халқи шӯравӣ анҷом ёфт. Ҷанг дар қитъаи

Европа ҳам ба охир расид. 24 июни соли 1945 дар майдони Сурхи Москва Паради Ғалаба ҳам шуда гузашт. Вале ҳоло ҳам дар Осиё ҷанг ба охир нарасида буд. Охири июн ва аввали августи соли 1945 дар Потсдам Конференсияи байналхалқӣ бо иштироки давлатҳои ғолиб: ИҶШС, Англия, ИМА ва Франсия баргузор гардида, қарори дахлдор барои ҳалли масъалаи Япония қабул шуд. 9 август ИҶШС бо Япония ҷангро сар кард. Тоҷикон ҳам дар торумори Японияи милитаристӣ иштирок кардаанд. Дар рафти ин ҷанг муҳорибаҳои калон дар Манҷурия шуда буданд, ки фиристодагони Тоҷикистон Обид Собиров, Чароғ Қодиров, Саидов корнамоиҳо нишон дода бо ордени "Байрақи Сурх" мукофотонида шудаанд.

Японияи милитаристӣ ба фишори қӯшуни шӯравӣ ва артиши халқии Хитой тоб оварда натавониста, 2 сентябри соли 1945 Акти бечуну чарои таслимшавиро имзо намуд. Бо ҳамин Ҷанги Дуюми Ҷаҳон, ки 6 солу 1 моҳ (2220 рӯз) давом ёфт, ба охир расид.

Дар Ҷанги Дуюми Ҷаҳон занони тоҷик ҳам иштирок кардаанд. Ойгул Маҳмадҷонова, ки лётчики ҳавопаймоёни бомбаандози шабпарвоз буд, 93 парвози ҷангӣ анҷом дода, барҳо корнамоӣ нишон додааст. Ӯ барои қаҳрамонӣ бо ордени Ленин сарфароз шудааст. Зани тоҷик, афсари хизмати тиббӣ Шаҳрӣ Ҳайдарова, духтур С.М. Ниёзова ва садҳо дигарон иштирокчии набардҳои ҷанги хонумонсӯз буданд.

Дар фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ИҶШС зиёда аз 200 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон иштирок намуда, 54 нафарашон ба унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сазовор гаштаанд, ки 14 нафарашон тоҷиканд, 18 нафар дорандаи се дараҷаи Ордени Шараф мебошанд, 34 ҳазор нафар бо ордену медалҳои гуногуни ИҶШС мукофотонида шудаанд, даҳҳо нафар тоҷикон бо номи "Иван тоҷик" сазовори мукофотҳои миллии Муғулистон, Лаҳистон, Италия, Югославия ва Норвегия гардидаанд. Тоҷикон дар ҳайати қӯшунҳои озодибахши Франсия дар Алҷазоир бо сардории генерал де-Голь, дар Югославия бо сардории Иосиф Броз Тито ва ҳамчун гарибалдичӣ дар Италия зидди Германия ва фашизм ҷангидаанд.

Хулоса, Тоҷикистон дар торумори Германияи фашистӣ ва Японияи милитаристӣ саҳми худро гузоштааст. Ин саҳмгузорӣ боиси қурбонии зиёда аз 59 ҳазор ҷони тоҷикистониён гардидааст.

## САВОЛҲО:

1. Фиристодагони Тоҷикистон дар кадом муҳорибаҳои охири Ҷанги Дуюми Ҷаҳон иштирок кардаанд?
2. Қаҳрамонҳои давраи охири ҷангро номбар кунед?
3. Тоҷикон партизан доштанд? Ва дар бораи онҳо чӣ медонед?
4. Аз иштирокчиёни ҷангҳои зидди Японияи милитаристӣ киҳоро номбар карда метавонед?
5. Ҷанги Дуюми Ҷаҳон кай ба охир расидааст?
6. Барои чӣ 2 сентябрро рӯзи ба охир расидани Ҷанги Дуюми Ҷаҳон медонанд?
7. Дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ чӣ қадар одамони Тоҷикистон иштирок кардаанд?
8. Халқи тоҷик дар рафти ҷанг чанд нафар фарзандони худро талаф додааст?

## § 29. Меҳнати фидокоронаи халқҳои Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ

### а) Вазъияти иқтисодии ҷумҳурӣ

**Саноат.** Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ тамоми қувваи меҳнаткашони Тоҷикистон баҳри ғалаба бар душман равона шуда буд. Ҷавобан ба шиори "Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба" мардуми ҷумҳурӣ зарбдорона меҳнат мекард. Дар ин солҳо истеҳсоли молҳои саноатӣ ва кишоварзӣ афзун гардид. Дар вазъияти мушкили ҷанг сохтмони ПБО-и Варзоби Поён давом дошт. Заводи "Трактордеталл", заводҳои шир дар Душанбе ва Хуҷанд ба кор даромаданд. Ҳамагӣ дар солҳои ҷанг 20 корхонаи саноатӣ ба кор даромад. Шумораи коргарон аз 31000 дар соли 1940 дар соли 1945 то 32,2 ҳазор афзоиш ёфт.

Саноати бофандагӣ аз ҳисоби сохта ва ба кор андохтани комбинати бофандагии Душанбе (1942-1945) истеҳсоли матоъ 12 баробар, равғану панир ва шир 4,4 баробар, дӯзандагӣ, шоҳиворӣ, чарму пойафзол, гӯшту консерва, равған, муттасил пеш мерафт. Ин аст, ки 50% маҳсулоти саноатиро саноати сабук ва 31,2% саноати хӯрокворӣ ташкил медод. Дар саноати хӯрокворӣ бошад, аз 5,3 ҳиссаашро саноати ордкашӣ ва шаробкашӣ ташкил медод. Саноати хӯрокворини ҷумҳуриро 71 корхонаи калони: равған - 13, орду спирту пивокашӣ - 8, консерва -4, шаробкашӣ-4, гӯшт - 8, нонпазӣ - 26 ададро ташкил медод. Дар ин корхонаҳо 56% синфи коргари ҷумҳурӣ кор мекард.

Хоҷагии қишлоқ. Дар солҳои ҷанг маблағгузорӣ ба хоҷагии қишлоқ қариб 5 баробар кам шуд. Бо сабаби ба корҳои ҳарбӣ ҷалб шудани



Е.Н.Павловский - яке аз асосгузорони муассисаҳои илмӣ дар Тоҷикистон. Сарвари шӯъбаи Тоҷикистонии АУ ИҶШС.

техника ва транспорти ПМТ-ҳо иқтидори техникии онҳо паст фаромад. Пахтакорӣ кам шуду ғаллакорӣ, боғдорӣ, кирмакпарварӣ ва чорводорӣ зиёд гардид. Аз нарасидани техника,дасти корӣ, нуриҳо ҳосили намудҳои зироат паст фаромад. Ба ҳамаи ин душвориҳо ва тағйиротҳо нигоҳ накарда, Тоҷикистон мебоист худро ба ғалла таъмин мекард ва ба фронт ёрӣ ҳам медод. Деҳотро зани тоҷик, мӯйсафедон, наврасон ба шефӣ гирифтанд. Занҳо касбҳои мардонатракторчӣ, ронанда, ҷуфтрониро азбар намуданд. Агарчи истеҳсоли пахта аз 172, ҳ.т. соли 1940 ба 58 ҳ.т. дар соли 1943 фаромада бошад ҳам, меҳнати пахтакорони ҷумҳуриро ҳукумати умумиттифоқ ҳамчун ғалабаи меҳнатӣ эътироф карда буд. Деҳоти Тоҷикистон талаботи минималии худро бо ғалла таъмин мекардагӣ шуд.

Агар дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон пешгоҳ фронт бошад, дар ҳаёти иқтисодӣ-меҳнатӣ ақибгоҳ ҳам фронт буд, фронти корнамоиҳои меҳнатӣ. Деҳқонони тоҷик дар ин фронт ҳам муваффақиятҳо ба даст дароварда буданд.

**б) Ёрӣ ба фронт.**

Ёрии ақибгоҳи ИҶШС дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ сабаби асосии ғалаба буд. Ин ёрӣ дар таъмини талаботи ҷанг бо қувваҳои зинда - одам, лавозимоти ҷангӣ, хӯрока ва дастгирии рӯҳиявӣ таҷассум меёфт. Яъне ягонагии фронту ақибгоҳ кори ҳаёту мамоти ҳамаи халқҳо, аз ҷумла, тоҷикистониён гардида буд.

3 августи соли 1941 ҳукумати ИҶШС сар шудани ҷанги Ватаниро эълон кард.

Аввалин қадами халқи тоҷик дар масъалаи ёрӣ ба фронт ин ба шефӣ гирифтани Артиши Сурх буд. Ҳазорҳо ҷавонписарону духтарон ва калонсолон аризаи ихтиёран ба ҷанг рафтанро навишта буданд. Факат соли 1941 10000 кас ихтиёран ба фронт рафт.

Соли 1941 барои Тоҷикистон ба андози 1 млн. сӯм коғазҳои бурднок бароварда шуда буд. Аҳолӣ онро харида гирифта, хоҳиш намуданд, ки барои Тоҷикистон боз ба миқдори 1 млн. (сӯм дар эквивалент ба ҳисоби соли 1961) коғазҳои бурднок ҷудо карда шавад.

Соли 1942 дар мамлакат бо даъвати колхозчиёни Тамбов барои сохтани техникаи ҷангӣ ҷамъоварии маблағ сар шуд. Меҳнаткашони Тоҷикистон барои таъсиси эскадрилям "Тоҷикистони советӣ" 35,2 млн. сӯм ва барои ташкили колоннаи танкии "Колхозчии Тоҷикистон" 84 млн. сӯм ҷамъ оварданд. Ин ҳавопаймо ва танкҳо аз муҳорибаи Сталинград сар карда, дар тамоми муҳорибаи минбаъда иштирок доштанд.

Ёрӣ ба фронт ҳамаҷониба буд. Баъзеҳо пули калон, баъзеҳо зару зевар ва баъзеҳо аспи ҷангии худро (Замонов, Латифов, Соҳибназаров) ба "фонди ҷанг" супорида буданд. Зани тоҷик инчунин дастпӯшаку ҷӯробҳои гарм, либоси гарм бофтаю дӯхта ба фронт мефиристод.

Ба Тоҷикистон ба тариқи фаврӣ госпиталҳо, сағирахонаҳо кӯчонда оварда шуда буданд. Шиори "Ҳама чиз барои фронт", "Ҳама чиз барои ғалаба" чизи хушку холӣ набуд. Меҳнаткашони Тоҷикистон ин шиорҳоро ҳамчун шиори муҳориба қабул карда буданд. Инро аз матни "Мактуби халқи тоҷик ба ҷанговарони тоҷик", ки соли 1943 қабул ва эълон карда шуда буд, ҳис карда мешавад. Халқ ба ҷанговарон ваъда дода буд, ки онҳо ҳама чораро мебинанд, ки ҷанговаронро бо яроқ, аслиҳа, хӯрок ва либос таъмин намоянд, вале ғалабаро талаб доранд.

Ин мактубро, ки 390000 аҳолии Тоҷикистон имзо карда буд, 20 марти соли 1943 рӯзномаи "Правда" чоп карда буд. Ин мактуб рӯҳияи ҷангии ҷанговарони Тоҷикистонро бардошта буд. Аҳолӣ ба "Фонди ҷанг" 147 млн. сӯм, 45207 ҳазор сӯмина қоғазҳои бурднок, 532 ҳ. ли-



Бригадаи ҳунарпешагони Тоҷикистон дар Сталинград (с.1942)

боси гарм, 123830 пуд тӯҳфа, ки 151 вагонро ташкил медод, фиристодааст. Ин аст, ки ҳазорҳо меҳнаткашони тоҷик бо медали "Барои меҳнати шуҷоатманд дар Ҷанги Бузурги Ватании 1941-1945" мукофотонида шудаанд.

### Луғати истилоҳот

1. "Ба ҷои шавҳарон, бародарон ва писарони ба фронт рафта кор мекунем"- ҳаракати умумихалқӣ, ки дар ибтидои Ҷанги Бузурги Ватанӣ сар шуда буд, ки ба шиори мӯйсафедону калдбонувони нафақахӯр ва ҷавонони ноболиғ табдил ёфта буд.
2. Барои худ ва он ҷавон-як ҳаракати умумихалқие буд, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ амал карда, ба ҷои ба фронт рафтагон кор карданро мефаҳмонд.
3. Ёрӣ ба фронт-шиори давлат ва халқи Шӯравӣ дар солҳои 1941-1945 буд, ки ғалаф аз он фронтро бо ҷанговарони таълими ҳарбӣ гирифта, сару либос, хӯроквори ва лавозимоти ҷангӣ таъмин намудан буд. "Нормаҳоро ду ва сечанд иҷро карда, ба Армияи Сурх барои торумор кардани душман ёрӣ мерасонем", "дар замони ҷанг бояд қафомондагон набошанд" шиор гардида буд, ки ёрӣ ба фронтро пурзӯр мекарданд.
4. Заёми ҷангӣ-когазҳои қиматнок (заём) буданд, ки барои ёрӣ ҳамчун қарз, вале ҳатмӣ бароварда, солҳои 1941-1945 паҳн кард мешуд. Заёмҳои ҷангӣ ҳамчун қисми асосии фонди мудофиа ҳисоб мешуданд. Дар солҳои ҷанг халқи тоҷик ба миқдори 805 млн. сӯм заёми ҷангиро харида буд.
5. Фонди мудофиа-гуфта ҷорабиниеро мегӯянд, ки соли 1941 барои дастгирии саноати ҳарбӣ ва қӯшуни Шӯравӣ таъсис ёфта буд. Фонди мудофиа аз ҳисоби пули нақд, ғайринақд, чизҳои қимматнок, ғалла, чорво, либос, заём, лотореяҳо, меваҳои хушк ва маҳсулотҳои дигари хоҷагии қишлоқ ташкил меёфт. То охири ҷанг меҳнаткашони Тоҷикистон ба фонди мудофиа 30,5 млн сӯми нақд ва 45,2 млн. сӯм ба ивази когази қимматнок ва 40750 пуд ғалла супорида буд.
6. "Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба"-шиори халқи Шӯравӣ дар ақибгоҳ буд, ки аз ибтидои ҷанг сар карда тамоми давраи ҷангро дар солҳои 1941-1945 фаро гирифта буд.

### САВОЛҲО:

1. Кадом соҳаҳои саноати Тоҷикистон ба саноати ҳарбӣ тобеъ карда шуда буд ва барои чӣ?
2. Аз меҳнату рӯзгори коргар ва деҳқони тоҷик дар ақибгоҳ нақл намоед?
3. Ёрии ақибгоҳ ба фронт дар чӣ зуҳур меёфт?
4. Ягонагии фронту ақибгоҳ дар чӣ зоҳир мегашт?

## Мавзӯи XIII.

# ҲАЁТИ ФАРҲАНГИИ ҶШС ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОН.

## § 30. Маданияти Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳон.

### а) Мактаб дар солҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳон.

Вазъияти мактабро дар солҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ба ду давра: солҳои 1939-1941 ва 1942-1945 ҷудо кардан мумкин аст. Дар давраи ибтидои ҷанг мактабҳои Тоҷикистон ба ягон тағйироти ҷиддӣ дучор нагардид. Баръакс, мактаб ҷои тарбияи ҳарбӣ ватанпарварии шӯравӣ қарор гирифта буд. Шумораи мактабҳои ҳамагонӣ (асосан мактабҳои ҳафтсола) рӯ ба зиёдшавӣ дошт. Агар соли хониши 1938-1939 шумораи чунин мактабҳо 157 ададро ташкил дода бошад, соли хониши 1940-1941 ба 778 адад расида буданд. Шумораи талабагони синфҳои ибтидоӣ соле ду баробар меафзуд. Вале аз охири соли 1941 сар карда, аз нарасидани муаллим, асбобу анҷоми таълимӣ, сару либоси мактабӣ, дар синфҳои болоӣ шумораи талабагон тамоил ба камшавӣ пайдо кард. Ин сабаб дошт. Аввал ин, ки хонандагони синфҳои болоӣ ҳамчун қувваи ёрирасони оила ба корҳои саҳроӣ ва саноат ҷалб карда шуданд. Ҳукумати Тоҷикистон ва органҳои дахлдори соҳа ин ҳолатро медонистанд ва зери назорат гирифтанд. Аввалан, ба каму зиёд будани хонандагон нигоҳ накарда аксарияти мактабҳои ибтидоиро ё ба мактабҳои ҳафтсола ва ё ба шӯъбаҳои мактабҳои ҳафтсола табдил доданд. Бо сару либос ва лавозимоти таълимию қисман хӯрок таъмин намудани талабагонро ба воситаи буҷаи давлатӣ ва таъсиси фонди ёрии маориф ба роҳ монданд. Талабагони синфҳои 9-10 аз пардохтани ҳаққи таълим озод гардиданд, шумораи интернатҳо аз 7 адади соли 1941 ба 13 адад дар соли 1943 ва 23 адад дар соли 1945 расиданд. Аз соли таҳсили 1943 сар карда, барои наврасони дар истеҳсолот коркунанда мактабҳои таълими шабона кушоданд. Фаъолияти ташкилотҳои ҷавонони (комсомолии) мактаббачагону муаллимонро пурзӯр намуда ба онҳо функсияҳои калони ташкилотчигӣ доданд. Барои таъмини мактабҳо бо муаллимон, курсҳои кӯтоҳмуддати муаллимтайёркунӣ кушода, давлат тамоми харҷу сарфи онҳоро ба зимма гирифт. Ин курсҳо одатан тобистон дар вак-

ти танаффуси тобистона амал карда ба онҳо хатмкунандаҳои синфҳои болоӣ ҷалб карда мешуданд. Чунин курсҳоро дар солҳои 1943-1945 зиёда аз 4000 нафар хатм карда буданд. Инчунин барои таълими забони русӣ омӯзгорони аз Белоруссия, Украина ва Россия муҳоҷир шуда омада ҷалб карда шуданд. Шумораи чунинҳо аз 420 нафар кам набуданд. Буҷаи давлатии маориф ҳам он қадар тағйир наёфт. Буҷаи маориф соли 1941 180,4 млн. 1942-125 1944-186,1 1945 -219 млн. ташкил дод. Аз ҳама асосиаш он буд, ки қонуни асосии таълими умумӣ тағйир наёфт.

Ҳукумат ба маорифи ҷумҳурӣ ёрии ҳамаҷонибаи худро мерасонд. Вале ин ҳама чорабиниҳо сари роҳи камшавии шумораи хонандагони мактабҳои ҳамагониро гирифта натавонист. Масалан, соли таҳсили 1941-1942 дар синфҳои I-IV 254 ҳ. талаба таҳсил дошт. Солҳои минбаъдаи таҳсили 1941-1942 213, 1942-1943 196, 1943-1944 178 ва 1944-1945 158 ҳ. ташкил медод, ки қариб 100 ҳ. талаба кам шуда буд. Ин камшавӣ на аз сабаби набудани контингент, балки аз нарасидани сару либос ва пеш аз ҳама вазнин шудани шароити моддии оилаҳои хонандагон ба амал омада буд. Дар баъзе мактабҳо камшавии шумораи талабагон 40-50%-ро ташкил медод.

Дар ибтидои ҷанг дар ҷумҳурӣ 13306 муаллим дарс медод. Аз ин ҳисоб 8469 нафарашон маълумоти миёнаи нопурра доштанд. Аз 2 июн то 25 октябри соли 1941-5000 муаллим ба фронт рафт ва аксари онҳо маълумоти олӣ ва ё миёнаи педагогӣ доштанд. Ҷои ба фронт рафтагонро дар давоми солҳои 1941-1945 зиёда аз 2100 хатмкунандаи мактабҳои олӣ ва миёнаи педагогӣ ва тақрибан 4,5 ҳ. хатмкунандагони курсҳои кӯтоҳмуддат ва тақрибан 421 нафар эвакуатсияшудагон ишғол карда буданд.

Бо қарори махсуси ҳукумати умумиттифоқ аз соли таҳсили 1943 сар карда, барои муаллимон, лимити давлатии ба фронт нагирифтани муаллим ҷорӣ карда шуд. Ин қарор имконият дод, ки мактабҳо бо муаллимон каму беш таъмин бошанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар тамоми солҳои ҷанг мактабҳои Тоҷикистон нисбат ба мактабҳои минтақаҳои назди фронтии мамлакат хубтар кор кардаанд. Ва мактабу мактабиён дар кори ёрии ақибгоҳ ба фронт роли худро бозида буданд.

**б) Илм, адабиёт ва санъат дар хизмати ҷанг.**

**– Илм.** Илми ҷумҳурӣ ҳам дар ғалаба бар фашизми Германия саҳми худро гузошта буд. Маркази илмии ҷумҳурӣ ин филиали Тоҷикис-

тонии АУ ИЧШС буд, ки аз ибтидои чанг самти асосии фаъолияти худро барои мустаҳкам гардонидани иқтидори ҳимоявии мамлакат ва ёрии ҳамачониба ба фронт равона карда буд. Дар ин кор қарори ШКХ чумҳурӣ аз сентябри соли 1941 "Дар бораи бозсозии кори филиали Точикистонии АУ СССР" роли калон бозид. Ин қарор самтҳои асосии илми чумхуриро барои дарёфти мавзеъҳои нави ашё барои саноати чумҳурӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар саноат ва хочагӣ муайян карда буд. Кормандони пажӯҳишгоҳи геология истихрочи ангишти Зиддӣ, Тошкӯтанро ба роҳ монда, конҳои Киштут, Заврон ва Заҳматобод кашф карда шуда буд. Захираи кӯрғошим дар Ромит кашф шуд. Истеҳсоли вольфрам, сурма, нуқра, кӯрғошим, чинӣ ва бӯлури кӯҳӣ дар Помир сар карда шуд. Олимони соҳаи тиб-паразитологҳо ва зоологҳои Точикистон корҳои зиёдеро доир ба масъалаи доруворӣ ва гирифтани сари роҳи эпидемияҳоро тадқиқ карданд. Таърихчиён дар мавзӯъҳои ватанпарварию қаҳрамонӣ асарҳо эчод карданд. Асарҳои С. Айнӣ, "Исёни Муқаннаъ" ва "Қаҳрамони халқи точик Темурмалик", Б. Ғафуров ва Н. Прохоров "Халқи точик дар мубориза бахри озодӣ ва истиқлолияти ватани худ" (1944) аз чоп баромаданд.

Апрели соли 1944 дар Душанбе сессияи илмӣ бахшида ба 15 солагии таъсисёбии ЧШС Точикистон шуда гузашт, ки дар он зиёда аз 60 баромад шунида шуд. Дар байни баромадкунандагон олимони намоён Б. Ғафуров, М.С. Андреев Е.Н. Павловский, И.Н. Антипов-Каратаев ва дигарон буданд.

**Адабиёт.** Адибони точик дар рӯзи сеюми чанг 27.06. 1941 дар мактуби кушоди худ эълон доштанд, ки мо ҳам худро ба фронт даъватшуда мешуморем ва тайёрем, ки ба даст яроқ гирифта дар сафи пеши муҳориба бошем. Аҳли қалам ҳам кору фаъолият ва эчодиёти худро ба давраи чанг мутобиқ кард. Як гурӯҳ қаламкашон ихтиёрӣ ба фронт рафта, бо яроқу сухан ба чанг даромаданд. Ҳабиб Юсуфӣ, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Боқӣ Раҳимзода, Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Ҳаким Карим, Аширмат Назаров, Ҳабиб Аҳрорӣ, Лутфулло Бузургзода, Муҳиддин Фарҳат, Абдучаббор Қаҳорӣ қаламкашони чанговар гардиданд.

Аз байни онҳо Ҳабиб Юсуфӣ, Ҳаким Карим, Лутфулло Бузургзода ва А. Пирмуҳаммадзода қаҳрамонона ҳалок гардиданд.

Қаламкашони дигар С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, Ч. Икромӣ, Р. Чалил, А. Деҳотӣ асарҳои зиёди қаҳрамонӣ офариданд.Дар байни

онҳо "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик" ва "Исёни Муқаннаъ"-и С. Айнӣ, достони "Таня"-и А. Лоҳутӣ, "Писари ватан"-и М. Турсунзода машҳуртарин асарҳои давраи ҷангии адибони тоҷик ба ҳисоб мераванд.

**– Санъат дар хизмати ҷанг.** Санъати Тоҷикистон ҳам, кори худро ба шароити давраи ҷанг мутобиқ карда буд. Дар соли 1942 дар ҷумҳурӣ 21 муассисаи театрӣ амал мекард, ки дар байни онҳо 5 театри аз минтақаҳои ҷанг кӯчонидашуда (театри мусиқӣ-мазҳакавии Ленинград, театри ш. Воронеж, копеллаи "Димка"-и Украина, оркестри симфонии Киев, театри лӯхтаки Днепропетровск) фаъолият доштанд. Охири соли 1941 як гурӯҳ хатмкунандагони студияи драммавии тоҷики назди ГИТИС-и Москва ба театри Тоҷикистон ҳамроҳ шуданд. Соли 1942 бинои нави театри опера ва балет ба истифода дода шуда буд. Аввалин намоишномаҳои давраи ҷангӣ дар саҳнаи театри ба номи А. Лоҳутӣ "Ба ҷанг"-и Е. Ёқубҷонов ва В Зелеранский," Хонаи Нодир"-и Ҷ. Икромӣ, "Дар оташ"-и С. Улуғзода буданд. Театри опера ва балет мазҳакаи мусиқии "Розия", либреттои "Тоҳир ва Зӯҳро"-и М. Турсунзодаро гузошта буданд. Театрҳои дигари ҷумҳурӣ ҳам дар мавзӯи ҷанг намоишномаҳои саҳнавӣ таҳия карданд.

Саҳнакорони тоҷик кори ҳарбӣ-ватанпарвариро хуб ба роҳ монда бригадаи театри фронтиро таъсис доданд, ки ба театри фронтии тоҷик табдил ёфт. Ин театр дар фронтҳои Волхов, Марказӣ, Ғарбӣ, Белоруссия ва садҳо госпиталҳо бо программаҳои худ баромад карда, рӯҳияи ҷангии ҷанговаронро баланд мекарданд.

Санъати кинои тоҷик ҳам худро ба давраи ҷангӣ мутобиқ карда якчанд наворҳои ҷангӣ, аз ҷумла, якчанд филмҳои кӯтоҳ бо номи "Саргузаштҳои нави Швейк"-ро ба навор гирифт. Баъди ба Душанбе кӯчида омадани "Союздетфилм" "Тоҷикфилм" бо ҳамкорӣ он филмҳои "Қасами Темур", "Лермонтов", "Разм дар назди Сокол" ва чанди дигареро ба навор гирифтанд. Дар байни онҳо филмҳои дарозметражи "Фарзанди Тоҷикистон" ва "Киноконсерти тоҷик" ҳам буданд.

Дар маҷмӯъ, санъати тоҷик саҳми худро дар тарбияи ватанпарварию ватандӯстӣ, дӯстии байни халқҳо, бародарӣ гузошт. Бо ин роҳ ғалабаро наздик карданд.

**Тоҷикони берунмарзӣ дар солҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳон.**

Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ бо роҳҳо ва сифатҳои гуногун ба тоҷикони берун аз шӯравӣ, аз ҷумла ба тоҷикони Афғонистон, ҳам таъсири худро расонид.

Аз сар задани ҷанг ҳукумати Афғонистон сиёсати бетарафиро эълон карда буд. Вале намояндагони гуногуни он бо давлатҳои тарафҳои дигар гуфтушунидҳо гузаронида манфиатҷӯӣ мекард. Ва ҳатто дар даврае тайёр буд дар ҳолате, ки Германия ба ӯ ёрии техникӣ расонаду дар баргардонидани сарҳадоти ҷанубиаш то Қароҷӣ ёрӣ диҳад, ба ҷанги зидди шӯравӣ шурӯъ кунад. Бо туфайли дахолати иттифоқичиёни коалитсияи зидди гитлерӣ ва Қарори Шӯрои Олӣ (Луя Ҷирга) аз марти соли 1941 ҳукумати Афғонистон сиёсати бетарафиро пеш гирифта, ҷосусону коршиносҳои немисро аз мамлакат берун карданд. Ва то охири ҷанг Афғонистон бетараф монд. Дар натиҷаи бетарафӣ ҳукумати Афғонистон аз ёрии пулӣ ва ворид сохтани молҳои гуногун зарари калоне дид. Ин зарарро бо роҳи баровардани пулҳои қоғазӣ, монополияи хариди ғалла ва фурӯши молҳои саноатию ниёзи мардум ҷуброн карданӣ шуд. Дар натиҷа нархи ғалла паст рафта, молҳои воридотӣ то 5 баробар афзуд. Ин сиёсат ба хонахаробшавии деҳқонон ва паст фаромадани нархи замин овард. Заминҳои зиёдро сарватмандон бо пули ночиз харида гирифтанд. Аз ҳама беш тоҷикон зарар диданд. Афғонистонро солҳои 1943-1944 хушксолӣ ва соли 1944-1945 зимистони қаҳратун фаро гирифта буд.

Мухтасари раванди таърихи Афғонистонро хубтар аз муаллифи афғонӣ доктор Ш. Ҳақшинос гуфтан душвор аст. Ӯ менависад: "... миллати мазлуми Афғонистон дар бадтарин шароит, сиёҳтарин аём умр ба сар бурдаанд, ҳикояҳо ва афсонаҳое аз одамкушиҳо, саффокиҳо, бедодгариҳо, сиёҳкориҳо ва сиёҳчоҳҳо дар байни мардум ва ҳофизаи кӯҳансолон мавҷуд аст, ки ба осонӣ наметавон онро бовар кард. Мавҷудияти дастгоҳҳои ваҳшатноки ҷосусӣ, зиндонҳои ҳавлнок ва навои васоили азобу шиканҷа мардумро дар чунон вазъе қарор дода буд, ки маргро бар зиндагӣ тарҷеҳ (беҳтар) медоданд. Аҳоми талош ва сиёсат ин буда то мардумро гурусна нигоҳ доранд, бесавод бошанд, таҳти фишор қарор гиранд то натавонанд гардан барафрозанд ва боду бухоре ба калаашон роҳ ёбад... Идораи давлатӣ ва мароҷеи фармонфармоӣ ва танзимгари ҳама дар дасти як хонавода ва афроди вобаста ба эшон буд ва боқияи миллат ҷузъ ҳайсияти ғулом ва барда аз имтиёзоте бархӯрдор набуданд...".

## САВОЛҲО:

1. Олимони АУ Тоҷикистон ба кадом шохаҳои илм аҳамият медоданд ва барои чӣ?
2. Адибони мубориզи тоҷикро номбар кунед ва эҷодиёти онҳоро мухтасар шарҳ диҳед?
3. Жанрҳои асосии адабии солҳои 1941-1945-ро шарҳ диҳед?
4. Аз фаъолияти театри ҷангии тоҷик ва ҳунарпешаҳои он нақл кунед?

Дарси 34. Дарси ҷамъбастӣ.

а) Оё ҷанг масъалаҳои сиёсиро ҳал кард?
б) Кадом омилҳо дар ҷанг ғолиб омаданд?
в) Бурду бохти халқи тоҷик дар ҷанг ба чӣ вобаста буд?
г) Ҷанг ба иқтисоду маънавиёти шӯравӣ чи гуна таъсирҳо расонид?
д) Қаҳрамониҳо аз рӯи нақша буданд, ё бо амри дил?
е) Иштироки ҳамдиёрони Шумо дар ҷанг?

# Мундариҷа

Сарсухан ....................................................................3

**Мавзӯи 1.** Ҳаракати зиддишӯравӣ дар қаламрави имрӯзаи Тоҷикистони шимоли ва Бадахшон ....................... 5

§1. Чорабиниҳои аввалини Ҳокимияти шӯравӣ дар Тоҷикистони шимолӣ ва Бадахшон.................................... 5

§ 2-3. Ҳаракати зиддишӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони шимолӣ дар солҳои 1918-1920.......................... 14

§4. Ҳаракати зиддишӯравӣ дар Бадахшони кӯҳӣ сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ. Бекигарии Масчоҳ ва ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони шимолӣ ............. 23

**Мавзӯи II.** Ҳаракати зиддишӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ ......... 30

§ 5. Маъракаи якуми зарбазанӣ зидди босмачигарӣ.................. 30

§ 6. Моҷарои Анварпошшо ва Салим........................................ 35

§ 7. Гузариш ба ҳаёти осоишта................................................. 44

§ 8. Ҳайёти мадании халқи тоҷик дар ибтидои Ҳокимияти Шӯравӣ (1917-1924) .......................................... 51

**Мавзӯи III.** Ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ........................................ 58

§ 9. Раванди тақсимоти миллӣ-маъмурии Осиёи Марказӣ......... 58

§ 10. Раванди таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон........................... 65

**Мавзӯи IV.** Азнавсозии хоҷагии халқи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ......................................... 73

§ 11. Авзои сиёсию ҷамъиятии ҶМШС Тоҷикистон.................... 73

§ 12. Азнавбарқарорkунӣ ва вазъи хоҷагии халқи ҶМШС Тоҷикистон............................................................................. 81

§ 13. Муборизаи синфӣ дар давраи мухторият.......................... 88

§14. Баргардондани гурезагони иҷборӣ, тоҷикони берунмарзӣ ва дӯстии халқҳо дар солҳои 1924-1929................. 93

**Мавзӯи V.** Ҳаёти мадании Ҷумҳурии Мухтори
Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ........................................ 97
§ 15. Маданияти ҶМШС Тоҷикистон.................................. 97

**Мавзӯи VI.** Ташкилёбии Ҷумҳурии
Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон. ................................ 104
§16. Аз мухторият ба соҳибихтиёрӣ........................................ 104

**Мавзӯи VII.** Саноаткунонӣ дар шароити Тоҷикистон ............ 111
§ 17. Раванди саноаткунонии ҷумҳурӣ ..................................... 111
§ 18. Ташаккул ва инкишофи мусобиқаи меҳнатӣ дар саноат... 117

**Мавзӯи VIII.** Коллективонидани соҳаи кишоварзӣ
дар ҶШС Тоҷикистон ........................................................ 122
§ 19. Сиёсати шӯравии коллективонии хоҷагии
қишлоқи Тоҷикистон ва хусусиятҳои он.............................. 122
§ 20. Соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқ дар даврам
коллективонӣ...................................................................... 130

**Мавзӯи IX.** Авзои ҷамъиятию сиёсӣ ва оқибатҳои таъқиботи
сталинӣ дар ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 30-юм. .............. 137
§ 21. Ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистон ................................ 137

**Мавзӯи X.** Инқилоби маданӣ дар ҶШС Тоҷикистон ..............145
§ 22. Инқилоби маданӣ дар ҶШС Тоҷикистон ........................ 145
§ 23. Анҷомёбии сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ дар
Тоҷикистон (ғалабаи пурраи сотсиализм).............................. 150

**Мавзӯи XI.** ҶШС Тоҷикистон дар даврам Ҷанги
Дуюми Ҷаҳон (1.08.1939-2.09.1945) ....................................... 156
§ 24. Тоҷикистон дар арафа ва даврам аввали
Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ........................................................... 156
§ 25. Сабабҳои асосӣ ва раванди сар задани Ҷанги
Дуюми Ҷаҳон......................................................................... 160

**Мавзӯи XII.** Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги
Ватании ИҶШС (22.06.1941-9.05.1945). ................................ 166

§ 26. Тоҷикистон дар даврaи аввали Ҷанги
Бузурги Ватанӣ (22.06.1941-сентябри 1941)................................ 166
§ 27. Иштироки Тоҷикистониён дар муҳорибаҳои
калонтарини даврaи дигаргуниҳои қатъи дар рафти
Ҷанги Бузурги Ватанӣ (сентябри 1941-декабри соли 1943)...... 170
§ 28. Иштироки ҷанговарони Тоҷикистонӣ дар муҳорибаҳои
даврaи анҷомёбии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва Ҷанги
Дуюми Ҷаҳон (январи соли 1944-сентябри соли 1945).............. 176
§ 29. Меҳнати фидокоронаи халқҳои Тоҷикистон дар
солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ.................................................. 179

**Мавзӯи XIII.** Ҳаёти фарҳангии ҶШС Тоҷикистон дар
солҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ...................................................... 183
§ 30. Маданияти Тоҷикистон дар солҳои
Ҷанги Дуюми Ҷаҳон.................................................................. 183

# ЗАРБАҲОИ ҚӮШУНҲОИ ШӮРАВӢ ДАР ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (1941-1945)




ЗАБАЙКАЛЬСКИЙ ФРОНТ 12 ВА
2-й ДАЛЬНЕВОСТОЧНЫЙ ФРОНТ 10 ВА
1-й ДАЛЬНЕВОСТОЧНЫЙ ФРОНТ 9 ВА
ТИХООКЕАНСКИЙ ФЛОТ
ВОЙСКА ВНУТРЕННЕЙ МОНГОЛИИ
1-й ФРОНТ
3-й ФРОНТ
17-й ФРОНТ
2 ВА
ХАБАРОВСК
ХАРБИН
ВЛАДИВОСТОК
ДАЛЯНЬ
Порт-Артур
ЯПОНСКИЙ ФЛОТ
Штаби Генералии Артиши шӯравӣ дар Шарқи Дур
Штаби Армияи Квантун
Чойҳои мустаҳкамшудаи душман
Бомбаи атомӣ, ки ШМА дар шаҳрҳои осоишта Ҷопон партофт 6 ва 9 августи соли 1945
Сарҳади фронт то 9.08
Зарбаҳои қӯшунҳои Шӯравӣ
Зарбаҳои қӯшунҳои ҳарбии Шӯравӣ
Зарбаҳо дар сарҳади Муғулистон ва Чин
Зарбаҳои қӯшунҳои халқии озодкунандаи Чин
Фаромадани десантчиёни баҳрӣ
Самолётҳо аз 1200 то 1300
Мошинҳои зиреҳпӯш ва дигар аслиҳаҳо аз 1800 то 2400
Аслиҳа ва тупҳо аз 9000 то 10 600
Фаромадани десантчиён
2.IX.1945 Имзои акти мағлубшавии Ҷопон
Камтар аз 50 000
Аз 50 000 то 100 000
Зиёда аз 200 000
ЗАРБАҲОИ ҚӮШУНҲОИ ШӮРАВӢ ДАР ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (1941-1945)